5. Попов И.В., Бутина В.В. Значение дискуссии о юридической природе владения // Сибирское юридическое обозрение. 2016. №4 (33). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/znachenie-diskussii-o-yuridicheskoy-prirode-vladeniya (дата обращения: 25.02.2023).
6. Синенко В. С. Развитие теории личных неимущественных прав в гражданском праве Российской Федерации // NOMOTHETIKA: Философия. Социология. Право. 2008. №14 (54). С.167. – с.167-173.
7. Фоков А.П. Недействительность сделок в гражданском праве Таджикистана //Пробелы в российском законодательстве. 2018. №3. С.159-161.
8. Четвертый периодический доклад Республики Таджикистан о реализации международного пакта об экономических, социальных и культурных правах – Душанбе, 2020. С.6. – 39 с.
9. Черкасова О.В. Становление принципа добросовестности в отечественном гражданском праве: исторический, доктринальный и правоприменительные аспекты // Genesis: исторические исследования. – 2020. – № 2. – С.15-27. DOI: 10.25136/2409-868X.2020.2.32101 URL: https://nbpublish.com/library_read_article.php?id=32101.

**РАЗЗОҚОВ Б.Ҳ.**
**РАЗЗОКОВ Б.Х.**
**RAZZOKOV B.H.**

Профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Профессор кафедры коммерческого и антикоррупцоионного права Таджикского государственного университета, доктор юридических наук, доцент

Professor of the Department of commercial and anti-corruption law Tajik State University of Commerce, Doctor of Law, associate Professor

E-mail: razzokov_b@mail.ru
тел: (+992 37) 918617980

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

## SOME ISSUES OF ADMINISTRATIVE-LEGAL REGULATION OF BUSINESS ACTIVITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Аннотатсия:*** *Дар мақола ба нақши танзими маъмурӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дахл карда шуда, аҳамияти яке аз ниҳодҳои он – бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Муаллиф дар заминаи таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ба мавҷудияти холигиҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар расмиёти бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ диққат медиҳад ва пешниҳодҳои худро ҷиҳати бартараф намудани онҳо баён менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ, бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ, мақоми бақайдгирии давлатӣ, ҳуҷҷатҳои таъсисотии шахси ҳуқуқӣ, намудҳои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ.*

***Аннотация:*** *В статье затрагивается роль административно-правового регулирования предпринимательской деятельности и рассматривается значимость одной из его институтов – государственной регистрации субъектов предпринимательства. На базе анализа законодательства и правоприменительной практики автор обращает внимание на наличие организационно-правовых пробелов в процедуре регистрациии субъектов предпринимательства и формулирует свои предложения по их устранению.*

***Ключевые слова:*** *административно-правовое регулирование, государственная регистрация субъектов предпринимательства, орган государственной регистрации, учредительные документы юридического лица, виды деятельности индивидуальных предпринимателей.*

***Annotation:*** *The article touches upon the role of administrative and legal regulation of entrepreneurial activity and examines the importance of one of its institutions - the state registration of business entities. Based on the analysis of legislation and law enforcement practice, the author draws*

*attention to the presence of organizational and legal gaps in the registration procedure for business entities and formulates his proposals for their elimination.*

***Key words:*** *administrative and legal regulation, state registration of business entities, state registration authority, constituent documents of a legal entity, types of activities of individual entrepreneurs.*

Соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёти бозории муосир нақши бузург дошта, низоми ба ҳам алоқаманди теъдоди зиёди соҳибкоронро дар бар мегирад. Он яке аз унсурҳои фаъолияти озоди иқтисодӣ маҳсуб ёфта, ифодаи эҷодкорӣ ва пажӯиши ба таваккал асосёфта маҳсуб меёбад. Дар аксари кишварҳои дорои иқтисодиёти бозорӣ соҳибкорӣ ба ҳайси шуғли пурнуфуз эътироф шудааст, зеро маҳз ҳамин намуди фаъолият дар мавриди мавҷудияти шароити зарурӣ моҳияти инсониро ҳар чӣ хубтар ифода намуда, ба инсон барои зуҳури шахсият, ташаккули хислат ва масъулият мусоидат мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ асоси устувори ҳуқуқӣ дошта, дар моддаи 12 Конститутсияи мамлакат мустаҳкам шудаанд [1, С.4]. Рушди соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ тибқи ҳуҷҷатҳои стратегӣ яке аз афзалиятҳои калидии рушди миллӣ эътироф шудаанд. Нақш ва аҳамияти соҳибкориву сармоягузорӣ ҳамасола дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парламенти мамлакат таъкид гашта, баҳри рушди онҳо аз ҷониби Сардори давлат дастуру ҳидоятҳо ва иқдомҳои навбатӣ ироа мегарданд. Рушди соҳибкорӣ ва шаклу намудҳои он пайваста таҳти дастгирӣ ва ҳимояи давлатӣ қарор доранд, ки тавассути амалисозии барномаҳои давлатӣ ва ҳудудӣ, тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молумулкӣ, молиявӣ, иттиллоотӣ ва ғ. роҳандозӣ мешаванд. Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат Конпепсияи рушди соҳибкорӣ қабул шуда, мунтазам барномаҳои нави марҳилавӣ тасдиқ мешаванд. Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри соли 2023 Ҳукумати мамлакат вазифадор карда шудааст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд [2].

Дар силсилаи тадбирҳо ҷиҳати тавсеаи фазои сармоягузориву соҳибкорӣ танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ нақши афзоянда касб мекунад. Он ҳамчун унсури таркиби танзими ҳуқуқии иқтисодиёти бозорӣ баромад намуда, дар таъмини фаъолияти босамари хоҷагии халқ ҳиссагузор мебошад. Тасаввуроти қаблӣ, ки қудрати комили усули маданӣ-ҳуқуқиро дар рушди иқтисодиёт талқин мекард ва дар ин замина нисбати ҳуқуқи маъмурӣ як навъ табъизи беасос ҷой дошт, тадриҷан саҳифаи таърих гашт. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқии ссощибкорӣ якчанд ниҳодҳоро дарбар мегирад: бақайдгирии давлатии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ барои амалӣ намудани намудҳои муайяни фаъолият, гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва сертификатсия, баррасии эъломия, назорати гардиши молу маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ дар бозор ва ғ.

Ҳадаф аз таъсиррасонии маъмурӣ-ҳуқуқӣ нисбати субъектҳои хоҷагидор таъмини муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бобати ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, амнияти инсон, ҷомеа ва давлат, риояи стандарту дастурҳои техникӣ мебошад. Бар замми он, ин навъи таъсиррасонӣ ба иҷрои талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи молия, ҳифзи муҳити зист, қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ ва ғ. равона шудааст. Мавҷудияти танзими маъмурӣ ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ бо назардошти манфиатҳои ҷомеӣ хислати табиӣ дошта, дар дилхоҳ давлат баҳри пайгирии мақсадҳои муайян дар ин ё он шакл амалӣ мегардад. Акси ҳол, субъекти хоҷагидор дар хурӯҷи худ баҳри фоида метавонад муқаррароти қонунгузориро вайрон карда, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатиро сарфи назар намояд [3, С.78].

Дар доираи мақолаи мазкур мо тасмим гирифтем, ки нисбати яке аз унсурҳои таркибии механизми танзими маъмурӣ-ҳуқуқии ҳаёти иқтисодӣ - бақайдигири давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ибрози андеша намоем. Олимони соҳавӣ асоснок таъкид менамоянд, ки бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар низоми расмиёти қонунигардонӣ ҷойи махсус дошта, "амалишавии ҳуқуқи субъективии шаҳрвандонро ба фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ таъмин менамояд" [4, С.6].

Расмиёти бақайдгирии давлатии соҳибкорӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №508 "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" (бо тағйироту иловаҳои минбаъда) сурат мегирад. Қонуни мазкур аз ҷониби олимону коршиносон ҳамчун падидаи назарраси ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад, зеро тавассути он ба ҳаёти ҳуқуқӣ навовариҳои зиёд ворид гардида, Тоҷикистон аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ ба Феҳристи даҳгонаи кишварҳои ислоҳотпарвар ворид карда шуд.

Мазмуни Қонуни мазкур барои соддагардонии раванди бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шуда, бо чунин навовариҳои назаррас тавсиф меёбад:

1) ҷорӣ шудани принсипи "равзанаи ягона", ки тибқи он аризадиҳанда ҳуҷҷатҳои пешбинишударо танҳо ба як мақом - мақоми анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ аз рӯи маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ ё маҳалли зисти (фаъолияти) соҳибкори инфиродӣ пешниҳод менамояд;

2) барҳам додани гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида, ки қаблан аз ҷониби мақомоти адлия амалӣ мегардид;

3) ба маротиб ихтисор шудани теъдоди ҳуҷҷатҳои пешниҳод- шаванда барои бақайдгирии давлатии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ;

4) ихтисор шудани муҳлати бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ (то 5 рӯзи корӣ барои ташкилоти тиҷоратӣ ва то се рӯз корӣ барои соҳибкорони инфиродӣ аз лаҳзаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо);

5) аз номгӯйи ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ ихтисор шудани пешниҳоди Оиномаи шахси ҳуқуқӣ (ташкилоти тиҷоратӣ) ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи ташаккулёбии сармояи оинномавӣ;

6) ба ҳайси мақоми анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатии ташкилотҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ эътироф шудани мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;

7) таъсиси Феҳристи ягонаи давлатӣ дар бораи шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ки ҳамчун маҳзани иттилоот дар бораи субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунад;

8) пешбинӣ шудани расмиёти тарҷума ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тасдиқ (легализатсия), гузоштани апостил ва тасдиқи нотариалӣ нисбати ҳуҷҷатҳои аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷӣ бо мақсади бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ пешниҳодшаванда;

9) муқаррар гаштани рақами ягонаи мушаххас (РЯМ), ки рамзи ягонаи рақамӣ ва такрорнашаванда буда, ба рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) асос меёбад ва ҳангоми бақайдгирии давлатӣ ба субъекти фаъолияти соҳибкорӣ дода шуда, барои мушаххасгардонии онҳо хизмат мекунад

10) ҷорӣ гаштани расмиёти анҷоми яккатор амалҳо аз ҷониби мақоми анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ баҳри субъекти соҳибкорӣ: а) ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намудани субъекти соҳибкорӣ, ки бақайдгирии яквақта дар мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи иҷтимоии давлатӣ низ эътироф мешавад; б) тавассути ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ додани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи қайди баҳисобгирии андоз, омор ва суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, ки ҳамчун қадами устувор ва масъул дар ташаккули низоми хизматрасонии давлатӣ ба соҳибкорӣ арзёбӣ намудан мумкин аст [5].

Дар маҷмуъ навовариҳои қонунгузорӣ тартиби содатари бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкориро фароҳам оварда, дар ташаккули фазои нави ҳуқуқӣ ба рушди соҳибкорӣ ҳиссагузор шуданд. Шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1, муҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3 ва то 5 рӯз кам карда шуд. Моҳияти навовариҳои иқдомшуда аз таҳаввулоти тоза дар мавкеи қонунгузорӣ кишвар нисбати танзими муносибатҳои марбутаи ҷамъиятӣ гувоҳӣ медиҳад, ки асоси онро эътимоди давлат ба бахши соҳибкорӣ ва масъулияти тарафайни онҳо ташкил медиҳад. Тибқи омори расмӣ дар соли 2022 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 339 ҳазор расид, ки зиёда аз 35 ҳазор ташкилоти тиҷоратӣ ва қариб 308 ҳазор соҳибкорони инфиродӣ ташкил медоданд [6].

Бар замми он бо иқдоми Ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри мусоидати минбаъда ба рушди соҳибкорӣ аз ибтидои соли 2020 барои амалҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ боҷи давлатӣ ситонида намешавад. Ғайр аз ин, пешниҳод намудани иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ ва

додани маълумотнома дар бораи дар Феҳристи мазкур мавҷуд набудани маълумот оид ба субъектҳо ройгон анҷом дода мешавад [5].

Қайди давлатии фаъолияти соҳибкорӣ бо санади мақоми ваколатдори давлатӣ расмӣ мегардад, ки шомили низоми ҳокимияти иҷроия буда, доираи салоҳияти он дар қонунгузорӣ муайян шудааст. Тибқи талаботи қонунгузорӣ мақоми мазкур қабл аз ворид намудани маълумоти зарурӣ ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар бораи бақайдгирии давлатӣ қарор қабул мекунад. Ин амал ҳангоми рад кардани бақайдгирии давлатӣ низ анҷом дода мешавад. Қонунгузор танҳо дар як маврид истисноро аз ин қоида раво мебинад: агар пас аз ба охир расидани мӯҳлати муқарраршуда мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ карорро дар бораи бақайдгирии давлатӣ қабул накарда бошад, фавран маълумотро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намуда, ба аризадиҳанда ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатиро медиҳад (ё мефиристад).

Биноан, баъзе олимон (аз доираи мактаби сивилистика) муносибатҳоро вобаста ба бақайдгирии давлатӣ дар аксар маврид иштибоҳан шомили танзими маданӣ-ҳуқуқӣ меҳисобанд [7, С.23]. Дар асл ин муносибатҳои ҳуқуқӣ хислати маъмурӣ-ҳуқуқӣ дошта, мувофиқан бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ танзим мегарданд. Вале маҷмӯи муносибатҳо марбут ба омодасозии ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ (масалан, таҳияи ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ) маданӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Аз ин рӯ, дар танзими маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба таъсиси субъекти соҳибкорӣ ҳар ду соҳаҳои классикии ҳуқуқи миллӣ - маъмурӣ ва маданӣ саҳмгузор мебошанд.

Қайди давлатӣ нақши ҳуқуқмуқаррарсозандаро бозида, марҳилаи ҷамъбастии таъсиси шахси ҳуқуқӣ ё тавлиди соҳибкори инфиродӣ маҳсуб меёбад. Тавассути он шахс ба вазъи (статуси) ҳуқуқии соҳибкор соҳиб мешавад, яъне расман аз ҷониби давлат субъекти фаъолияти дахлдор эътироф мегардад, ки гувоҳи он ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ баромад мекунад. Ин ҳуҷҷат бо назардошти шакли фаъолият фарқ мекунад: барои шахси ҳуқуқӣ (ташкилоти тиҷоратӣ) –Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ва барои соҳибкори инфиродӣ - Патент барои ҳуқуқи амалигардонии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ё Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ. Тавофут дар ҳуҷҷати бақайдгири давлатӣ барои соҳибкорони инфиродӣ бо назардошти намуди фаъолият ва ҳаҷми гардиш муқаррар шудааст.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1 январи соли 2022 мавриди амал қарор гирифт, яккатор чорабиниҳои навбатии ташкилӣ-ҳуқуқиро роҳандозӣ намуд. Қаблан шарти ҳадди даромад барои низоми патентӣ бо санади сатҳи ҳукуматӣ муқаррар шуда буд, ҳоло ин масъала бевосита дар Кодекси андоз (қ.2 м. 368) пешбинӣ шудааст: на бештар аз 200 ҳазор сомонӣ даромади умумии соҳибкорӣ дар соли тақвимӣ. Барои соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятбаранда ҳадди қаблии даромади умумӣ дар давраи тақвимӣ боқӣ монд – на зиёда аз як млн. сомонӣ, ки ба он низ дар Кодекси мазкур ишора шудааст [8, 133].

Новобата ба пешравиҳои назаррас дар такмили тартиби бақайдгирии давлатии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ҳанӯз масоили мубрам ва ҳалталаб ҷой доранд. Яке аз онҳо ба мавҷудияти ҳуҷҷатҳои таъсисотии шахси ҳуқуқӣ дахл дорад, ки бинобар ихтисор намудани Оиннома аз номгӯйи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои бақайдгирии таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар амалия аксар маврид ташкилотҳои тиҷоратӣ бидуни он дар муомилоти гражданӣ ширкат меварзанд. Тасмими қонунгузор, ки ба эътимод нисбати соҳибкорон ва даъват ба масъулияту худмуташаккилии онҳо асос ёфтааст, бинобар сатҳи ҳанӯз номатлуби маърифати ҳуқуқии ин қишри ҷома, бармаҳал арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, дуруст мебуд, ки тавассути ворид намудани илова ба Қонун “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” субъекти дахлдор вазифадор гардад, ки баъди гирифтани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар мӯҳлати муайян (масалан, ҳадди аққал на дертар аз як моҳ) нусхаи асли Оиннома ва ҳама гуна тағйироту иловаҳои минбаъдаро ба он тариқи нотариалӣ тасдиқ намуда, дар бойгонии ҷории худ маҳфуз дорад. Чунин тартиб ба мураттабсозии ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ таъсири мусбӣ расонида, эҳтимолияти сар задани таваккалҳоро дар майдони ҳуқуқӣ паст мегардонад.

Бархе муаммо бо фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва амалияи бақайдгирии давлатии онҳо рабт дорад. Чун қоидаи умум, ки дар қонунгузории андоз муқаррар шудааст, аз ҷониби шахси воқеӣ анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирии давлатӣ манъ аст.

Ҳангоми ошкор шудани чунин ҳолат даромади шахс ба андозаи дукаратаи меъёри барои чунин фаъолият муқарраршуда барои давраи бе бақайдгирӣ фаъолият намудан андозбандӣ карда мешавад (қ.4 м.368 Кодекси андоз). Ҳамзамон, бо назардошти таъсири омилҳои муайянкунандаи бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ, пандемия ва баҳри тавқияти дастгирӣ ва мусоидат ба зуҳури минбаъдаи фаъолнокии иқтисодӣ Ҳукумати мамлакат нисбати аз андозбандӣ озод намудани яққатор намудҳои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ иқдом намуд.

Дар асоси талаботи Кодекси андоз Ҳукумати ҷумҳурӣ бо Қарори худ аз 31 марти соли 2022, №151 Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунандаро тасдиқ намуд, ки аз қоидаҳои қаблан амалкунанда фарқияти назаррас дорад. Аввалан, намудҳои фаъолияти андозбандии соҳибкорони инфиродӣ дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус муқаррар гашта, сониян, бевосита дар санади мазкур номгӯи намудҳои алоҳидаи фаъолияти шахсони воқеӣ оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум, таҳвили молҳо, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки аз пардохти андозҳо озод мебошанд [9].

Бо тасмимҳои роҳандозишуда дар амалия нисбати намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ҳолати “танзими муаллақ” сар мезанад, ки холигии ташкилиро ошкор менамояд. Аз як тараф, қонунгузорӣ амалӣ намудани фаъолияти соҳибкориро бидуни бақайдгирии давлатӣ манъ менамояд, вале аз ҷониби дигар, пеш бурдани чунин фаъолиятро бидуни анҷоми расмиёти эътироф раво мебинад. Бо эҳтимоли зиёд, ҳолати тавсифёбанда аз духӯрагии меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ манша мегирад ва дар амалия мақомоти ҳуқуқтатбиқсозанда (дар симои мақомоти андоз) мафҳумҳои бақайдгирии давлатӣ ва андозбандиро нисбати субъектҳои соҳибкорӣ ҳаммаъно меҳисобанд.

Тибқи қолаби расмӣ, ки дар принсипи “равзанаи ягона” ифода ёфтааст, субъекти фаъолияти соҳибкорӣ тавассути бақайдгирии давлатӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ сабт шуда, ин амал бақайдгирии яквақтаро дар мақомоти омор ва суғуртаи иҷтимоӣ низ дар назар дорад. Зиёда аз он, намудҳои фаъолияти соҳибкорие, ки ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва фурӯш, иҷрои кору хизматрасонӣ вобаста ба онҳо алоқаманд мебошанд, баҳри коҳиши таваккалҳо ба сифати онҳо ниёз ба фарогирӣ бо назорати давлатӣ мебошанд. Ин иқдом метавонад тавассути сертификатсияи фаъолият расмӣ кунонида шавад.

Новобаста аз озод намудани категорияи муайяни субъектҳои соҳибкорӣ аз андозбандӣ ва патент бақайдгирии давлатии фаъолияти онҳо воҷиб мебошад. Андозбандӣ танҳо яке аз ҳадафҳои бақайдгирии таъсиси субъектони соҳибкорӣ баромад мекунад. Ба қатори онҳо назорати давлатии фаъолияти хоҷагидорӣ, дарёфти маълумоти оморӣ барои танзими иқтисодиёт, манзури иттилоот дар бораи субъектҳои хоҷагидор ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ва ғ. шомил мебошанд. Маҳдуд фаҳмидани мақсади қайди давлатӣ боис ба чандин муаммоҳои назариявӣ ва амалӣ мегардад.

Барои мисол, номувофиқатӣ бо мафҳуми соҳибкорӣ сар мезанад, ки тибқи тасвифи расмӣ он фаъолияти “бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифташуда” эътироф мешавад. Пас, дар дилхоҳ маврид, яъне озод кардан аз гирифтани патен ё дар хона (дигар ҷойҳои ҷудо кардашудаи махсус) амалӣ намудани намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, бақайдгирии давлатии он ҳатмӣ мебошад. Баҳри матраҳи ин муаммои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ба боби панҷуми Қонун “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ворид намудани илова мақсаднок мебошад. Барои танзими соири масоил марбут ба расмиётдарории фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки бидуни патент фаъолият мебаранд, муқаррар намудани моддаи алоҳида (масалан, моддаи 23 прим) муфид арзёбӣ мегарда. Дар моддаи мазкур метавон таъкид гардад, ки ин категорияи соҳибкорони инфиродӣ тавассути қайди баҳисобгирӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдигии давлатӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, дар бахши алоҳида ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид карда мешаванд. Қайди баҳисобгирӣ бо додани иқтибос аз Феҳристи мазкур бояд анҷом дода шавад, ки ҳамчун воқеияти ҳуқуқӣ (факти юридикӣ) баромад хоҳад кард. Қабл аз анҷоми қайди баҳисобгирӣ гузаштан аз сертификатсияи фаъолият муҳим мебошад, ки нусхаи он бояд ба мақоми анҷомдиҳандаи бақайдигирии давлатӣ пешниҳод гардад.

Дар силсилаи чорабиниҳо вобаста ба соддагардонии расмиёти бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ ҷорӣ намудани тартиби электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва бо ин васила ихтисори минбаъдаи мӯҳлатҳои баррасии ариза ояндабахш мебошад. Дар ин ҷода давлати ҳамсоя -

Ҷумҳурии Узбекистон таҷрибаи ибратомӯз андӯхт намуд. Тавассути ҷорӣ намудани низоми “қайди онлайни тиҷорат”, ки аз моҳи апрели соли 2017 дар ин кишвар роҳандозӣ гардида, шабонарӯзӣ фаъол мебошад, теъдоди ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои шахсони ҳуқуқӣ ба 2 ва барои соҳибкорони инфиродӣ ба 1 расонида шуд, муҳлат аз лаҳзаи ирсоли электронии ҳуҷҷатҳо ҳамагӣ 30 дақиқаро ташкил медиҳад [10].

Дар Тоҷикистон айни ҳол дар доираи барномаи ташаккули “ҳукумати электронӣ” ва рушди хизматрасониҳои давлатӣ қадамҳои аввал гузошта шудаанд. Сардори давлат дар паёми қаблӣ аз 21 декабри соли 2021 ба Ҳукумати мамлакат супориш дода буд, ки то охири соли 2022 раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкориро дар давоми 24 соат, аз ҷумла ба тарзи электронӣ ба роҳ монад. Айни ҳол, дар саҳифаи алоҳидаи сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати ҷумҳурӣ шакли электронии аризаҳо барои бақайдгирии таъсисёбӣ ва қатъшавии фаъолияти соҳибкорӣ дастрас мебошанд, мақоми мазкур ҷиҳати қабули электронии ҳуҷҷатҳо низ чораҷӯйи дорад. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки тибқи талаботи қисми 10 моддаи 11 Қонун “Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” аризадиҳанда ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатӣ шахсан пешниҳод менамояд. Мавҷудияти чунин меъёр метавонад монеа барои ташаккули минбаъдаи реҷаи онлайни таъсиси субъектҳои соҳибкорӣ гардад. Аз ин рӯ, чун қадами аввал зарурати ихтисори ин меъёр пеш меояд.

Ҳамин тавр, танзими маъмурӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ унсури таркибии механизми танзими ҳуқуқии ҳаёти иқтисодӣ баромад намуда, василаи муҳими мураттабгардонии муносибатҳои ҷамъиятии дахлдор маҳсуб меёбад. Бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар умқи худ шаклу усулҳои мушаххаси идораи давлатиро ифода менамояд. Таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқӣ мавҷудияти духӯрагӣ ва нофаҳмиҳоро ошкор менамояд, ки бояд тавассути таҳрири меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ ва таҷҳизи минбаъдаи бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ бартараф карда шавад.

**Адабиёт**


1.Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.

2.Паёми Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» // реҷаи дастрасӣ: http:// www.prezident.tj: санаи муроҷиат: 01.02.2023

3.Хаманева *Н.*Ю., Альхименко В.В., Медведев В.Н., Салищева Н.Г. Административно-правовое регулирование в сфере экономики в условиях модернизации в России //Труды ИГ-ПАН. 2012. №3.

4.Чуряев А.В. Административно-правовое регулирование государственной регистрации субъектов предпринимательской деятельности: Автореф. дис. …канд. юрид. наук. М., 2009.

5. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. №5. М.316

6.Сомонаи расмии Кумтаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: реҷаи дастрасӣ: www. https:// www.investcom.tj: санаи муроҷиат: 02.03.23.

7.Демиева А.Г. Роль государственной регистрации в частном праве // Вестник экономики, права и социологии. 2011. № 3.

8.Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022.

9.Портали иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: реҷаи дастрасӣ: www. http://www.portali-huquqi.tj: санаи муроҷиат: 22.03.23

10.Портали иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Узбекистон: реҷаи дастрасӣ: www. https://www.norma.uz: санаи вуруд: 01.04.23.

**ИБРОҲИМОВ С.И.**
**ИБРАГИМОВ С.И.**
**IBRAGIMOV S.I.**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

доктор юридических наук, профессор кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции.

Doctor of Law, Professor of the Department of Commercial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Commerce.
Tel.: (+992 237) 234-83-46.
E-mail: tguk@mail.ru

## ТАНЗИМИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ РАСМИЁТИ ИҶОЗАТДИҲӢ ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ВА СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ADMINISTRATIVE-LEGAL REGULATION OF THE PERMITTING PROCEDURES OF THE FACTOR OF ECONOMIC DEVELOPMENT AND ENTREPRENEURSHIP IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

## АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ РАЗРЕШИТЕЛЬНЫХ ПРОЦЕДУР ФАКТОРА ЭКОНОМИЧЕСКОГО И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Аннотатсия:*** *Мақола ба масоили соддагардонии расмиёти маъмурӣ дар низоми иҷозатномадиҳии Тоҷикистон бахшида шуда, дар он дар ҳошияи пешниҳоди Президенти ҶТ, дар бораи мукаммалгардонии низоми иҷозатдиҳи дар кишвар ва дар як қонунгузорӣ муттаҳид намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзимкунандаи муносибатҳои иҷозатдиҳи, мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Муаллиф ташаббуси дар Паёми навбатии худ пешниҳод намудаи Президенти мамлакатро ҷонибдори намуда дар асоси таҳлили қонунгузрии мавҷудаи ватанӣ дар соҳаи иҷозатдиҳи таҳия ва қабул намудани Кодекси иҷозатдиҳии ҶТ -ро пешниҳод намудааст.*
***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи маъмурӣ, расмиёти маъмурӣ, маъмурикунонӣ, иҷозатдиҳии маъмурӣ, литсензиякунонӣ,*

***Аннотация:*** *Статья посвящена вопросам упрощения административных процедур в разрешительной системе Таджикистана и рассмотрена в рамках предложения Президента Республики Таджикистан по совершенствованию разрешительной системы в стране и объединение нормативных правовых актов, регулирующих лицензионные отношения, в одном законодательстве. Автор поддержал инициативу, выдвинутую Президентом страны в его очередном послании, и предложил разработать и принять Разрешительный кодекс Республики Таджикистан на основе анализа действующего отечественного законодательства в сфере лицензирования.*
***Ключевые слова:*** *административное право, административные процедуры, администрирование, административное разрешение, лицензирование.*

***Annotation:*** *The article is dedicated to the issues of simplifying administrative procedures in the licensing system of Tajikistan, and it is discussed in the framework of the proposal of the President*

*of the Republic of Tajikistan, on the improvement of the licensing system in the country and the unification of normative legal acts regulating licensing relations in one legislation. The author supported the initiative proposed by the President of the country in his next message and proposed the development and adoption of the Permitting Code of the Republic of Tajikistan based on the analysis of the existing domestic legislation in the field of licensing.*

***Keywords:*** *administrative law, administrative procedures, administration, administrative authorization, licensing*

Рушди замонавии асосҳои демократии ҳаёти ҷамъиятӣ, устувор гардидани нақши ҳуқӯқҳифзкунии давлат, таъмин намудани волояти қонун, вазифаҳои навро дар соҳаи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ пеш мегузорад. Аз ҷумла масоили ба танзимдарории расмиёти иҷозатдиҳи дар идоракунии давлатии соҳаҳои номбурда басо муҳим арзёбӣ карда мешавад. Зеро номукаммалии расмиёти иҷозатдиҳи, ҳуҷҷатгузории барзиёди он, шумораи зиёди мақомотҳое, ки иҷозат медиҳанд ба рушду нумӯи соҳаи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ монеъаҳои нолозими маъмурӣ эҷод менамоянд.

Ҷунин ҳолатро ба назар гирифта Пешвои миллат -Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022 сол, Ҳукумати мамлакатро вазифадор намуданд, ки «ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд. Дар ин самт, Президенти мамлакат пешниҳод намуданд, ки бо мақсади идома додани ислоҳоти соҳа ва танзими муносибатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ қонунгузории соҳа такмил дода шуда, муносибатҳои зикршуда дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва шумораи онҳо то 60 фоиз ихтисор карда шавад» [11].

Воқеан ҳам, масъалаи ба танзимдарории расмиёти маъмурӣ- ҳуқуқии иҷозатномадиҳи дар кишвар ташвишовар буд. Ҳоло аз 3.06. 2016 сомонаи хабарии Avesta.Tj – хабар дода буд, ки дар Вазоратҳои нақилёт ва тандурустию ҳифзи иҷтимоии Тоҷикистон, дар асоси Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳи» ислоҳот гузаронида шуда шумораи ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳи аз 650 адад то 86 адад кам карда шуд. Барои ба даст овардани чунин натиҷаҳо аз тарафи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ (Госкоминвест) дар асоси таҷрибавӣ системаи ягонаи электронии бақайдгирии ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳи дар ин ду вазорат ҷорӣ карда буд. Ҳоло дар мақомотҳои номбурдаи идоракунии давлатӣ то 30%-и ҳуҷҷатҳои иҷозатномавӣ тавассути воситаҳои системаи электронӣ тибқи барномаи «Соддагардонии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ» ба роҳ монда шудааст.

Мутобиқи интишороти барномаи «Пешбурди бизнес» - и Бонки умумиҷаҳонӣ дар соли 2006, Тоҷикистон дар байни 180 давлати ҷаҳон ҷиҳати мушкилии расмиёти иҷозатномагири ва ҳуҷҷатгузории он барои сохтмон дар ҷои охирон қарор дошта, соли 2009 ба ҷои 178, аз 181 баромадааст.

Дар асоси «Нақшаи беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ» аз 18 декабри соли 2008, ки аз тарафи Шурои консультативии сармоягузории назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, 18 марти соли 2009,таҳти №638 Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи такмили расмиёти маъмурӣ марбут ба пешбурди фаъолияти сохтмон дар ҶТ» қабул карда шуд, ки дар асоси он «Тартиби пешбурди расмиёти маъмурӣ, марбут ба фаъолияти сохтмон» қабул карда шуда бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 6 маи соли 2009 таҳти №282 тасдиқ карда шудааст. Бо мақсади амалӣ гардонидани Тартиб 9 июни соли 2009 Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати ҶТ таҳти №44-ф, 16 намунаи ҳуҷҷатҳои иловагӣ барои гирифтани иҷозатномаи пешбурди фаъолияти сохтмониро ҷорӣ намуд. Ба ғайр аз ин, Нақшаи такмили санадҳои меъёрӣ ҳуқуқи дар соҳаи сохтмон, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 11 июни соли 2009 №338 тасдиқ карда шудааст, боз коркард ва қабул намудани 11 сандҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ расмиётии маъмуриро пешбинӣ мекард. Дар натиҷаи таҳқиқоти аз тарафи лоиҳаи байналмилалии USAID гузаронида муайян намуд, ки дар пешбурди расмиётии иҷозатномагири дар соҳаи сохтмон аз ҳад зиёд маъмурикунонӣ, маҳдуд намудани ташабусҳои субъектони фаъолияти сохтмонӣ ҷой дорад, ки рушди сохтмониро ҳамчун соҳаи иқтисод суст мегардонад.

Муҳимияти чорабиниҳои соддагардонии расмиёти маъмуриро дар соҳаи иҷозатдиҳи ба назар гирифта Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Форуми байналмилалии «Рушди соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва тамоюлҳои иқтисодӣ», ки санаи 15.10.2018 дар ш.Душанбе баргузор гардида буд, дар баромади худ қайд намуд, ки дар ҳошияи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳи шумораи номгуи иҷозатҳо **аз 605 то 74** адад кам карда шуд ва дар ҳамин замина дар кишвар системаи электронии ягонаи бақайдгири ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ҷорӣ карда шуд. Ҳоло дар мамлакат «Равзанаи ягона» оид ба гирифтани иҷозат дар соҳаи сохтмон; бақайдгирии моликияти ғайриманқул; аҳдҳо марбут ба экспорт, импорт ва транзит; хизматрасонии давлатии электронӣ ва ҳуҷҷатгузории электронӣ; маҳфуз нигоҳ дории замонавии иттилои давлатӣ, ташкил карда шудааст.

Соддагардонии расмиёти маъмурӣ марбут ба низоми иҷозатномадиҳи дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон масоили мубрам маҳсуб меёбад. Масалан барои бартараф намудани ҳолати аз ҳад зиёд маъмурӣгардонии расмиёти ба қайдгирии ҳуҷҷатҳои иҷозатӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон аз 11 июли соли 2012 «Консепсияи ислоҳоти минбаъдаи низоми иҷозатдиҳии Қазоқистон баро солҳои 2012-2015» қабул карда шуда буд, ки бо Қарори Ҳукумати ин кишвар аз 11 июли соли 2012 тасдиқ карда шудааст. Дар Ҷумҳурии Узбекистон дар доираи «Консепсияи ислоҳоти маъмурии ҶУ», ки бо фармони Президенти ин кишвар аз 8-сентябри соли 2017 таҳти №ПП-5185 тасдиқ карда шудааст, барои либерализатсия (соддагардонии) низоми литсензиягирӣ ва иҷозат чораҳои зарурӣ, аз ҷумла: кам кардани зинаҳои маъмурии ҳуҷҷат тасдиққунанда, маъмуриятчигии аз ҳад зиёд (бюрократия), кам кардани зинаҳои назоратӣ ташкил карда шуда буд. 24 августи соли 2020 Президенти ҶУ фармони № УП-6044 «Дар бораи чораҳои қатъии инкишофи литсензия ва расмиёти иҷозатдиҳи» -ро имзо кард, ки тибқи он аз 1 январи соли 2021 -26 намуди фаъолияти литсензионӣ бозхонд карда шуда, 45 намуди дигар бекор карда шудааст, 23 намуди дигар ба шакли оддии огоҳкунӣ иваз карда шудааст[1].

Дар банди 588 -и «Барномаи инкишофи миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021 таҳти №168 тасдиқ карда шудааст, қайд гардидааст, тибқи таҳлили Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ 2019, ки бо арзёбии байналмилалии машгул аст, Тоҷикистон ҷои 30-ум ро аз руи такмили танзими давлатӣ, ҷойи 20-ум, аз рӯи бори танзими давлатӣ ва ҷои 34-умро аз руи самаранокии заминаи қонунгузорӣ, дар байни 141 кишвари ҷаҳон ишғол менамояд.

Дар банди 630 ҳамин ҳуҷҷат, қайд карда шудааст, ки дар доираи ислохоти дар Тоҷикистон гузаронидашуда (то соли 2021) шумораи иҷозатномаҳо ба **56** кам карда шуданд ва шумораи органхои тафтиш аз 31 то 25, кам карда шуда, ҳоло **30** фоизи ичозатнома бо тартиби электронӣ дода мешаванд. Инчунин ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ то 1 январи соли 2021 мораторий эълон карда шуд.

Аз нишондиҳандаҳои оварда маълум мегардад, ки ҳоло ҳам масоили ба танзимдарории низоми иҷозатдиҳи ва литсензиякунонии мамлакат дар сатҳи қонунгузории самаранок ҳалли худро наёфтааст, бинобарон пешниҳоди сарвари давлат оид ба дар як қонунгузорӣ муттаҳид намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, танзимкунандаи муносибатҳои иҷозатдиҳи ва литсензиякунонӣ ҷолиби диққат ва боиси ҷонибдорӣ мебошад.

Дар ҳамин радиф, мо бояд ба масоили ташакули қонунгузории ҶТ марбут ба мавзуи таҳияшаванда диққат диҳем. Аз 14 декабри соли 1990, № 199 Қонуни ҶТ “Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма” қабул карда шуда буд, ки тартиби ба қайдгирии давлатии воситаҳои ахбори оммаро муқарар намуда қайд мекард, ки “Ҳуқуқи нашри воситаҳои ахбори омма аз рӯзи гирифтани шаҳодатнома дар давоми як сол эътибор дорад. Дар сурати гузаштани ин мӯҳлат эътибори шаҳодатномаи бақайдгирӣ аз байн меравад”(мод. 9) [10]. 21 феврали соли 1991 таҳти №284 Қонуни ҶТ “Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонки дар Тоҷикистон” қабул шуда буд, ки тартиби литсензиякунонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро муқарар менамуд (мод11), руйхати ҳуҷҷатҳои зарури барои гирифтани литсензия(мод. 12) ва тартиби гирифтани литсензия барои пешбурди фаъолияти бонкиро муқарар менамуд (мод. 13) [10].

Пажуҳишгарон қайд менамоянд, ки аз оғози соли 1991 сар карда дар Тоҷикистон зиёда аз 100 қонун ва санадҳои зерқонунӣ марбут ба танзимнамоии масоили иҷозатдиҳӣ қабул карда

шудааст[2]. Аз ҷумла, Қонунҳои ҶТ: "Дар бораи коғазҳои қимматнок ва биржаҳои фонди" ва "Дар бораи сармоягузории хориҷӣ" аз 10 марти 1992; "Дар бораи маориф" ва "Дар бораи фаъолияти иқтисодии беруна" аз 27 дек.1993; "Дар бораи ярок" аз 1 феврали с.1996, № 232, "Дар бораи бонки Миллӣ" аз 14 декабря с.1996, № 38, в дигарҳо, ки ҳар яке руйхати мухтори намудҳои фаъолияти иҷозатномавӣ ва тартиботи расмиётии иҷозатгириро муқарар менамуд.

Бинобар набудани санади махсуси кодификатсия кардашуда марбут ба расмиёти иҷозатдиҳи ва ҷой надоштани руйхати намунавии ягонаи ҳуҷҷатҳо барои гирифтани иҷозат, тартиботи расмиётии дар қонунҳои болозикр муқарар намудаи низоми иҷозатиро хеле душвор мекарданд. Ба ғайр аз ин, ба андешаи муаҳақиқон тартибот ва дастгоҳи иҷозатдиҳи мутобиқи қонунҳои номбурда мухталиф, бо манфиатдории соҳавӣ ва идории худ тартиб дода шуда буданд, ки манфиати довталабони ҳуҷҷати иҷозатномагириро ҳифз намекард[10].

Қайд намудан зарур аст, ки баъди қабули Фармони Президенти ҶТ "Дар бораи ислоҳоти системаи иҷозатдиҳӣ" аз 7.03.2009 №633, аз 28 маи соли 2009 бо №305 Ҳукумати ҶТ Қарор "Дар бораи амалӣ намудани чорабиниҳо марбут ба ислоҳоти системаи иҷозатдиҳи"- ро қабул намуд, ки бо он Комиссия оид ба такмили саанадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, ки тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳи ба субъектони соҳибкорӣ, Низомномаи комиссия ва ҳаъати аъзоёни ин комиссия муқарар карда шуд.

Инчунин бо қарори номбурда Ҳукумати кишвар Қоидаҳои аз нав дида баромадани санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии ба танзимдарорандаи додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро тасдиқ намуд, ки дар он аз нав дида баромадани ҳамаи сандҳои меъёрии ҳуқуқӣ марбут ба иҷозатдиҳи пешбинӣ шуда буд. Бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 маи соли 2012 таҳти № 285 Қоидаҳои пешбурди ягонаи давлатии ба қайдгириии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳи, Қоидаҳои пешбурди реестри ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва бо қарори аллоҳида аз 31 маи соли 2012 № 286 Кумитаи давлатӣ оид ба сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ, ҳамчун мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи батанзимдарории низоми иҷозатдиҳии ҶТ тасдиқ карда шуд.

Ҳамин тариқ, Ҳукумати ҶТ саъю кушиш ба харҷ дода истодааст, ки низоми иҷозатномадиҳии ватаниро ба стандартҳои ҷаҳонӣ баробар гардонад. Аммо ин кори мушкил мебошад, бинобарон сарвари давлат барои тезонидани ҷараёни ислоҳот пешниҳод намуданд, ки ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқи соҳаи марбута ба як қонунгзорӣ гирд оварда шуда масоили аз ҳад зиёд будани субъектони иҷозтдиҳи, ҳуҷҷатгузории бюрократӣ ва расмиёти иҷозатгири содда ва дастрас гардонида шавад.

Дар адабиёти маъмури-ҳуқуқӣ пешниҳодҳои илмӣ доир ба таҳия ва қабул намудани Кодекс дар бораи иҷозатномадиҳи зиёд мебошанд. Масалан олимони Россиягӣ А.А. Богданов ва Д.В. Шохин пешниҳод намудаанд, ки Кодекси литсензиякунонии ФР таҳия ва қабул карда шуад[3].

Олими ватанӣ Наимов Б.Г. дар рисолаи номзадии худпешниҳод намудааст, ки дар заминаи Қонунҳои ҶТ "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва "Дар бораи литсензиякунонии намудҳои аллоҳидаи фаъолият", санади комплексии ягона Кодекси иҷотдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шавад[10].

Мо пешниҳоди олими ҷавони ватаниро ҷонибдорӣ менамоем. Ба андешаи мо, Кодекси иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади муттаҳидкунандаи конунгузорӣ метавонад тамоми меъёрҳои ҳуқуқии иҷозатдиҳиро ба низом дароварда бошад. Кодекс бояд тартиби додани ичозатномаро аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ ба таври махсус танзим намояд. Дар он, вазъи мурофиавию ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии иҷозатдиҳанда, мукаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои ҳокимиятии дорои ваколатҳои ичозатдиханда, зарурати таҳияи механизми соддакардашудаи шикоят аз болои карорҳои шахсони ғайриҳокимиятӣ, кам кардани номгуи ҳуҷҷатгузорӣ марбут ба мавзӯи шаҳодатномаҳо барои гирифтани рухсатномаҳо, масъалаҳои ба ҷавобгарӣ кашидан барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ ва ғайра, бояд пешбинӣ карда шавад.

Ташаббусе, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон садо дод, ҷиҳати такмили қонунгузории ҷумҳурӣ дар бораи низоми иҷозатномадиҳӣ, пешгирии амалияи маъмуриятчигии зиёдатӣ, мураккаб ва кашол додани расмиёти иҷозатномадиҳӣ, бор кардани хизмати пулакӣ, ғайриконунӣ дур кардани

гражданинхо аз татбиқи ҳуқуқҳои худ, муфид буда барои кам кардани хавфи коррупсионии соҳаи иҷозатномадиҳӣ мусоидат намуда, аҳамияти ҳалкунандаи принсипи қонунӣ будани низоми иҷозатномадиҳӣ аз нуқтаи назари татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, рушди соҳибкорӣ, такмили фаъолияти соҳибкорӣ, такмили фазои сармоягузорӣ дар кишвар, таъмини амнияти шахсият, ҷомеа ва умуман давлат мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ

1) Агапов, А.Б. Административное законодательство и публичные право ограничения // Административное и муниципальное право. — 2011. — № 10.

2) Алексеев С.С. Общие дозволения и общие запреты в советском праве. М.: Юридическая литература, 1989. С. 197

3) Багандов А.Б. Административно-правовое регулирование лицензионных отношений в Российской Федерации: теоретико-правовые основы, современное состояние, перспективы: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. Ростов н/Д, 2007. 36с.

4) Валяев, Ю.К. Общая характеристика разрешительной системы в механизме административно-правового регулирования общественных отношений // Вестник Московского университета МВД России. – 2008. – № 11. – С. 75–80.

5) Грищенко, А. Лицензирование как государственно-управленческая и правовая категория // Право и жизнь. – 2002. – № 48. С. 14–16.

6) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.1994), Душанбе 2016

7) Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳи» аз 2 августи соли 2011 №751 [Захираи электронӣ] Дастрас дар сомонаи//www.mmk.tj

8) Латыпов, Р.А. Концепция федерального закона «Об упрощенной разрешительной системе» // Административное право и процесс. – 2015. – №5. – С. 73–76.

9) Марифхонов, Р.Н. Лицензирование как контрольно-разрешительная деятельность исполнительных органов государственной власти // Вестник Тадж. нац. ун-та. – 2011. – № 3. – С. 163–168.

10) Наимов Б.Г. Административно-правовое регулирование азрешитель-ной системы в Республике Таджикистан. Дисс. Канд.юрид. наук. [Текст] – Душанбе 2021,

11) Пайёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23.12.22с. [Захираи электронӣ] Дастрас дар /http://president.tj/ru/node/29824

12) Фармони Президенти ҶТ “Дар бораи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳи дар ҶТ” аз 7-марти соли 2009 №633 [Захираи электронӣ] ЦПБИ Адлия V 7

**МЕЛИКОВ У.А.**
**MELIKOV U.A.**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

доктор юридических наук, профессор кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции.

Doctor of Law, Professor of the Department of Commercial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Commerce.
Tel.: (+992 237) 234-83-46. E-mail: tguk@mail.ru

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАВ ДАР КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ИҶОЗАТНОМАҲОИ ОЗОД ВА МИЁНАРАВОНИ ИТТИЛООТӢ

## НЕКОТОРЫЕ НОВЕЛЛЫ В ГРАЖДАНСКОМ КОДЕКСЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: СВОБОДНЫЕ ЛИЦЕНЗИИ И ИНФОРМАЦИОННЫЕ ПОСРЕДНИКИ

## SOME NOVELTIES IN THE CIVIL CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: FREE LICENSES AND INFORMATION INTERMEDIARIES

***Анотатсия:*** *Дар мақола иҷозатномаҳои озод ҳамчун яке аз воситаҳои ҳуқуқии истифода аз объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ дар замони рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ баррасӣ шуда, хулосабарорӣ шудааст, ки онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон айни муддао мебошанд. Инчунин дар мақола вазъи ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ таҳлил карда шудааст. Тибқи Кодекси маданӣ ва таҷрибаи ҷаҳони миёнаравони иттилоотӣ ба се гурӯҳ ҷудо карда шудааст: интернет – провайдер, хост - провайдер, мазмун (контент)- провайдер. Ҳар яке аз онҳо дорои ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ба худ хос буда, ҷавобгарии маданию ҳуқуқии онҳо вобаста аз амалашон фарқ менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи муаллиф, иҷозатномаҳои озод, истифодабарии объектҳои ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқ, қонун, интернет, миёнарав, провайдер, хост-провайдер, контент-провайдер, садгузорӣ, иттилоот, ҷавобгарӣ.*

***Анотация:*** *В статье свободные лицензии рассматриваются как правовая средства использования объектов авторского права в условии развитии информационно - коммуникационный технологии, и предлагается что они являются своевременным в законодательстве Республики Таджикистан. А также в стате анализируется правовой статус информационные посредники. Согласно ГК РТ и международной практики они разделяются на три категории: интернет – провайдер, хост - провайдер, контент провайдер. Каждый из них имеют свои права и обязанности и их гражданско-правовой ответственности зависить от их действий.*

***Ключевые слова:*** *авторское право, свободных лицензий, объект, право, закон, интернет, посредник, провайдер, хост-провайдер, контент - провайдер, блокировка, информация, ответсвенность.*

***Annotation:*** *In the article analazed, free licenses as a legal norm of using copyright objects in the context of the development of information and communication technologies, and it is proposed that they generally do not contradict the requirements of the legislation of the Republic of Tajikistan. And also the article analyzed the legal status of information intermediaries. According to the Civil Code of*

*the Republic of Tajikistan and international practice, they are divided into three categories: Internet provider, host provider, content provider. Each of them have their own rights and obligations and their civil liability depends on their actions.*

***Keywords:*** *Creative Commons, copyright, free licenses, object, right, law, internet, intermediary, provider, host provider, content provider, blocking, information, liability.*

Ба ҳамагон маълум аст, ки 24 декабри соли 2022 Кодекси маданӣ қабул гардид ва он аз 1 июли соли 2023 амал менамояд. Дар муқоиса ба Кодекси гражданӣ, ки он пас аз таҳрир ба Кодекси маданӣ табдил ёфт, Кодекси маданӣ, ҳам аз лиҳози ҳаҷми меъёрҳо ва ҳам аз лиҳози мазмун васеъ гардидааст. Ба назари мо шартан тамоми меъёрҳои Кодекси маданиро ба се гуруҳ ҷудо намудан имкон дорад: 1) меъёрҳое, ки бе ягон тағйирот ва таҳрир (аз лиҳози мазмун) аз Кодекси гражданӣ ба Кодекси маданӣ гузаронида шудаанд; 2) меъёрҳое, ки ҳангоми таҳрири Кодекси гражданӣ бо тағйиротҳо (аз лиҳози мазмун) ба Кодекси маданӣ таҳвил шудаанд; 3) меъёрҳое, ки дар Кодекси маданӣ нав мебошанд. Меъёрҳои гуруҳи дуюм ва сеюм зиёд мебошанд. Мо дар доираи як мақола тамоми меъёрҳои нави Кодекси маданиро баррасӣ карда наметавонем. Ҳадди имкон кӯшиш менамоем, ки доир ба мазмун ва муҳтавои ду моддаи нав (моддаҳои 1244 ва 1251) таваҷҷуҳ намоем, ки ҳар дуи онҳо марбут ба моликияти зеҳнӣ мебошанд.

Ҳуқуқ ба молкияити зеҳнӣ аз моддаи 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад: "Ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад. Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад. Моликияти зеҳнӣ таҳти ҳимояи қонун аст".

Моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таври дахлдор ба танзим даroварда шудааст. Дар ҳамин партав қонунгузор боз қадами навбатиро барои шароити "ҳуқуқӣ" фароҳам овардан ба эҷодкорон, тавассути дар сатҳи қонунгузорӣ эътироф намудани иҷозатномаҳои озод амалӣ намуд. Яъне дар қисми сеюми Кодекси маданӣ як моддаи нав бо ном ва мазмуни зерин муқаррар шудааст:

Моддаи 1244. Иҷозатномаи озод

1. Тибқи иҷозатномаи озод ҳамчун шартномаи ҳамроҳшавӣ ҳуқуқҳои молумулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ ройгон ва муҳлатнок дода мешаванд.

2. Агар иҷозатномаи озод ба қонун мутобиқат намояд, он қонунӣ эътироф карда мешавад.

Иҷозатномаҳои озод дар таҷриба зиёд ба назар мерасанд. Онҳо бештар ҳангоми истифодаи объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста, истифодаи барномаҳои компютерӣ истифода мегарданд.

Яке аз гуруҳи иҷозатномаҳои озод, ки васеъ дар сатҳи байналмилалӣ, инчунин дар Тоҷикистон истифода мешаванд, иҷозатномаҳои Creative Commons ном доранд.

Creative Commons ба забони тоҷикӣ шартан «ҷомеаи эҷодкорон» тарҷума мешавад. Мақсади ин ташкилот аз он иборат аст, ки соҳибони ҳуқуқҳои муаллифӣ бо истифода аз аломатҳои шартӣ қисме аз ҳуқуқҳои амволии худро ба ҷомеа барои истифодаи озод ва ройгон (ки онҳоро иҷозатнома мегӯянд) иҷозат дода тавонанд ва қисми дигарро барои худ нигоҳ доранд.

Creative Commons иҷозатномаҳоеро пешниҳод намудааст, ки онҳо аз чор аломати шартӣ иборат мебошанд ва ҳар яке аз онҳо барои истифодабарандаи асар дар барои имконоти истифодабарии асар хабар медиҳад. Чунин аломатҳои шартӣ истифода мешаванд:

CC-BY - ин аломат дарак аз он медиҳад, ки истифодабаранда бояд номи муаллифро, тавре ки муаллиф интихоб кардааст, ёдрас шавад.

CC-NC (Non-commercial) - ин аломат дарак аз он медиҳад, ки истифодаи асар бо мақсади гирифтани фоида манъ аст.

CC-ND (No Derivative Works) - ин аломат дарак аз он медиҳад, ки дар заминаи асар таҳияи асари дигар манъ аст.

CC-SA (Share Alike) - ин аломат дарак аз он медиҳад, ки паҳн, нусхабардорӣ ва коркарди асар иҷозат дода шудааст, ба шарте ки асари бавуҷудомада бо ҳамин шарт паҳн карда шавад.

Бо истифода аз ин аломатҳо одатан 6 намуди иҷозатнома дода мешавад.

Ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, паҳн ва ғ.), аммо бояд: 1) номи муаллифро зикр намояд; 2) асарро бо мақсади ғайритиҷоратӣ истифода кунад; 3) дар заминаи ин асар асари дигарро таҳия накунад.

Ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, тарҷума, паҳн ва ғ.), аммо бояд: 1) номи муаллифро зикр намояд; 2) асарро бо мақсади ғайритиҷоратӣ истифода кунад; 3) метавонад дар заминаи асар асари нав таҳия кунад, аммо боз бо ҳамин шарт бояд онро паҳн кунад.

Ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, тарҷума, паҳн ва ғ.), аммо бояд: 1) номи муаллифро зикр намояд; 2) асарро бо мақсади ғайритиҷоратӣ истифода кунад.

Ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, паҳн ва ғ.), аммо: 1) бояд номи муаллифро зикр намояд; 2) дар заминаи асар асари нав таҳия накунад.

Ҳангоми мавҷудияти ин аломатҳо дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад (нусхабардорӣ, паҳн ва ғ.), аммо: 1) бояд номи муаллифро зикр намояд; 2) метавонад дар заминаи асар асари нав таҳия кунад, вале боз бо ҳамин шарт бояд онро паҳн кунад.

Ҳангоми мавҷудияти ин аломат дар асар истифодабаранда метавонад асарро истифода барад, аммо бояд номи муаллифро зикр намояд. Боқимонда амалҳо озод аст- яъне истифодабаранда метавонад аз он нусха бардорад ва бо мақсади тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ онро паҳн кунад, дар заминаи ин асар, асари нав эҷод кунад ва паҳн намояд.

Creative Commons фаъолияти худро аз соли 2001 оғоз намудааст. Қароргоҳи ин ташкилот дар Сан-Франсиско буда, асосгузори он Лоуренс Лессиг мебошад. Таҷрибаи Creative Commons дар зиёда 55 давлати ҷаҳон мавриди истифода қарор гирифтааст ва дар дигар давлатҳо истифодабарии он оғоз шуда истодааст [1, с. 7].

Дар маҷмӯъ иҷозатномаҳои Creative Commons (CC) дар заминаи ҳуқуқи муаллиф пайдо шудаанд. Агар ҳуқуқи муаллиф дар асоси «ҳама ҳуқуқҳо ба муаллиф мутаалиқ мебошанд» амал намояд, пас тибқи Creative Commons «баъзе аз ҳуқуқҳоро муаллиф барои худ ҳифз намуда, боқимондаро ба дигарон барои истифода имкон додааст» (маълумоти муфассал доир ба масъалаҳои вобаста ба Creative Commons дар сайти https://creativecommons.org мавҷуд аст).

Тибқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муалллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» соҳиби ҳуқуқи комили муаллиф барои огоҳ сохтан аз ҳуқуқи худ метавонад аз аломати ҳифзи ҳуқуқи муаллиф истифода кунад, ки он дар ҳар як нусхаи асар сабт ёфта, аз се унсур иборат мебошад:

1) ҳарфи лотинии "С", ки дар дохили доира аст (С);
2) ном (унвон)-и соҳиби ҳуқуқи комили муаллиф;
3) соли нашри аввали асар.

Мавҷудияти аломати ҳифзи ҳуқуқи муаллиф дар асар хусусияти ҳатмӣ надорад. Он вазифаи иттилоотӣ дорад, яъне аз соҳибҳуқуқ ба ҷомеа дарак медиҳад. Аммо аломатҳои Creative Commons натанҳо аз соҳибҳуқуқ дарак медиҳанд, балки ифодакунандаи «лоиҳаи шартномаи муаллифӣ, лоиҳаи шартномаи литсензионӣ» низ мебошанд. Шаш намуд иҷозатномае, ки дар боло номбар кардем, ҳар кадомашон муфассал мисли лоиҳаи шартнома шарҳ дода шудааст ва

онҳо дар давлатҳои баъдишуравӣ бо забони русӣ, қазоқӣ, украинӣ тарҷума шудаанд (нигаред ба сайти - http://habrahabr.ru/post/92625/).

Асарҳое, ки бо иҷозатномаи Creative Commons паҳн шудааст, барои эҷодкорон имкони хуб ба шумор меравад. Яъне онҳо муаллифро ҷустуҷӯ намекунанд, то ин ки аз ӯ иҷозат гиранд. Зеро, тавассути иҷозатномаҳо аллакай худи муаллиф мушаххас кардааст, ки кадом ҳуқуқҳо барои омма дастрас аст. Баъдан зарурати раванди шартномабандӣ мураккаб ва дурудароз нахоҳад буд. Зеро, муаллиф худ аллакай ҳуқуқҳои муайяни худро барои истифода ба омма пешкаш намудааст (монанди оферта) ва онро қабул намуда, амал кардан (аксепт) тибқи талаботи иҷозатномаи муайяншуда кофист. Танҳо тавассути интернет дидан зарур аст, ки иҷозатномаи дар асар гузошташуда чӣ маъно дорад. Доир ба ҳар иҷозатнома дар интернет маълумоти муфассал гузошта шудааст (нигаред ба сайтҳои - https://creativecommons.org/ , https://ru.wikipedia.org/wiki/Creative_Commons).

Муаллиф тавассути иҷозатномаҳои Creative Commons асарашро ройгон пешниҳод менамояд, ки ин имкон медиҳад, бидуни пардохти ҳаққи калам аз асари ӯ истифода кард.

Он ҳуқуқҳое, ки муаллиф дар заминаи Creative Commons ба худ нигоҳ доштааст, комилан бо риояи қонунгузории муаллиф бояд сурат гирад.

Қисми зиёди муаллифон дар асарҳои худ, аломати С - ро нишон медиҳанд, аммо сарфаҳм намераванд, ки он чӣ маъно дорад, танҳо бо тариқи умумӣ шарҳ дода метавонанд, ки ҳуқуқҳои муаллифии онҳо ҳифз шудааст. Аммо онҳое, аз Creative Commons истифода мебаранд (яъне асарҳояшонро таҳти Creative Commons паҳн мекунанд), бештар дар бораи бо таври васеъ паҳн намудани асари худ андеша менамоянд.

Аслан ба Creative Commons аз нуқтаи назари мусбӣ ва манфиатҳо назар намудан хуб аст. Яъне ин яке аз роҳҳои қонунии озод ва ройгон истифода ва паҳн кардани моликияти зеҳнӣ аст ва табиист, ки ҳангоми рушди он бозори «монополияҳо» ва «плагиатҳо» маҳдуд мешавад. Дар интернет зиёда аз 580 миллион мавод таҳти иҷозатномаҳои Creative Commons монда шудааст. Ҳамватанони мо метавонанд аз он истифода баранд. Чунин асарҳо сар карда аз асарҳо барои кӯдакон, то асарҳои илмӣ таҳти иҷозатномаҳои Creative Commons нашр шудаанд, ки ҳар рӯз онҳо дар гардиш мебошанд. Аллакай дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарандагони иҷозатномаҳои Creative Commons ҳастанд. Масалан, Маҷаллаи электронии ICD4D (http://ict4d.tj/tj/) кайҳо боз асарҳои ба онҳо тааллуқдоштаро дар интернет таҳти иҷозатномаҳои Creative Commons монда истодаанд.

Эҳтимолияти зарарҳо аз Creative Commons шояд ба вуҷуд ояд (масалан, асари каси дигарро таҳти Creative Commons бидуни розигии ӯ паҳн кардан), аммо ба хотири зарарҳои эҳтимолӣ аз Creative Commons даст кашидан ғайриқобили қабул аст. Зеро эҳтимол ва таваккал тамоми лаҳзаҳои ҳаётро пайгиранд ва инсоният бояд барои муқовимат бо онҳо омода бошад.

Ба назари мо дар маҷмӯъ талаботҳои Creative Commons бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надоранд. Баръакс дар бисёр ҳолатҳо мувофиқанд. Албатта ҳастанд ҳолатҳои баҳснок, аз ҷумла доир ба «ройгон будани истифодаи асарҳо таҳти Creative Commons», «шакли бастани шартнома» ва ғ.

Тибқи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» дар шартномаи муаллифӣ шарт оид ба андозаи ҳаққи қалам ҳатмист ва он бояд на камтар аз андозаи ҳадди ақали ҳаққи қалами муаллиф, ки он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад, бошад.

Иҷозатномаҳои Creative Commons асосан ройгон мебошанд. Саволе ба вуҷуд меояд, ки оё мешавад шахсро маҷбур намуд, ки ӯ ҳаққи қаламашро гирад? Оё шахс наметавонад аз ҳаққи қаламаш даст кашад? Қонунгузор дар моддаҳои 19, 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ҳолатҳои истисноии ройгон истифода кардани асари муаллифро ба фоидаи ҷамъият муқаррар кардааст, пас чаро худи муаллиф ройгон истифода бурдани асарашро ба фоидаи ҷамъият муқаррар карда наметавонистааст?

Олими машҳури рус дар соҳи ҳуқуқи муаллиф, Гаврилов Э.П., меъёри вобаста ба ҳаққи қалами муаллифро (ҳамин меъёр дар қонунгузории ФР низ вуҷуд дошт) бударо чунин тафсир намудааст: Муаллиф ё дигар фурӯшанда метавонад аз ҳаққи қалами муаллиф даст кашад ва ҳуқуқи амволиашро ройгон пешниҳод намояд. Ба инобат гирифтан зарур аст, ки шартномаи муаллифӣ мисли дигар шартномаҳои граждании тибқи қоидаи умумӣ музднок ҳисобида мешавад. Бинобар ин ройгон будани шартномаи муаллифии басташударо ҳангоми баҳс ҷавобгар бояд исбот

намояд [2, с.203]. Мо ҳам ҷонибдорем, ки новобаста аз меъёри дар моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» овардашуда доир ба ҳаққи қалам, бо назардошти принсипи озодии шартнома ва ҳуқуқи субъективӣ будани гирифтан ё даст кашидан аз ҳаққи қалам, шартномаи муаллифӣ метавонад ройгон баста шавад. Яъне агар дар он масъалаи «ҳақи қалам» баррасӣ гардад, ки шартнома ройгон аст, пас шарти шартнома оид ба ҳаққи қалам муътабар аст, тарафҳо иродаи худро доир ба он муайян кардаанд. Меъёрҳои моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз лоиҳаи Қонуни модели ИДМ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (аз 2 ноябри соли 1996) [3] сарчашма мегирад. Баъдан ҳамин меъёр дар лоиҳаи Қонуни моделии ИДМ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» дар таҳрири нав аз 18 ноябри соли 2005 тағйир дода шуд ва он ҷо бевосита таъкид шудааст, ки дар шартномаи муаллифӣ метавонад ройгон пешниҳод намудани ҳуқуқҳои муаллифӣ пешбинӣ карда шавад. Ҳамзамон Россия низ қонунгузории худро дар ҳамин ҷода тағйир дода, айни ҳол ройгон пешниҳод намудани ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ дар қисми 3 моддаи 1234 КГ ФР пешбинӣ гардидааст. Барои боз ҳам возеҳ шудани масъала хуб мешуд, ки бо ҳамин мазмун қонунгузории муаллифии ҶТ низ такмил дода шавад.

Масъалаи дигар ин шакли шартнома аст, ки баҳсро дар атрофии иҷозатномаҳои Creative Commons ба вуҷуд овардааст. Шартномаҳои муаллифӣ бо тариқи хаттии оддӣ баста мешаванд. Аммо шартномабандӣ ҳангоми истифодаи Creative Commons бо тариқи интернет ё дигар воситаҳо сурат мегирад, яъне агар дар асар аломати Creative Commons бошад, мо агар бо он розӣ бошем, метавонем истифода барем (бо ҳаркати худ пешниҳодро қабул менамоем) ва ҳамин тариқ ифодаи иродаи тарафҳо маълум мегардад. Дар моддаи 174 Кодекси маданӣ пешбинӣ шудааст, ки «Ҳангоми анҷом додани аҳд истифодаи акси айнии имзо бо ёрии воситаҳои нусхабардории механикӣ ё воситаи дигар, имзои электронӣ ё шакли дигари имзои шахсӣ дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ё созишномаи тарафҳо роҳ дода мешавад. Агар дар қонун ё созишномаи тарафҳо тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, мубодилаи мактуб, барқия, барқияи телефонӣ, телетайп, факс ва ҳуҷҷатҳои дигари муайянкунандаи субъектҳо ва мазмуни ифодаи иродаашон ба анҷоми аҳд дар шакли хаттӣ баробар карда мешавад.».

Дар ин ҷо аҳамият додан зарур аст, ки ҳангоми истифодаи Creative Commons имзо бо он шакле, ки маъмулан истифода мешавад вуҷуд надорад, аммо мантиқан дар баробари гузоштани аломати Creative Commons муаллиф ё соҳибҳуқуқ ному насаби худро менависад, ки ин ҳам як шакли имзогузорӣ ҳисобидан мумкин аст. Зеро, шахсоне, ки ҳангоми имзогузорӣ ному насабро менависанд зиёд аст. Имзогузорӣ ин шакли ифодаи ирода аст. Вақте муаллиф аломати Creative Commons-ро дар асараш гузошта ному насаби худро менависад ин ҳам шакли ифодаи ирода аст. Ҳатман имзо дар шакли электронии рақамӣ ба назари мо ин ҷо зарур нест. Дар Украина ва Қирғизистон бо сабаби истифода нашудани имзои электронӣ дар ҳамин маврид истифодабарии Creative Commons – ро зери танқид гирифтаанд.

Бархӯрд бо падидаи нав дар ҳар ҷомеа ҳар хел сурат мегирад, ин албатта вобаста аст аз сатҳи ҷаҳонбинӣ ва дарки масъала. Масалан, дар ФР барои мавриди истифода қарор додани Creative Commons ақидаҳои мухолиф, яъне ҳам тарафдорон ва шахсони муқобилфикр буданд. Аммо дар давоми солҳои охир натанҳо ҷомеаи шаҳрвандӣ аз Creative Commons истифода мебаранд, инчунин дар сайти мақомоти давлатии Россия (масалан, мақомоти давлатии Башкортостан маводҳои худро таҳти Creative Commons гузоштааст - www.bashkortostan.ru) низ фаъолона аз Creative Commons истифода мебаранд. Ба ин масъала ҳатто диққати собиқ Президенти Россия, Д.А. Медведев ҷалб шуда буд ва бо супориши ӯ аз 2 июни соли 2011 таҳлил ва пешниҳодҳо омода шуда буданд. Дар он таҳлил хулосабарорӣ шуда буд, ки «иҷозатномаҳои озод дар Россия ғайриқонунӣ нестанд ва васеъ истифода мебаранд, аммо азбаски дар Россия танзими мушаххаси он вуҷуд надорад истифодабарии онҳо таваккал дорад» [1, с.16].

Дар сатҳи қонунгузории Россия низ тағйироти вобаста ба Creative Commons ворид шудаанд. Масалан моддаи 1286 (1) КГ ФР илова карда шуд ва он хусусиятҳои иҷозатномаи Creative Commons-ро фаро мегирад.

Ҳамзамон дар моддаи 490 КМ ҶТ шартномаи ҳамроҳшавӣ пешбинӣ шудааст, ки «Шартномаи ҳамроҳшавӣ шартномаест, ки шартҳои онро як тараф дар шакли муайян ё дигар шакли стандартӣ пешниҳод намудааст ва онро тарафи дигар танҳо бо роҳи пурра ҳамроҳ шудан

ба шартномаи пешниҳодгардида қабул мекунад». Ҳолатҳои шартномаи ҳамроҳшавӣ ба истифодаи Creative Commons бисёр мувофиқ аст. Зеро истифодабарандаи асар бо шартҳое, ки дар аломатҳои Creative Commons зикр шудаанд огоҳ шуда, онро пазироӣ мекунад ва ҳамроҳ мешавад.

Ҳамин тавр дар маҷмӯъ талаботҳои Creative Commons ҳамчун иҷозатномаҳои озод бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад, айни ҳол низ онро истифода бурдан имкон дорад. Ин ҳолатро моддаи 1244 Кодекси маданӣ боз ҳам тақвият бахшид.

Масъалаи дигар, ки дар Кодекси маданӣ нав ба шумор меравад, муайян кардани вазъи маданӣ-ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ дар моддаи 1251 мебошад.

Вожаи "миёнрав" ё "миёнарав" дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ барои ифодаи субъекте равона шудааст, ки байни дигар субъектон амале анҷом медиҳад. Чунин субъект дар қонунгузории ҷиноятӣ агар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад (м. 168, 319 ва 320 КҶ ҶТ), пас дар қонунгузории маданӣ баръакс, онҳо лоиқ ва сазовори подош ҳониста мешаванд (м. 859, 963 ва ғ.). Онҳоро инчунин бо калимаҳои маклеру брокер ва ғ. низ ифода мекунанд [4, с.286]. Дар ҳуқуқи меҳнатӣ низ миёнарав вазъи ҳуқуқии хос ба худро дорад (м. 320 КМ ҶТ) ва онҳо барои муосидат дар ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ сафарбар карда мешаванд.

Ҳангоми рушди ҳуқуқи иттилоотӣ дар адабиёт ва сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ибораи миёнаравҳои иттилоотӣ пайдо шуданд. То қабули Кодекси маданӣ, дар қонунгузории Тоҷикистон доир ба миёнаравони иттилоотӣ меъёрҳои бевосита хеле кам ба назар мерасанд. Дар банди 48 Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷрияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, № 344 тасдиқ шудааст, чунин пешбинӣ гардидааст: "Афзалият бояд ба ҳалли меъморӣ ва маҳсулоти барномавие, ки аллакай коршоямии худро ҳангоми халли масъалаҳои мазкур исбот кардаанд, дода шавад: истифодаи веб-шореҳ ба сифати **миёнаравӣ (интерфейси) асосии дастрасӣ ба маълумот** аз системаҳои иттилоотии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. Дигар **миёнаравҳо** барои истифода иҷозат дода мешаванд, аммо танҳо ба сифати илова ба технологияҳои ба веб-шореҳҳо асосёфта". Ҳамзамон дар адабиётҳо миёнаравони иттилоотиро "провайдерон" низ ном мебаранд [5, с. 61]. Мафҳуми "провайдер" дар Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2001 № 389 тасдиқ шудааст чунин мебошад: "провайдер - оператори хадамоти телематикие, ки пайвасткунии техникии абонентҳоро ба шабакаи Интернет анҷом медиҳад". Аммо на ҳамаи миёнаравони иттилоотӣ ба маънои зикршуда интернет-провайдер шуда метавонанд. Яъне мафҳуми миёнаравони иттилоотӣ аз мафҳуми провайдер васеъ мебошад.

Таҳлили қонунгузории дигар давлатҳои пасошуравӣ аз он далолат медиҳад, ки онҳо вазъи ҳуқуқии чунин субъектонро мушаххас муқаррар кардаанд. Субъектони мазкур дар ҷараёни амалӣ намудани муносибатҳо байни тарафҳои шартнома, байни тарафҳои муносибатҳои иттилоотӣ ва дигар муносибатҳо ҳамчун шахси сеюми муосидаткунанда баромад менамоянд. Дар бисёр ҳолатҳо онҳо барои тарафҳо хизматрасонии алоқаро таъмин мекунанд, то ин ки тарафҳо тавонанд бо истифода аз шабакаи алоқа бо ҳам дар иртибот бошанд. Бидуни чунин субъектҳо амалӣ намудани муносибатҳо тавассути шабака (хусусан интернет) ғайриимкон аст. Аз ҳамин ҷиҳат муайян кардани вазъи ҳуқуқии субъектони мазкур тақозои замон аст.

Дар Россия вазъи ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ аввалан дар Қонуни ФР "Дар бораи иттилоот, иттилоотонӣ ва ҳифзи иттилоот" муқаррар шуда буд, баъдан онро дар Кодекси мадании ФР муқаррар карданд. Дар моддаи 1253.1 Кодекси мадании ФР хусусиятҳои ҷавобгарии миёнаравони иттилоотӣ пешбинӣ гардидааст [6].

Дар сатҳи байналмилалӣ таснифоти зерини миёнаравони иттилоотӣ (провайдерон) вуҷуд дорад:

1) Провайдерони мазмун (контент), яъне онҳое, ки маводҳои иттилоотию эҷодии худро мураттаб намуда, тавассути шабака ба дигарон дастрас менамоянд;

2) Хост – провайдерон, яъне онҳое, ки маводҳои иттилоотию эҷодии дигаронро дар серверҳои худ нигоҳ дошта, тавассути шабака ба дигарон дастрас менамоянд;

3) Провайдер -дастраскунанда, яъне онҳое, ки аз лиҳози технологӣ алоқаро байни иштирокчиёни муносибатҳо таъмин менамоянд. Ин провайдерон ҳангоми таъмини дастрасӣ ба

шабака иттилоот ва маводҳои эҷодии истифодашавандаро доимо дар махзанҳои худ нигоҳ намедоранд. Яъне онҳо провайдери алоқа мебошанд [5, с.53].

Ба категорияи якум тамоми он субъектоне дохил мешаванд, ки сайти худро доранд. Дорандагони сайт имконияти пурраи назорат кардани маводоҳои иттилотию эҷодии дар сайт мавҷудбударо доро мебошанд. Бинобар ин ҳангоми қонунвайроннамоӣ онҳо наметавонанд асос пеш оранд, ки дар сайти онҳо маводҳо зиёд аст ва онҳо имкони назорат карданро надоранд. Ҳатто вақте, ки дар чунин сайтҳо имкони гузоштани фикру ақидаҳо аз ҷониби дигарон (чат, форум ва ғ) вуҷуд дошта бошад, соҳибсайтон имкони модераторӣ кардани онҳоро доранд. Вақте дигарон дар сайт маълумоти ғайриқонунӣ ҷойгир намоянд, масъулият аз зиммаи соҳибсайтон хориҷ намешавад. Зеро, соҳибсайт имкони пурраи назорат ва хориҷ кардани маълумотҳои ғайриқонуниро доранд.

Дар боби 58 Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (дар таҳрири нав), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон , ки аз 3 апрели соли 2007, 172 тасдиқ шудааст [7], барои машғул шудан ба хизматрасонии контет – провайдерӣ гирифтани иҷозатномаи дахлдор муқаррар шудааст. Қобили зикр аст, ки ин гуна контент – провайдерон метавонанд соҳибкор мебошанд. Агар онҳо дар махзанҳои худ маводҳои иттилоотию эҷодии дигаронро ҷойгир ва тавассути сомонаашон паҳн намоянд ва аз ин фаъолият даромад ба даст оранд, пас онҳо соҳибкор ба шумор меравaнд.

Ба категорияи дуюм он провайдероне дохиланд, ки дорои серверҳо ва дигар технологияҳои бузург барои ҷойгир, сабт ва нигоҳ доштани маводҳои иттилоотию эҷодиро доранд. Онҳо соҳиби технология мебошанд ва дар заминаи ин технология ба соҳибсайтон ва дигар субъектон имкон медиҳанд, ки онҳо маводҳои худро дар асоси шартномаи хизматрасонии хостингӣ дар хотираи технологияи онҳо ҷойгир намоянд. Серверҳои хост-провайдерон доимо ба интернет пайванданд. Хусусияти кори хост – провайдерон дар он мебошад, ки онҳо имкони пурра назорат кардани тамоми маводҳои иттилоотию эҷодии ҷойгиршударо дар серверҳои худ надоранд. Ҳамзамон бисёр ҳолат маводҳо дар серверҳои хост – провайдер бо паролҳо ё дигар имкониятҳои техникии ноаён кардани маводҳо ҷойгир мешаванд, ё онҳо хусусияти шахсӣ доранд, ки дахлнопазиранд. Инчунин бисёр ҳолатҳо на худи хост-провайдерон, балки дар асоси шартнома соҳибсайтон маводҳоро дар серверҳои хост-провайдерон ҷойгир менамоянд. Ин ҷараён ба бозорҳо шабоҳат дорад. Масалан, соҳиби бозор бо ҳар савдогар шартнома баста имкон медиҳад, ки савдогар дар ҷойи муқарраршудаи бозор савдо намояд. Аммо соҳиби бозор имкони пурра назорат карданро надорад, ки савдогар ба чӣ кор машғул мешавад. Агар савдогар ягон моли мӯҳлаташ гузаштаро савдо намояд, барои ин амал ӯ мустақилона ҷавогар мешавад ва соҳиби бозор аз ҷавобгарӣ озод аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки хост-провайдер дар ҳолате, ҷавобгар мегардад, ки агар дар бораи маводи иттилоотию эҷодии ғайриқонунии дар серверҳои он мавҷудбуда дарак ёфта бошаду, аммо чораи нобуд ё маҳкам кардани онро наандешида бошад.

Дар фарқият аз провайдерони мазмун ва хост –провайдерон, вазъи ҳуқуқии интернет – провайдерон дар қонунгузори Тоҷикистон то дараҷае мушаххас шудааст. Масалан, интернет – провайдер, ғайр аз ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шартномавӣ, тибқи банди 15 Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ӯҳдадориҳоро доро мебошад (иттилоот, таъминоти барномавӣ ва дигар маҳсулоти дорои хусусияти иттилоотиро ҳифз намояд; маҳдуд сохтани воридшавӣ ба иттилооти ҳифзшуда ва хизматиро таъмин намояд ва ғайра).

Ҳамин тавр дар қонунгузории Тоҷикистон повайдер гуфта, танҳо интернет-провайдерон зери назар аст. Доир ба ҳуқуқу уҳдадориҳои хост-провайдерон ва провайдерони мазмун меъёрҳои ҳуқуқии хеле кам ба назар мерасад. Дар маҷмуъ ҳар се категорияи субъектҳоро ҳамчун миёнаравони иттилоотӣ номбар намуда, вазъи ҳуқуқиашонро мушаххас намудан зарур аст.

Вобаста ба ин масъала дар Кодекси маданӣ моддаи 1251 бо мазмуни зайл муқаррар шуд:

Моддаи 1251. Хусусиятҳои масъулият барои риоя накардани ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ

1. Шахсе, ки ба шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет, мавод пешниҳод менамояд, шахсе, ки имконияти ҷойгиронии мавод ё иттилооти барои гирифтани он заруриро бо истифодаи шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ пешниҳод

менамояд, шахсе, ки имконияти дастрасии маводро дар чунин шабака пешниҳод мекунад миёнарави иттилоотӣ ба ҳисоб рафта, барои риоя накардани ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ тибқи асосҳои умумии пешбининамудаи ҳамин Кодекс ҳангоми мавҷудияти гуноҳ бо назардошти хусусиятҳои муқаррарнамудаи қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур масъул мебошад.

2. Миёнарави иттилоотӣ, ки маводро ба шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ пешниҳод мекунад, барои риоя нагардидани ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, ки дар натиҷаи ин амал ба миён омадааст, ҳамзамон бо риояи шартҳои зерин масъул нест:

- он ташаббускори пешниҳод намудани мавод нест ва гирандаи маводи мазкурро муайян намекунад;

- он ҳангоми хизматрасонии алоқа маводро тағйир намедиҳад, ба истисноӣ тағйирот барои таъмини ҷараёни технологии додани мавод;

- он дар хусуси ғайриқонунӣ будани истифодаи натиҷаҳои дахлдори фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои фардикунонӣ аз ҷониби шахсе, ки барои додани маводи дорои натиҷаи дахлдор ё воситаи фардикунонӣ ташаббус нишон додааст, намедонист ва намебоист донад.

3. Миёнарави иттилоотӣ, ки имконияти дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ ҷойгир намудани мавод фароҳам меорад, барои риоя нагардидани ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, ки дар натиҷаи ҷойгиронии мавод дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ аз ҷониби шахси сеюм ё бо супориши он ба миён омадааст, ҳангоми риояи шартҳои мазкур аз ҷониби миёнарави иттилоотӣ масъул нест:

- он дар хусуси ғайриқонунӣ будани истифодаи натиҷаҳои дахлдори фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои фардикунонӣ, ки дар чунин мавод мавҷуданд, намедонист ва намебоист донад;

- он ҳангоми гирифтани аризаи ҳуқуқдор дар шакли хаттӣ оид ба риоя нагардидани ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ бо зикри саҳифаи сомона ва (ё) нишонии шабака дар шабакаи интернет, ки дар он чунин мавод ҷой дода шудааст, сари вақт чораҳои дахлдор ва кофиро барои қатъи вайронкунии ҳуқуқҳои зеҳнӣ андешидааст. Номгӯйи чораҳои дахлдор ва кофӣ ва тартиби амалисозии онҳо метавонанд бо қонун муқаррар карда шаванд.

4. Нисбат ба миёнарави иттилоотӣ, ки мутобиқи моддаи мазкур барои риоя накардани ҳуқуқҳои зеҳнӣ масъул нест, метавонанд талабот оид ба ҳифзи ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ (моддаҳои 1249 ва 1250 ҳамин Кодек) арз карда шаванд, ки ба татбиқи чораҳои масъулияти маданию ҳуқуқӣ вобаста нестанд, аз ҷумла оид ба нобуд кардани иттилооте, ки ҳуқуқҳои истисноиро халалдор месозанд ё оид ба маҳдудсозии дастрасӣ ба он.

5. Қоидаҳои моддаи мазкур нисбат ба шахсоне татбиқ мегарданд, ки имконияти дастрасӣ ба мавод ё маълумоти барои гирифтани он зарурирo бо истифодаи шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ пешниҳод менамоянд.

Қобили зикр аст, ки дар қисми 2 ва 3 мазкур ҳолатҳои истисноӣ ҷиҳати аз ҷавобгарӣ озод кардани миёнаравони иттилоотӣ муқаррар шудааст, аммо мутаассифона зикр нашудааст, ки ин ҳолатҳои истисноӣ, дар маҷмуъ бояд вучуд дошта бошанд. Умуман ворид намудани меъёрҳо доир ба миёнаравони иттилоотӣ дар Кодекси маданӣ як қадами ҷиддӣ ва мусбӣ дар ҳалқаи ҳуқуқҳои рақамӣ мебошад. Ба назари мо матни моддаи мазкур баъзе ҳолатҳои баҳснок дорад, ки дар бораи он мо дар мақолаҳои минбаъда муфассал хоҳем суҳбат кард.

Ҳамзамон дар таҷрибаи ҷаҳонӣ хориҷ, садгузорӣ ва полондани иттилоот дар интернет ҳамчун тарзи ҳимояи ҳуқуқ истифода мешавад. Онҳо чораҳои хусусияти техникию ташкилидошта мебошанд, ки натанҳо ба ҳуқуқҳои оммавии инсон (ҳуқуқ ба озодии сухан, озодии баён, дастрасӣ ба иттилоот), инчунин ба ҳуқуқҳои хусусии субъектон (ҳуқуқ ба ҳимояи моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқ ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ғ.) таъсиргузор мебошанд.

Шахсе, ки ҳуқуқаш тавассути паҳн намудани иттилот дар интернет, дар робита ба моликияти зеҳнӣ вайрон гардидааст, ниёз дорад, ки доир ба хориҷ намудани он аз интернет талабот пешниҳод намояд ё ҳадди ақал талаб намояд, ки нисбати ин гуна иттилоот садгузорӣ анҷом шавад. Ҳамин масъала дар қисми 4 моддаи 1251 муайян гардидааст.

Таҷрибаи давлатҳои гуногун доир ба ин масъала нишон медиҳад, ки одатан чунин масъалаҳо бояд бо тартиби то судӣ ҳал гардад. Яъне аввал ба худи ҳуқуқдорандаи (маъмури шабака) соҳибсайт ё ба дигар субъектон, ки имкони техникии ҳал кардани масъалаи мазкурро доранд, бояд муроҷиат кард. Агар соҳибсайт дар мӯҳлатҳои муайян ба ин муроҷиат ҷавоб

надиҳад, он гоҳ муроҷиат ба хост – провайдер зарур аст. Агар хост – провайдер низ ягон чорае наандешад, он гоҳ ба суд ё мақомоти ваколатдори соҳа барои хориҷ ё садгузории иттилооти ғайриқонунӣ дар интернет муроҷиат намудан зарур аст. Иҷроиши қарор дар бораи садгузорӣ ниҳоят ба провайдери интернет равона карда мешавад. Интернет -провайдер ба пуррагӣ метавонад ин ё он маводро дар ҳудуди хизматрасонии худ садгузорӣ намояд, лекин онҳоро наметавонад аз серверҳо, ки баъзан дар хориҷа қарор доранд, хориҷ намояд. Чунин пай дар пай анҷом шудани амалҳо дар таҷрибаи қонунгузории Россия мушоҳида мешавад. Ва умедворем, ки ҳангоми такмили қонунгузорӣ ҷараёни пай дар пай ҳал шудани масъалаҳои мазкур такмил меёбанд.

Ҳамин тавр ду масъалаи наве, ки дар Кодекси маданӣ муқаррар шудаанд: якумаш барои бо таври васеъ истифода бурдани моликияти зеҳнӣ равона шудааст, дуюмаш бошад барои ҳифзи моликияти зеҳнӣ. Ҳар дуи ин масъалаҳо бо технологияҳои навини иттилоотию коммуникатсионӣ дахл доранд. Умедворем, ки оянда қонунгузорӣ дар ин самт боз ҳам дақиқтар такмил хоҳад шуд.

## АДАБИЁТ


1. Использование лицензий Creative Commons в Российской Федерации. Аналитический доклад /Под ред. Ю.Е. Хохлова. – М.: Институт развития информационного общества, 2011. -С. 7.
2. Гаврилов Э.П. Комментарий к закону РФ "Об авторском праве и смежных правах". Судебная практика. - М.: Экзамен, 2002. - С. 203.
3. Сайти Асамблеяи байнипарлумонии ИДМ. http://www.iacis.ru/
4. Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ: зери таҳрири д.и.ҳ. проф. узви вобастаи АИ ҶТ Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр – граф, 2004. – С. 286.
5. Ниг.: Жарова А.К., Елин М.В., Демьянец М.В. Предпринимательская деятельность в сети интернет: Монография. – М.: ЮРКОМПАНИИ, 2014. – С. 61.
6. Гражданский кодекс РФ. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_64629/#dst0 / (санаи муроҷиат: 12. 05. 2019).
7. Махзани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Адлия. 7.00.

**КУДРАТОВ Н.А.**
**KUDRATOV N.A.**

Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии тиҷрати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент

Начальник управления науки и инноваций Таджикского государственного университета коммерции, доктор юридических наук, доцент

Head of Science and Innovation Department, Tajik State University of Commerce, Doctor of Law, Associate Professor

## ВЫДАЧА ГОСУДАРСТВЕННОЙ ТАЙНЫ В СОСТАВЕ ИЗМЕНЫ ГОСУДАРСТВА

## ДОДАНИ СИРРИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАРКИБИ ХИЁНАТ БА ДАВЛАТ

## DISCLOSURE OF STATE SECRETS IN THE COMPOSITION OF THE TREASON OF THE STATE

*В статье рассмотрено и анализировано выдача государственной тайны в составе объективной стороны измены государства. Объективная сторона ст. 305 УК РТ выражается в трех формах: а) шпионаж; б) выдача государственной тайны; б) иное оказание помощи иностранному государству, иностранной организации или их представителям в проведении враждебной деятельности. Установлено, что при измены государству непосредственная передача (выдача), а также ее опосредованная передача (выдача) должна квалифицироваться по ст. 305 УК РТ как выдача (передача) государственной тайны.*
***Ключевые слова:*** *безопасность, государства, конституционный строй, суверенитет, неприкосновенность территории.*

*Дар мақолаи мазкур додани сирри давлатӣ дар таркиби ҷинояти хиёнат ба давлат мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Тарафи объективии хиёнат ба давлат дар се шакл ифода меёбад: а) ҷосусӣ; б) додани сирри давлатӣ; в) ё расонидани дигар хел ёрӣ ба давлати хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ ё ба намояндагони онҳо дар фаъолияти душманонаашон. Муайян карда шуд, ки ҳангоми хиёнат ба давлат додани бевосита ва бавоситаи сирри давлатӣ ҳамчун хиёнат ба давлат бандубаст карда мешавад.*
***Вожвҳои калидӣ:*** *амният; давлат; сохти конститутсионӣ; соҳибихтиёрӣ; дахлнопазирии ҳудуд.*

*The article reviewed and analyzed the results of state secrets in the composition of the objective side of betrayal of the state. The objective side of Art. 305 of the criminal code is expressed in three forms: a) espionage; b) the issuance of state secrets; b) other assistance to a foreign state, a foreign organization or their representatives in carrying out hostile activities. It is established that when the treason direct transfer (extradition), as well as its indirect transmission (issuance) must be qualified under article 305 of the criminal code as the extradition (transfer) of state secrets.*
***Keywords:*** *security, states, constitutional order, sovereignty, inviolability of the territory.*

В УК Таджикской ССР 1961 г., объективная сторона состоялась из а) переход на сторону врага; б) шпионаж (двух видов); в) выдачу государственной или военной тайны иностранному государству; г) бегство за границу; д) отказ возвратиться из-за границы в СССР; е) оказание иностранному государству помощи в проведении враждебной деятельности против СССР; ё) заговор с целью захвата власти [1]. После реформа уголовного закона 1998 г. объективная сторона ст. 305 УК РТ выражается в трех формах:

- шпионаж;

- выдача государственной тайны;

- иное оказание помощи иностранному государству, иностранной организации или их представителям в проведении враждебной деятельности.

В практике Российской Федерации после проведенной реформы уголовного закона (2012 г.) появилась новая форма государственной измены – это оказание финансовой, материально-технической, консультационной или иной помощи иностранному государству, международной либо иностранной организации или их представителям в деятельности, направленной против безопасности РФ. На практике других государств объективная сторона измены государству охватывает почти составы всех преступлений, предусмотренные гл. 29 УК РТ.

Статья 46 Уголовного кодекса Канады имеет две степени измены, называемые «государственной изменой» и «изменой». Однако оба они относятся к исторической категории государственной измены, в отличие от мелкой измены, которая не существует в канадском законодательстве. Статья 46 гласит, государственная измена – это:

1) эти действия считается государственной измене,

а) убивает или пытается убить его величество или наносит ему какие-либо телесные повреждения, ведущие к смерти или разрушению, калечит или ранит его, заключает в тюрьму или удерживает его;

б) объявляет войну Канаде или предпринимает какие-либо подготовительные действия к ней; или

в) оказывает помощь врагу, находящемуся в состоянии войны с Канадой, или любым вооруженным силам, против которых канадские силы ведут боевые действия, независимо от того, существует ли состояние войны между Канадой и страной, чьи силы они представляют.

2) Измена, т.е. каждый совершает измену, если

а) использует силу или насилие с целью свержения правительства Канады или провинции;

б) без законных полномочий передает или предоставляет в распоряжение агента другого государства, помимо Канады, военную или научную информацию или любой эскиз, план, образец, статью, записку или документ военного или научного характера, которые, как ему известно, или должно быть известно, могут использоваться этим государством в целях, наносящих ущерб безопасности или обороне Канады;

в) сговаривается с любым лицом с целью совершения государственной измены или совершения чего-либо, упомянутого в пункте (а);

г) формирует намерение совершить что-либо, представляющее собой государственную измену или упомянутое в пункте (а), и проявляет это намерение в явном акте; или

д) вступает в сговор с любым лицом с целью совершения какого-либо деяния, упомянутого в пункте (б), или формирует намерение совершить какое-либо деяние, упомянутое в пункте (б), и проявляет это намерение в явном акте [2]. В ходе исследования будем учитывать позицию УК РФ и других зарубежных УК  с целю дальнейшего совершенствования УК РТ по ст. 305.

В доктрине уголовного права имеется позиция, согласно которой между понятиями «передача» и «выдача государственной тайны» существуют определенные разногласия. Многие ученые убедительно поддерживают мнение, согласно которой термины «передача» и «выдача» являются синонимами, так как в обоих случаях речь идет о сообщении государственной тайны одним и тем же «адресатом». Так, существительное «передача» является производным от глаголов «передать» – «передавать».

В словаре русского языка, они означают «отдать», «распространять», «вручать», «сообщать кому-нибудь», «воспроизвести», «изложить», «довести до кого-нибудь», «изобразить», «рассказать что-либо, узнанное от кого-либо другого», «переслать», «направить в другой адрес» [3].

В ст. 305 УК РТ (ст. 275 УК РФ) выдача государственной тайны выражается в действиях, связанных с передачей адресатом (иностранные государства, иностранные организации или их представители) указанных сведений лицом, которому они были доверены по службе или работе либо стали известны иным путем, за исключением их собирания либо похищения. В этом состоит отличие выдачи государственной тайны от шпионажа, при котором передаются либо

хранятся с целью передачи сведения, которыми лицо не располагает по службе (работе), пишет С.В. Дьяков [4]. Кроме этого, при выдаче государственной тайны виновник предварительно не собирает или не похищает информации, являющейся специально охраняемыми тайнами, эти информации в его распоряжение было доверены по силе служебного положения.

Согласно мнением А.В. Наумова и А.Е. Беляева «выдача» государственной тайны имеет место, когда субъект располагает соответствующими сведениями, получив к ним доступ по службе или работе, либо в силу своего особого правового статуса, например, в качестве судьи или адвоката[5]. Н.А. Ныркова считает, что выдачу государственной тайны осуществляет лицо, которое стало обладателем подобной информации не только по службе или по работе, но и любым законным способом[6].

С точки зрения О.А. Чувакова, включение в уголовное законодательство дополнительной формы государственной измены (выдача государственной тайны) нецелесообразно, ибо она вполне соответствует признакам шпионажа, что уже охватывает такую форму предательства, как передача сведений, составляющих государственную тайну. Он пишет, что согласно положений филологической науки термины «передача» и «выдача» являются разными грамматическими единицами того же слова – «дача», которые различаются между собой приставками «пере» и «вы». В этом случае перестановка таких префиксов, что, вероятно, и позволила расширенно трактовать исследуемые понятия, как правило, не меняет лексического содержания слова, потому что эти префиксы представляют собой синонимичные морфемы (значимые части слова) [7]. Толкование учеными-филологами терминов «выдача» и «передача» как имеющих то же содержание-вручение[8], доказывает утверждение позиции О.А. Чувакова и других ученых о тождественном определении любых процессов такими существительными, где тот же корень видоизменен одинаковыми по смысловому значению префиксами.

Государственная тайна - это информация доступа, которая ограничена государством, и она отражена в материальных объектах, в том числе физических полях, в которых сведения, составляющие государственные тайны, находят свое отображение в виде символов, образов, сигналов, технических решений и процессов. Исходя из этой, доктрины информационного права и теории передачи информации[9] не предпочитают удачным использование термин «выдача» в УК РТ и других стран СНГ. Информацию не выдают, а передают, независимо от того, что она была доступна лицом по службе или работе, исходя из этого, в работе мы используем термин «передача» в место «выдачи». Другим аргументом обоснованность использования термина «передача» в отношении государственной тайны заключатся в ее отражении в нормативных актах различных структур (ведомств). Например, Приказом Начальника Главного управления по вопросам государственных секретов при Правительстве РТ от 5 апреля 2000 года № 24 было утверждено «Положение о подготовке к передаче сведений, составляющих государственную тайну, другим государствам».

Передача государственной тайны состоит из действий как разглашение, переносе ее иностранному государству, иностранной организации или их представителям посредством человека и сигналов различной физической природы (по электрическим, электромагнитным, оптическим и другим каналам), если эти действия совершены гражданином РТ с враждебной целю и в ущерб суверенитету, территориальной неприкосновенности, обороноспособности или внешней безопасности РТ. В общем смысле, передача государственной тайны - это заблаговременно (умышленно) организованное физическое и техническое мероприятие (без признаков предварительного собирания или похищения), результатом которого становится воспроизведение информации, имеющееся в одном месте (так называемый источник информации), в другом месте (приёмник информации).

Передача сведений составляющие государственную тайну в каждом отдельном случае осуществляется по решению Президента РТ при наличии экспертного заключения Главного управления по вопросам государственных секретов при Правительстве РТ (ГУВГС) о возможности передачи этих сведений. Таким образом, основная суть ст. 305 УК РТ заключается в нарушении указаний предписаний.

В свое время ст. 305 УК РТ в области передачи (выдачи) государственной тайны имело бланкетный характер и ссылался на положение ст. 31 Закона РТ «О государственных секретах», где установлен порядок передачи сведений, составляющих государственные секреты, иностранным государствам, международным и межгосударственным организациям. Для принятия

решения о передаче конкретных сведений, составляющих государственные секреты, иностранным государствам, международным и межгосударственным организациям (адресатам) государственные органы вносят в уполномоченный государственный орган мотивированное предложение, согласованное с государственными органами, наделенными в соответствии со статьей 19 Закона РТ «О государственных секретах» полномочиями по распоряжению сведениями, составляющими государственные секреты. Экспертное заключение о возможности и целесообразности передачи сведений составляющих государственные секреты, иностранным государствам, международным и межгосударственным организациям выносит со стороны уполномоченных государственных органов. При наличии экспертного заключения соответствующего органа, Президент РТ, выносит распоряжение, где указано о передаче сведений, составляющих государственные тайны РТ, иностранным государствам, международным и межгосударственным организациям.

Нарушение указанной процедуры по передаче государственной тайны адресатам со стороны уполномоченных лиц образует состав ст. 305 УК РТ и квалифицируется как незаконная выдача (передача) государственной тайны.

Таким образом, анализ доктрины уголовного права отраслевых законодательств даёт нам возможность сформулировать понятие передачи государственной тайны. Под передачей другим иностранным государствам, иностранным организациям или их представителям (адресат) - понимается доведение до адресата каким-либо способом (передача, пересылка, ознакомление, осуществление доступа) государственной тайны.

В передаче государственной тайны особый интерес вызывает два вида формы участия виновника. Первый – виновник, на которого по законодательству возложена обязанность по изготовлению, пользованию, сохранности, передаче, транспортировке и учету носителей сведений, составляющих государственные тайны, и к их хранению. Второй – виновник даёт возможность ознакомиться сведениями другому лицу (преступнику) не имеющему частного доступа к государственной тайне, и последний используя служебное положение, передает тайную информацию заказчикам. Как правило, это будет иметь место в оценочных, исследовательских и производственных заказах на предприятиях, в научно-исследовательских институтах и экспериментах. Например, руководитель государственных органов и организаций с целю дальнейшей передачи государственной тайны, преднамеренно (осознано в ущерб суверенитету, территориальной неприкосновенности, обороноспособности или внешней безопасности РТ) даёт допуск гражданину РТ к сведениям, составляющим государственные тайны, он по закону не имел право на это, а последний в дальнейшем передает тайну адресатам.

Таким образом, непосредственная передача (выдача), а также ее опосредованная передача (выдача) должна квалифицироваться по ст. 305 УК РТ как выдача (передача) государственной тайны.

Способы передачи государственной тайны на квалификацию преступления не влияет. Государственная тайна, возможно, передается через материальные носители (карты, копии документов, схемы, флешкарты, компакт-диски), системы спутниковой связи, сотовой связи, пейджинговой связи, транкинговой связи, системы теле и радиовещания, системы радиодоступа, беспроводные телефонные аппараты, системы автоматизированного сбора информации, управления по радиоканалам, глобальную сеть (интернет), а также устно и по халатности.

Относительно выдачи государственной тайны в ст. 305 УК РТ есть существенный недостаток в отношении адресата. Практика последних событий произошедших в РТ, такие как попытка государственного переворота и измена государства со стороны экс полковника Минобороны РТ Махмуда Худойбердиева, заместителя минобороны РТ генерала А. Назарзода в совместительстве с ПИВТ во главе М. Кабири, присоединение командира ОМОН РТ Г. Халимова к ИГИЛ, измена государства со стороны Хабиба Насруллоева (бывшего депутата парламента РТ), Каромата Ятимова (бывшего депутата парламента РТ), Якуба Салимова (бывшего министра МВД РТ) показывает, что их действия были связаны с выдачей государственной тайны гражданам Таджикистана, национальным организациям и политическим партиям, с целю нанесения ущерба суверенитету, территориальной неприкосновенности, обороноспособности или внешней безопасности Республики Таджикистан. Указанные лица в своих криминальных действиях использовали и потом передавали государственную тайну своим сторонникам с целью ее дальнейшего использования против государства.

Исходя из этого, предлагается расширение кругов адресата, и включить в них граждан Таджикистан, национальные политические партии и организации.

Передача признается оконченным преступлением с того момента, когда сведения, составляющие государственную тайну, оказались во владении иностранного адресата, т.е. иностранного государства, иностранной организации или их представителей, которые проводят враждебную деятельность против Республики Таджикистан.

**Исползованная литература**


1. УК Таджикской ССР. Душанбе, 1978
2. Treason and other Offences against the Queen's Authority and Person. Government of Canada // https://laws-lois.justice.gc.ca/eng/acts/C-46/page-7.html#h-13 (Дата обращения 27 апреля 2019 г.); Gold, Samantha (February 28, 2017); Treason: A Crash Course on the Gravest National Crime. Forget the Box Media. // https://www.forgetthebox.net/treason-a-crash-course-on-the-gravest-national-crime-201702281/ (Дата обращения 27 апреля 2019 г.)
3. Ожегов С.И. Словарь русского языка. 12-е издание, стереотипное. - М.: Издательство «Русский язык», 1878. - С. 459–460; Словарь русского языка в четырех томах. Издание второе, исправленное и дополненное. Том III. - М.: Издательство «Русский язык», 1984.- С. 58;
4. Дьяков С.В. Преступления против основ конституционного строя и безопасности государства: уголовно-правовое и криминологическое исследование. 2-е изд. - СПб.: Издательство «Юридический центр-Пресс», 2012. - С. 38
5. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под редакцией А.В. Наумова. - М.: Юристъ, 1996. - С. 671; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под редакцией В. И. Радченко. - М.: Вердикт, 1996. -С. 492.
6. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под редакцией А. И. Бойко. - Ростов на Дону. Феникс, 1996. - С. 532.
7. Чуваков О.А. Кримінально-правова протидія злочинам проти основ національної безпеки України: теорія і практика (Уголовно-правовое противодействие преступлениям против основ национальной безопасности Украины: теория и практика). Дисс. док. юрид. наук. - Одесса, 2017. - С. 246
8. Даль В. И. Толковый словарь русского языка. Современная версия. – М.: ЭКСМО-Пресс, 2002. - С. 203; 640 с. Ожегов С. И. Словарь русского языка / под ред. Н. Ю. Шведовой. 15-е изд. – М.: Рус. яз., 1984. - С. 232 816 с.
9. Игнатов В.А. Теория информации и передачи сигналов: Учебник для вузов. – М.: Сов. радио, 1979. - 280с.; Шувалов В.П. и др. Передача дискретных сообщений: Учебник для вузов. – М.: Радио и связь, 1990. - 464 с.; Сорока Н.И., Кривинченко Г.А. Теория передачи информации. Учебное пособие. - Минск, 2005. - 126 с.; Литвинская О.С., Чернышев Н.И. Основы теории передачи информации: учебное пособие. - М.: КНОРУС, 2010. -168 с. и др.

**КУДРАТОВ Н.А.**
**KUDRATOV N.A.**

Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии тиҷрати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент

Начальник управления науки и инноваций Таджикского государственного университета коммерции, доктор юридических наук, доцент

Head of Science and Innovation Department, Tajik State University of Commerce, Doctor of Law, Associate Professor

# ПОСЯГАТЕЛЬСТВА НА ЖИЗНЬ ГОСУДАРСТВЕННОГО ДЕЯТЕЛЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК ВИД ТЕРРОРИЗМА

# ТАҶОВУЗ БА ҲАЁТИ АРБОБИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН НАМУДИ ТЕРРОРИЗМИ СИЁСӢ

# INFRINGEMENTS ON THE LIFE OF A STATE ACTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AS A POLITICAL TERRORISM

***Аннотация:*** *В статье рассмотрено понятие политического терроризма, и раскрыто сущность и содержание посягательства на жизнь государственного деятеля Республики Таджикистан как политического терроризма. Исходя из Закона РТ «О государственной службе» и Указа Президента Республики Таджикистан «О Реестре государственных должностей Республики Таджикистан» предложено, что государственные деятели - это лица занимающие государственные должности государственной власти и политические должности государственной службы.*

***Ключевые слова:*** *терроризм; политический терроризм; государственный деятель; насилие; индекс терроризма; политический инструмент.*

***Аннотатсия:*** *Дар мақолаи мазкур мафҳуми терроризми сиёсӣ дода шуда, ҳамчунин ба моҳият ва мазмуни таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун терроризми сиёсӣ равшанӣ андохта шудааст. Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи номгӯи вазифаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешниҳод гардидааст, ки арбоби давлатӣ ин шахсоне мебошанд, ки вазифаҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ва вазифаҳои сиёсии хизмати давлатиро ишғол намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *терроризм; терроризми сиёсӣ; арбоби давлатӣ; таҷовуз; индекси (нишондиҳандаи) терроризм; воситаи сиёсӣ.*

***Annotation:*** *The article discusses the concept of political terrorism, and discloses the essence and content of the assault on the life of a statesman of the Republic of Tajikistan as political terrorism. Based on the Law of the Republic of Tajikistan "On Public Service" and the Decree of the President of the Republic of Tajikistan "On the Register of Public Positions of the Republic of Tajikistan", it is proposed that government officials are persons holding public office of government and political office.*

***Key words:*** *terrorism; political terrorism; statesman; violence; terrorism index; political tool.*

Дефиниция «террор» происходит от латинского «terror», что означает «ужас или непредсказуемая опасность». Согласно Оксфордскому словарю английского языка, слово «тер-

рор» было впервые упомянуто в 1795 году в «Мысли о французской революции» Э. Бёрка, где якобинцы использовали массовый террор как политический инструмент для легитимации гражданских лиц [1, с. 124]. В последних исследованиях термин «терроризм» выводят из французского «terroriser», что означает запугивать насилием, держать в состоянии постоянного страха. В современном понимании он означает «оппозиционную деятельность экстремистских организаций или отдельных лиц с целью систематического или единичного использования насилия (или его угрозы) с целью запугивания любого (правительства, партии, населения, группы и т. п.)» [2].

Если терроризм можно определить в обществе как одну группу людей, использующих насилие для запугивания другой группы, то можно сказать, что терроризм существовал с первых человеческих групп. Однако переход к литературе как политическому термину произошел с Французской революцией XVIII века. В последующие 1789 г., когда режим Якобинской конвент возглавлял Францию, терроризм стал предметом политики и права. Этот период охватывает 13-месячный период, известный как Reign de la Terreur (царствование террора) (1789/1790). Действия якобинцев под руководством М. Робеспьера оставили свой след в этот период. Целью насильственных действий в этот период является искоренение анти-революционеров в обществе и недопущение монархии к управлению страной.

Терроризм как методов политической борьбы, который используют в крайних случаях для достижения политических целей в различных кризисных ситуациях был и остается. Причинами использования терроризма в основном являются острые противостояния, связанные с социальной несправедливостью, религиозными и территориальными противоречиями, застоем общества. К нему прибегают тогда, когда не видят иного пути либо в связи с отсутствием других ресурсов борьбы, или стремятся радикально изменить поведение людей, запугав их актами террора.

Терроризм трансформируется и приобретает транснациональные черты, что превращает его в глобальную проблему. Он не только дестабилизирует ситуацию в определенной стране, но и нарушает систему безопасности мирового порядка. Сегодня даже самые мощные государства как США, Англия, РФ, Германия, Франция не в состоянии (силах) обеспечить безопасность своих граждан, и угроза терроризма остается одной из основных опасностей для политической жизни. Эта опасность не только не снижается, но и год за годом даже возрастет.

«В 2021 году в Республике Таджикистан зарегистрировано 707 наркопреступлений, что по сравнению с 2020 годом всего лишь на 7 преступлений больше. Количество преступлений, зарегистрированных по статье 200 УК РТ, предусматривающей ответственность за незаконный оборот наркотических средств и психотропных веществ с целью сбыта, составляет наибольшую долю от всех наркопреступлений. В 2021 году по статье 200 УК РТ зарегистрировано 537 преступлений, что по сравнению с 2020 годом больше на 5%. Незаконное обращение с наркотическими средствами или психотропными веществами квалифицируется статьей 201 УК РТ. За 2021 год по данной статье зарегистрировано 83 преступления, что на 8 преступлений или 9% меньше, чем в 2020 году. Таким образом, доля преступлений по ст.201 УК РТ в общем числе наркопреступлений снизилась до 12%. Доля иных зарегистрированных преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков, в 2020-2021 годы составляла 3-4%.

В 2021 году в Республике Таджикистан из незаконного оборота изъято 3 тонны 132 кг наркотиков каннабисной группы, что в 2,1 раза больше, чем в 2020 году. Почти весь объем данных веществ составляет гашиш – 95,5%, который ежегодно преобладает в данной группе наркотиков. В 2021 году, по сравнению с 2020 годом, увеличение изъятий наркотиков каннабисной группы отмечено во всех регионах страны, а в трех из них в раза» [2, с. 82].

Наркотические вещества негативно влияют на здоровье человека и сокращают ее жизнь в 4-5 раз. Треть наркоманов умирают в течение 5 лет после начала употребления наркотиков, а средний возраст жизни хронического наркомана не превышает 30 лет [5, с. 111–112]. Поэтому сегодня важно определение мер, направленных на предупреждение и недопущение употребления наркотиков и преодоления наркомании.

Ученые считают, что наркомания (от греческого narke – оцепенение и mania – страсть, безумие) – это болезнь. Заболевание ею относится к группе так называемых аддиктивных заболеваний - болезней зависимости, поскольку зависимость у наркомана проявляется от химических веществ – наркотиков. Наркоманию (с некоторыми другими видами зависимости, например, алкоголизмом) еще называют "химической зависимостью". Она являет собой физиологическую потребность организма в очередной дозе наркотического вещества. Учитывая, что наркотик входит в процесс обмена веществ, то если вещество перестанет поступать в организм, человек переживет наиболее тяжелое состояние – абстиненцию (от лат. abstinentia – сдерживание), ломку.

Причем, и потребность в наркотике, и "ломка", в случае его отсутствия, никак не зависят от воли человека, как, например, кашель больного туберкулезом не зависит от его желания [1, с. 51].

При недостаточном уровне в организме человека для нормальной работы нервной системы (нормального эмоционального самочувствия) особого вещества - эндорфинов человек начинает употреблять схожее по своему действию с ними наркотическое вещество – морфий. И часто впервые она чувствует себя "в норме" только после употребления наркотиков именно потому, что они повышают уровень эндорфинов в ее организме.

Наука и практика свидетельствуют, что после того, как мозг человека начинает получать большое количество морфин снаружи (героин) или привыкает к постоянной сильной стимуляции (кокаин, алкоголь), он со временем перестает производить собственные эндорфины. Такой человек становится наркоманом и впадает в тяжелое состояние: боли, сильные депрессии, отсутствие сил и чувство пустоты.

Исследовано, что у наркоманов нарушение сердечно-сосудистой системы проявляется болью в области сердца, нарушением ритма его сокращений, одышкой, сердцебиением. Ученые отмечают, что приемы кокаина вызывают необратимые поражения мышцы сердца, что проявляется утратой способности ее клеток к сокращению. Это приводит к нарушению работы сердца вплоть до острой сердечной недостаточности и внезапной смерти.

Также важно знать, что вследствие употребления наркотиков у человека развиваются так называемая токсическая нефропатия с развитием острой почечной недостаточности. А у тех, кто вдыхает наркотические яды, поражаются органы дыхательной системы и угнетается их функция. У многих наркоманов, вдыхающих наркотические яды, развиваются бронхиальная астма, хронический бронхит, трахеит, вызывающие раздражительный кашель. В результате вдыхания наркотиков развиваются предраковые процессы, а затем и рак.

Если прекратить прием химических веществ, то через некоторое время выработка собственных эндорфинов организмом наладится. Однако этому человеку придется пройти через адовые мучения – ломку. Благополучно пережив ее, наркоман очень быстро возвращается в прежнее состояние. Это происходит потому, что кроме физического у него сформировалась и психическая зависимость от наркотиков, то есть психологическая, душевная потребность в возвращении в состояние наркотического опьянения. И это также проявление болезни. Психически зависимый человек уже не может без наркотиков испытывать положительные эмоции, а состояние его здоровья находится под угрозой.

Статистические данные ВОЗ свидетельствуют, что средний возраст, при которому человек начинает принимать наркотические препараты, на сегодняшний день составляет 12-17 лет. Каждый год в мире от передозировки наркотиков, по данным Комиссии по наркотическим веществам при ООН, умирают не менее 190 тыс. человек. Большинство из них – молодежь [4].

«Сравнительный анализ количества больных наркоманией, находящихся на учете в учреждениях наркологической отрасли Республики Таджикистан показал, что наркоситуация в последние годы улучшается, количество больных наркоманией в 2020 году составило 5099 человек, в 2021 году их количество уменьшилось на 350 человек или на 6,86%. Из общего количества больных наркоманией, состоящих на официальном учете, в 2020 году женщины составляли 110 человек, в 2021 году этот показатель уменьшился на 3 человека, и равняется 107 человек. Из 4749 зарегистрированных наркозависимых 1124 человек находятся в возрасте от 18 до 34 лет, 3509 человек – от 35 до 59 лет и от 60 лет и свыше – 116 человек. На учете в наркологических диспансерах не имеется на одного человека возрастом до 17 лет. В связи с видом употребляемых наркотиков больше всего зарегистрировано потребителей героина – 3385 человек, из которых 2470 человек употребляют наркотики инъекционным способом» [3, с. 102].

Анализ сложившейся ситуации позволяет констатировать тот факт, что в условиях экономического кризиса и его углубления, связанного прежде всего с международным экономическим и финансовым кризисом, состоялось потеря четких социальных ориентиров, снижение престижа честного труда, разрушились установки здорового образа жизни. На этой основе произошло увеличение масштабов наркомании, что стало для определенной части населения способом решения жизненных проблем, а преступная деятельность в сфере незаконного оборота наркотических веществ – непосредственным источником получения доходов.

Для предупреждения и недопущения употребления наркотиков гражданам необходимо:

- усиление уголовной ответственности за преступления в сфере незаконного оборота наркотических средств, психотропных веществ и их аналогов;
- совершенствование механизмов координации правоохранительных органов с гражданским обществом по вопросам создания атмосферы нетерпимости к наркотикам в обществе;
- пропагандировать среди широких слоев населения ведение здорового образа жизни с сосредоточением особого внимания на детях, учащейся и студенческой молодежи, создание условий для его применения, формирование навыков неприятия употребления психоактивных веществ;
- государственным органам власти и институтам гражданского общества тесно взаимодействовать со средствами массовой информации для повышения уровня осведомленности население, предоставление объективной, научно обоснованной информации об опасностях, связанных с употреблением наркотиков;

-правоохранительным органам страны разработать комплексные меры по противодействию незаконному обороту наркотиков:

-предотвращение ввоза наркотиков через государственную границу, перевозку в целевые точки поставки, их выращивание, производство, массовое незаконное распространение.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Куреннов, И. П. (2009). Большая энциклопедия народной медицины. Москва: Мартин.
2. Обзор о наркоситуации в Таджикистане за 2021 год. С.102.
3. Преступники или пациенты: как победить наркоманию в Украина. Что такое государственная наркополитика и почему она не всегда срабатывает. Взято с https://mind.ua/.
4. Юноша, В. Ю. (2001). Наркомания – дорога в бездну. К.: Здоровье. ru/openmind/20182727-prestupniki-ili-pacienty-kak-pobeditnarkomaniyu-v-ukraine.
5. Полищук, М. (2007, Ноябрь 14). Это должно объединить политиков и найти понимание среди людей. Голос Украины. С. 3.

**САМАДОВ Б. О.**
**SAMADOV B. O.**

Мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент

Заведующий кафедрой предпринимательского и международного права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук, доцент

Head of Department of entrepreneurship and international law of Tajik State University of Law, business and politics, associate Professor

E-mail: bakhtiyor_77@mail.ru
Тел: +992 92 773 05 67

## МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ СУҒУРТАИ ҶАВОБГАРИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

## ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ СТРАХОВАНИЯ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

## LEGAL QUESTION OF THE INSURANCE OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY

***Аннотатсия:*** *Танзими ҳуқуқии суғурта дар фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи қонунгузории Тоҷикистон дар мақолаи мазкур баррасӣ гардидааст. Хусусияти ҳуқуқии суғуртаи фаъолияти соҳибкорӣ қонунан пешбинӣ шуда, моҳияти он аз мазмуни меъёрҳои қонун бармеояд. Моҳият ва зарурияти суғуртаи ҷавобгарии фаъолияти соҳибкорӣ аз руйи талаботи қонун, амалияи соҳибкорӣ дар замони муосир дарбар гирифта шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *суғурта, қонунгузорӣ, соҳибкорӣ, ҳифзи ҳуқуқ, таваккалӣ, ҷавобгарӣ, манфиатҳои молу мулкӣ.*

***Аннотация:*** *В настоящей статье рассматривается правовое регулирование страхования в предпринимательской деятельности в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан. В соответствии с законодательством раскрываются особенности правового обеспечение страхования предпринимательской деятельности. Обращено внимание сущности и значению страхования ответственности предпринимательской деятельности в соответствии с требованиями законодательства, практики реализации в современных условиях.*

***Ключевые слова:*** *страхование, законодательство, предпринимательство, защита прав, риск, ответственность, имущественные интересы.*

***Annotation:*** *This article discusses the legal regulation of insurance in business activities in accordance with the current legislation of the Republic of Tajikistan. In accordance with the legislation, the features of the legal support of business insurance are disclosed. Attention is drawn to the essence and significance of business liability insurance in accordance with the requirements of the legislation, implementation practice in modern condition.*

***Key words****: insurance, legislation, entrepreneurship, protection of rights, risk, liability, property interests.*

Ғояи асосии суғуртакунӣ дар табиати соҳибкорӣ ҷойгир аст. Дар асоси суғуртакунӣ хавфи шахс нисбати имконияти пеш омадани ҳодисаҳои муайяну ғайричашмдошт гузошта шуда, ўро

маҷбур менамояд, воситаҳои бартараф кардан ва сабук гардонидани оқибати он, аз ҷумла роҳҳои ҷамъ овардани воситаҳо «ба рӯзи сиёҳ»-ро андешад.

Суғурта маҷмӯи чорабиниҳо оиди ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоии шаҳрвандон буда, фаъолиятест, ки ба таъмини ҳимояи манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз оқибатҳои ҳодисаҳои муайяну ғайричашмдошт (ҳолатҳои суғурта) аз ҳисоби хазинаҳои пули аз пардохтҳои (ҳаққи аъзогӣ) ташкилёфта равона гардидааст.

Дар мавриди бо молу мулк рух додани ҳодисаи суғурта суғуртапулӣ дар шакли талофии суғурта, дар мавриди бо шахси суғурташаванда ё шахси дигар рух додани ҳодисаи суғурта бошад, дар шакли маблағи он пардохта мешавад. Мафҳуми қонунии фаъолияти соҳибкорӣ ишора ба он менамояд, ки ин фаъолият зери таваккалии молу мулк бо мақсади ба даст овардани фоида равона карда мешавад (банди 3, моддаи 1 КГ ҶТ[1]). Олимон қайд менамоянд, ки «таваккалӣ барои дуруст дарк намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар ниҳоди танзими суғуртакунӣ мавқеи махсусро ишғол намудааст»[5, с. 77]. «Тарс дар назди таваккалӣ шахсро маҷбур менамояд, ки нисбати пешгирӣ кардани ҳодисаҳои нохуш баҳри ҳифзи манфиатҳои молу мулки худ чораҳои зарур андеша намояд»[7, с. 33].

Дар ин радиф, дар ҳуқуқи соҳибкорӣ таваккалии соҳибкорӣ ҷойи худро дорад. Яъне, таваккал ба даст наовардани даромади дар назардошта дар фаъолияти соҳибкорӣ аз вайрон кардани уҳдадориҳои худ аз ҷониби тарафҳои дигари соҳибкорӣ ё тағйир додани шарти ин фаъолият марбут ба ҳолатҳое, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, вобастагӣ дорад.

Олимон қайд мекунанд, ки «дар шароити нави хоҷагидорӣ суғурта ҳимояи молиявии фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо аз таваккали анъанавӣ, балки аз оқибатҳои манфӣ низ мебошад. Суғурта қисми муҳими таркибии низоми чорабиниҳо оид ба таъмини қудрату тавоноии молиявии корхонаю ташкилотҳо, қатъи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо ба ҳисоб меравад»[6, с. 312].

Аз руйи моҳияти худ, суғуртакунӣ намуди мустақили фаъолияти соҳибкориро мефаҳмонад, ки ҳуқуқи машғул шудан бо ин намуди фаъолият танҳо ба субъектони махсус, ташкилотҳои суғурта, ҷамъиятҳои суғурта, шахси ҳуқуқие, ки шакли ташкилию ҳуқуқии он бо қонунгузории Тоҷикистон пешбинӣ шуда, барои амалигардонии фаъолияти суғурта ташкил ёфта, иҷозатнома гирифтааст, иҷозат дода шудааст.

Зери фаъолияти суғуртакунӣ доираи васеи хидматрасонии суғуртакунандагон, яъне ин суғуртаи шахсӣ, амвол, аз нав суғурта кардан, суғуртаи мутақобила, инчунин, доираи хизматрасонии брокерҳо ва агентони суғурта фаҳмида мешавад. Яке аз самтҳои асосии суғуртакунӣ ин пешгирии ҳодисаи суғурта ва кам кардани зиёни маҷмӯи чорабиниҳо, аз ҷумла маблағгузорӣ кардани тадбирҳо оид ба роҳ надодан ва ё камтар кардани оқибатҳои манфии фалокату офатҳоро дар назар дорад; ҷуброни зиён ва таъмини манфиатҳои моддии шаҳрвандон мебошад.

Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон танзими ҳуқуқи суғуртакунӣ, хизматрасонии суғурта дар фаъолияти соҳибкорӣ сарчашмаи худро аз меъёрҳои пешбининамудаи Кодекси гражданӣ (қисми 2, боби 51) асос мегирад. Суғурта дар асоси шартномаҳои амвол ё суғуртаи шахсӣ, ки байни шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ (суғурташаванда) бо ташкилоти суғурта (суғуртакунанда) баста шудааст, анҷом дода мешавад (моддаи 1013 КГ ҶТ).

Мувофиқи қонунгузории амалкунанда шаклҳои ихтиёрӣ ва ҳатмии суғурта дар фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ гардида (банди 2 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»[2-]), ба танзими ҳуқуқӣ дароварда шудааст. Ҳарчанд, асоси ба миён омадани уҳдадориҳо аз руйи суғуртакунии ихтиёрӣ танҳо хоҳиши озодонаи тараф, иштирокчиёни муносибатҳо буда, дар суғуртаи ҳатмӣ ба шахси суғурташаванда қонунан уҳдадориҳо, дар ҳолатҳои муайян, ба монанди ҳаёт, саломатӣ, молу мулк ё ҷавобгарии гражданӣ дар назди дигар шахсон аз ҳисоби худ ё шахсони манфиатдор вогузор карда шудааст.

Баробари ҳамин, якчанд қонунҳо ниҳоди суғуртакуниро дар соҳаи мазкур ба танзим даровардааст. Ба монанди, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №1719, аз 7 августи соли 2020 «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт»[3] №540 аз 5 августи соли 2009 «Дар бораи суғуртаи мутақобила»[4] ва ғайра, муносибатҳо оид ба суғурта дар байни ташкилотҳои суғурта ва шаҳрвандон, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва байни ташкилотҳои суғурта танзим, инчунин, шартҳои асосии назорати давлатиро ба фаъолияти суғурта муқаррар мекунад.

Баробари ҳамин, суғуртаи ихтиёрӣ низ қонунан ба танзим даровaрда шудааст. Мисли шакли ихтиёрӣ суғуртакунии ҳатмӣ дар асоси шартнома татбиқ карда мешавад. Ҳолатҳои истисноиро намудҳои гуногуни суғуртакунии ҳатмӣ ташкил медиҳанд, суғуртакунии ҳатмии давлатӣ, ки аз ҳисоби воситаҳои буҷети дахлдор амалӣ мегардад. Объекти суғуртакунии ҳатмии давлатиро ҳаёт, саломатӣ, молу мулки гуруҳи муайяни хизматчиёни давлатӣ ифода мекунад.

Суғуртаи шахсӣ (ихтиёрӣ) ва ҳатмиро КГ ҶТ асоснок менамояд. Мувофиқи моддаи 1020 КГ ҶТ, қонунгузор муайян менамояд, ки тибқи шартномаи суғуртаи шахсӣ як тараф (суғурташаванда) ӯҳдадор мешавад, ки тибқи пардохти дар шартнома қайду шартшуда (мукофоти суғурта), ки аз тарафи дигар пардохта мешавад (суғуртакунанда), дар ҳолати расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии худи суғуртакунанда ё шаҳрванди дигари дар шартнома зикргардида (шахси суғурташуда) бо расидан ба синну соли муайян ё дар ҳаёти ӯ фаворасии рӯйдоди дигари дар шартнома пешбинишуда (ҳодисаи суғурта) якдафъаина ё давра ба давра маблағи қайду шартшударо мепардозад. Муқаррароти қонунгузорӣ дар доираи ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ низ ба амал бароварда мешаванд.

Амалияи татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ масъалаҳои татбиқи ҳуқуқиро ба миён овардааст. Дар соҳаи амалисозии соҳибкорӣ муқаррар карда шудааст, ки тибқи шартномаи суғуртаи таваккали соҳибкорӣ танҳо таваккали соҳибкории худи суғуртакунанда ва танҳо ба манфиати вай суғурта шуданаш мумкин аст. Ҳарчанд, дар муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ манфиатҳои молу мулкӣ ҷойи асосиро ишғол менамояд, фоида ба даст овардан мақсади асосии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Маҳз, суғуртаи ҷавобгарии соҳибкорӣ баҳри ҳифзи манфиатҳои қонунии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ гардида, равона карда шудааст.

## АДАБИЁТ


1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қ. 1, 2, 3. (Матни расмӣ). – Душанбе, 2021.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», банди 2 моддаи 4 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016 г., №7, мод. 627; Қонунҳои ҶТ аз 02.01.2018 с., №1487; аз 02.01.2019 г., №1573.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибоник воситаҳои нақлиёт» // www.mmk.tj (санаи муроҷиат 10.01.2023).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: соли 2009 №7-8, мод. 495; Қонуни ҶТ аз 8.08.2015 с., №1224.
5. Золотухин А. В. Правовое обеспечение страхования предпринимательских рисков в гражданском праве Республики Таджикистан. Диссер. д. юр. наук., по спец.: 12.00.03. - Душанбе, 2016. - 316 с.
6. Исмоилов Ш. М., Нодиров Ф. М. Ҳуқуқи иқтисодӣ. Душанбе.: Шуҷоиён, 2010. – 568с.
7. Пугинский Б. И. Коммерческое право. М., Зерцало, 2009. – 342с.
8. Самадов Б. О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. китоби дарсӣ, қ. 2. – Хуҷанд, Ношир, 2019. – 426с.

**БОБОЕВ ДЖ.К.**
**БОБОЕВ Ҷ.Қ.**
**BOBOEV J.K.**

Заведующий кафедрой экономического, финансового и антикоррупционного права, Таджикского государственного финансово-экономического университета, кандидат юридических наук, доцент

Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Head of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law, Tajik State Financial and Economic University, of legal Sciences Associate Professor

E-mail: jamrod@mail.ru
Тел: +992918668971

## НОВОЕ В ОБЯЗАТЕЛЬСТВЕ ВСЛЕДСТВИЕ ПРИЧИНЕНИЯ ВРЕДА В ГРАЖДАНСКОМ КОДЕКСЕ РУСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСИТАН

## НАВГОНИИ УҲДАДОРӢ ДАР НАТИҶАИ РАСОНИДАНИ ЗАРАР ДАР КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## NEW IN COMMITMENT DUE TO HARM IN THE CIVIL CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISITAN

***Аннотация:*** *В данной статье рассматривается некоторые нововведение в обязательстве вследствие причинения вреда в новом гражданском кодексе Республики Таджикистан. Рассматривается субъектный состав в обязательстве и редакционные попраки в главе. Анализируя нововведение автор подвергает их теоретическому и законодательному анализу и выявляет их слабые и сильные стороны.*

***Ключевые слова:*** *вред, обязательство, возмещение, ответственность, гражданский кодекс.*

***Аннотатсия:*** *Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳое, ки дар кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати уҳдадорӣ дар натиҷаи расонидани зарар навгонӣ мебошанд баррасӣ мегардад. Дар мақола субъектҳои уҳдадорӣ ва баъзе тағйиротҳои таҳрирӣ, ки дар боби мазкур ҷой доранд баррасӣ мегардад. Навгониҳои бобро баррасӣ намуда муаллиф онро аз диди назария ва қонунгузорӣ таҳлил намуда ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии онро ошкор менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *зарар, уҳдадорӣ, ҷуброн, ҷавобгарӣ, кодекси маданӣ*

***Annotation:*** *This article discusses some of the innovations in the obligation due to causing harm in the new civil code of the Republic of Tajikistan. The subject composition in the obligation and editorial amendments in the chapter are considered. Analyzing the innovation, the author exposes them to theoretical and legislative analysis and reveals their strengths and weaknesses.*

***Key words:*** *harm, obligation, compensation, responsibility, civil code.*

Гражданское право в системе права Таджикистана занимает особое место, а Гражданский кодекс (далее – ГК) выступает в роли системообразующего правового акта. На базе Гражданского кодекса принимаются нормативно – правовые акты, призванные обеспечит стабильность гражданского оборота. С развитием рыночных отношений существенно повышается роль Гражданского Кодекса. Именно поэтому за Гражданским кодексом прикрепилось клеймо экономической конституцией страны, фундаментом рыночных отношений [1, с.15-32]. Значение гражданского права определяется несколькими факторами, среди которых называется широта сфера его применения и неразрывная связь с защитой имущественных и неимущественных прав и интересов личности [2, с.19].

Принятие в новой редакции Гражданского кодекса Республики Таджикистан ознаменовал собой новый этап в развитии гражданско – правовых отношений. Для понимания сущности новой ГК вольно невольно напрашивается вопрос о сопоставления и анализа слабых и сильных звенья нового продукта[3, с95].

Однако введу большого объема ГК невозможно в рамках одной статьи высказать все нововведения. Поэтому постараемся остановится лишь на главе посвященной обязательстве вследствие причинения вреда. Данная глава, как и прежде, состоит из 37 статей разделенных на 4 параграфа. Из 37 статей изменению и дополнению подверглись 30 из них. Но в рамках данной статьи постараемся остановиться лишь на некоторые нововведение в ГК РТ.

Субъектный состав обязательство в гл.66 более детализирован, нежели чем он был в предыдущей редакции. Статья 1189 ГК РТ предусматривает, что вред, причиненный неправомерными действиями (бездействием) личности или имуществу физического лица, юридическому лицу, государству, местным органам государственной власти и органом самоуправления посёлков и сёл подлежит возмещению лицом, причинившим вред, в полном объеме.

Анализ данной нормы свидетельствует, что законодатель детально подходит к вопросу потерпевшего. Указывает, именно кто может быть пострадавшим в обязательстве. Что касается другого участника то закон указывает, что им является причинитель вреда. Здесь уже детально не перечисляется лица ответственные за возмещение вреда. По нашему мнению логика законодателя весьма оправданно так как в противном сучае было тафтология.

Но по существу к участникам обязательство есть определенные вопросы, как с точки зрения законодательной техники, так и с позиции теории права.

Закон указывает, что пострадавшим (лицо которое имеет право требовать возмещение вреда) могут быть:

а) физические лица;
б) юридические лица;
в) государства;
г) местные органы государственной власти;
д) органы самоуправления посёлков и сёл.

Однако субъектный состав статьи 1189 ГК отличается от участников, регулируемых гражданским законодательством указанных в ч.3 ст.2 ГК РТ.

Лица, которые могут быть участниками гражданского правовых отношений по правилам ч.3. ст.2 ГК РТ могут быть физические лица, юридические лица Республики Таджикистан, органы государственной власти, административно территориальные единицы и органы местного самоуправления. Далее, ГК предусматривает, что положения ГК применяются также к отношениям с участием иностранного государства, иностранных граждан, лиц без гражданства и иностранных юридических лиц, если законом не предусмотрено иное.

Исходя из того, что участниками регулируемых гражданским законодательством по правилам ч.3.ст.2 ГК могут быть физические лица, юридические лица Республики Таджикистан, органы государственной власти, административно территориальные единицы и органы местного самоуправления, то участия органов самоуправления посёлков и сёл по правилам ст.1189 ГК вызывает определенные вопросы. Во – первых, такого субъекта ч.3.ст.2 ГК РТ, формально не указывает. Во – вторых к самому органу самоуправления посёлков и сёл есть серьезные претензии с точки зрения юридической техники.

Дело в том, что в соответствии законом Республики Таджикистан «Об органах самоуправления посёлков и сёл» органом самоуправления посёлков и сёл является джамоат

(ч.1ст.3). Джамоат является юридическим лицом и имеет круглую печать, на которой изображены Государственный герб Республики Таджикистан и полное название джамоата (ч.2.ст.3).

Из вышеизложенного требования закона вытекает, что признавая джамоат, юридическим лицом он самостоятельно выступает в различных правоотношениях в пределах своей компетенции. Если джамоат является юридическим лицом, то получается, в ст.1189 ГК РТ, юридические лица упоминаются дважды. Такая редакционная новизна в ГК ставить вопрос о статусе джамоата как отдельного субъекта гражданского правовых отношений в отрыве от юридического лица, что не совсем правильно.

В следующих, такая формулировка с юридической техники не приемлемо, так как может ввести в заблуждение относительно статуса органа самоуправления посёлков и сёл.

По нашему мнению было бы приемлемым, если законодатель в ст.1189 ГК, где указывается лица участвующее в обязательстве, исходил из участников регулируемых гражданским законодательством упомянутое в ч.2.ст.3. ГК РТ.

По тексту главы 66 ГК РТ, «граждане» заменены «физическими лицами». Такой ход событий оставил след почти, что во всех статьях данной главы. Такая поправка в обязательстве считается приемлемым, так как преследуя социальную справедливость законодатель не должен делить участников по принадлежности к государству. Вред должен возмещается не зависимо от того, кому причинен и кем причинен.

К числу нововведений в обязательстве вследствие причинения вреда относится дополнения перечня случаев, при которых наступает ответственность за вред, причиненный незаконными действиями органов дознания, предварительного следствия, прокуратуры и суда (ст.1196 ГК).

В этот перечень включены: пытка, незаконное наказания оскорбляющее честь, достоинство или деловую репутацию гражданина, лишение специальных прав физического лица, незаконное приостановления лицензии на осуществление определенной деятельности или приостановления определенного вида деятельности юридического лица.

Если исходит из того, что начальная фаза статьи 1196 ГК предусматривает вред, причиненный физическому лицу в результате незаконного осуждения, незаконного привлечения к уголовной ответственности, незаконного применения в качестве меры пресечения заключения под стражу или подписки о невыезде то незаконное наказания оскорбляющее честь, достоинство или деловую репутацию гражданина видится нонсенсом.

Все дело в том, что законное осуждения, законное привлечения к уголовной ответственности, законное применения в качестве меры пресечения заключения под стражу или подписка о невыезде может быть, а вот законное наказания оскорбляющее честь, достоинство или деловую репутацию гражданина быть не может. А потому прописка данных случаев во – первых, логически неправильно, а во – вторых, для подобных случаев можно воспользоваться компенсацией морального вреда.

Вопрос об ответственность за вред, причиненный несовершеннолетними в возрасте до четырнадцати лет (ст.1198 ГК) также претерпел изменения и дополнился новой частью.

Данная часть, предусматривает, что «обязанности родителей (усыновителей), опекунов, образовательных, воспитательных, лечебных или иных учреждений, отвечать за вред, причиненный несовершеннолетним, не достигшим четырнадцатилетнего возраста, не прекращается с наступлением совершеннолетия причинителя вреда или приобретения им имущества, достаточного для возмещения вреда».

Такое нововведение обусловлено значимостью категории вины в гражданском праве. В отличие от ответственности за вред, причиненный несовершеннолетними от четырнадцати до восемнадцати лет (ст.1199 ГК) ответственность законных представителей по достижению совершеннолетия не прекращается.

Именно вина законных представителей в непринятие необходимых мер заботливости и осмотрительности стало исходом причинения вреда, законодатель возложил на них и ответственность за возмещение вреда и в будущем.

Поэтому при достижении совершеннолетия, причинитель вреда не должен отвечать за неправомерные действия своих законных представителей, осуществлявших надзор за ним [4, с.34 – 37].

Такая постановка вопроса в первую очередь связано с защитой прав потерпевшего, социальной справедливостью и усилением ответственности за виновное причинения вреда.

В общем, картина такова, что ответственность по обязательству возлагается на тех лиц, которые способны руководить своими действиями и правильно оценивать их возможные последствия [5, с.44]. А такая возможность появляется у физических лиц по до достижения 14-летнего возраста.

Редакционные поправки в новой редакции ГК оставляет за собой желать лучшего. Дело в том, что изменяя отдельные главы необходимо в тексте последующих глав ориентироваться на понятийный аппарат используемых в предыдущих норм.

Такие случаи в тексте гл.66 ГК РТ, встречаются. Например, ч.3 ст.1199 ГК использует формулировку «несовершеннолетний в возрасте от четырнадцати до восемнадцати лет, нуждающийся в опеке». Как известно опека устанавливается над малолетними, душевно больными и слабоумными. Парадоксально то, что в законодатель в дальнейшем в этой части статьи использует уже не опеку, а попечительству.

Или же в ч.2. ст.1204 ГК законодатель использует название договора найма, которая претерпело изменение в новой редакции. Теперь же законодатель использует в место договора найма договор аренды.

В новой редакции гражданского кодекса много положительных моментов. Введение в действие этого акта с 1 июля 2023 года покажет еще свои сильные и слабые звенья. В части обязательстве вследствие причинения вреда динамика положительных моментов существенно. Чего стоит сказать лишь уточнение субъектов обязательство, устранение разнообразия терминов, усиление роли вины для возмещения вреда и др.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Медведев Д.А. Новый гражданский кодекс Российской федерации: вопросы кодификации // Кодификация российского частного права / под ред. Д.А.Медведева. – М.: Статут. 2008. – 336с.
2. Сулейменов М.К., Басин Ю.Г. Понятие гражданского права //Гражданское право. Том 1.Общая часть. / Отв.ред. М.К. Сулейменов. – Алматы, 2013. – 776с.
3. Бобоев Д. К. Обязательство вследствие причинения вреда в Гражданском кодексе Республики Таджикистан //Наследие профессора Ю.Г. Басина: Собрание воспоминаний и научных статей, посвященных 100-летию со дня рождения доктора юридических наук, профессора Юрия Григорьевича Басина / Предисловие Ф. Карагусов. Отв. ред. Ф. Карагусов. – Алматы: Издательство «Қазақ университеті», 2023. – 122 с.
4. Гражданское право. Том 3. Учебник. Издание пятое, переработанное и дополненное. /Под ред. А. П. Сергеева, Ю. К. Толстого. – М.: «Проспект», 1999. – 624 с.
5. Шевченко А. С., Элементы обязательства вследствие причинения вреда // Гражданское право: учебник: в 3 т. Т.3 / Под ред. А.П. Сергеева. — 2-е изд., перераб. и доп. — Москва: Проспект, 2019. — 752 с.

**МИРЗОЕВА Қ.А.**
**MIRZOEVA Q.A.**

Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, н.и.ҳ.

Старший преподаватель кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции, к.ю.н.;

Senior Lecturer, Department of Commercial and Anti-Corruption Law, Tajik State University of Commerce, Ph.D. in Law;
Тел.: 939982122

**ҚАЛАНДАРОВА Г.И.**
**КАЛАНДАРОВА Г.И.**
**QALANDAROVA G.I.**

Магистранти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Магистрантка Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана

Graduate student of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan

## ПРИНСИПИ «UTI POSSIDETIS» ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## ПРИНЦИП "UTI POSSIDETIS" В МЕЖДУНАРОДНОМ ПРАВЕ

## "UTI POSSIDETIS" PRINCIPLE IN INTERNATIONAL LAW

***Аннотатсия.*** *Мавзӯи баррасии ин мақола принсипи uti possidetis мебошад, ки аз ҳуқуқи граждании Рими қадим сарчашма гирифта, баъдан ба принсипи ҳуқуқи байналмилалӣ табдил ёфтааст. Дар мақола муқаррароти қонунгузории шӯравӣ ва созишномаҳои бисёрҷониба, ки ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қабул намудаанд, баррасӣ карда мешавад. Муалиф қайд мекунад, ки нақши асосии принсипи «uti possidetis» аз муайян кардани сарҳади давлатии давлатҳои соҳибихтиёри навтаъсис иборат аст.*
***Вожаҳои калидӣ:*** *принсипи uti possidetis, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ, ИҶШС, сарчашмаҳои муайянкунандаи сарҳади давлатӣ, қонунгузории шӯравӣ.*

***Аннотация.*** *Предметом данной статьи является принцип uti possidetis, который возник из гражданского права Древнего Рима и впоследствии стал принципом международного права. В статье рассматриваются положения советского законодательства и многосторон-*

*них договоров, принятых бывшими советскими республиками в рамках Содружества Независимых Государств.*

*Автор отмечает, что основная роль принципа «uti possidetis» заключается в определении государственных границ вновь образованных суверенных государств.*

***Ключевые слова:*** *принцип uti possidetis, территориальная целостность, нерушимость государственной границы, СССР, источники определения государственной границы, советское законодательство.*

***Annotation.*** *The subject of this article is the principle of uti possidetis, which arose from the civil law of Ancient Rome and subsequently became a principle of international law. The article deals with the provisions of the Soviet legislation and multilateral treaties adopted by the former Soviet republics within the framework of the Commonwealth of Independent States.*

*The author notes that the main role of the "uti possidetis" principle is to determine the state borders of the newly formed sovereign states.*

***Key words:*** *uti possidetis principle, territorial integrity, inviolability of the state border, USSR, sources for determining the state border, Soviet legislation.*

Принсипи «uti possidetis» аз ҳуқуқи граждании Рим сарчашма гирифта шудааст. Баъдан он дар қитъаи Америкои Лотинӣ татбиқ гардида, ба принсипи ҳуқуқи байналмилалӣ табдил ёфтааст [6, с. 444]. Мақсади асосии принсипи мазкур ҳимояи сарҳади давлатии давлатҳои навтаъсис мебошад, зеро моҳияташ сарҳадҳои пешини маъмурии мустамликавӣ ё давлати парокандаро ба сарҳади байналмилалии давлатҳои соҳибихтиёри навтаъсис табдил додан мебошад.

Профессори барҷастаи бритониёӣ Малколм Шоу таъкид мекунад, ки принсипи uti possidetis принсипест, ки ба таҳкими нақши принсипи тамомияти арзӣ хизмат мекунад [2, с. 9-10].

Инчунин метавон гуфт, ки ин принсип на танҳо барои муайян кардани сарҳади воҳидҳои ҳудудии навтаъсис, ки дорои тамоми аломатҳои давлатдорӣ мебошанд, истифода мешавад, балки барои ташаккули субъекти ҳуқуқии байналмилалӣ низ хизмат мекунад.

Нақши асосии «uti possidetis» аз муайян кардани сарҳади давлатии давлатҳои соҳибихтиёри навтаъсис дар асоси собиқ сарҳадҳои маъмурии ба онҳо меросмондашуда иборат аст [3, с. 56]. Фурӯпошии ИҶШС ва созишномаҳои байни ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ дар бораи табдил додани сарҳади маъмурии собиқ ба сарҳади байналмилалӣ боз як тасдиқи татбиқи ин принсип ва татбиқи он ҳамчун принсипи ҳуқуқи байналмилалӣ гардид.

Моддаи 5 Созишнома оид ба таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 8 декабри соли 1991, ки дар шаҳри Минск ба имзо расид, эълон мекунад, ки ҷонибҳо тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳадҳои мавҷударо дар доираи ИДМ эътироф ва эҳтиром мекунанд [4].

Инро Эъломияи Алмаато аз 21 декабри соли 1991, ки ёздаҳ ҷумҳурии собиқи ИҶШСимзо кардаанд, бори дигар тасдиқ кард [1]. Ин Эъломия уҳдадориҳои давлатҳои аъзои ИДМ-ро оид ба эътироф ва эҳтироми тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳадҳои мавҷуда муттаҳид мекунад. Дар моддаи 3 Оинномаи ИДМ, ки 22 январи соли 1993 дар ш. Минск қабул шудааст, принсипи эҳтироми тамомияти арзии давлатҳои аъзо ва принсипи эътироф ва дахлнопазирии сарҳадҳои мавҷуда тасдиқ шуда, бо ҳамин тариқ табдил додани сохтори маъмурии собиқ сарҳадҳои ҷумҳуриҳои ИҶШС ба сарҳадҳои байналмилалии давлатҳои навтаъсис баён карда мешавад [5].

Соли 1994 давлатҳои аъзои ИДМ «Эъломияи нав дар бораи эҳтиром ба истиқлолият, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳади давлатҳои аъзо»-ро имзо карданд, ки тибқи он кишварҳои узви ИДМ уҳдадор шуданд, ки соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳадҳои давлатҳои аъзои Иттиҳодро эҳтиром кунанд. Давлатҳое, ки Эъломияро имзо кардаанд, инчунин уҳдадор шуданд, ки аз "дастдарозии ғайриқонунӣ ба қаламрав ва ҳар гуна амалиёте, ки ба ғасби қаламрави хориҷӣ равона шудааст, даст кашанд».

Уҳдадории «аз ҳар гуна фишори ҳарбӣ, сиёсӣ, иктисодӣ ва ё дигар шаклҳои фишор, аз ҷумла муҳосира, инчунин дастгирӣ кардан ва истифода бурдани сепаратизм бар зидди тамомияти арзии давлатҳо, инчунин истиклолияти сиёсии ҳар кадоме аз Давлатҳои аъзои Иттиҳод» низ дар ин Эъломия ба назар мерасад».

Бояд гуфт, ки Эъломия «Дар бораи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории байни давлатҳо тибқи Оинномаи СММ, Эъломия дар бораи ба кишварҳо ва халқҳои мустамлика додани истиқлолият, Эъломия ва дигар санадҳои сершумори байналмилалӣ, асноди дар доираи ИДМ қабулгардида инчунин уҳдадории давлатҳои аъзои Иттиҳодро дар мавриди эътирофи қувваи бартарии принсипи тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳадҳо ва пешгирии истифодаи хукуки худмуайянкунӣ ба вайрон кардани ягонагии қаламрави давлатҳои соҳибихтиёр сарчашмаҳоеанд, ки баёнгар ва муайянкунандаи мафҳуми принсипи «utti possidetis» мебошанд.

Тавре ки дар боло баррасӣ шуд, амалияи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва асосҳои ҳуқуқие, ки дар ҳуҷҷатҳои аз ҷониби ИДМ имзо ва қабулшуда ифода ёфтаанд, дар таҳкими принсипи uti possidetis ҳиссаи калон гузоштаанд.

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**


1. Алма-Атинская Декларация. 21 декабря 1991 года. Архив Исполнительного Совета СНГ. URL: http://www.cis.minsk.by/page.php?id=178; Alma-Ata Declaration (санаи муроҷиат: 23.03.2023).
2. Декларация о соблюдении суверенитета, территориальной целостности и неприкосновенности границ государств-участников СНГ 1994 года / Бюллетень международных договоров. (Москва, Издание Администрации Президента РФ). № 7. Июль 1994. С. 9-10.
3. Мирзаев Ф. Обзор критических взглядов на принцип uti possidetis // Московскийи журнал международного права № 2. 2015. С 56-77.
4. Соглашение о создании Содружества независимых государств. 8 декабря 1991 года. Государственный архив Российской Федерации. Ф. 10026. Оп. 4. Д. 1303. Л. 1.
5. Устав Содружества Независимых Государств, принят 22 января 1993 года в Минске. Архив Исполнительного Совета СНГ. URL: http://www.cis.minsk.by/page.php?id=178 (санаи муроҷиат: 12.03.2023).
6. Baty T., Can an Anarchy be a State? // American Journal of International Law. 1934. № 28 (3). P. 444-454.

**НОСИРОВ Н.Б.**
**NOSIROV N.B.**

Мудири кафедраи фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.

Заведующий кафедрой гуманитарных дисциплин филиала технологического Университета Таджикистана в городе Исфаре, кандидат юридических наук, доцент.

Head of the Department of Humanitarian Disciplines, branch of Technological University of Tajikistan in Isfara, candidate of legal, sciences associate, professor

.

E-mail: nn-nosirov@mail.ru. Тел.: 98-813-72-88.

# БАЪЗЕ МАСОИЛИ ҲУҚУҚИ МАҲДУДИ АШЁӢ БА ҚИТЪАИ ЗАМИН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ ОГРАНИЧЕННЫЕ ВЕЩНЫЕ ПРАВА НА ЗЕМЕЛЬНЫЕ УЧАСТКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

# SOME PROBLEMS OF LIMITED PROPERTY RIGHTS TO LAND PLOTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Аннотатсия:*** *Дар мақола масоили ҳуқуқии шакли махсуси ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ - ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Ба ақидаи муаллиф, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин шакли махсуси ҳуқуқи ашёӣ ба ҳисоб рафта, субъектони муносибатҳои гражданӣ нисбати чунин молу мулк ҳуқуқи моликият надошта, балки ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ доранд.*
***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи ашёӣ, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ, бемуҳлат, қитъаи замин, истифодабарӣ, якумраи меросӣ.*

***Аннотация:*** *В статье рассматривается некоторые правовые проблемы ограниченные вещные права на земельные участки по законодательству Республики Таджикистан. В этом плане, автором предлагается, что в стране созрела необходимость скорейшего формирования института вещных прав на земельные участки.*
***Ключевые слова:*** *вещное право, право собственности, земельные участки, ограниченные вещные права, землепользование.*

***Annotation:*** *The article deals with some legal problems of limited rights real in rem to land plots under the legislation of the Republic of Tajikistan. In this regard, the author proposes that the country has ripened the need for speedy formation of the institute of property rights to land plots.*
***Keywords:*** *property law, ownership, land plots, limited property rights, land use.*

Яке аз шаклҳои махсус ва айни замон баҳсноки ҳуқуқҳои ашёӣ ин «ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ» ба ҳисоб меравад. Гарчанде дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (КГ ҶТ) ишора шудааст, ки ба ҳуқуқи молу мулкӣ дар баробари «ҳуқуқи моликият», «дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ» дохил мешаванд, вале мафҳуми **«ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ»** дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дода нашудааст. Бояд қайд намоем, ки ин мафҳум дар илми ҳуқуқи гражданӣ аз ҷониби олимони соҳа дар шаклҳои гуногун пешниҳод шудааст. Ба ақидаи

олимони соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ, муайянкунандаи низоми ҳуқуқи ашёӣ ин ҳуқуқи моликият мебошад, ки он сарчашмаи ягонаи пайдоиш ва бавуҷудоии дигар ҳуқуқҳои ашёӣ ба ҳисоб меравад… Ҳар як субъекти ҳуқуқи ашёӣ субъекти ҳуқуқи моликияти худро дорад [2, 321]. Ба ақидаи Ю.Г. Басин бошад, чунин ҳуқуқҳои ашёӣ дар фарқият аз ҳуқуқи моликият ҳама вақт ҳосилшуда (муштақ) мебошанд, чунки дар болои дорандагони чунин ҳуқуқҳои ашёӣ соҳибмулк меистад. Сарҳади салоҳияти (ҳуқуқҳои) чунин ҳуқуқҳои ашёӣ на танҳо дар қонунгузорӣ муқаррар мешавад, балки аз иродаи соҳибмулк низ вобаста аст [1, 98]. Нишонаҳои асосии ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ дар он аст, ки субъекти ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ ҳуқуқ ба он ашёе дорад, ки дар моликияти шахси дигар қарор дошта шахс ҳамаи ҳуқуқҳои вобаста ба молу мулкро дар шакли маҳдуд нигоҳ медорад ва як ё ҳамаи ваколатҳои моликро дорад, аммо дар шакли маҳдуд [3, 143]. Дар ин маврид муҳаққиқи соҳаи ҳуқуқи ашёӣ Ф.С. Сулаймонов ақидаронӣ намуда қайд менамояд, ки “дар ҳолате, ки агар субъект аз се ваколати ҳуқуқи моликият як ё дуи онро доро бошад, пас ин субъект нисбати ашё ҳуқуқи ашёии маҳдудро доро буда, ҳуқуқи моликиятро соҳиб нест” [4, 65].

Ба ақидаи мо, аввалан агар ҳуқуқи моликият қонунан эътироф нагардад ва соҳибмулк майян нагардад, ҳуқуқҳои дигари ашёӣ вуҷуд дошта наметавонанд. Ва сониян, ҳуқуқҳо ва солоҳияти субъектони ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ аз ҳуқуқҳо ва салоҳияти субъекти ҳуқуқи моликият бармеояд. Яъне, соҳибмулк ҳуқуқу салоҳиятҳои худро ба таври доимӣ (яъне бе муайянкунии муҳлат) ба дигар шахс гузошта, ҳамзамон ҳуқуқи соҳибмулкии асосӣ ва комили худро нисбат ба моликият нигоҳ медорад.

Аз омӯзиши муқаррароти қонунгузорӣ ва фикру ақидаи олимони муҳаққиқи соҳа мафҳуми ҳуқуқи маҳдуди ашёиро метавонем чунин пешниҳод намоем: ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ - ин ҳуқуқи ашёӣ ба моликияти шахси дигар мебошад, ки аз ҳуқуқи моликиятии соҳибмулк ба вуҷуд меояд ва мазмуну мундариҷаи он низ дар қонун ё аз ҷониби молик муайян карда мешавад». Аз ин бармеояд, ки ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ асосан се хусусияти хос дорад: 1. Ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ - ин ҳуқуқи ашёӣ ба моликияти шахси дигар мебошад; 2. Ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ аз ҳуқуқи моликиятии соҳибмулки асосӣ ба вуҷуд меояд; 3. Мазмуну мундариҷаи ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ дар қонун ё аз ҷониби молик муайян карда мешавад.

Дар моддаи 241 КГ ҶТ номгӯи ҳуқуқҳои молу мулкии ашхосе, ки молик намебошанд, яъне номгӯи ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ пешбинӣ шудааст, ки тибқи талаботи ин модда ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин низ ба ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ дохил карда шудааст.

Дар мақола сухан дар бораи он субъектоне меравад, ки ҳуқуқи истифодабарии бемуҳлати қитъаи замин ва ё ҳуқуқи истифодабарии якумраи меросии қитъаи заминро доранд, яъне дар мавриди заминистифодабарандагони якумдараҷа. Чунки маҳз ҳамин гуруҳи заминистифодабарандагон тибқи қонунгузорӣ ҳуқуқи маҳдуди ашёиро нисбати қитъаи замин дошта метавонанд.

Бояд ишора намоем, ки мувофиқи талаботи моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 2 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (КЗ ҶТ) «Замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад». Ҳамзамон қайд кардан бамаврид аст, ки мувофиқи б.7 қ.1. м.$1^2$ КЗ ҶТ ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин - ин ҳуқуқи бадастовардашудаи истифодабарии бемуҳлат, муҳлатнок ё якумраи меросии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудан, ки бо тартиби муқаррargардида аз қайди давлатӣ гузаштааст. Ҳамчунин дар моддаи $2^2$ КЗ ҶТ муқаррар шудааст, ки ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи граждании буда, метавонад предмети хариду фурӯш, туҳфа, иваз, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо бошад.

Бояд тазаккур дод, ки истифодаи бемуҳлати қитъаи замин, яъне истифодабарии доимии қитъаи замин танҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Чунки, тибқи талаботи моддаи 25 КЗ ҶТ қитъаи заминро ба шаҳрвандони хориҷӣ (аз ҷумла шахсони бешаҳрванд) ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ танҳо дар шакли истифодабарии муҳлатнок, яъне ба муҳлати то 50 сол додан мумкин аст. Аз омӯзиши муқаррароти КЗ ҶТ ба хулоса омадан мумкин аст, ки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, аз ҷумла шахсони ҳуқуқии онҳо наметавонанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қитъаи замин ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ пайдо намоянд.

Қитъаи замин ба истифодаи меросии якумра бошад, танҳо ба шахсони воқеӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад, ки онҳо низ ба чунин замин ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ пайдо менамоянд. Дар ин замина қайд кардан ба маврид аст, ки қитъаҳои замини бо ҳуқуқи истифодаи меросии якумра додашуда, ҳангоми ба даст овардани мерос аз нав ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд, ки меросхур низ ба ин замин ҳуқуқи маҳдуди ашёиро пайдо менамояд. Ҳангоми гузаштани қитъаи замини наздиҳавлигии шаҳрвандон ба шахсони ҳуқуқӣ бошад, ин қитъаи замин ба истифодабарии бемуҳлат дода мешавад. Яъне, ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ боқӣ мемонад, вале як низоми ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ - «ҳуқуқи истифодаи меросии якумра» ба низоми дигари ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ - «ҳуқуқи истифодабарии бемуҳлат» табдил меёбад.

Хулоса, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «қитъаи замин» аз муомилоти озоди гражданӣ бароварда шудааст ва мавриди шартномаи хариду фурӯш ё тухфа қарор нагирифта, танҳо «ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин» бо ҳуқуқи бегона намудани он объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ буда, метавонад предмети шартномаҳои гражданӣ бошад, бемуҳлат истифода бурда шавад, ба гарав гузошта шавад ва аз ҳама муҳим метавонад ба тариқи мерос ба дигар шахс гузарад.

**АДАБИЁТ**


1. Басин Ю.Г. Принципы гражданского законодательства / Гражданское законодательство. Статьи. Комментарии. Практика. – Избранное. Под ред. *А.Г. Диденко.* – Алматы: Раритет, 2008. -С.98.
2. Жилинский С.Э. Предпринимательское право (правовая основа предпринимательской деятельности): Учебник для вузов / - 5-е изд., прераб. и доп. – М.: Норма, 2004. -С.321.
3. Пиляева В.В. Гражданское право. Части общая и особенная: учеб / –М.: ТК Вебли, 2006. -С.143.
4. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ. Монография. Душанбе, Нашриёти ДМТ, 2015. -С.65.

**АБДУЛЛАЕВ Ф.Р.**
**ABDULLAEV F.R.**

И.о. доцента кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции, кандидат юридических наук;

Иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

Associate Professor of the Department of Commercial and anti-corruption law of the Tajik state university of commerce, candidate of legal sciences; Senior Lecturer, Department of Commercial and anti-corruption law of the Tajik state university of commerce,

**ИСМОИЛОВ А.Ш.**
**ISMOILOV A.SH.**

старший преподаватель кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции

муаллими калони кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати тоҷикистон

Senior Lecturer, Department of Commercial and Anti-Corruption Law, Tajik State University of Commerce

Тел.: 933508151; 935800343

# ПРОБЛЕМЫ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ НОРМ МЕЖДУНАРОДНОГО ПУБЛИЧНОГО ПРАВА И МЕЖДУНАРОДНОГО ЧАСТНОГО ПРАВА

# МАСЪАЛАҲОИ ҲАМБАСТАГИИ МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОММАВӢ ВА ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

# PROBLEMS OF INTERACTION OF PUBLIC INTERNATIONAL LAW AND PRIVATE INTERNATIONAL LAW

***Аннотация.*** *В данной статье анализируется вопрос совместимости международного публичного права и международного частного права. Авторы раскрывают сущность дуалистической и монистической концепций соотношения международного права и национального законодательства, указывают их преимущества и недостатки. Авторы отмечают, что в отечественном праве нормы международного частного права должны соответствовать основному закону государства.*

***Ключевые слова:*** *международное право, дуалистическая концепция, международное частное право, правоприменение, международные договоры, предмет правового регулирования, суверенное равенство государств.*

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур масъалаи ҳамбастагии ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилаалии хусусӣ таҳлил гардидааст. Муаллифон моҳияти консепсияҳои дуалистӣ ва монистиии таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллиро ошкор намуда, бартариятҳо ва норасоиҳои онҳоро баён мекунанд. Муаллифон қайд мекунанд, ки дар ҳуқуқи дохилидавлатӣ меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бояд ба қонуни асосии давлат мувофиқ бошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи байналмилалӣ, консепсияи дуалистӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, предмети танзими ҳуқуқӣ, баробарии соҳибихтиёрии давлатҳо.*

***Annotation.*** *This article analyzes the issue of compatibility between public international law and private international law. The authors reveal the essence of the dualistic and monistic concepts of the relationship between international law and national legislation, indicate their advantages and disadvantages. The authors note that in domestic law, the norms of international private law must comply with the fundamental law of the state.*

***Key words:*** *international law, dualistic concept, private international law, law enforcement, international treaties, subject of legal regulation, sovereign equality of states.*

В современной науке определились несколько направлений относительно вопроса о соотношении международного и национального права. По мнению большинства авторов, в частности представителей отечественной юридической науки в теории международного права сложилось три направления в определении соотношения международного и внутригосударственного права -дуалистическое и два монистических [7, с. 23].

Первое направление, т.н. «дуалистическое направление» исходит из того что международное и национальное право есть относительно изолированные и независимые друг от друга системы правопорядка.

Два других направления, именуемых монистическим, основываются на том, что международное и внутригосударственное право есть составные части единой системы права [5, с. 88-89]. Причем одна часть сторонников такого подхода исходит из признания приоритета (примата), или верховенства национального права, другая, напротив, настаивает на примате международного права над национальным правом. Следует отметить, что столь широко применяемая теория примата национального права получила распространение в XIX - начале XX в немецкой юриспруденции.

Проблема взаимодействия международного и национального права представляет сегодня одну из наиболее важных и сложных проблем юриспруденции. Несомненно, назначение любой теории, как известно, не только в объяснении существующего положения, но, и в выработке должного научно обоснованного его развития. Так, дуалистическая теория исходит из того, что обе системы права имеют разные субъекты, предметы правового регулирования, источники и т.п. То есть, исходит из наличия двух самостоятельных правовых систем, но вопрос о степени и формах их взаимодействия решается по-разному. При этом, отправной точкой монистических теорий является утверждение о примате одной системы права над другой. В этой связи сторонники примата внутригосударственного права рассматривали международное право как некую сумму национальных правовых систем различных государств.

Наиболее распространенной в настоящее время является концепция о примате международного права. Суть ее сводится к тому, что национальное право есть часть международного права, и предписания последнего являются обязательными для первого.

Из анализа соотношения международного и национального права в практике государств явствует, что эти две системы права существует самостоятельно, однако тесно связаны между собой и па разных этапах взаимодействия каждая из систем может иметь преимущественное значение. Если в самом общем виде рассмотреть участие государства в отношениях, регулируемых международным правом, то можно отметить, что на этапе создания норм международно-

го права в ходе переговоров, на международных конференциях и т.д. государство руководствуется нормами не только международного, но и национального права. В то же время, когда норма международного права признана государством, тогда оно обязано руководствоваться ею.

По существу, с точки зрения методов образования норм международное и внутригосударственное право являются самостоятельными системами, но с точки зрения правоприменения они неразрывно взаимосвязаны.

Взаимосвязь международного права и национального права приобретает актуальное значение в связи с процессом формирования источников права. В этой связи С. Л. Зивс в общетеоретическом контексте рассматривает проблему соотношения источников международного права внутригосударственного (национального) права, в конечном счёте как вопроса о соотношении источников двух параллельно существующих автономных систем права, различая последних по ряду принципиальных элементов (субъекты, процесс волеизъявления, способы обеспечения, реализации и т. п. [4, с. 231]. Нормы международного права облекаются в формы, выработанные в результате соглашений между государствами, понимаемые как юридические источники. Во внутригосударственных источниках права закрепляются нормы, которые учитывают интересы большинства и меньшинства (населения конкретной страны) в целом, координируют их в зависимости от конкретных экономических, социальных, национальных и международных отношений в данный исторический период [5, с. 90].

На практике «в ряде государств ратифицированные международные договоры автоматически становятся частью национального законодательства, то есть источником национального права. В законах многих государств устанавливается правило, согласно которому в случае расхождений между положениями закона и международными обязательствами преимущественную силу имеют международные обязательства [9, с. 12].

В соответствии с принципом суверенного равенства государств каждое государство свободно выбирает свою правовую систему и, следовательно, определяет порядок взаимодействия своего национального права с международным. Стремление максимально учесть международные стандарты, создать механизм правового государства ярко проявляется в национальном законодательстве Республики Таджикистан.

Национальное законодательство Республики Таджикистан максимально учитывает мировой опыт. Так, Конституция РТ в этом отношении содержит два принципиально важных положения о международном праве.

Во-первых, глава 2 Конституции РТ содержит в себе набор общепризнанных прав и свобод человека и тем самым предусматривает принципы их осуществления. При этом употребление в ряде положений Конституции РТ термина «каждый» свидетельствует о том, что основные права человека применимы не только к гражданам Республики Таджикистан, но и ко всем, кто находится в пределах ее юрисдикции, что особенно важно для уяснения сущности защиты общепризнанных прав человека.

Во-вторых, ч. 3 ст. 10 Конституции РТ закрепляет положения о том, что международные правовые акты, признанные Таджикистаном, являются составной частью правовой системы и тем самым закрепляет приоритет норм международного права в случае их противоречия с нормами внутреннего права.

Для реализации на практике положения норм международного права, государство должно принять определенные меры. Этот процесс обычно называют трансформацией, имея в виду преобразование норм международного права в нормы национального права [10, с. 51]. В условиях интернационализации хозяйственной жизни особое значение для создания благоприятного инвестиционного климата в странах переходной экономики приобрело соблюдение требований международных стандартов. Под международными стандартами понимаются международные правила, сформулированные международными организациями и государствами в многосторонних и двусторонних соглашениях, в соответствии с которыми государство-участник берет на себя обязательство следовать предусмотренным в международном праве принципам правового регулирования.

Значение суверенитета возрастает в условиях либеральной экономики. По мнению Р. Книпера государства, которые открываются для мировой экономики, в большей или меньшей степени отказываются от значительной части своего суверенитета, так как включение в общую экономическую сеть имеет свои (институциональные и юридические последствия [6, с. 16].

Иначе говоря, способ реализации норм международного права посредством норм права внутригосударственного достаточно условное название, поскольку на самом деле норма международного не преобразуется, а лишь сохраняет свой статус. А вот содержанию, правилу придается статус нормы национального права.

В связи с этим И. И. Лукашук подчеркивает, что в законодательстве нередко речь идет о «непосредственном действии», «непосредственном применении» норм международного права. Нередко эти выражения понимаются буквально, как означающие прямое применение международных норм, помимо национальной правовой системы. Но о каком прямом действии может идти речь, если нормы международного права включаются Конституцией в правовую систему страны. Они и действуют как часть этой системы [2, 11].

Уместно отметить, что в правовую систему Республики Таджикистан не могут входить нормы международных договоров, в которых она не принимает участия. В нее включены только те нормы договоров, по которым Республика Таджикистан в соответствии с законодательными процессами взяла обязательства по их выполнению. То есть, международно-правовые акты входят в правовую систему РТ путем их подписания, ратификации, присоединения и иными способами [8, с. 85], установленными в законном порядке.

При этом следует иметь в ввиду, что, по условиям ч. 4 ст. 10 Конституции РТ, признанные Таджикистаном международно-правовые акты вступают в силу только после их официального опубликования. Получается, что если опубликование не произведено, то международный договор не может иметь обязательную силу для Республики Таджикистан, что вряд ли можно считать обоснованным. Объясняется это тем, что ст. 27 Венской конвенции о праве международных договоров от 25 мая 1969 года предусматривает, что «Участник не может ссылаться на положения своего внутреннего права в качестве оправдания для невыполнения им договора» [3, с. 352]. Это значит, что в случае расхождения международного обязательства и национального права Республика Таджикистан не может ссылаться на свое внутреннее законодательство как основание для отказа выполнять свое международное обязательство.

Более того, принцип добросовестного выполнения международных обязательств обязывает государство при осуществлении своих суверенных прав сообразовываться со своими юридическими обязательствами по международному праву. В связи с этим, отказ от согласия в таком случае возможен только в соответствии с международным правом, так как, согласно Венской конвенции 1969 года действительность согласия государства на обязательность для него договора может оспариваться только на основе Конвенции. При этом односторонний отказ влечет за собой международную ответственность.

Исключение сделано лишь для случая, когда согласие государства на обязательность договора было выражено в нарушение положения внутреннего права, касающегося компетенции заключать договоры, при условии, что нарушение было явным и касалось нормы его внутреннего прав, имеющего особо важное значение. В таком случае государство может ссылаться на это обстоятельство как на основание недействительности его согласия (ст. 27 Венской конвенции 1969 года).

В юридической литературе указывается, что эффективное осуществление и развитие права достигается только тогда, когда налицо внутренняя согласованность его составных элементов, в том числе, и прежде всего самих норм права. Противоречивость и несогласованность правовых норм ведет к нарушению системности правового регулирования и тем самым снижает его эффективность, как в масштабе страны, так и в международном правопорядке. Во внутригосударственном праве необходимо, чтобы все нормы права соответствовали Конституции. Без такой согласованной системы невозможно осуществление функций права, обеспечение регулирующего воздействия его норм на общественные отношения. Данное положение, будучи общим для всех правовых систем, касается также и международно-правовой системы, часть норм которой осуществляется во внутригосударственной сфере [1, с. 45].

## СПИСОК ИСПОЛЬЗУЕМОЙ ЛИТЕРАТУРЫ:

1. Абдуллаев М.И. Согласование внутригосударственного права с международным (теоретические аспекты) //Правоведение, - 1993. 2 — С. 45—63.

2. Алексеева А. Б., Жуйков В. М., Лукашук И. И Международные нормы о правах человека и применение их судами РФ. -М., 1996.—С. 11.

3. Действующее международное права В 3-х томах. Т. 1. /Сост. Ю. М Колосов, Э. С. Кривчикопа. - М. Международные отношения, 1996. С. 352.
4. Зивс С.Л Источник права. М., 1981. – С.221-337.
5. Ибрагимов.С.К. Соотношение источников международного и внутригосударственного права. (Вопросы реализации)//Государство и право. Душанбе. 2004. №4. С. 88-89.
6. Книпер Р, «Обзор международного права межгосударственных инвестиций» С —П. 1991 — С 16
7. Кодиркулов Х. Р. Взаимосвязь международного и национального права в области прав человека// Государства и право. Душанбе, 2007. № 1. С. 23.
8. Менглиев Ш. М. Международное частное право.--Душанбе: • Деваштич, 2002,—С. 85.
9. Соотношение международного права и внутригосударственного права// международное право:Учебник. / отв. Ред. Ю.М. Колосов, В.И. Кузнецов. – М:, международное отношения, 1998. –С. 12.
10. Усенко Г- Т. Согласование и взаимодействие международного и национального права в российской Конституции //Журнал международного нрава. 1995. №2,— С. 51.

**МИРЗОЕВ С.А.**
**MIRZOEV S.A.**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права, факультет менеджмента и экономического права, Таджикский государственный финансово-экономический университет

Candidate of Law, Associate Professor of the Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law, Faculty of Management and Economic Law, Tajik State Financial and Economic University

E-mail: m.subhon-85@mail.ru.
Тел: (+992) 934445553

**ЭРАҶИ М.**
**ЭРАДЖ М.**
**ERAJ M.**

ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

ассистент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права, факультет менеджмента и экономического права, Таджикский государственный финансово-экономический университет

Assistant Professor, Department of Economic, Financial and Anti-Corruption Law, Faculty of Management and Economic Law, Tajik State University of Finance and Economics
Тел: (+992) 935000288.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНИИ (МАДАНИИ) ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОБАСТА БА ШАРТНОМАИ ТАЪМИНИ ЭНЕРГИЯ (НЕРӮИ БАРҚ)

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ ГРАЖДАНСКОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О ДОГОВОРЕ ЭНЕРГОСНАБЖЕНИЯ (ЭЛЕКТРОСНАБЖЕНИЯ)

## SOME ISSUES OF THE DEVELOPMENT OF THE CIVIL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON THE CONTRACT FOR ENERGY SUPPLY (ELECTRICITY SUPPLY)

***Аннотатсия:*** *Мақолаи мазкур ба баъзе масъалаҳои рушди қонунгузории граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаи таъмини энергия (нерӯи барқ) бахшида шудааст. Муаллифон нерӯи барқ ва таъминоти онро яке аз масъалаи ҳаётан муҳими соҳаи энергетикаи кишвар арзёбӣ намуда, вобаста ба заминаҳои ҳуқуқии рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаи таъмини нерӯи барқ таҳлилҳои мушаххас анҷом додаанд. Муаллифон пешниҳод менамоянд, ки ба м. 569 КГ ҶТ (м. 595 КМ ҶТ) дохил намудани таърифи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) ба мақсад мувофиқ мебошад.*

***Вожаҳои калидӣ****: энергия, неруи барқ, энергетика, қонунгузории гражданӣ, шартномаи таъмини нерӯи барқ, муштарӣ, мизоҷ.*

***Аннотация:*** *Данная статья посвящена некоторым вопросам развития гражданского законодательства Республики Таджикистан о договоре энергоснабжения (электроснабжения). В частности авторами утверждается, что электроэнергия и ее снабжение являются одними из важнейших вопросов в энергетическом секторе страны, и на этой основе ими был проведен конкретный правовой анализ развития гражданского законодательства Республики Таджикистан регулирующее договор электроснабжения. Авторы предлагают, что в тексте ст. 569 ГК РТ (ст. 595 ГК РТ) целесообразно включить определение субабонентского договора.*

***Ключевые слова****: энергия, электроэнергия, энергетика, гражданское законодательство, договор электроснабжения, абонент, клиент.*

***Annotation:*** *This article is devoted to some issues of the development of the civil legislation of the Republic of Tajikistan on the contract for energy supply (power supply). In particular, the authors argue that electricity and its supply are one of the most important issues in the energy sector of the country, and on this basis, they conducted a specific legal analysis of the development of the civil legislation of the Republic of Tajikistan regulating the electricity supply contract. The authors suggest that in the text of Art. 569 of the Civil Code of the Republic of Tajikistan (Article 595 of the Civil Code of the Republic of Tajikistan), it is advisable to include the definition of a sub-subscriber agreement.*

***Key words:*** *energy, electric power, energetics, civil law, power supply contract, subscriber, client.*

Энергия аз ҷумла нерӯи барқ ва таъминоти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаи ҳаётан муҳими соҳаи энергетикаи кишвар ба ҳисоб меравад, зеро фаъолияти лозимаи объектҳои ҳаётан муҳим, аз қабили корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ, бонкҳо ва дигар объектҳо ба он вобастагии калон доранд. Ҳаёти ҳарӯзаи одамонро бидуни истифодаи неруи барқ муътадил тасаввур намудан ғайриимкон аст» [12, с. 274]. Энергетикаи барқӣ ҳамчун як бахши иқтисодиёт, ки муносибатҳои иқтисодии дар раванди истеҳсоли неруи барқ ва интиқоли он, идоракунии оперативӣ - диспетчерӣ дар энергетикаи барқӣ, фурӯш ва истифодаи неруи барқ бо истифода аз объектҳои истеҳсолӣ ва дигар объектҳои молу мулкии ба вуҷуд меомадаро дар бар мегирад, дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи худ ба тағйироти назаррас дучор шудааст, ки онҳо дар навбати худ боиси тағйироти танзими ҳуқуқии он гаштанд [10, с. 234-235].

Қобили қайд аст, ки дар Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мавзӯи энергетика, ба даст овардани Истиқлолияти энергетикӣ, энергияи сабз, нерӯи барқ ва сарфакорона истифода намудани он ва муҳим арзёбӣ кардани соҳаи мазкур, ки рушди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ аз он вобастааст, суханронӣ мегардад [13, с. 376]. Аз ҷумла дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 қайд гардид, ки ҳоло 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯйи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» кишвари мо дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд. Инчунин таъкид гардид, ки мардуми шарифи кишвар бояд маданияти истифодаи нерӯи барқ, яъне

сарфакориро риоя кунанд ва тавассути истифодаи таҷҳизоти каммасраф ва паст кардани талафот самаранокии истифодаи онро таъмин намоянд [1, санаи муроҷиат: 10.04.2023].

Тавре ки Ш.М. Исмоилов қайд мекунад, «дар доираи қонунгузории миллӣ, муносибатҳои ҳуқуқии бахши энергетика тавассути маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои қувваи гуногуни ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд, ки асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ, молиявӣ, гражданӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, замин ва дигар муносибатҳо дар бахши энергетикаро муайян мекунанд, аҳамият медиҳанд» [3, с. 3].

Бояд қайд кард, ки заминаи меъёрию ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмини неруи барқ айни ҳол ташаккул наёфтааст, бинобар ин, ба мақсади муайян намудани хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои дар ин соҳа ба вуҷуд меомада, аз ҷумла муносибатҳо оид ба шартномаи таъмини барқ, таҳлили ташаккули қонунгузории ҶТ дар соҳаи энергетикаи барқиро зарур ва муҳим медонем.

То барпо шудани ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон энергетикаи неруи барқ умуман вуҷуд надошт [14, с. 12]. Бинобар ин, дар бораи ҳеҷ гуна танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи таъминкунӣ бо неруи барқ сухан намерафт. Неругоҳи аввалини барқӣ дар ҷумҳурӣ соли 1926 дар шаҳри Душанбе бо иқтидори 78 кВт сохта шуда буд. Дар анҷумани якуми Ҳизби коммунистии Тоҷикистон (июни соли 1930), вобастагии рушди иқтисодии ҷумҳурӣ бар асоси энергетикӣ таъкид шуда буд. Бинобар ин, қадами аввалин ва ҷиддӣ дар рушди энергетикаи барқӣ дар ҶШС Тоҷикистон сохтмони НБО-и Варзоб-1 буд [9, с. 234-235].

Ба зумраи аввалини санадҳои ҳуқуқии даврони Шуравӣ оид ба таъмини неруи барқ «Низомнома дар бораи муносибатҳои байни неругоҳҳои барқӣ, зерсохторҳо ва шабакаҳои тақсимотӣ бо истеъмолкунандагони неруи барқ»–ро дохил намудан мумкин аст, ки бо Қарори ШКХ ИҶШС 27 декабри соли 1929 тасдиқ шуда буд. Ин Низомнома зарурати бастани шартномаҳо оид ба таъмин бо неруи барқро пешбинӣ намуда буд [17, с. 12]. Дар қарори дигари Шурои комиссарони халқи Иттиҳоди Шуравӣ аз 13 январи соли 1931 низ диққати махсус ба он дода шуд, ки «ташкилоте, ки неруи барқро мефурӯшад, бояд бо ҳар як истеъмолкунандаи он созишнома бандад». Ба таври хаттӣ бастани шартномаро, инчунин «Низомнома дар бораи муносибатҳои неругоҳҳои барқӣ ва системаҳои энергетикӣ бо истеъмолкунандагони неруи барқ ва гармӣ» [15, с. 460], «Қоидаҳои истифодаи неруи барқ» [7], ки онҳоро Вазорати энергетикаи Иттиҳоди Шуравӣ соли 1951 тасдиқ намуда буд, тақозо менамуданд.

Бо вуҷуди ин, шартномаи таъмини барқ на дар Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва Ҷумҳуриҳои иттифоқии соли 1961 ва на дар КГ ҶШС Тоҷикистон соли 1964 инъикоси қонунии худро наёфта буд. Сабаби чунин ҳолат дар он буд, ки Қоидаҳои истифодаи неруи барқ, ки дар он замон амал мекарданд, танзими нисбатан самараноки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши таъмини барқро таъмин менамуданд.

Бо дигаргун шудани шароит дар соҳаи таъминкунӣ бо неруи барқ дар нимаи солҳои 60–уми асри XX, зарурат ба таҷдид ва навсозии Қоидаҳои истифодаи неруи барқ ба миён омад. Аз ин рӯ, бо Қарори Шурои Вазирони ИҶШС, №726 аз 29 июли соли 1967 ба вазорату идораҳои дахлдор оид ба таҳияи Қоидаҳои истифодаи неруи барқ ва гармӣ супориш дода шуд. Ба мақсади иҷрои ин супориш, Вазорати энергетика ва электрификатсияи ИҶШС бо Фармони №316 аз 6 декабри соли 1981, Қоидаҳои истифодаи неруи барқро тасдиқ намуд.

Дар Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ ба сифати замима якчанд намуди шартномаҳои намунавии аз лиҳози ҳаҷм калон ҷой дода шуда буданд, ки дар онҳо номгӯйи истилоҳҳои асосии дар Қоидаҳои мазкур мавриди истифода қарордодашуда сабт шуда буд. Аз лиҳози ҳаҷм ва мазмуну мухтаво, Қоидаҳои истифодаи неруи барқ бо шартномаҳои намунавии ба он замимашуда, санади меъёрии ҳуқуқие ба шумор мерафтанд, ки дар ҷодаи танзими ҳуқуқии таъмини неруи барқ ва истифодаи он нақши муҳимро иҷро намуда, дар ҳаҷми пурра то соли 1998 мавриди истифода қарор доштанд.

Қоидаҳои истифодаи неруи барқ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудаанд, аз 6 марти соли 1998 амал мекунанд. Дар Қоидаҳои истифодаи неруи барқ масъалаҳои гуногунранг ва гуногунсамт танзими ҳуқуқии худро ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, Қоидаҳои истифодаи неруи барқро метавон ҳамчун санади меъёрӣ-ҳуқуқие тавсиф намуд, ки: якум, он аз маҷмуи меъёрҳои ташкилӣ-техникӣ ва ҳуқуқӣ иборат аст; дуюм, меъёрҳои техникии он заминаи техникии бастани шартномаҳо байни муштарӣ ва ташкилоти таъминкунанда бо неруи барқро дар бар мегиранд; сеюм, Қоидаҳо доираи субъектҳоеро, ки ба

сифати истифодабарандаи неруи барқ баромад мекунанд, муайян мекунад; чорум, он ҳуқуқу уҳдадориҳои муштариён ва ташкилотҳои таъминкунанда бо неруи барқро ҷиҳати иҷрои меъёрҳои техникӣ ва ҳуқуқии дахлдор ва ҷавобгарии ҳуқуқиро барои иҷро накардани онҳо муқаррар мекунад.

Рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ дар садаи нав зарурати такмили ҷанбаҳои гуногуни қонунгузориро ба вуҷуд овардааст. Имрӯз дар қонунгузорӣ бисёр масъалаҳое мавҷуданд, ки таҷдиди назарро мехоҳанд. Барои ин лозим аст, ки ҷараёни рушди қонунгузорӣ дар маҷмуъ ва ба таври комплексӣ арзёбӣ гардад. Қонунгузории граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои муҳими қонунгузорӣ ба шумор рафта, барои рушди шахсият ва иқтисодиёт нақши калидӣ дорад. Дар маҷмуъ такмил додани қонунгузории гражданӣ (маданӣ) ба якчанд омилҳо вобаста аст, аз ҷумла: раванди босуръати рушди муносибатҳои гражданӣ (маданӣ) дар кишвар ва ҷаҳонишавии он, қабули қонунҳои алоҳида вобаста ба муносибатҳои гражданӣ (маданӣ), бартараф намудани мухолифати дохилии қонунҳои амалкунанда ва КГ ҶТ, ки татбиқи онҳоро дар амал душвор мегардонанд, аз ҷиҳати истилоҳот коста будани мазмуну мундариҷаи қонунгузории гражданӣ (маданӣ) ва ғ. [6, с 144].

Аз замони эълон намудани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар соли 1991, баҳри танзими бахши энергетикаи кишвар заминаи васеи қонунгузорӣ омода шудааст. Дар чаҳорчӯби қонунгузории миллӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи энергетика тавассути маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои қувваи гуногуни ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд. Дар маҷмуъ, қонунгузории энергетикӣ на танҳо муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба энергетика ба танзим медароранд, балки чунин категорияҳои муҳими ҳуқуқӣ, аз қабили «энергетика», «захираҳои энергетикӣ», «маҳсулоти энергетикӣ», «сарфаи энергия», «консессия»-ро муайян мекунад [4, с. 3-4].

Қабули КГ ҶТ марҳилаи сифатан нав дар такмили қонунгузорӣ оид ба таъмин намудан бо неруи барқ буд. Дар КГ ҶТ (қисми дуюм) ба таъмини барқ 11 модда (моддаҳои 569 – 579) бахшида шудааст.

Айни ҳол санаи 24 декабри соли 2022 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷиқистон қабул карда шудааст, ки аз **1 июли соли 2023** мавриди амал қарор дода мешавад. Дар КМ ҶТ (қисми дуюм) ба таъмини энергия 11 модда (моддаҳои 595 – 605) бахшида шудааст.

Таҳлили матн ва мазмуни моддаҳои мазкур имкон медиҳад, ки ба якчанд норасоиҳои дар ин моддаҳо ҷойдошта таваҷҷуҳ намоем. **Якум,** ба истифода намудани калимаҳои «мизоҷ» ва «абонент» ҳамчун калимаҳои муродиф. Тарҷумаи русии калимаи «мизоҷ» калимаи «клиент» аст, на калимаи «абонент». Тарҷумаи тоҷикии калимаи «абонент» бошад, калимаи «муштарӣ» аст. Аз ин рӯ, якҷоя истифода намудани калимаҳои «мизоҷ» ва «абонент»-ро номуносиб меҳисобем. Ба фикри мо, дуруст ва муносиб мебуд, агар дар моддаҳои зикршуда танҳо як калима – калимаи муштарӣ истифода мешуд. Ҳолати мазкур дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷиқистон, ки аз **1 июли соли 2023** мавриди амал қарор дода мешавад ба инобат гирифта нашудааст. **Дуюм,** дар моддаҳои 569, 571 КГ ҶТ ибораи «ташкилоти таъминкунандаи барқ», дар моддаҳои 570, 572, 574, 576, 578 КГ ҶТ ибораи «ташкилоти таъмини барқ» истифода шудаанд, дар ҳоле ки чӣ аз лиҳози мазмун ва чӣ аз лиҳози таҳририӣ истифодаи ибораи «ташкилоти бо неруи барқ таъминкунанда» дуруст мебошад. Ҳолати зикршуда дар қисми 2 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷиқистон, ки ба шартномаи таъмини энергия бахшида шудааст як ибора яъне ташкилоти таъминкунандаи энергия муқаррар шудааст, аммо банди 2 моддаи 599 Кодекси мазкур сарфи назар шуда ташкилоти таъминкунандаи барқ муқаррар гардидааст. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, дар банди 2 моддаи 599 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷиқистон ба ҷойи ибораи «ташкилоти таъминкунандаи барқ» ибораи «ташкилоти таъминкунандаи энергия»-ро ба мақсад мувофиқ медонем. **Сеюм,** Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои умумӣ–ҳуқуқиро аз ҷумла муносибатҳои шартномавӣ-ҳуқуқиро дар соҳаи энергетика танзим менамояд. Мутобиқи м. 579 КГ ҶТ нисбат ба муносибатҳо оид ба таъмини газ, нафт, маҳсулоти нафтӣ ва дигар молҳо тавассути шабакаи пайваста қоидаҳои моддаҳои 569 – 579 татбиқ мешаванд. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки номи зербоби 5, боби 29 КГ ҶТ бо таҳрири русӣ «Таъмини нерӯ (Энергоснабжения)» ба «Таъмин бо нерӯи барқ (Электроснабжения)» иваз карда шавад. Қобили қайд аст, ки пешниҳоди мазкур дар маҷмӯъ, мазмунан дар қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷиқистон бо таҳрири нав ба инобат гирифта шудааст. Аз ҷумла матни тоҷикии зербобе, ки дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шартномаи таъмини

барқ бахшида шудааст, яъне «Таъмини барқ (Электроснабжения)» ба матни русии зербоби зикршуда, яъне «Таъмини энергия (Энергоснабжения)» дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз карда шудааст. **Чорум,** ҷой доштани баъзе номувофиқии байни матнҳои тоҷикӣ ва русӣ дар КГ ҶТ. Аз ҷумла, дар матни тоҷикии м. 570 КГ ҶТ ба муҳлати номуайян баста шудани шартномаи таъмини барқ ишора шудааст, дар ҳоле ки дар матни русии ин модда чунин муқаррарот умуман вуҷуд надорад. Ба мақсади бартараф намудани чунин норасоӣ мувофиқ намудани матни русии м. 570 КГ ҶТ-ро ба матни тоҷикии он ногузир ва бетаъхир медонистем. Аммо қобили зикр аст, ки норасоии меъёри мазкури КГ ҶТ дар банди 2 моддаи 596 КМ ҶТ дар матнҳои тоҷикӣ ва русӣ ба инобат гирифта шуда, муқаррар шудааст.

Аз оғози соли 2000 то кунун Маҷлиси Олии ҶТ фаъолияти пурсамари қонунэҷодкунии баҳри танзими муносибатҳо дар бахши таъминкунӣ бо неруи барқ нигаронида шударо анҷом дода истодааст. Дар ин давра қонунҳои зерин қабул шудаанд: Қонуни ҶТ «Дар бораи энергетика» аз 29 ноябри соли 2000 [2], ки масъалаҳоро оид ба мафҳумҳо ва истилоҳоти асосӣ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи энергетика, идоракунии корхонаҳои энергетикӣ, ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони энергия ва муносибатҳои монандро танзим менамояд. Қонуни ҶТ «Дар бораи сарфаҷӯйӣ ва самаранокии энергия» аз 19 сентябри соли 2013 [8] масъалаҳоро оид ба танзим ва идоракунии давлатӣ дар самти сарфаҷӯйии энергия, стандартизатсия, сертификатсия ва метрология дар соҳаи сарфаҷӯйии энергия, механизмҳои иқтисодӣ ва молиявии он, омӯзиш, тайёр кардани кадрҳо ва таъминоти иттилоотии фаъолияти самти сарфаҷӯии энергия дар бар мегирад.

Тайи солҳои 1996 – 2003, илова ба қонунҳои дар боло зикргардида, як силсила Қарорҳои Ҳукумати ҶТ ва Фармонҳои Президенти ҶТ дар соҳаи энергетика қабул карда шуданд, аз ҷумла, Қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 декабри соли 2000, №484 «Дар бораи Вазорати энергетикаи ҶТ»; Қарори Ҳукумати ҶТ аз 17 октябри соли 1996, №465 «Дар бораи назорати энергетикӣ дар ҶТ»; Қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 октябри соли 1998, №417 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи аввалини ислоҳот дар бахши энергетикаи ҶТ»; Фармони Президенти ҶТ аз 25 октябри соли 2000, №422 «Дар бораи таъсиси Вазорати энергетикаи ҶТ»; Фармони Президенти ҶТ 24 апрели соли 2004, №1736 «Дар бораи таъсиси институти энергетикии Тоҷикистон» ва ғайра [5, с. 4], [16, с. 49-50]. Қисми зиёди ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баҳри ҳалли масъалаҳои ташкили идоракунии энергетика, инчунин масъалаҳои танзими нархҳо ва расмиёти ҳисоббаробаркунӣ равона шудаанд.

Чунонки аз гуфтаҳои боло маълум гардид, санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда ҳадафмандона асос барои ислоҳоти минбаъдаи соҳаи энергетикаи барқи Тоҷикистонро ташкил доданд. Ҳамин тариқ, дар айни замон, барои дар соҳаи энергетикаи барқ фаъолона ташкил намудани доманаи васеи меъёрӣ идома дорад.

Хулоса дар асоси таҳлилҳои болозикр чунин пешниҳодҳоро дар Кодекси граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шартномаи таъмини барқ мувофиқи мақсад меҳисобем:

1. Бо дарназардошти аҳамияти неругоҳҳои хурди обии барқӣ, неругоҳҳои хурди барқӣ-бодӣ, панелҳои офтобӣ дар таъмини амнияти энергетикии ҶТ ба КГ ҶТ ворид намудани меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳо бо иштироки онҳоро зарур медонем.

2. Ба м. 569 КГ ҶТ (м. 595 КМ ҶТ) дохил намудани чунин таърифи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ)-ро ба мақсад мувофиқ медонем: «Шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) чунин шартномае мебошад, ки тибқи он муштарӣ ӯҳдадор мешавад бо розигии ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда қисми нерӯи барқи дар асоси шартномаи таъмини барқ тавассути шабакаи пайвастшуда қабул намудаашро ба субабонент (муштарии фаръӣ) интиқол диҳад, муштарии фаръӣ бошад ӯҳдадор мешавад, ки арзиши нерӯи барқи аз ӯ қабулкардаро пардохт намуда, реҷаи тибқи шартномаи субабонентӣ (муштарии фаръӣ) муқарраршудаи истифодаи онро риоя намояд, бехатарии шабакаҳои энергетикӣ, бенуқсонӣ, бекамукостии дастгоҳу таҷҳизоти ба раванди истифодаи нерӯи барқ алоқамандро таъмин намояд».

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 [Манбаи электронӣ] – URL: http://www.president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат: 10.04.2023).
2. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2000. – № 11.
3. Исмоилов, Ш.М. Энергетическое законодательство Таджикистана и основные направления его совершенствования. // Энергетическое право. – 2009. – № 2. – С. 3.
4. Исмоилов, Ш.М. Энергетическое законодательство Таджикистана и основные направления его совершенствования. // Энергетическое право. – 2009. – № 2. – С.3–4.
5. Исмоилов, Ш.М. Энергетическое законодательство Таджикистана и основные направления его совершенствования. // Энергетическое право. – 2009. – № 2. – С.4.;
6. Консепсияи рушди қонунгузории граждании ҶТ // Қонунгузорӣ. – №2 (14), 2014. // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ – Душанбе, 2014. – С. 144. [Манбаи электронӣ] – URL: http://mmk.tj/Government–programs/concept/rushd (санаи муроҷиат: 03.12.2019).
7. Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ, Госэнергоиздат. – М., 1951.
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» аз 19 сентябри соли 2013.
9. Мирзоев С.А. Нормативно–правовая основа договора элетроснабжения. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – № 2/4. Қ. 1. – Душанбе, 2017. – С. 234–235.
10. Мирзоев С.А. Нормативно–правовая основа договора элетроснабжения. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – № 2/4. Қ. 1. – Душанбе, 2017. – С. 234–235.
11. Мирзоев С.А. Энергия ҳамчун ашё ва объекти ҳуқуқи гражданӣ. // Паёми ДДТТ. – 2019. – № 1 (26). – Душанбе, 2019. – С. 120–121.
12. Мирзоев С.А., Шарипов С.С. Нерӯи барқ ҳамчун ашё дар ҳуқуқи гражданӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 3(37). Душанбе, 2021. Саҳ. 274.
13. Мирзоев С.А., Эраҷи М. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии қонунгузории граждании ҷумҳурии тоҷикистон вобаста ба шартномаи таъмини нерӯи барқ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – 4/2(44)/2022. – Душанбе, 2022. – С. 376.
14. Низомнома дар бораи муносибатҳои байни нерӯгоҳҳои барқӣ, зерсохторҳо ва шабакаҳои тақсимотӣ бо истеъмолкунандагони нерӯи барқ // СЗ СССР. – 1930. – № 2. – С. 12.
15. Низомнома дар бораи муносибатҳои нерӯгоҳҳои барқӣ ва системаҳои энергетикӣ бо истеъмолкунандагони нерӯи барқ ва гармӣ // СЗ СССР . – 1934. – № 64. – С. 460.
16. Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ. // Зери таҳрири умумии д.и.ҳ., проф. Ғаюров Ш.К. – Душанбе: ЭР–граф, 2013. – С. 49–50.
17. Сирожев, Б.С. Развитие энергетики в Таджикистане. // – Душанбе: Ирфон, 1986. – С. 12.

**ҶАББОРОВ Ф.Н.**
**ДЖАББОРОВ Ф.Н.**
**JABBOROV F.N.**

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикор-рупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Доцент кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции, кандидат юридических наук

Associate Professor of the Department of Commercial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Commerce, PhD in Law

**НОРОВА П.С.**
**NOROVA P.S.**
магистранти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Магистрант Института философии, политологии и права Национальной академии наук Таджикистана

Master student of the Institute of Philosophy, Political Science and Law of the National Academy of Sciences of Tajikistan

E-mail: jabborovf@mail.ru
Тел.: +992981067122, 992554441056

## НАҚШИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ БАЙНИҲУКУМАТӢ ДАР ТАЪМИНИ БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ

## РОЛЬ МЕЖДУНАРОДНЫХ МЕЖПРАВИТЕЛЬСТВЕННЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ГЕНДЕРНОГО РАВЕНСТВА

## THE ROLE OF INTERNATIONAL INTERGOVERNMENTAL ORGANIZATIONS IN ENSURING GENDER EQUALITY

***Аннотатсия:*** *Дар мақолаи мазкур саҳми созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ дар таъмини баробарии гендерӣ нишон дода шудааст. Муаллифон фаъолияти Маҷмаи Умумии СММ, Шӯрои амнияти СММ, Департаменти СММ оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва сулҳофарӣ, СММ-Занон, Комиссияи Иқтисодии Аврупоии СММ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупоро дар бахши таъмини баробарҳуқуқии мардон ва занон, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа таҳлил намуданд. Қайд мегардад, ки масъалаи баробарии гендерӣ дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон ҷой дошта, яке аз ҳадафҳои рушди устувор ба ҳисоб меравад. Дар мақола оид ба Шабакаи “Ҷавонон тарафдори баробарии гендерӣ”-и САҲА ва фаъолияти он дар Тоҷикистон маълумот дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *баробарии гендерӣ, ҳуқуқи занон, созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ, Созмони Милали Муттаҳид, ҳалли низоъ, имкониятҳои баробар, ҳадафҳои рушди устувор, сулҳу амният.*

***Аннотация:*** *В данной статье показан вклад международных межправительственных организаций в обеспечение гендерного равенства. Авторы проанализировали деятельность Генеральной Ассамблеи ООН, Совета Безопасности ООН, Департамента ООН по политическим вопросам и вопросам поддержания мира, Структуры «ООН-женщины», Европейской экономической комиссии ООН, Организации по безопасности и сотрудничеству в Европе в сфере обеспечения равноправия мужчин и женщин и повышение статуса женщин в обществе. Отмечается, что вопрос гендерного равенства существует во всех странах мира и считается одной из целей устойчивого развития. В статье представлена информация о Сети «Молодежь за гендерное равенство» ОБСЕ и ее деятельности в Таджикистане.*
***Ключевые слова:*** *гендерное равенство, права женщин, международные межправительственные организации, Организация Объединенных Наций, разрешение конфликтов, равные возможности, цели устойчивого развития, мир и безопасность.*

***Annotation:*** *This article shows the contribution of international intergovernmental organizations to ensuring gender equality. The authors analyzed the activities of the UN General Assembly, the UN Security Council, the UN Department of Political and Peacekeeping Affairs, UN Women, the UN Economic Commission for Europe, the Organization for Security and Cooperation in Europe in the field of ensuring equal rights for men and women and raising the status women in society. It is noted that the issue of gender equality exists in all countries of the world and is considered one of the goals of sustainable development. The article provides information about the OSCE Youth for Gender Equality Network and its activities in Tajikistan.*
***Keywords:*** *gender equality, women's rights, international intergovernmental organizations, United Nations, conflict resolution, equal opportunities, sustainable development goals, peace and security.*

Созмони байналмилалии байниҳукуматӣ иттиҳодияи давлатҳои соҳибихтиёрест, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бо роҳи баста шудани шартномаи бисёрҷонибаи байналмилалӣ таъсис дода шудааст.

Мафҳуми мухтасари созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ дар қатъномаи Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ аз 27 феврали соли 1950 дода шудааст: «Инҳо созмонҳое мебошанд, ки дар асоси созишномаи байни давлатҳо ташкил карда шудаанд ва аъзои онҳо худи давлатҳо мебошанд».

Таҷрибаи муносибатҳои байналмилалӣ дар асрҳои XIX-XXI боиси таъсис ва рушди босуръати созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ гардид. Онҳо ҳамчун шакли нави дипломатияи бисёрҷониба дар асоси шартномаи байналмилалие таъсис дода мешаванд, ки байни се ва зиёда иштирокчиён барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумии ҳамкорӣ баста мешаванд.

Аломатҳои созмони байналмилалии байниҳукуматӣ заминаи ҳуқуқии байналмилалии фаъолият (шартнома ё оинномаи байналмилалӣ), мақомоти махсуси доимии роҳбарикунанда, кадрҳо, мавҷудияти захираҳои молиявӣ, мавҷудияти ухдадориҳои давлат оид ба иҷрои қарорҳо мебошанд [4, 86]. Чунин созмонҳо мақоми субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ доранд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки мустақилона аҳдҳо банданд, амвол ба даст оранд, тарафҳои шартномаҳо, аз ҷумла шартномаҳои байналмилалӣ бошанд.

Дар бахши таъмини баробарии гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои занону духтарон якчанд созмонҳои байналмилалӣ фаъолият бурда истодаанд.

Нақши асосиро дар таъмини баробарии гендерӣ созмони бонуфузи байналмилалӣ – Созмони Милали Муттаҳид иҷро мекунад.

Маҷмаи Умумии СММ якчанд санадҳои муҳимро дар бахши ҳифзи ҳуқуқи занон қабул намудааст, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966,

Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ аз соли 1966, Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон аз 18 декабри соли 1979, Эъломия оид ба решакан намудани зӯроварӣ нисбати занон аз 20 декабри соли 1993.

Афзоиши иштироки пурра, баробар ва пурмазмуни занон дар ҳифзи сулҳ, пешгирии низоъҳо ва таҳкими сулҳ яке аз авлавиятҳои аввалиндараҷаи Департаменти СММ оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва сулҳофарӣ (минбаъд, ДМСС) мебошад. Мавзӯи "Зан, сулҳ ва амният" бори нахуст соли 2000 бо қабули қатъномаи 1325 (2000) Шӯрои Амнияти СММ баррасӣ гардид.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз шумораи зиёди уҳдадориҳо ва ташаббусҳои глобалию минтақавӣ, шумораи заноне, ки дар равандҳои расмии сулҳ иштирок мекунанд, кам боқӣ мемонад. Дар бисёре аз созишномаҳои сулҳ муқаррароте ҷой надорад, ки масъалаҳои гендериро ба таври кофӣ баррасӣ кунанд ва ниёзҳои амнияти занон ва бунёди сулҳро ҳал кунанд.

ДМСС ташаббусҳоро дар самти таъмини афзоиши ҳамаҷонибаи иштироки занон, ҷорӣ намудани масъалаҳои баробарии гендерӣ ва таҳияи стратегияҳо дар асоси афзалиятҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдори ҳуқуқи занон муайян шудаанд, дастгирӣ менамояд. Ин фаъолият кор бо фиристодагони махсус ва намояндагони махсуси Котиби Генералиро барои таҳия ва дастгирии стратегияҳои равандҳои фарогири сулҳ дар бар мегирад. Дар ҳама маконҳои ҷуғрофӣ, аз Колумбия то Сурия, Департамент инчунин имкониятҳои нави иштирокро тавассути стратегияҳои фарогирии рақамӣ ва машварат ва ҷалби онлайн меомӯзад.

Дар шароите, ки СММ амалишавии равандҳои сулҳро дастгирӣ мекунад, ДМСС ва миссияҳои махсуси сиёсии он барои пешбурди иштироки мустақими занон тавассути таблиғ ва маслиҳат оид ба стратегияҳои миёнаравӣ кор мекунанд.

Департамент инчунин бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва гуруҳҳои занон машваратҳо ташкил намуда, оид ба роҳҳои самараноки ҷалби занон ба ин раванд ва ба инобат гирифтани андешаҳои онҳо маслиҳат медиҳад. Илова бар ин, Департамент ба иштироки сиёсии занон дар интихобот мусоидат мекунад, масалан, тавассути машваратҳо оид ба қабули чораҳои махсуси муваққатӣ, аз ҷумла квотаҳои интихоботӣ, барои дастгирии давраи интихобот. Барои кӯмак ба миёнаравҳо ва давлатҳои узв дар талошҳои онҳо дар самти фарогиртар ва ҳассосияти гендерии равандҳои сулҳ, ДМСС барои миёнаравҳо ва коршиносони миёнаравӣ ду роҳнамо таҳия кардааст; як дастур оид ба ҳалли масъалаи зӯроварии ҷинсӣ вобаста ба низоъ тавассути оташбас ва созишномаҳои сулҳ (дар соли 2012) ва як дастур оид ба стратегияҳои гендерӣ ва миёнаравии фарогир (дар соли 2017).

Дар соли 2016 дар ДМСС зерсохтори алоҳида - Гуруҳ оид ба масъалаи гендер, сулҳ ва амният таъсис дода шуд, ки назоратро аз болои иҷрои рӯзномаи занон, сулҳ ва амният ба роҳ мемонад. Ин сохтор барои таҳияи сиёсат, рушди малакаҳои кормандони ДМСС, ки дар фаъолияти сулҳофарӣ иштирок мекунанд, масъул аст. Ҳамчунин ин сохтор ба кормандони ДМСС дар татбиқи қатъномаҳои Шӯрои Амният оид ба занон, сулҳ ва амният ва пешгирии зӯроварии ҷинсӣ дар давраи низоъ ҳамаҷониба кӯмак мерасонад. Санади барномавии ДМСС оид ба занон, сулҳ ва амният дар моҳи июни соли 2019 нашр шудааст, то ки ҷанбаҳои гендерӣ дар тамоми фаъолияти Департамент ба назар гирифта шавад. Ин санад панҷ афзалиятро барои пешбурди занон, рӯзномаи сулҳ ва амният муайян мекунад: (а) гузаронидани сиёсати гендерӣ ва таҳлили низоъҳо; б) мусоидат ба фарогирӣ ва иштироки пурмазмуни занон дар тамоми кори сулҳ ва сулҳпарварӣ; в) иштироки занон дар равандҳои интихоботӣ ва сиёсӣ; г) пешгирӣ ва мубориза бо зӯроварии ҷинсӣ вобаста ба низоъ ҳамчун афзалияти сулҳ; д) банақшагирии барнома: таъмини баҳисобгирии ҳаматарафаи ҷанбаҳои гендерӣ дар ҳамаи лоиҳаҳо тавассути ҷудо намудани захираҳо.

Нуктаи назари ДМСС оид ба амалисозии рӯзномаи сулҳ ва амният аз он иборат аст, ки на танҳо ба масъалаи занон, сулҳ ва амният таваҷҷӯҳ зоҳир намояд, балки баҳисобгирии ҳаматарафаи ҷанбаҳои гендериро дар фаъолияти ДМСС таъмин намояд, ҳамчунин масъулияти кор оид ба масъалаҳои зан, сулҳ ва амният танҳо бар зиммаи мушовирон оид ба масъалаҳои гендерӣ набуда, дигар кормандони ДМСС ва сохторҳои он дар минтақаҳо низ масъулият доранд.

Қатъномаи 1325 Шӯрои Амнияти СММ (2000) дар бораи занон, сулҳ ва амният аз ҷониби эътилофи кишварҳои узв, ки минтақаҳои гуногуни ҷуғрофиро намояндагӣ мекунанд, дастгирӣ карда шуд ва аз ҷониби як гурӯҳи созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз манфиатҳои

занон ҳимоят мекунанд, фаъолона ҷонибдорӣ карда шуд. Ин қатънома аввалин қатъномаи Шӯрои Амният буд, ки вазъи занонро ба рӯзномаи сулҳ ва амният пайванд медиҳад ва таъсири низоъ ба занон ва саҳми занон дар ҳалли низоъҳо ва сулҳи пойдорро баррасӣ мекунад.

Ин қатъномаро метавон ба чаҳор қисм тақсим кард:

1) нақши занон дар пешгирии низоъҳо;
2) иштироки занон дар бунёди сулҳ;
3) ҳимояи ҳуқуқи занон ва духтарон дар рафти низоъ ва баъд аз низоъ;
4) эҳтиёҷоти махсус занон ҳангоми репатриатсия ва муҳоҷиркунӣ ва эҳтиёҷоти барқарорсозӣ, реинтегратсия ва барқарорсозии пас аз низоъ.

Аз рӯи масъалаҳои марбут ба занон, сулду амонӣ ҳамагӣ даҳ қатънома қабул карда шуд, ки онҳоро ба ду гуруҳ тақсим кардан мумкин аст. Гурӯҳи якуми қатъномаҳо бо ташаббуси қатъномаи 1325 (2000) Шӯрои Амният оғоз шуда, баъдан бо қатъномаҳои Шӯрои Амният 1889 (2009), 2122 (2013), 2242 (2015) ва 2493 (2019) пурра карда шудаанд. Ин гуруҳи қатъномаҳо зарурияти иштироки занонро дар сулҳофарӣ ва оштидиҳӣ дар бар мегирад. Гурӯҳи дуюми қатъномаҳо ба пешгирӣ ва мубориза бо зӯроварии ҷинсӣ вобаста ба низоъ нигаронида шудааст. Аввалин қатънома дар бораи зӯроварии ҷинсӣ вобаста ба низоъ(қатъномаи 1820) соли 2008 қабул шудааст. Он эътироф мекунад, ки зӯроварии ҷинсӣ, ки ҳамчун тактикаи низомӣ истифода мешавад, метавонад низоъро ба таври назаррас шаддидтар кунад ва ба сулҳу амнияти байналмилалӣ таҳдид кунад. Аз соли 2008 инҷониб, чаҳор қатъномаи дигар дар масъалаи зӯроварии ҷинсӣ вобаста ба низоъ қабул карда шуд [2].

Яке аз созмонҳои дигаре, ки дар ҳошияи СММ таъсис дода шудааст, Комиссия оид ба вазъи ҳуқуқии занон мебошад. Комиссия оид ба вазъи занон як мақоми олии байниҳукуматии ҷаҳонӣ мебошад, ки танҳо ба пешбурди баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон бахшида шудааст. Комиссия оид ба вазъи занон дар пешбурди ҳуқуқи занон, сабти мақоми занон дар саросари ҷаҳон ва муқаррар кардани стандартҳои ҷаҳонӣ барои баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон нақши муҳим дорад.

Комиссия оид ба вазъи занон яке аз сохторҳои ёрирасони Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ мебошад. Он аз соли 1946 амал карда истодааст (аввал ҳамчун зеркумитаи назди Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон). Он аз намояндагони 45 давлати аъзои Созмони Милали Муттаҳид иборат аст, ки ба муддати 4 сол бо назардошти принсипи тақсимоти ҷуғрофӣ интихоб карда мешаванд: 13 аъзо аз Африқо, 11 аъзо аз Осиё, 9 аъзо аз Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи Кариб, 4 аъзо аз Аврупои Шарқӣ, 8 аъзо аз Аврупои ғарбӣ ва дигар мамлакатҳо.

Комиссия конфронсҳои умумиҷаҳонии занонро ташкил намуда, дар моҳҳои феврал-март иҷлосияҳои ҳарсоларо дар Ню-Йорк мегузаронад; одатан аз рӯи мавзӯҳои афзалиятноки иҷлосия «хулосаҳои мувофиқ» қабул карда мешавад. Комиссия иҷроиши қарорҳоеро, ки дар Платформаи пекинии амал (дар Конфронси умумиҷаҳонии занон дар соли 1995 таъсис дода шудааст) қабул мешаванд, назорат мекунад.

Яке аз натичаҳои кори Комиссия соли 1953 қабул шудани Конвенсияи Маҷмаи Умумии СММ дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии занон буд.

2 июли соли 2010 вакилони Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид якдилона барои таъсиси як ниҳоди ягонаи Созмони Милали Муттаҳид, ки барои суръат бахшидан ба пешрафт дар самти ҳадафҳои баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон масъуланд, овоз доданд. Созмони нави Созмони Милали Муттаҳид оид ба баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон, ки СММ-Занон ном дорад, чаҳор шуъбаи созмони ҷаҳониро муттаҳид кардааст: Хазинаи рушди Созмони Милали Муттаҳид барои занон (UNIFEM), Шуъбаи рушди занон (DAW), Дафтари Мушовири махсус оид ба масъалаҳои гендерӣ ва пешрафти занон ва Институти байналмилалии таҳқиқот ва омӯзишии Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди занон (INSTRAW).

Таким образом, рассматривая проблему формирования концепции национального единства и ее дальнейшего совершенствования, можно прийти к выводу, что, действительно, духовная составляющая, наряду с политической и экономической составляющими, имеет большое значение в сплочении и единении нации. На этой основе можно говорить и об актуальности национальной идеи, национальных установок в формировании национальной идеологии, которая способна консолидировать нацию не только на конфликтных этапах существования, но и в процессе ее дальнейшего развития. Вместе с тем в условиях усиления глобализационных процессов особо важно сохранить свою национальную идентичность. И здесь огромное значение имеет сохранение национальной культуры и национального языка.

На практике решающим шагом в политическом обеспечении национального единства стало создание не имеющего в других, соседних с Таджикистаном государствах аналога института общенациональной интеграции и единения – Общественного совета Таджикистана. Данный институт стал в то время центральным звеном на пути достижения мира и согласия в таджикском обществе. Эту роль Общественного совета академик М.Диноршоев оценивает очень высоко: «XVI сессия своими решениями и постановлениями заложила стратегические принципы достижения национального мира и согласия. Нормативно-правовые акты Сессии создали благоприятные условия для консолидации здоровых сил общества – политических партий, народных движений, общественных объединений, неправительственных организаций, религиозных конфессий. Это позволило подготовить и подписать в марте 1996 г. Договор об общественном согласии между Президентом, Правительством и политическими силами страны, что сыграло большую роль в достижении национального мира и согласия». [16]

Концепция национального единства не должна представлять собой нечто застывшее и догматическое. Она должна постоянно совершенствоваться и развиваться с развитием общества.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Хуморов Д. М. Национальное самосознание – гарантия единства// Материалы научно-практической конференции, посвященной второй годовщине суверенитета РТ. Душанбе, 1994. -

С. 20.

2. Парсонс Т. Общий обзор // Американская социология. Перспективы. Проблемы. Методы. М., 1972. 368 с .

3. Пащенков В.Я. Идеология евразийства. М., 2000. - С.32-33.

4. Матц У. Идеологии как детерминанта политики в эпоху модерна // Полис. - 1992. - № 1. – С.135.

5. Пугачев В.П., Соловьев А.И. Введение в политологию. М., 2005. 299 с

6. Хидирова М.У. Конфликт и лидерство в современных условиях. Душанбе, 2004. – 191с

7. Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа. Душанбе, 2000. - С.125.

8. Крысько В.Г. Этнопсихология и межнациональные отношения. М., 2002. - С.103

9. Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа. Душанбе, 2000. - С.325.

10. Крысько В.Г. Этнопсихология и межнациональные отношения. М., 2002. - С.167

11. Восиев Ф. Национальное примирение и национальное единство:
проблемы становления и развития (Опыт Таджикистана). Автореф. канд. полит. наук. Душанбе, 2010.

12. Хидирова М.У. Конфликт и лидерство в современных условиях. Душанбе, 2004. – 191с

13. Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа. Душанбе, 2000. - С.325

14. Самиев А.Х. Историческое сознание как самопознание общества. Душанбе, 2009. 336 с

15. Рахмонов Э. Таджики в зеркале истории. От арийцев до Саманидов. Лондон, 1999. Кн.1. 225 с.

16. Диноршоев М. Историческое значение XVI Сессии Верховного Совета Республики Таджикистан. (двенадцатого созыва). Материалы международного симпозиума «Международное значение XVI Сессии Совета Республики Таджикистана (двенадцатого созыва) и ее роль в совершенствовании теории и практики государственности в Республике Таджикистан» (Душанбе, 1-2 ноября 2002 года). Душанбе: Деваштич, 2002. 131с.

**ШИКОРИЕВА Л. Ш.**
**SHIKORIEVA L. SH.**

Унвонҷуйи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Соискатель кафедры предпринимательского и международного права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики

Applicant of the Department of entrepreneurship and international law of Tajik State University of Law, business and politics

E-mail: shikorieval@mail.ru
Тел: +992 92 621 49 49

## МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

## ВОПРОСЫ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

## ISSUES OF LEGAL SUPPORT OF INVESTMENT ACTIVITIES IN MODERN TAJIKISTAN

***Аннотатсия:*** *Дар мақолаи мазкур масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ, бо мақсади таъмини рушди соҳаи мазкур баррасӣ гардидааст. Таҳлили меъёрҳои қонунгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи ҳадафҳои миллӣ таҳқиқоти мазкурро ифода менамояд. Масъалаҳои ҳуқуқии рушд, роҳҳо ва ҳалли вазифаҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ пешбарӣ шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *қонун, сармоягузорӣ, мақомоти давлатӣ, созишномаи сармоягузорӣ, ҷавобгарӣ.*

***Аннотация:*** *В настоящей статье рассматриваются вопросы правового регулирования инвестиционной деятельности с целью реализации государственной политики. Проанализированные нормы действующего законодательства в сфере инвестиционной деятельности выявляют некоторые свои особенности. Представлены правовые вопросы развития, пути решения основных задач государственной политики в сфере инвестиции.*

***Ключевые слова:*** *закон, инвестиция, государственный орган, инвестиционное соглашение, ответственность.*

***Annotation:*** *In this article discusses the issues of legal regulation of investment activities in order to implement state policy. The analyzed norms of the current legislation in the field of investment activity reveal some of their features. Legal issues of development, ways of solving the main tasks of state policy in the field of investment are presented.*

***Key words:*** *law, investments, state body, responsibility, investment agreement, obligation.*

Фаъолияти сармоягузорӣ амали сармоягузор вобаста ба гузоштани сармоя ба истеҳсоли маҳсулот ва ё тарзи дигари истифодаи он бо мақсади ба даст овардани фоида ё муваффақ шудан ба натиҷаи дигари назарраси иқтисодӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти қонунгузор як зумра санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия ва қабул гардидааст. Мувофиқи меъёрҳои он ҳадафи асосӣ рушди муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ, ғанӣ

гардонидани буҷети давлат, таъмини бозори истеъмолӣ ва беҳсозии некӯаҳволии халқ муайян шудаанд.

Дар соҳаи таъмини фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зарурӣ қабул карда шудаанд. Ба монанди, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2016 №1299 «Дар бораи сармоягузорӣ»[3] мафҳуми асосиро шарҳ медиҳад. Яъне, сармоягузорӣ аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида; фаъолияти сармоягузорӣ ин раванди сармоягузорӣ, ки марҳилаҳои таҳия, иҷро ва идоракунии лоиҳаҳои вобаста ба сармоягузориро дар бар мегирад.

Аз мафҳуми қонунии сармоягузорӣ бармеояд, ки аз тарафи сармоягузор ба объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ (воситаҳои молия, коғазҳои қиматнок, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ-маънавӣ, ки ба сармоягузор аз рӯйи ҳуқуқи моликият ба ӯ мансубанд) бо мақсади гирифтани фоида ва ё расидан ба натиҷаи дигари назарраси фоиданоки иқтисодӣ гузошта шудаанд. Аз рӯйи моҳияти ҳуқуқии худ сармоягузорӣ фаъолияти соҳибкорӣ буда, ба қайди давлат гирифта шудани субъекти сармоягузориро талаб менамояд. Баръакси ҳолат, фоидаи ба даст оваранда ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад, ва барои ҳамин ҳам, ба сармоягузорӣ нишонаҳои қонунии фаъолияти соҳибкорӣ пурра хос аст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун оид ба пайдоиши сармоягузорӣ вуҷуд дорад, барои ҳамин ҳам, мафҳуми сармоягузорӣ аз маблағгузорӣ, сармоягузорӣ бармеояд[6,с.8], истифода бурда мешаванд. Ҳамчун анъана дар соҳаҳои илми муосир сармоягузорӣ аз рӯйи ду нуқтаи назар баррасӣ карда мешавад: ҳам иқтисодӣ ва ҳам дараҷаи ҳуқуқӣ, ки бениҳоят ба ҳам алоқаманданд.

Аз мазмуни истилоҳи фарҳанги ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки сармоягузорӣ ҳама гуна шаклҳои ҳуқуқи молу мулкӣ, ...ба монанди маблағ, коғазҳои қиматнок, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, ки ба сармоягузор аз рӯи ҳуқуқи моликият мансуб буда, бо мақсади гирифтани фоида ва ё расидан ба натиҷаи дигари назарраси фоиданок, гузошта шудаанд[8, с. 418].

Дар ин радиф, сарчашмаҳои фаъолияти сармоягузориро инҳо инъикос менамоянд: – воситаҳои шахсии сармоягузор, маблағи пардохти истеҳлокӣ, фоида, амонатҳои шаҳрвандон; – воситаҳои қарз, кредитҳои бонк ва буҷет, вомҳо ва дигар воситаҳои пулӣ; – воситаҳои ҷалбкарда, маблағҳо аз ҳисоби фурӯши саҳмияҳо, ҷалби амонатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

Доираи васеи сарчашмаҳои фаъолияти сармоягузорӣ объектони муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузорӣ мебошанд, ки қонунгузории амалкунанда бахри таъмини он асосҳои ҳуқуқиро муайян намудааст[9, с. 203]. Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун матлаби танзими ҳуқуқи фаъолияти соҳибкорӣ хусусияти маҷмуавӣ дошта, аз рӯйи табиати худ бо мақсади амалисозии манфиатҳои ҳуқуқӣ-хусусӣ ва ҳуқуқӣ-оммавӣ равона карда мешавад.

Р.Б. Бозоров ишора ба он менамояд, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ давлат муносибатҳои ҳуқуқиеро танзим менамояд, ки миёни шахсҳо ба миён меоянд ва давлат чун кафили ин муносибатҳо баромад мекунад. Дар танзими оммавӣ худи давлат иштироккунандаи ин муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Дар робита ба ин дар низоми муносибатҳои сармоягузорӣ меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, соҳибкорӣ ва ҳамчунин маъмурию молиявӣ ҳуқуқи сармоягузорӣ ба танзим дароварда мешаванд [7, с. 40-41].

Фаъолияти сармоягузорӣ мисли дигар чабҳаҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар асоси талаботи қонунгузории амалкунанда ба танзим дароварда шудааст. Ба ин гурӯҳи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.03.2016, №1299 «Дар бораи сармоягузорӣ», аз 19.03. 2013, №944 «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ»[4] ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ сиёсати давлатии сармоягузорӣ мансубанд, ба амал бароварда мешаванд.

Ҳамчунин, сиёсати давлатии таъмини фаъолияти сармоягузорӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030[5] муқаррар гардидааст. Фасли 5.4-и Стратегия масъалаҳои “Фазои сармоягузорӣ”-ро дарбар мегирад, ки мувофиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ ҳаллу фасли онҳо хеле муҳим мебошанд.

Нуқтаҳои муҳими Стратегияи миллӣ дар соҳаи рушди фазои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ диққатҷалбкунанда боқӣ мондаанд. Мустаҳкам гардидааст, ки Ҳукумат ислоҳоти институтсионалиро оид ба беҳсозии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ тавассути

таҳкимдиҳии заминаи қонунгузорӣ, рушди низоми иҷрои қарордодҳо ва идоракунии корпоративӣ, таъмини ҳуқуқҳои молумулкӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурии зиёдатӣ, аз ҷумла баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ ва коҳишдиҳии хавфҳои сармоягузориро идома медиҳад.

Амалияи танзими ҳуқуқӣ ва рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар шаҳодат медиҳад, ки бахши сармоягузорӣ бе истифодаи механизми имтиёзҳо, ҳавасмандгардонӣ, умуман сабукиҳои низоми андозбандию гумрукӣ ғайриимкон аст. Дар ин ҷода, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 23 декабри соли 2022 таъкид намудаанд: «Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва ҳавасмандгардонӣ, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд»[2].

Бо ин асос, сиёсати давлатии сармоягузорӣ бояд ба фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва бартараф намудани маҳдудиятҳои қонунгузорӣ ва институтсионалӣ барои афзоиши сармоягузориҳо дар истеҳсолот, тақвиятбахшии тамоюли иҷтимоии онҳо, озод намудани ташаббуси бахши хусусии иқтисодӣ, муқовимат ба таҳдидҳои баъди буҳрони молиявии ҷаҳонӣ бавуҷудомадаи бесуботии фаъолияти хоҷагидорӣ дар кишвар нигаронида шавад.

Дар доираи танзими ҳуқуқи фаъолияти сармоягузорӣ самтҳои асосии пешбарандаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ, соҳаҳои воқеии иқтисодиёт дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ ва муқаррар карда шудаанд. Дар соҳаи ба амал баровардани фаъолияти сармоягузорӣ давлат мувофиқи меъёрҳои Конститутсия, қонунгузории ҷорӣ баробарҳуқуқии сармоягузории ватанӣ ва сармоягузории хориҷиро кафолат додааст. Дар муносибат бо сармоягузорон, вобаста ба мансубияти шаҳрвандӣ, миллат, забон, ҷинс, нажод, эътиқоди дин, ҷои анҷом додани фаъолияти иқтисодӣ, инчунин, кишвари сармоягузор ба ҳеҷ гуна поймолкунии ҳуқуқӣ роҳ намедиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 23.12.2022 // www.president.tj (санаи муроҷиат 25.12.2022).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, № 3, мод. 152; ҚҶТ аз 3.08.2018 № 1547 // www.mmk.tj (санаи муроҷиат 25.11.2022).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: соли 2013 №3 (1448), мод. 187; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017с., №1435 // www.mmk.tj (санаи муроҷиат 25.11.2022).
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // www.president.tj (санаи муроҷиат 11.12.2021)
6. Богатырев А. Г. Инвестиционное право. – М.: 1992. – 328с.
7. Бозоров Р. Б. Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши сармоягузорӣ. Масъалаҳои муносибкунии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ. / Зери таҳр. д.и.ҳ., проф. Д. Ш. Сангинов. – Душанбе, Эр-граф, 2021. – 352с.
8. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳр. проф. М. А. Маҳмудов. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 610с.
9. Шикориева Л. Ш. Самтҳои асосии рушди сармоягузорӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Танзими ҳуқуқии соҳаҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ: ҳолат ва дурнамо. Монографияи дастаҷамъона. / Зери таҳр. н.и.ҳ., дотсент Б. О. Самадов. – Хуҷанд, Ношир, 2022. – 222с.

**ҚОДИРЗОДА Т.Қ.**
**КОДИРЗОДА Т.К.**
**KODIRZODA T.Q.**

ходими пешбарӣ илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. БаҳоваддиновиАкадемияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

ведущий научный сотрудник отдела проблем теории современного государства и права Института философия, политология и права им. А. Бахаваддинова Национальной академии наук Таджикистан, кандидат юридических наук

Leading Researcher, Department of Problems theory of modern state and law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law. A. Baha-vaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, candidate of legal sciences

E-mail: t_ kodirzoda@mail.ru

## ПРОБЛЕМАҲОИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ КАСБИИ ҲУҚУҚИИ СУДЯҲО ҲАМЧУН ШАКЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ

## ПРОБЛЕМАҲОИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ КАСБИИ ҲУҚУҚИИ СУДЯҲО ҲАМЧУН ШАКЛИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ

## ПРОБЛЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ ПРАВОВОГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО СОЗНАНИЯ СУДЕЙ КАК ФОРМЫ ПРАВОСОЗНАНИЯ

***Фишурда:*** *Дар мақола сухан дар бораи андешидани тадбирҳо ҷиҳати пайваста баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ, масъулияту одоби судяҳо, беҳдошти раванди бозомӯзии ихтисосӣ бо назардошти тағйирот дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ва дар ин замина баланд бардоштани мақоми Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ, ки метавонад асос барои қабули қарорҳои қонунию асоснок гардад. Муаллиф қайд менамояд, ки сиёсати давлатӣ дар сатҳи ташаккул ва баланд бардоштани фаҳмиши шуури ҳуқуқӣ, аз ҷумла ба якчанд принсипҳо ба монанди афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; волоияти Конститутсия ва қонун; адолати иҷтимоӣ; илм; мавҷудияти иттилооти ҳуқуқӣ; маърифати ҳуқуқӣ такя мекунад. Зикр карда мешавад, ки ташаккули шуури касбии ҳуқуқии судяҳо ҳамчун шакли шуури ҳуқуқӣ баланд бардоштани сифати тайер кардани кадрҳои ҳуқуқиро талаб мекунад. Қайд мегардад, ки шуури касбии ҳуқуқии судя аз ҷараёни инъикос додани на танҳо худи ҳуқуқ, балки тамоми ҳақиқати ҳуқуқӣ, аз ҷумла низоми амалкунандаи қонунгузорӣ, назарияҳои ҳуқуқӣ, консепсияҳо, идеологияҳо иборат аст.*

***Калидвожаҳо:*** *шуури ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, ташаккули шуури касбӣ, назарияи ҳуқуқ, фалсафа, психология, ва фаҳмиши шуури ҳуқуқӣ, фаъолияти иҷтимоии инсон, мақоми судя, идроки арзишҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, маърифатнокии ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, паёми Президент, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ.*

***Аннотация:*** *В статье говорится о принятии мер по постоянному повышению профессиональных знаний и навыков, ответственности и этики судей, совершенствованию процесса профессиональной переподготовки с учетом изменений в системе высшего профессионального*

*образования, и в этом контексте повышению статуса Учебный центр для судей при Верховном Суде, который может быть основой для принятия законных и обоснованных решений. Автор отмечает, что государственная политика на уровне формирования и повышения правосознания включает такие принципы, как приоритет прав и свобод человека; верховенство Конституции и закона; социальная справедливость; наука; доступность правовой информации; опирается на юридические знания. Указано, что формирование профессионального правосознания судей как формы правосознания требует повышения качества подготовки юридических кадров. Отмечается, что правопрофессиональное сознание судьи складывается из процесса отражения не только самого права, но и всей правовой истины, включая действующую правовую систему, правовые теории, концепции, идеологии.*

***Ключевые слова:*** *правосознание, профессиональное правосознание судей, формирование профессионального сознания, теория права, философия, психология и понимание правосознания, социальная активность человека, статус судьи, восприятие ценностей демократического государства, правовая, светская, социальная, правовая культура, правовое образование, правовая политика, Послание Президента, судебные реформы.*

***Annotation:*** *The article talks about the adoption of measures for the constant improvement of professional knowledge and skills, responsibility and ethics of judges, improvement of the process of professional retraining taking into account changes in the system of higher professional education, and in this context the improvement of the status of the Training Center for Judges at the Supreme Court, which can be fundamental for making legal and reasonable decisions. The author notes that state policy at the level of formation and improvement of legal awareness includes such principles as the priority of human rights and freedom; the supreme constitution and law; social justice; science; availability of legal information; It is not based on legal knowledge. It is pointed out that the formation of the professional legal knowledge of judges as a form of legal knowledge requires the improvement of the quality of training of legal personnel. It is noted that the legal professional knowledge of the judge is made up of the process of reflection not only of the right, but of the entire legal truth, including the current legal system, legal theories, concepts, and ideologies.*

***Key words:*** *Key words: legal consciousness, professional legal consciousness of judges, formation of professional consciousness, theory of law, philosophy, psychology and understanding of legal consciousness, human social activity, judicial status, perception of values of a democratic state., legal, secular, social, legal culture, legal education, legal policy, Presidential Message, judicial reforms.*

Дар назарияи ҳуқуқ, фалсафа, психология ва дигар илмҳои ҷамъиятию равоншиносӣ омӯзиш ва фаҳмиши шуури ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои марказӣ ва асосӣ дониста мешавад. Аҳамияти илмӣ ва амалии омӯзиши шуури касбии ҳуқуқии судяҳо аз он иборат аст, ки ҳуқуқ натиҷаи фаъолияти иҷтимоии инсон буда, мазмун ва моҳияти он аз шуури ҳуқуқии ӯ вобаста аст. Бо дарназардошти он ки мақоми судя дар давлат, умуман дар ҷомеа яке аз маҳакҳои асосии дарк ва идроки арзишҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад, шуури ҳуқуқии касбии судя яке аз масълаҳои муҳими омӯзиши илмӣ ба шумор меравад [7-29].

Дар илми муосир ба масъалаҳои таҳқиқи ҳамаҷонибаи нақши шуури ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судя аҳамияти кофӣ дода нашудааст. Ин ҷабҳа рӯякӣ, ҳангоми таҳқиқи чунин мафҳумҳо ба амсоли «шуури ҳуқуқӣ» ва «ҷаҳонбинӣ» омӯхта шудааст. Ҳоло танҳо як қатор муҳаққиқон зернамудҳои шуури ҳуқуқии касбӣ, аз ҷумла, шуури ҳуқуқии судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо ва дигаронро фарқ мекунанд.

Шуури ҳуқуқии касбии судя ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷабҳаи иҷтимоӣ-психологӣ дорои сифатҳои функсионалӣ— сохторӣ буда, он дар хислатҳои инфиродии судя зоҳир гардида, моҳияти шуури хуқуқии охиринро муайян намуда, табиати мавриди таҳқиқ қарордоштаро возеҳу равшан мекунанд.

Бояд қайд кард, ки шуури ҳуқуқии касбии судя аз қисмати васеътари мафҳуми шуур мебошад. Зеро шуур яке аз мафҳумҳои таҳқурсии фалсафа, психология, ҷомеашиносӣ ба ҳисоб рафта, ҷузъи муҳими низоми равонии инсонро тавсиф мекунад. Фаъолияти шуур ба шахс имконияти фаҳмиши донишро дар бораи алоқамандӣ, муносибатҳо, қонунияти олами

объективӣ, гузоштани мақсад ва тартиб додани нақшаҳо, ба танзим даровардан ва назорат бурдан аз болои муносибатҳои эҳсосӣ, оқилона ва мавзӯию амалиро бо ҳақиқат, самтҳои арзишии ҳастии худ ва беҳтар намудани шароити ҳаёти худро, таъмин месозад [33].

Шуури касбӣ шакли шуури ҷамъиятӣ буда, бо худ маҷмӯи талабот, идеалҳо ва таассуроти асосии иҷтимоиро ифода медиҳад, ки ба касби муайян ва барои танзими муносибатҳои касбии одамон, мутаносибии талаботи маҳдуди касбӣ бо дастурҳои ҷамъиятӣ нигаронида шудааст.

Тавре ки Лазутин Г.В. қайд менамояд, шуури касбӣ ташкилаи низомӣ буда, предмети инъикоси он фаъолияти мушаххаси касбӣ ва вазифаи он танзими соҳаи мазкури фаъолии иҷтимоии инсон мебошад. Ҳамин тариқ, мафҳуми «шуури ҳуқуқии касбӣ» як қисми шуури ҷамъиятиро дар бар гирифта, дар сохтори он ҳамчун тассавуроти тахассусии таҷрибаи гурӯҳҳои мушаххаси касбӣ, дар натиҷаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ба вуҷуд меояд[37].

Шуури касбии ҳуқуқиро Мухин В.В., ҳамчун «тарзи дарки том, мураттаб, дорои самти амалӣ, меъёран муқаррашудаи ҳақиқати ҳуқуқӣ ва таъсири фаъолона ба он муайян намуда, фаъолият ва инкишофи тартиботи ҳуқуқиро, ки субъекти он шахсони дорои таҳсилоти махсуси ҳуқуқӣ ва бо амалияи ҳуқуқӣ корозмудона машғуланд, таъмин месозанд»[38].

Бояд гуфт, ки дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ ду равиши дарки нақши ҳуқуқ дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ арзи вуҷуд дорад.

Дар як ҳолат шуури ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи махсусе муайян карда шудааст, ки бевосита ё бавосита бо ҳуқуқ айният дода шуда, дар дигар ҳолат бошад ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудо гардида, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа: ҳуқуқ ба шуури ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ бошад, ба сиёсӣ ё маънавӣ мутаносибӣ дониста шудааст.

Дар бораи носаҳеҳии мутаносиб донистани ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ, инчунин муқовимат байни онҳо Белский К.Т. қайд мекунад, ки «Ҳуқуқ унсури махсус буда, дар сохтори шуури ҳуқуқӣ ҷойгир мебошад, инчунин дорои аломат ва хусусиятҳои хоси худ буда, ба он имкон медиҳад, ки танзимкунандаи иҷтимоӣ бошад»[25].

Дар асоси ин мулоҳиза изҳор кард, ки ҳуқуқ табиати дугона дорад: он ҳақиқатро дар шакли таассурот, ғояҳо ва арзёбӣ инъикос дода, ҳамзамон ҳамчун танзимгари мустақили иҷтимоӣ баромад мекунад.

Равшан кардани ғояи ҳуқуқ дар моҳияти худ инъикоси шуури ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Стучка П.И. ҳуқукро падидае мешуморад, ки дар асл дар се шакл вуҷуд дорад, яке аз онҳо мушаххас ва дутои он абстрактӣ (хаёлӣ) мебошанд.

«Шакли мушаххаси ҳуқуқи низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, тартиби муайяни чунин муносибатҳо мебошад, дар ҳоле ки шакли абстрактӣ (хаёлӣ), ки дар қонун эълон шудааст, танҳо як шакли таъмин ё дастгирии ин тартиб буда, метавонад мувофиқат накунад, аксар вақт ва ба таври назаррас аз муносибатҳои ҷамъиятӣ фарқ мекунад. Аммо шакли сеюм низ вуҷуд дошта, бо худ «ҳиссиёти психологии ботинӣ», ки дар сари инсон нисбати ин ё он муносибати муайяни ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд ва онро ҳамчун арзёбии ӯ ҷиҳати мутобиқии муносибатҳои ҷамъиятӣ аз нуқтаи назари «адлу адолат», «шуури дохилии (ботинии) ҳуқуқ», ҳуқуқи табиӣ (фитрӣ) дида мешавад, ифода меёбад»[31].

Мазмуни ҳуқуқиро бе таҳқиқи шуури ҳуқуқӣ фаҳмидан имконнопазир аст, бинобар ин онҳоро дар чунин алоқамандии мантиқӣ омӯхтан лозим аст: «ҳуқуқ - шуури ҳуқуқӣ - фаъолияти татбиқи ҳуқуқии судя». Аз нуқтаи назари эҳсосию психологӣ ҳуқуқ ҳамчун объекти инъикоси шуури ҳуқуқӣ ба шумор меравад, яъне шуури ҳуқуқӣ нақши омили субъективиро дар дарки ҳуқуқ мебозад. Шуури ҳуқуқӣ шакли идеалии ҳастии ҳуқуқ буда, дар он тавассути механизмҳои зеҳнӣ-равонӣ тамоми зуҳуроти ҳуқуқӣ возеҳу равшан мегардад. Ҳамин тавр, дар шуури ҳуқуқӣ, ғояҳои ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи инъикоси ҳуқуқи объективонаи мавҷуда ба вуқуъ меоянд.

Ташаккули шуури ҳуқуқиро Василев В.М. чунин шарҳ медиҳад: «Ғояҳои ҳуқуқие, ки дар низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ объективӣ гардида, ба ташаккули ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқӣ илҳом мебахшанд, ба шуури ҳуқуқии шахсоне мубаддал мегарданд, ки дар асоси онҳо меъёрҳои нави ҳуқукро ташкил ва ҳуқуқи амалкунандаро татбиқ намуда, онҳоро дар фаъолияти ҳаррӯза асра карда, риоя мекунанд ва аз он истифода мебаранд»[30].

Пеш аз он ки бевосита ба омӯзиши нақши шуури ҳуқуқӣ дар шуури ҳуқуқии касбии судя гузаштан, зарур аст, ки унсурҳои алоҳидаи сохтории онро, ки ҳар яке аз онҳо дорои аҳамият ва ҷузъҳои алоҳидаи таркибии худ мебошанд, ҷудо карда шаванд:

Якум, ҳангоми муайян кардани муқоисакунии шуури касбии ҳуқуқии судя маҳаки асосии он унсури мантиқӣ-меъёрӣ мебошад, ки он ҳаҷм ва амиқии донишҳои ҳуқуқӣ, сатҳи тафаккури ҳуқуқиро дар бар мегирад. Фаҳмиши ҳуқуқӣ категорияи мушаххаси ченшавандаро ташкил дода, сохтори худро дорад, ки ба донишҳои асосӣ, соҳавӣ, ибтидоӣ ва дуюмдараҷа дар бораи ҳуқуқҳои позитивӣ ва қонуниятҳои алоҳидаи фаъолияти он тақсим мешаванд.

Дуюм, як қисми шуури касбии ҳуқуқии судя, ки манбаи равонӣ дорад, эҳтироми баланд нисбат ба ҳуқуқ ва эътиқод ба зарурати иҷрои бошууронаи талаботи он, дарки ҳуқуқро ҳамчун арзиши олии ҷамъиятӣ ташкил медиҳад.

Сеюм, самт ба рафтори фаъоли ҳуқуқӣ ва аз ҷиҳати касбӣ аҳамиятнок чунин пешбинӣ мекунад: омодагӣ ба иҷрои вазифаи касбӣ, татбиқи дақиқ ва қатъии талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, риояи принсипҳо дар мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо, талош барои адлу адолат, эътирофи зарурати такмили худ.

Тавре ки мебинед, шуури касбии ҳуқуқии судя аз ҷараёни инъикос додани на танҳо худи ҳуқуқ, балки тамоми ҳақиқати ҳуқуқӣ, аз ҷумла низоми амалкунандаи қонунгузорӣ, назарияҳои ҳуқуқӣ, консепсияҳо, идеологияҳо иборат аст.

Дар баробари ғояҳо, таассурот, ки дастовардҳои шуури инсонӣ буда, аз нуқтаи назари самаранокии ҳадди аққали танзими ҳуқуқии муносибатҳои воқеияти муайяни иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ғояҳои беҳтарини ҳуқуқиро интихоб мекунанд. Ва дар шуури ҳуқуқӣ намудҳои гуногуни низоми донишҳои ҳуқуқӣ, арзишҳо, афзалиятҳо, гуногунии таассурот дар бораи тарзу усулҳои танзими ҳуқуқӣ, ғояҳои пешрафтаи ҳуқуқӣ ва ғояҳое, ки тамоюлҳои консервативии таҳаввулоти ҳуқуқиро инъикос мекунанд, ҷамъ оварда мешавад.

Азбаски шуури ҳуқуқӣ яке аз унсурҳою шартҳои объективии ташаккул, фаъолият ва рушди ҳуқуқ ба шумор меравад, пас вобаста аз он ки дар шуури ҳуқуқӣ кадом ғояҳои ҳуқуқӣ бартарӣ доранд, то чӣ андоза арзишҳое, ки дар шуури касбии ҳуқуқии судя қарор доранд, ба арзишҳо ва идеалҳои ҳуқуқ мувофиқат мекунанд, ба ҳамин андоза ҳуқуқ ҳамчун танзимгари амалияи судӣ холисона ба вуҷуд меояд. Аз ин ҷиҳат, ҳуқуқ объекти таъсиррасонӣ ба шуури касбии ҳуқуқии судя буда, охирин ҳамчун воситаи субъективии баамалбарории ҳуқуқ баромад мекунад.

Ҳуқуқ мустақилияти нисбӣ, мухторият дошта, дар «мантиқи ҳуқуқӣ», ки асосан дар ҳуқуқ бо самти органикӣ ба идеалҳо ва арзишҳои дараҷаи олӣ муайян карда шуда, ҳуқуқ тадриҷан ба ғояҳо ва принсипҳои асосию бунёдӣ ифода мeёбад. Аз ин рӯ, шуури ҳуқуқии касбии судя, ки бо қолабҳои идеологӣ гарон карда шудааст, наметавонад моҳиятан ба мазмуни қонун таъсир расонад, гарчанде метавонад ҳуқуқи позититивиро дар ҷараёни татбиқи он куллан тағйир диҳад.

Шуури ҳуқуқии касбии судя сатҳи олии инъикоси равонии ҳақиқат аз тарафи судя, дар шакли образҳо ва мафҳумҳои умумишуда ба амал баровардани онҳо мебошад. Шуури ҳуқуқии касбии судяро дониши касбӣ, тафаккури касбӣ ташкил медиҳад. Нақши муҳимро дар ин ҷо маҳакҳои муайяни худи арзёбӣ, ки дар байни онҳо ҳолати эҳсосии судя, муносибати ӯро нисбат ба ҳуқуқ ҷудо кардан лозим аст. Барои ташаккули шуури касбии ҳуқуқии судя тафаккури касбии ӯ,– яъне низоми ихтиёрдории иттилоотӣ - ҳуқуқии вазъият ба шарофати дастурҳои таъиноти касбӣ аҳамияти махсус дорад, яъне ин самти ҷамъбастии судя дар ҳолатҳои мушаххаси касбӣ- ҳуқуқӣ оид ба ҳақиқат мебошад. Дар тафаккури судя хосиятҳои объективӣ ва алоқамандӣ байни падидаҳои ҳуқуқӣ, моҳияти хислатҳои умумии онҳо, ки дар шакли мулоҳиза, хлосабарорӣ ва фаҳмиш ифода мeёбанд, тамсила карда мешаванд[11-28].

Вобаста ба ин, мулоҳизаи судя бояд ҳамчун муқаррар намудани алоқамандии умумӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ - касбӣ ҳисоб карда шавад.

Мулоҳизаҳои судя бояд дар худ меъёрӣ, саҳеҳӣ, расмиятнокии хулосаҳоро муттаҳид созанд. Онҳо махсусан бо воқеиятҳои қаблан санҷидашуда, қонуният, низоми фикру хулосаҳо асос меёбанд. Хулосабарориҳои судя ҷамъбасти гурӯҳи якхелаи падидаҳои ҳуқуқӣ; гирифтани дониши нав аз донишҳои мавҷуда мебошад. Хулосабарори судя набояд аз доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун берун барояд.

Фаҳмиши судя дарки моҳияти (хусусиятҳои асосии) падидаи мушахасси ҳуқуқӣ ҳамчун гуногунии гурӯҳи муайяни чунин падидаҳо мебошад. Судя ин ё он падидаро ба воситаи мафҳум (дуздӣ, сохтакорӣ, сӯиқасд ба куштор ва ғайра) банду баст намуда, фаъолияти эҷодии равониро ҷамъбаст карда, самтро ба меъёрҳои ҳуқуқии дар қонун муқарраргардида равона

мекунад. Аз ин бармеояд, ки тафаккури касбии судя аз дониш, маданияти умумӣ ва таҷрибаи касбии ӯ вобаста аст.

Ба нақши дарки ҳуқуқ дар ташаккули шуури касбии ҳуқуқии судя таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, муайян кардан лозим аст, ки дар шакли идрок умуман фаҳмиш баромад карда, «самти» шахсият дар ҷомеа мебошад. Шуур тарзи дарк, тафаккур, инъикоси мақсаднок ва табдили созандаву эҷодии ҳақиқат буда, ҳам ҷанбаҳои маърифатӣ ва ҳам эҳсосиро дар бар мегирад.

Ҳамаи судяҳо аз ҷиҳати касбӣ як гурӯҳи якхела - ҷомеаи судиро ташкил медиҳанд. Асосҳои ҳуқуқии он Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, ягонагии низоми судиро, ки бо риояи қоидаҳои бо қонун муқарранамудаи пешбурди истеҳсолоти судӣ аз ҷониби ҳамаи судҳо, татбиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътироф намудани иҷрои ҳатмии санадҳои судие, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қонунгувзорӣ мустаҳкам намудани ягонагии мақоми судяҳо, маблағгузории судҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ мебошад. Инчунин мустаҳкам кардани мавқеи ягонаи ҳуқуқӣ барои тамоми судяҳои дорои мавқеи махсуси ҳуқуқии категорияҳои алоҳидаи судяҳо ва муқаррар мекунанд, ки судяҳо шахсоне мебошанд, ки ба тариқи конститутсионӣ салоҳияти амалӣ намудани адолати судиро дошта, вазифаҳои худро дар асоси касбӣ иҷро мекунанд, таъмин месозанд. Ҷамъияти судӣ ҳадафу мақсад ва вазифаҳои умумӣ, усулҳо ва шаклҳои мурофиавии татбиқи меъёрҳои ҳуқукро дар ҷараёни баамалбарории адолати судӣ муттаҳид мекунад.

Шуури ҳуқуқии касбӣ бо шуури ҷамъиятӣ, ки бо гуногунрангӣ, консерватизм, мавҷудияти ақидаҳо, ғояҳою таассуротҳои ҳуқуқии гуногун ё бевосита ба ҳаммуқобил, инчунин хурофот ва гумроҳӣ сахт алоқаманд аст, тавсиф меёбад.

Алоқаи онҳо дар ҳолатҳои зерин зуҳур меёбад: Якум, «шуури шахси алоҳида, агар аз хусусиятхои хоси фардии ӯ сарфи назар кунем, ки ин бо моҳияти худ шуури ҷамъиятӣ мебошад, зеро ҳар як фард маҳсули шароити ҷамъиятии ҳаёти замони худ мебошад»[39]. Дуюм, «дар ҷамъият аллакай таасуроти ниҳодаи дорои асоси чуқури таърихӣ ва решаҳои иҷтимоӣ дар бораи рафтори хавфноку фоидабахш, зарурию мамнуъ, гунаҳгорона ва бегуноҳ арзи вуҷуд доранд. Онҳо дорои хусусияти объективӣ-меъёрӣ дошта, ба рафтор дар соҳаи ҳуқуқ таъсири мустақилона мерасонанд»[36].

Сеюм, “хусусияти ҳамкории шаклҳои шуури ҳуқуқшиносон аз он вобаста аст, ки кадом мавқеро шаклҳои дахлдори шуури ҷамъиятӣ дар низоми болосохти идеологӣ ишғол менамояд». Чорум, шуури ҷамъиятӣ, категорияҳо, ғояҳо ва принсипҳои он ҳамчун воситаҳое баромад мекунанд, ки бо кӯмаки онҳо судяҳо меъёрҳои ҳуқукро татбиқ менамоянд. Таҳлили муқаррароти мазкур имкон медиҳад ба хулоса дар бораи имконнопазирии инкори муқаррароти ҳуқуқии шуури ҷамъиятӣ бинобар аҳамиятнокии онҳо омад. Ҳамкории шуури ҷамъиятӣ ва шуури касбии судя яктарафа нест.

Чунончӣ, санади эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд, тавассути вазифаҳои танзимкунанда, пешгирикунанда ва тарбиявӣ ба шуури ҷамъиятӣ таъсири баръакси ташаккулдиҳандаро мерасонад. Шуури ҳуқуқии касбӣ намудҳои гуногуни шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносонро фаро мегирад. Ҳар як касби ҳуқуқшиносӣ изи махсуси худро ба соҳаҳои зеҳнӣ, эҳсосӣ ва дигар соҳаҳои шуури фард мегузорад ва ба ин васила шуури ҳуқуқии фардиро, ки дар амалӣ намудани фаъолияти касбӣ нақши ҳалкунанда мебозад, ташаккул медиҳад. Дар боло қайд карда шудааст, ки шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон яке аз намудҳои шуури ҳуқуқии гурӯҳи мебошад.

Вале бояд дар назар дошт, ки дар ин маврид мафҳуми «гурӯҳ» на ҳамчун хусусияти миқдорӣ, балки ҳамчун хусусияти сифатӣ фаҳмида мешавад. Ин маънои онро дорад, ки мавриди қайд кардани ин ё он намуди шуури ҳуқуқӣ, дар навбати аввал, диққат бояд ба чунин аломатҳо, ба амсоли умумияти предмет, мақсад, вазифаҳои меҳнатӣ, шароити меҳнат, инчунин роҳҳо, усулҳо ва шаклҳои иҷрои онҳо ҷалб карда шавад. Масалан, ба ҳамагон маълум аст, ки ба судяҳо ва прокурорҳо мавҷудияти тамоили айбдоркунӣ хос аст, адвокатҳо бошанд, бештар ба ҳимояи манфиати мизоҷон тавассути тамоми воситаҳои дастрас, ҳамзамон сарфи назар аз манфиати ҷомеа майл доранд.

Ин ҷамъбасти фаъолияти зеҳнии судя буда, натиҷаи фаҳмишро дар бар мегирад, ки дар он арзёбии ҳолатҳои воқеии парванда ва меъёрҳои танзимкунандаи ин муносибат инъикос ёфта, дар шуури касбии ҳуқуқии судя мутобиқи донишҳою ақидаҳо ва арзёбии сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ, ахлоқӣ мункасир мешаванд. Ин натиҷаи дигаргунсозии маҷмӯи томи донишҳои: ҳуқуқӣ, сиёсӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, динӣ, эстетикӣ ва дигар донишҳое мебошад, ки дар давоми ҳаёти судья ҷамъ карда шудааст.

Воқеан, судя қарорҳоро дар доираи бамалбарории адолати судӣ, ки онро як намуди фаъолияти давлатие, ки суд бо роҳи дар маҷлисҳои судӣ дар шакли махсус баррасӣ намудани мухолифатҳои ҳуқуқии ба доираи салоҳияти ӯ мансуббуда ба амал мебарорад ва қабули қарорҳои умумиҳатмӣ, ки бо маҷбуркунии давлатӣ мустаҳкам ва муайян карда шудааст, қабул мекунад. Қарори судӣ, ки бо иштироки бевоситаи шуури ҳуқуқӣ қабул шудааст, дар шакли мутамарказ донишро дар бораи предмети мурофиаи судӣ дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, сифати ҳалнома бештар аз донише, ки бар асоси он гузошта шудааст, мукаммалӣ ва эътимоднокии он бевосита ба сатҳи шуури ҳуқуқии касбии судя алоқаманд мебошад. Дониш ин натиҷаи дар амал санҷидашудаи дарки ҳақиқат, инъикоси воқеии он дар тафаккури инсон мебошад [31]. Ин метавонад дониш дар бораи ҳолатҳои мушаххаси ҳодиса бошад, ки бо оғози тафтишот шакли мафҳуму истилоҳоти ҳуқуқиро мегиранд, яъне дониши ҳуқуқӣ мегарданд. Дар онҳо, инчунин дар арзёбии шахсии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шакли маҷмуъи таҷрибаи касбии судя, ки дар натиҷаи иштироки бевосита дар мурофиаҳои судӣ ва кори суд ба даст оварда шудааст, ифода меёбад.

Дониш ба фард дар шакли тайёр дода намешавад. Ин натиҷаи дарк, ҷамъбасти мақсадноки интихоб ва арзёбии маълумот дар бораи воқеияту ходисаҳои ҳуқуқӣ, ки дар парвандаи мушаххас бояд муқаррар карда шаванд, мебошад.

Дар байни ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, моддаи 85-и КМҶ ҶТ, аз ҷумла, ҳодисаи ҷиноят (вақт, ҷой, тарз), гунаҳгории шахс дар содир намудани ҷиноят, шакл гуноҳ ва сабабҳои содир намудани ҷиноят ва ғ. ва дар мурофиаи гражданӣ, моддаи 58-и ҶТ далели парванда, ки ҳама гуна маълумот оид ба воқеияте, ки ба тариқи пешбининамудаи қонун ба даст оварда шудааст ва дар асоси он суд мавҷуд ё набудани ҳолатҳои асосноки даъво ва изҳори норозигии тарафҳо, инчунин дигар ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар мекунад. Аз ин лиҳоз, фикр кардан, ки маҷмӯи далелҳо ин ҳосили ҷамъи оддии арифметикӣ аст, қобили қабул намебошад.

Гузаронидани миқдори маълуми далелҳо ба таъини сифатии онҳо, яъне муқаррар намудани арзиши исботии онҳоро шуури ҳуқуқӣ, таҷрибаи касбии судя ба амал мебарорад [31].

Дар сурати мавҷуд набудани дигаргуншавии шуури ҳуқуқӣ судяро ба татбиқи дурусти қонун водор месозад ва аз ин рӯ, яке аз омилҳои қабули қарори қонунӣ, одилона ва асосноки судӣ мебошад. Бе шуури ҳуқуқӣ ба дониши ҳуқуқӣ табдил додани маълумот дар бораи ҳодиса ва воқеият ғайриимкон мегардид. Бояд гуфт, ки ҳолатҳое, ки ҳангоми ҳаллу фасли онҳо шуури ҳуқуқӣ воқеан маротибаҳои бешумор ҳамроҳ мешавад.

Ҳамин тариқ, бо ин ё он тарз шуури ҳуқуқӣ дар арзёбии воқеияту ходисаҳои ҳуқуқӣ, ҳаллу фасли масъала ҷиҳати ҷоизи ва таносубии далелҳо, тафсир ва татбиқи меъёрҳо, ташаккули эътиқоди ботинӣ, омодасозии қарори суд ва ғайра иштирок мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2016.

2. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Душанбе, 2018, (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). 118с.

3. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "27" ноябри соли 2019, № 599.

4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 1, мод. 380; с. 2015, №7-9, мод. 698; с. 2016, №7, 603; Қонуни конститутсионии ҶТ аз 21.02.2018 с., № 1509.

5. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259, №7, мод. 714, №8, мод. 815, №12, s.1, мод.

1020, мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510, мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142, №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128, №5, мод. 357, №7, мод. 610, мод. 611; с. 2017, №1-2, мод. 4; с. 2018, №5, мод. 267; с. 2019, №1, мод. 3; с. 2020, №7-9, мод. 602, мод. 608; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2021, №1755; Қонуни ҶТ аз 21.07.2010 № 618, аз 25.03.2011 № 692, аз 2.08.2011 № 755, аз 16.04.2012 № 809, аз 03.07.2012 № 864, аз 01.08.2012 № 878, аз 28.12.2012 № 927, аз 28.12.2012 № 932, аз 22.07.2013 № 982, № 983, аз 14.03.2014 № 2014 № 1067, аз 27.11.2014 № 1134, аз 23.11.2015 № 1229, аз 15.03.2016 № 1275, аз 14.05.2016 № 1306, аз 23.07.2016 № 1332, № 1333, аз 24.02.2017 № 1381, аз 17.05.2018 № 1516, аз 2.01.2019 № 1556, аз 04.07.2020 № 1696, аз 04.07.2020 № 1702, аз 29.01.2021 № 1755, аз 20.04.2021 № 1777, аз 23.12.2021 № 1810, аз 23.12.2021 № 1811, аз 18.03.2022 № 1853, аз 19.07.2022 № 1900.

6. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №1, s.1, мод.б, мод.7; с.2010, №1, мод.6; с.2012, №7, мод.721; с.2014, №7, s.1, мод.388, №12; мод.821; с.2015, №11, мод.953; с.2016, №5, мод.360; с.2018, №1, мод.6; с.2019, №1, мод.6, №6, мод.314; Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 582, аз 03.07.2012 № 871, аз 26.07.2014 № 1091, аз 31.12.2014 № 1167, аз 23.11.2015 № 1232, аз 14.05.2016 № 1309, аз 2.01.2018 № 1474, аз 2.01.2019 № 1559, аз 20.06.2019 № 1612, аз 04.07.2020 № 1697, аз 23.12.2021 № 1817, аз 18.03.2022 № 1855, аз 18.03.2022 № 1856, аз 19.07.2022№ 1898.

7. Аверин А.В. Правоприменительная деятельность суда и формирование научно-правового сознания судей: Проблемы теории и практики / Под ред. Байтина М.И. Саратов: Изд-во ГОУ ВПО «Сарат. гос. акад. Права», 2003. – 305с.

8. Амосов С. Пределы судебного познания в процессуальном праве / С. Амосов // Российский судья. – 2001. – № 1. – С. 15–19.

9. Баранов П.П., Овчинников А.И. Актуальные проблемы теории правосознания и правового мышления. Ростов н/Д: РЮИ МВД России, 2006. –82с.

10. Баранов, П.П. Правосознание и правовое воспитание / П.П. Баранов // Общая теория права: Курс лекций /под ред. В.К. Бабаева. - Нижний Новгород: Изд-во Нижегород. ВШ МВД РФ, 1993. - С.474 -475.

11. Бобоҷонов И.Ҳ., Давлатов С.А., Бадалов Ш.К. Мурофиаи гражданӣ: Намунаи ҳуҷҷатҳои судӣ. (Васоити таълимӣ). Нашри дуюм. Душанбе: «ЭР-граф», 2013. –504с.

12. Бабаджанов И.Х., Қодиров Т.Қ., Бадалов Ш.К. Уҳдадориҳои алиментдиҳӣ (дар назария ва амалия). Душанбе: «ЭР-граф», 2012. –272 с.

13. Бобоҷонов И.Ҳ. Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, "ЭР-граф," 2014. –520с.

14. Furthermore Бободжонзода И.Х. Правовое регулирование доступа к правовой информации. Монография / колл. авторов. Душанбе, 2017. (в соов). –103 с.

15. Бобоҷонзода И.Ҳ. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ. Курси лексияҳо. Васоити таълимӣ. (ҳаммуал.). Душанбе, «ЭР-граф», 2018. 480с.

16. Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование) /Под ред., д.ю.н. Бободжонзода И.Х., д.ю.н. Нематов А.Р. Из-во «Дониш», Душанбе, 2022, –246с.

17. Бабаджанов И.Х. Принцип состязательности и равноправия сторон в уголовном судопроизводстве. Материалы международной научно-практической конференции (Душанбе, 03 ноября 2016). Душанбе, Ирфон 2016. – С. 53-57.

18. Бободжонзода И.Х. Гаюров Ш.К. Добросовестность в гражданском праве: некоторые проблемы теории и практики. Правовая жизнь. январь-март 2019, №1 (25). –С. 88-103.

19. Бободжонзода И.Х. Возникновение и развитие новых институтов в гражданском процессуальном праве Таджикистана: Проблемы и перспективы. Академичекий журнал. 2019, №2 (30). –С. 106-115.

20. Бободжонзода И.Х. (Бабаджанов И.Х.)., Анушервонни Исрофил. Правовая система Республики Таджикистан в годы государственной независимости. Правовая жизнь. июль-сентябрь 2019, №3 (27). –С. 21-39.

21. Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Процессуальные препятствия и особенности механизма судебной защиты субъективных гражданских прав в гражданском процессе. Законодательства. 2019, №3 (35). июль-сентябрь. –С. 87-98.

22.Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Доступ к правосудию и особенности механизма судебной защиты субъективных гражданских прав в гражданском процессе. Академический журнал. 2019, №3 (31). –С45-54.

23.Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Гносеологические аспекты судебного правоприменения и его влияние на устойчивость судебных решений и независимость судей. Академический журнал. 2019, №4 (32). –С. 44-51.

24.Бобоҷонзода И.Ҳ. Бардоштҳои маънавӣ-ҳуқуқӣ аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шоҳроҳи бунёди давлати миллӣ. «Маҷаллаи Академиявии ҳуқуқ». 2022, №2 (42). –С. 26-37.

25.Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Понятие правосознание и ее структурные элементы // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование):/И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 15-26.

26.Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.К. Проблемы правосознания и правовой культуры судей в процессе судебного правоприменения // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование):/И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 106-118.

27.Бободжонзода И.Х. Правоприменительная практика и механизмы судебной защиты субъективных гражданских прав // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование):/И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 119-141.

28.Бобоҷонзода И.Ҳ. Ҳуқуқ ҳамчун арзиш ва арзишҳо дар ҳуқуқ: ҷанбаи назарӣ ва ҳуқуқӣ. Маводҳои I-умин Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик дар Академияи ВКД ҶТ (ш. Душанбе, 29 апрели соли 2022). Душанбе, 2022. С. 72-80.

29.Бобоҷонзода И.Ҳ. Паёми тақдирсоз ва ояндабин. Паёми Пешвои миллат-ҳуҷҷати камназири давлатсоз. Душанбе, 2023. - С.66-80.

30.Гаибов Р.Д. «Судебное правоприменение в условиях судебно-правовой реформы в постсоветском Таджикистане: общетеоретический аспект». Душанбе, 2012г. –19с.

31.Грошев А.В. Правосознание и правотворчество (Уголовно-правовой аспект): Учеб. пособие / МВД России. Екатеринбург. высш. шк. Екатеринбург, 1996. С. 54.

32.Насриддинзода Э.С. Правовая культура: теоретико-методологический аспект. Монография.- Душанбе: «ЭР-граф», 2013.- 160с.

33.Насриддинзода Э.С. Нақши Пешвои миллат дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа // Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди XXXIII. – Душанбе: Ирфон, 2021. – С. 6-20.

34.Нусратов Л.М. Проблемы формирования правосознания в современном Таджикистане (теоретико-методологические аспекты). Душанбе: Изд. «Дониш», 2012. - 142с.

35.Окара, А.Н. Правосознание - центральная категория философии права И.А. Ильина / А.Н. Окара // Государство и право. - 1999. - № 6. - С. 86.

36.Сафронов В. В. Правосознание гражданина : дис. ... канд. юрид. наук. Красноярск, 2004. с. 6.

37.Кодирзода Т.К. Правосознание судей (понятие, структура и виды). Монография. Часть 1. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. –164 с.

38.Кодирзода Т.К. Правосознание судей (судебное познание и мышления судей). Монография. Часть 2. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. –188с.

39.Кодирзода Т.К. Поблемы злоупотребления субъективными гражданскими правами. Монография. Душанбе.: Издательство "Эр-граф", 2019. -173с.

**АБДУЛЛОЗОДА З.Ф.**
**ABDULLOZODA Z.F.**

унвонҷӯи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. БаҳоваддиновиАкадемияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

соискатель отдела проблем теории современного государства и права Института философия, политология и права им. А. Бахаваддинова Национальной академии наук Таджикистан, кандидат юридических наук

Leading Researcher, Department of Problems theory of modern state and law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law. A. Bahavaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, candidate of legal sciences

E-mail: zebo.abdullozoda@bk.ru

## НАҚШИ СУДҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР ЭЪТИРОФ ВА ИҶРОИ ҲАЛНОМАҲОИ АРБИТРАЖИИ ХОРИҶӢ

## РОЛЬ ЭКОНОМИЧЕСКИХ СУДОВ В ПРИЗНАНИИ И ИСПОЛНЕНИИ ИНОСТРАННЫХ АРБИТРАЖНЫХ РЕШЕНИЙ

## THE ROLE OF ECONOMIC COURTS IN THE RECOGNITION AND ENFORCEMENT OF FOREIGN ARBITRATION AWARDS

Бинобар ниҳоӣ будани ҳалномаи арбитражӣ, ки маънои ғайриимкон будани моҳиятан мавриди баҳс қарор додани онро дорад, он дар асоси конвенсияҳои байналмилалӣ (Ню-Йорк, Панама) ва қонунгузории миллӣ (Қонуни ҶТ «Дар бораи АБТ») эътироф ва иҷро карда мешавад.

Вобаста ба меъёри хориҷӣ эътироф кардани ҳалнома арбитражӣ, ду масъала вуҷуд дорад. Агар чунин меъёр ҷои арбитраж бошад, ҳалномаи арбитражи байналмилалӣ хориҷӣ эътироф карда мешавад, агар ҷои баррасии баҳс дар қаламрави кишваре, ки эътироф ва иҷрои он талаб карда мешавад, ҷойгир набошад. Ҳамин тариқ, Филипп Фушар чунин мешуморад, ки ҳалномаи арбитражӣ дар кишваре, ки дар он бароварда шудааст, дохилӣ ва дар ҳамаи дигар давлатҳои хориҷӣ (байналмилалӣ) ҳисобида мешавад[4] Аз ҷумла, Франсия ҳалномаҳои берун аз қаламрави он қабулшударо хориҷӣ эътироф мекунад [5] Аммо, ба гуфтаи Ҷ. Салле, чунин фарқият дар қонунгузорӣ аҳамият надорад, зеро тибқи КМГ Франсия тартиби эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии ватанию хориҷӣ якхела мебошад[3].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин тақсимоти ҳалномаҳои арбитражӣ ба ватанӣ ва хориҷӣ низ ҷой дорад. Қонуни ҶТ «Дар бораи АБТ» қоидаҳои умумии эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражиро, сарфи назар аз он, ки дар кадом кишвар бароварда шудаанд, муқаррар мекунад (моддаҳои 52, 53). Муқаррароти КМИ ҶТ (моддаи 210 ) ба судҳои иқтисодӣ ҳуқуқи эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судҳои арбитражии байналмилалии тиҷоратиро фароҳам меорад (боби 28 «Истеҳсолоти парвандаҳо оид ба эътироф ва иҷро намудани ҳалномаҳои судҳои хориҷӣ ва арбитражи хориҷӣ (арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ва судҳои ҳакамӣ»). Аз ҷумла, талабот ба ариза дар бораи додани варақаи иҷро, тартиби баррасии аризаҳо ва асосҳои рад кардани додани он муқаррар карда шудаанд.

Агар меъёри фарқияткунандаи ҳалномаҳои ватанӣ ва хориҷӣ ҳуқуқи мурофиавӣ бошад, ки дар баррасии арбитражӣ истифода мешаванд, ҳалнома хориҷӣ ҳисобида мешавад, агар ин ҳуқуқ бо қонуни кишвари суд мувофиқат накунад. Аз ин рӯ, якум, ҳалнома метавонад ватанӣ эътироф карда шавад, ҳатто агар он дар хориҷа, аммо дар асоси қоидаҳои мурофиавии арбитражии кишвари суд қабул шуда бошад. Дуюм, ҳалнома метавонад хориҷӣ эълон карда шавад, ҳатто агар он дар кишвари суд қабул шуда бошад.

Созишномаи арбитражӣ дар таъмини эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ нақши калидӣ дорад. Маҳз ихтилофи байни мурофиаҳои арбитражӣ ва қарори созишномаи тарафҳо сабаби маъмултарин барои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳо мебошад.

Иҷрои ҳалномаи арбитражӣ, ки дар асоси созишномаи арбитражӣ бароварда шудааст, аз ҷониби чор гурӯҳи субъектҳо таъмин карда мешавад. Ба гурӯҳи якум тарафҳои шартнома дохил мешаванд, ки барои мундариҷа ва эътибори он бевосита масъул мебошанд. Гузашта аз ин, тарафҳо бояд мувофиқати мурофиаи арбитражиро ба созишномаи худ назорат кунанд, ба арбитрҳо дар ҳолати номуайян будани изҳори иродаи дар созишномаи арбитражӣ баёншуда ва ғайра шарҳҳо диҳанд. Ғайр аз ин, яке аз тарафҳо метавонад дидаю дониста дар ҳисобкунӣ ба баъзе «иштибоҳҳо» роҳ диҳад, то ки барои бекор кардани ҳалнома ё рад кардани иҷрои он бо сабаби вайрон кардани созишномаи тарафҳо оид ба раванди ҳалли баҳсҳо асос пайдо намояд. Гарчанде ки масъулияти пешгирии чунин қонуншиканиҳо ба арбитрҳо вогузор шудааст, барои тарафи дигар бинобар дониши амиқтар дар бораи ҳолатҳои парванда, шинохтани чунин тактика метавонад осонтар бошад.

Ба гурӯҳи дуюми субъектҳо арбитрҳои судҳои арбитражӣ дохил мешаванд, ки вазифадоранд парвандаро тибқи қонун ва созишномаи тарафҳо баррасӣ кунанд. Илова бар ин, баъзе аз муассисаҳои арбитражӣ возеҳан арбитрҳоро вазифадор мекунанд, ки барои таъмини иҷроиши ҳалномаи худ ҳама чораҳои заруриро андешанд (моддаи 35 Дастури САБ ПБС, моддаи 32.2. Дастури САБЛ). Асосан, чунин тадбирҳо ба қабули ҳалнома, ки ба вайронкунии моддаи V Конвенсияи Ню-Йорк, инчунин тартиботи оммавӣ дар ҷои арбитражӣ оварда мерасоананд. Бо дарназардошти он ки моддаи V Конвенсияи Ню-Йорк, асосан, талаботи мутобиқати қарорро бо созишномаи арбитражӣ дар бар мегирад, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки арбитрҳо вазифадоранд ҳалномаҳоеро қабул кунанд, ки хилофи созишномаи тарафҳо дар бораи арбитраж набошад.

Ба гурӯҳи сеюми субъектҳо арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ ҳамчун ташкилотҳои институтсионалӣ ва судҳои иқтисодӣ, ки функсияҳои ёрирасон ва назоратиро дар ҷараёни баррасии арбитражӣ иҷро мекунанд, дохил мешаванд. Ба ин гуна функсияҳо дохил шуда метавонанд: баровардани қарорҳо оид ба мавҷудият ва боэътибории созишномаи арбитражӣ, таъини арбитрҳо тибқи созишномаи тарафҳо, тасдиқи ҳалномаи арбитражӣ, боздоштан ё қатъ кардани мурофиа дар суд бо сабаби мавҷудияти созишномаи арбитражӣ, ва ғайра.

Ба гурӯҳи чоруми субъектҳо судҳое дохил мешаванд, ки ҳалномаҳои арбитражиро эътироф ва иҷро мекунанд. Барои ин, судҳо, аз ҷумла мутобиқати ҳалномаро ба шартҳои созишномаи арбитражӣ муқаррар мекунанд (моддаи V Конвенсияи Ню-Йорк). Гарчанде ки тибқи омор 90% ҳалномаҳои арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ иҷро мешаванд [1], 10% боқӣ бинобар ин ва ё он камбудиҳо, аз ҷумла номутобиқатии он ба созишномаи ҷонибҳо иҷро намегарданд.

Ҳама асосҳои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражиро ба ду категория тақсим кардан мумкин аст. Категорияи якум асосҳоеро дар бар мегирад, ки мавҷудияти онҳоро бояд ҷониби дархосткунандаи радди иҷрои ҳалномаи арбитражии хориҷӣ исбот кунад. Чунин асосҳо мумкин аст ҳам тибқи конвенсияҳои байналмилалӣ (масалан, Конвенсияҳои Ню-Йорк ва Панама) ва ҳам ҳуқуқи миллӣ муқаррар карда шаванд. Бояд қайд кард, ки муқаррароти Конвенсияи Ню-Йорк баъдан аз ҷониби Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ таҷдид карда шуд ва мувофиқан дар қонунгузории зиёда аз 40 кишваре, ки дар заминаи ЮНСИТРАЛ қонунҳои миллиро қабул кардаанд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ карда шуд.

Асоси аввалини бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ беэътибории созишномаи арбитражӣ мебошад (моддаи V. 1(a) Конвенсияи Ню-Йорк; моддаи 5.1 (a) Конвенсияи Панама) бинобар камбудиҳо дар худи созишнома ё имзои он) аз ҷониби шахсе, ки чунин ваколатро надошт. Суди апеллясионии Флоренсия (Италия) тавзеҳот дар бораи он, ки «баррасии арбитражи эҳтимолӣ бояд дар Лондон тибқи қонунҳои Англия баргузор карда шавад»-ро дар мавриди эътиро-

фи салоҳияти арбитрҳо нокифоя донист. Суд муайян кард, ки дар тавзеҳоти мазкур танҳо нияти ҷонибҳо дар хусуси ба арбитраж супоридани баҳсҳо ҳангоми аз ҷониби онҳо қабул гардидани созишномаи дуввуми муфассалтар нишон дода шудааст. Дар ин асос, суд эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражии хориҷиро аз рӯи парвандаи Eastern The Mediterranean Maritime Ltd. V. SpA Cerealtoscana аз соли 1988-ро рад намуд [1]. Аммо, ба назари мо, созишномаи арбитражии тарафҳо ба таври возеҳ интихоби ҷойи арбитраж (Лондон) ва ҳуқуқи мурофиавии (англисӣ)-ро дар бар мегирад ва аз ин рӯ, метавонист барои салоҳияти арбитрҳо асос шавад.

Дар соли 1997, Суди вилояти Москва аз иҷрои ҳалномаи арбитражӣ аз рӯи парвандаи Sokofl Star Shipping Co. Inc. v. GPVO Technopromexport [1], ки дар Лондон ба фоидаи даъвогар баровarда шуда буд, даст кашид. Ҷониби Россия дар бораи сабти ном нашудани даъвогарро ҳамчун шахси тиҷоратӣ дар феҳристи давлатии Панама далелҳо пешниҳод намуд. Аз ин рӯ, суд муайян кард, ки даъвогар қобилияти ҳуқуқии имзо кардани созишномаи арбитражиро надошт ва дар натиҷа он боиси беэътибор шудани худи созишнома ва ҳам ҳалномаи арбитражӣ, ки дар асоси он баровarда шуда буд, гардидааст.

Асоси дуюм баровarда шудани ҳалнома оид ба мавзӯи баҳс, ки аз доираи созишномаи арбитражӣ берун мебарояд ( моддаи V.1 (c) Конвенсияи Ню-Йорк; моддаи 5.1 (c) Конвенсияи Панама), мебошад. Мисоли таҷрибаи судии Гонконгро дида мебароем: парвандаи соли 1990 Tiong Huat Rubber Factory (SDN) BHD v. Wah-Chang International Corporation Limited. Тавзеҳоти арбитражӣ ҳалли баҳсҳоро дар Малайзия пешбинӣ намуда, чунин муқаррар карда буд: «Ҳамаи баҳсҳо дар бораи сифат ва ҳолати каучук ё дигар баҳсҳое, ки аз муқарраротi ин шартнома бармеоянд, бо тартиби арбитражӣ ҳал карда мешаванд». Арбитрҳо дар бораи ситонидани маблағҳои пардохтнашуда бо сабаби накушодани аккредитив мутобиқи шартҳои шартнома ҳалнома қабул карданд. Тарафи мағлубшуда нисбати иҷрои ҳалномаи шикоят карда, изҳор намудааст, ки созишномаи арбитражӣ танҳо баҳсҳо дар бораи сифат, андоза ва вазни маҳсулоти таъминшударо дар бар мегирад. Суди Олии Гонконг ин изҳоротро мадди назар карда, тавзеҳот додааст, ки ибораи «баҳсҳои дигаре, ки аз муқаррароти ин шартнома бармеоянд» бояд нисбати чунин унсури муҳими ҳама гуна шартномаҳо ба мисли пардохт татбиқ карда шавад. Аммо, Суди Апеллятсионӣ ба хулосае омад, ки эътироф ва иҷрои ҳалномаи аризадиҳандаро рад кунад. Суди Апеллятсионӣ чунин шумоpидааст, ки «муқаррароти шартнома» кушодани аккредитивро дар бар намегирад ва суди поёнӣ ҳуқуқ надошт, ки созишномаи арбитражии тарафҳоро «аз нав тағйир диҳад», то онро аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноктар кунад.

Аммо, қарори Суди Олии Гонконг ба назари мо дуруст менамояд, зеро ибораи «баҳсҳои дигаре, ки аз муқаррароти ин шартнома бармеоянд» характери умумӣ дорад ва аз ин рӯ баҳсҳо оид ба пардохти молро низ дар бар мегирад. Ҳатто агар тафсилоти мушаххаси кушодани аккредитив аз ҷониби тарафҳо дар шартнома мувофиқа карда нашуда бошад ҳам, ҳисоббаробаркуниҳо тавассути аккредитив ба шартҳои он дохил карда шуда буданд. Аз ин рӯ, баҳс дар бораи вайрон кардани шартҳои пардохт мавзӯи танзими тавзеҳоти арбитражӣ қарор мегирифт.

Мисоли дигар ҳолати эътироф ва иҷрои ҳалномаи Институти арбитражии Палатаи савдои Стокголм аз 15 июни соли 1990 аз рӯи даъвои «Кваттроҷемия» нисбати «Нева Чупа-Чупс» дар қаламрави Федератсияи Русия мебошад [7]. Суди арбитражӣ аз ҷавобгар маблағҳои ташаккулёфтаи андоз аз арзиши иловашуда ва андози махсусро, ки ӯ ҳангоми ҳисоб кардани корҳои тибқи шартнома пардохтааш пардохт накардааст, ситонидааст. Ҳангоми эътироз овардан ба дархости даъвогар дар бораи иҷрои ҳалномаи арбитражӣ, ҷавобгар изҳор дошт, ки ҳалномаи аз рӯи баҳсе қабул шудааст, ки ба шартномаи арбитражӣ мансуб намебошад. Суд бо изҳороти ҷавобгар розӣ нашуда, иброз намуд, ки арбитрҳо баҳсеро баррасӣ намуданд, ки аз муносибатҳои граждани (уҳдадорӣ), на ин ки муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ бармеомад. Аз ин рӯ, ин баҳс метавонад тибқи қонунгузории Федератсияи Россия мавзӯи баррасии арбитражӣ бошад (Таъиноти Суди Олии Федератсияи Россия аз рӯи парвандаи 78-Г 99- 75).

Асоси сеюми рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражӣ номутобиқатии ҳайати арбитраж ва ё мурофиаи арбитражӣ ба созишномаи тарафҳо (моддаи V. 1(d) Конвенсияи Ню Йорк, моддаи 5.1 (d) Конвенсияи Панама) мебошад. Мисоли амалӣ парвандаи соли 1996 Metex Adelslag V.S. v. Turkiye Electrik Kumuru Genel Mudurlugu General Dictorate, Ankara мебошад 1]. Ҳалнома аз рӯи баҳс байни ҷониби Финландия ва корхонаи давлатии Туркияро суди арбитражии Сюрих (Швейтсария) қабул намуд. Дар тавзеҳоти арбитражӣ пешбинӣ шуда

буд, ки баррасии арбитражӣ бояд мутобиқи шартҳои шартнома ва қонунгузории амалкунандаи Туркия гузаронида мешавад. Ҷониби Туркия исрор менамуд, ки қонунҳои Туркия бояд ҳамчун қонуни моддӣ ва мурофиавӣ истифода карда шаванд. Аммо, арбитрҳо ба хулоса омаданд, ки тарафҳо танҳо оид ба татбиқи қонуни моддии Туркия розӣ шудаанд ва ба сифати асосҳои ҳуқуқии мурофиавӣ қонунҳои маҳалли мурофиа - Швейтсария бояд татбиқ карда шаванд. Суди зинаи якум ва Суди Апеллятсионии Туркия бо чунин хулосаҳои арбитрҳо розӣ нашуда, эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражиро рад карданд.

Мо бо қарори арбитрҳо розӣ ҳастем, зеро матни тавзеҳоти арбитражӣ муқарраротҳи шартнома ва қонунҳои Туркияро ба сифати асос барои ҳалли баҳс дар як сатҳ қарор медиҳад. Азбаски муқаррароти шартнома моҳияти моддӣ-ҳуқуқӣ дорад, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тарафҳо инчунин қоидаҳои моддии қонунҳои Швейтсарияро дар назар доштаанд. Масъалаҳои мурофиавӣ бояд дар асоси қонуни кишвари ҷои баррасии арбитражӣ ҳал карда шаванд.

Бо қонунгузории миллӣ мумкин аст асосҳои дигари рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ муқаррар карда шаванд. Ба гурӯҳи чунин асосҳо, Қонуни Эрон дар бораи арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ, аз ҷумла қабули ҳалномаро дар асоси ҳуҷҷатҳои баъдтар қалбакӣ эътирофшуда; қабули ҳалномаро дар робита ба молумулки ғайриманқули дар Эрон воқеъгардида, ки хилофи қонунгузории Эрон ва/ё ҳуҷҷатҳои воқеии ба таври нотариалӣ тасдиқшуда мебошад, дохил мекунад [2]. Дар Хитой эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ мумкин аст рад карда шавад, агар молумулки қарздори иҷрои ҳалнома дар ин кишвар вуҷуд надошта бошад. Тоҷикистон низ дар ин масъала истисно дорад. Ҳангоми ба имзо расонидани конвенсияи Ню-Йорк Тоҷикистон тавзеҳот намуд, ки ҳалномаҳоро дар робита ба молумулки ғайриманқул эътироф ва иҷро намекунад.

Ба категорияи дуюми асосҳои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражии хориҷӣ асосҳоеро мансуб медонанд, ки суд бо ташаббуси худ мутобиқи қонунгузории миллии худ муқаррар кардааст. Ин асосҳо ҳолатҳои зеринро дар бар мегиранд: объекти баҳс наметавонад мавзӯи баррасии арбитражӣ бошад; эътироф ва иҷрои ин ҳалнома хилофи тартиботи оммавии кишваре мебошад, ки онҳо дар он дархост карда мешаванд ( моддаи V.2 Конвенсияи Ню-Йорк, моддаи 5.2 Конвенсияи Панама).

Доираи баҳсҳое, ки баррасии онҳо бо роҳи арбитражӣ имконпазир аст, тибқи қонун муайян карда шудааст ва онҳоро бо созишномаи тарафҳо тағйир додан мумкин нест. Бояд қайд кард, ки сарфи назар аз мансубияти арбитражии баҳс, тибқи қонуни интихобкардаи тарафҳо дар иҷрои ҳалномаи арбитражӣ бо сабаби ғайриарбитражӣ будани баҳс дар кишваре, ки иҷрои он дархост шудааст, мумкин аст, рад карда шавад.

Мавридҳои даст кашидан аз эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражӣ бо сабаби мухолифати он бо тартиботи оммавӣ кам ба назар мерасад. Сабаб дар он аст, ки ҳалнома бояд бо асосҳои тартиботи ҳуқуқии давлат мухолифати ҷиддӣ дошта бошад. Парвандаи соли 1985 COSID Inc. v. Steel Authority of India Ltd.[1] мисоли ин гуфта шуда метавонад, ки аз рӯи он ҳалнома дар шаҳри Лондон қабул карда шудааст. Суди Олии шаҳри Деҳлӣ (Ҳиндустон) эътироф ва иҷрои ҳалномаро рад кард, зеро арбитрҳо истиноди ҷониби ҳиндустониро ба ҳолатҳои форс-мажорӣ дар шакли ҷорӣ гардидани маҳдудиятҳои содиротӣ ба инобат нагирифта буданд.

Ҳолатҳои на он қадар ҷиддие, ки ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ ва ё тиҷоратӣ таъсир намерасонанд, наметавонанд барои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалнома асос шаванд. Ҳамин тавр, Суди шаҳри Москва дар соли 1995 ба истиноди ҷавобгар дар бораи он, ки аз ҷониби арбитрҳо таъйин намудани пардохтҳо бо асъори хориҷӣ ба манфиатҳои сиёсати давлатии ФР мухолифат мекунанд, асоснок розӣ нашуд[6].

Ҳамин тариқ, маъмулияти аз ҷониби судҳои давлатҳои гуногун истифода шудани категорияи дуюми асосҳои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ аз ҳолатҳои зерин вобастагӣ дорад. Якум, мувофиқати қонунгузории миллӣ бо қоидаҳои унификатсияшудаи ягонаи мансубияти арбитражии баҳс (алахусус, Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ) ҳолати муҳим мебошад. Дуюм, муайян кардани ҳолати то чӣ андоза васеъ шарҳ гардидани мафҳуми тартиботи оммавӣ дар қонунгузории мушаххас муҳим арзёбӣ када мешавад.

Дар мавриди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ аз ҷониби суди иқтисодӣ боиси рад кардани эътироф ва иҷрои он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Ҳамин тариқ, тафсири маҳдуди муқаррароти дар моддаи V.l(e) Конвенсияи Ню-Йорк, ки аз лиҳози мазмун ба моддаи IX.1 Конвенсияи Женева наздик мебошад, мавҷуд мебошад.

Истифодаи иборахои мавҷудаи моддаи IX Конвенсияи Женева соли 1979 аз ҷониби котиботи ЮНСИТРАЛ ҳангоми омодасозии Қонуни намунавӣ пешниҳод шуда буд. Дар баробари ин, зарурати муқаррар намудани стандартҳои ягонаи рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ қайд карда шуда буд. Мавҷудияти стандартҳои мухталиф дар қонунгузории миллии кишварҳои гуногун дар айни замон боиси нигаронии ҷомеаи арбитражии байналмилалӣ мегардад. Бо мақсади ислоҳи вазъ, пешниҳодҳои мухталиф, аз ҷумла ворид кардани тағйирот ба матни Конвенсияи Ню-Йорк, қабули конвенсияи нав, ҳатто таъсиси судҳои махсус бо салоҳияти истисноии бекор кардан ё рад кардани иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ таклиф мешаванд.

Ба назари мо, муқаррар кардани стандартҳои «ҷаҳонӣ» оид ба рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ, амалан, ғайриимкон мебошад. Сарфи назар аз он, ки Конвенсияи Ню Йорк зиёда аз 140 аъзо дорад, як қатор кишварҳое мавҷуданд, ки дар онҳо Конвенсияи мазкур эътироф карда нашудааст. Мувофиқан, асосҳо барои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ бо қонунҳо ва амалияи миллӣ муқаррар карда шуда истодаанд.

Ҳамин тариқ, ҷонибҳои шартнома бояд ҳангоми таҳияи созишномаи арбитражӣ ба он таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд. Аз ҷумла, қонунҳои моддӣ ва мурофиавие, ки тарафҳо интихоб кардаанд, бевосита ба имкони бекор кардани ҳалнома дар сурати ба муқаррароти қонунгузории кишвари иҷрои ҳалномаи арбитражӣ мувофиқат накардан, таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, натиҷаи ниҳоии баррасии баҳсҳо дар судҳои арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ бевосита аз шартҳои созишномаи арбитражии тарафҳо вобаста мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Albert Jan van den Berg. Refusals of Enforcement under the New York Convention of 1958. C 75.
2. Hamid G. Gharavi. The 1997 Iranian International Commercial Arbitration Law: The UN-CITRAL Model Law a L Iranienne. C. 92.
3. Jacques Sales. The enforcement of arbitral awards; The New York Convention: Presentation. Study of a mock case under the new ICC Rules of Arbitration. Paris 2001. C.6,
4. Philippe Fouchard. Improving the Efficiency of Arbitration Agreements and Awards: Report. C. 611.
5. Richard H. Kreindler. Enforcement of Foreign Arbitral Awards. Particularly in the Context of the 1958 UN (New York) Convention. Study of new mock case under the 1998 ICC Rules of arbitration. Paris, 2000. C.9.
6. Пер Рунеланд и Килпатрик Стоктон. Исполнение иностранных арбитражных решений в Российской Федерации. С.8.
7. Романенков Н.С.. Исполнение иностранных арбитражных решений в Российской Федерации: Тез. докл. Конференция «Новое в арбитражном законодательстве, регламентах и практике в Москве и Стокгольме». М, 2000. -С. 6.

**НАБОТОВ С.Х.**
**NABOTOV S.KH.**

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикор-рупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Доцент кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции, кандидат юридических наук

Associate Professor of the Department of Commercial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Commerce, PhD in Law

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ МАФҲУМИ"ЗАРАРИ МАЪНАВӢ"

## ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ПОНЯТИЯ "МОРАЛЬНЫЙ ВРЕД"

## THEORETICAL AND LEGAL BASES OF THE CONCEPT "MORAL DAMAGE"

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии мафҳуми "зарари маънавӣ" мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар мақола фикру надешаҳои олимон ватанию хориҷӣ ҷиҳати асосноксозии ҳуқуқии зарари маънавӣ низ, оварда шудааст. Дар мақолаи ҳангоми мушоҳидаҳо муайян гардид, ки масъалаи ҷуброни зарари маънавӣ дар тадқиқотҳои олимон ҳанӯз дар асрҳои 19-20 ва қабл аз он низ, вуҷуд доштааст.*
***Калимаҳои калидӣ:*** *ҷуброн, зарар, ҳуқуқ, маънавиёт, шахсият, қонунгузорӣ.*

***Аннотация.*** *В данной статье анализируются и обсуждаются теоретико-правовые основы понятия «моральный вред». В статье также представлены мнения отечественных и зарубежных ученых относительно правового обоснования морального вреда. В статье в ходе наблюдений установлено, что проблема возмещения морального вреда существовала в исследованиях ученых еще в XIX-XX веках и до этого.*
***Ключевые слова:*** *возмещение, ущерб, права, духовность, личность, законодательство.*

***Annotation.*** *This article analyzes and discusses the theoretical and legal foundations of the concept of "moral harm". The article also presents the opinions of domestic and foreign scientists regarding the legal justification for moral damage. In the course of observations, the article established that the problem of compensation for moral harm existed in the studies of scientists as early as the 19th-20th centuries and before that.*
***Key words:*** *compensation, damage, rights, spirituality, personality, legislation.*

Оқибатҳои зӯроварии ғайриқонунии равонӣ нисбат ба объектҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва гражданӣ боиси тағйироти манфӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ мешаванд, ки ба шахс ва ҷомеа зарар мерасонанд. Аммо, қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон "зарари равонӣ" хуб танзим накардааст ва бинобар ин механизми ҷуброни онро низ пешбинӣ намекунад. Дар ҳамин ҳол, оқибатҳои зарари рӯҳӣ ва ё равонӣ бевосита ба соҳаи ғайримоддии шахс таъсир мерасонанд, ки бо ҳуқуқи ҷабрдида ба ҷуброни зарари маънавӣ алоқаманд аст. Вайрон кардани вазъи саломатии ҷабрдида, ки дар натиҷаи зӯроварии рӯҳӣ ба вуҷуд омадааст, ба ӯ зарари маънавӣ ё ҷисмонӣ мерасонад, ки зарари маънавиро ба вуҷуд меорад. Аз ин бармеояд, ки оқибатҳои ҳам зарари рӯҳӣ ва ҳам маънавӣ ба онҳо вобастаанд, яъне оқибатҳои ин ду намуди зарар дар ҳар яки онҳо мавҷуданд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки масъалаи ҷуброни зарари маънавӣ дар тадқиқотҳои олимон ҳанӯз дар асрҳои 19-20 ва қабл аз он низ, вуҷуд доштааст. Масалан, чунон ки дар осори чунин ҳуқуқшиносон ва антропологҳои маъруф ба монанди; А.С. Шляпочников[16], И. С. Перетерский[11], В.Г. Графский[5], М. Косвен[6], Н. Рулан[12], К. Черри[15], зарари маънавӣ таҳқиқ шудааст, ки ин аллакай дар марҳалаи хеле аввали ташаккули ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Лекин дар низоми ҳуқуқии шӯравӣ институти ҷуброни зарари маънавӣ барои сохти сотсиализм тамоман бегона шуморида мешуд. Маҳз ҳамин иваз шудани сохти ҷамъиятист, ки чунин институтҳо ба вуҷуд омаданд. Аслан, баҳсу мунозира дар бораи қобили руёндани товони зарари маънавӣ дар байни ҳуқуқшиносон танҳо дар солҳои 20-ум, баъди қабул шудани Кодекси гражданин РСФСР дар соли 1922 аз нав сар шуд. Яке аз аввалинҳо дар адабиёти ҳуқуқии шӯравӣ ба тарафдории қонунӣ эътироф кардани институти зарари маънавӣ Б. Утевский буд. Аз нуқтаи назари Б.Утевский, зарари молу мулкии ба шахс расонидашуда ба зарари шахсӣ мухолиф аст ва дар баробари ин, ягон асосе нест, ки мафҳуми «шахсият» танҳо ба дахлнопазирии ҷисмонӣ маҳдуд карда шавад, зеро ин мафҳум хислати начандон ғайримоддӣ дорад ва доираи маънавию ахлоқии одамро фаро мегирад[16].

Бо назардошти ин ҳолат, мо ба мафҳумҳои зарари маънавӣ ва ҷуброни он рӯ меорем, зеро дар қонунгузории Тоҷикистон ин категорияҳои ҳуқуқӣ ба таври гуногун баррасӣ карда мешаванд. Рушди ҷамъият танзими амалҳои инсонро дар ҷомеа тавассути меъерҳо ба вуҷуд овард, ки яке аз роҳҳои асосии он меъёрҳои ахлоқӣ мебошад. Ахлоқ (аз лотинӣ. лат. moralis – ахлоқӣ) - шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ, намуди муносибатҳои ҷамъиятӣ (муносибатҳои ахлоқӣ) мебошад. Баръакси ҳуқуқ, иҷрои талаботи ахлоқ танҳо бо шаклҳои таъсири маънавӣ – баҳодиҳии ҷамъиятӣ, тасдиқ ё маҳкумият иҷозат дода мешавад.

Муҳаққиқон барон ақидаанд, ки дар назарияи умумии ҳуқуқ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ як қатор мафҳумҳое истифода мегарданд, ки дар баъзе мавридҳо истифодаи ин ё он ибора наметавонад фарогири мафҳуми истифодашаванда бошад, ё ин ки он дар мавқеъ ва макони худ истифода нагардидааст. Аз ҷумла мафҳумҳои зарар, зиён, хисорот, зарари маънавӣ, зарари ҷисмонӣ, зарари равонӣ, зарари ғайримолумулкӣ ва монанди инҳо.

Масалан, С. И. Ожегов ва Н. Ю. Шведова маънавиятро ҳамчун қоидаҳои ахлоқӣ, ки маънавият худ ҳамчун муайянкунандаи сифатҳои дохилии инсон, ки бо меъёрҳои ахлоқӣ: қоидаҳои рафтор вобаста ба ин сифатҳо роҳнамоӣ карда мешаванд арзёбӣ менамояд. Аз нуқтаи назари аксиологӣ (илм дар бораи арзишҳои инсон) маънавият-ахлоқ маънои маҷмӯи арзишҳои некӣ ва бадӣ, инчунин шаклҳои мувофиқи шуур, муносибатҳо ва амалҳоро дорад[9].

Ба ақидаи Э. А. Лукашева, ахлоқ муносибатҳои байни одамонро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба танзим медарорад, яъне "хусусияти ҳамаҷониба ва фарогир"дорад. Ҳамзамон, миёни меъёри ахлоқ ва ҳуқуқи муосир як навъ буриши маънавӣ, вуҷуд дорад, ки имкон медиҳад намояндагии шахс, ҷомеа ва давлат дар бораи "некӣ" ва "бадӣ", "шараф" ва "бешарафӣ", "башардӯстӣ" ва "муносибати ғайриинсонӣ", "боадолатона" ва "беадолатона" муайян карда шавад. Ғайр аз он, тавассути ба назар гирифтани мутобиқшавии меъёрҳои ахлоқӣ ва маънавӣ ба дастурамалҳои ҳуқуқӣ, имконияти муайян кардани механизмҳои ҳуқуқии мубориза бо падидаҳои манфии иҷтимоӣ кушода мешавад. Маънавият ба ин категорияҳои ахлоқӣ: "ҳуқуқ", "ӯҳдадорӣ", "рафтори ҳуқуқӣ", "ҳуқуқвайронкунӣ", "ҷавобгарии ҳуқуқӣ" имкон медиҳад, ки мазмунан хислати ҳуқуқӣ, пайдо кунанд[7].

Мо бо андешаи С. С. Алексеев розӣ ҳастем, ки мегӯяд: барои аз нав баррасӣ намудани ғояҳо дар бораи таносуби ҳуқуқ ва ахлоқ вақт лозим аст, то чунин азнавбаҳодиҳӣ ба равандҳои объективӣ воқеъбинона баҳо дода шаванд ва барои баланд бардоштани ҳуқуқ дар ҳаёти ҷомеа дар маҷмӯъ одамон ҷавобгӯ бошад[1]. Г.Ф.Шершеневич хусусияти муҳими бо мурури замон тағйир ёфтани меъёрҳои ахлоқиро низ қайд намуд, ки мувофиқи он танҳо номутобиқатии (тағйирпазирии) меъёрҳои ахлоқ дар замон ва макон имкон дод, ки меъёрҳои муайянкунандаи рафтори ахлоқӣ пайдо карда шаванд[14].

Ба андешаи мо, маҳз чунин категорияҳои барои ҷамъият аҳамиятнок, ба монанди шуур, ахлоқ ва маънавият ба фаҳмиши ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқӣ, зарари маънавӣ, умуман, ба вуҷуд омадан ва амал кардан дар ҳуқуқ меъёрҳои ҷуброни он таъсир расонидаанд.

Ба ақидаи О. К. Абросимова, рафтори ахлоқии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ бештар рушд, таҳияи ғояҳо ва таҳкими қонунии институти ҷуброни зарари маънавиро муайян кард, ки

на танҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, балки ҳамчун институти ҳуқуқии ахлоқӣ баррасӣ карда шуд[2].

Тағйир додани ҳадафи мазмунии институти ҷуброни зарари маънавӣ ба институти ахлоқӣ тасодуфӣ нест, зеро он бо хусусияти баҳодиҳии ахлоқ алоқаманд аст, ки ба шахс имкон медиҳад, ки дараҷаи ҳиссиёти дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ бадастомадаро мустақилона муқаррар кунад.

Аз ин рӯ, мо мавқеи С. М. Воробев ва П.Е. Матвеевро дастгирӣ менамоем, ки тибқи он ахлоқ на танҳо ба танзим даровардани рафтори инсон, балки ҳамзамон ба амалҳои одамон, ҳадафҳои фаъолияти онҳо аз нуқтаи назари некӣ ва бадӣ баҳо медиҳад. На танҳо амали инсон, балки тамоми воқеияти ҳам иҷтимоӣ ва ҳам табиӣ бояд баҳодиҳии ахлоқӣ дошта бошад. Дар навбати худ, баҳодиҳии ахлоқӣ барои субъект талабот барои иҷрои амали муайян, яъне вазифаи ахлоқӣ барои некӣ нисбат ба ин ё он объект мебошад[8].

Зарари маънавӣ ин эҳсосест, ки шахс сахт аз сар мегузаронад, ки шакли ҳиссиётеро мегирад, ки дар давоми ранҷҳои маънавӣ дар ӯ пайдо мешавад. Эҳсосоти ахлоқӣ натиҷаи баҳодиҳии амалҳо (худи худ ва дигарон), ба меъёрҳои ахлоқӣ мувофиқ будан ё набудани онҳо мебошад, ки шахс онро барои худ ва дигарон ҳатмӣ медонад. Эҳсоси шарм, таҳқир, кина вақте ба вуҷуд меояд, ки шахс вазъияти (ҳолати) мавҷударо бо он чизе, ки бояд мувофиқи низоми арзишҳои ахлоқию ҳуқуқии ӯ бошад, муқоиса мекунад. Дараҷаи номувофиқ будани кирдоре, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ зарар мерасонад, аз умқи эҳсоси ба вуҷуд омадани ахлоқ ва дар натиҷа, ҳаҷми азобу уқубати маънавии ба инсон расонидашударо муайян мекунад. Шиддати зарари маънавии расонидашуда бевосита аз сатҳи шуури ахлоқӣ, ба низоми арзишҳои ахлоқие, ки шахс ба онҳо роҳнамоӣ мекунад, вобаста аст. Дар робита ба ин, ҷуброни зарари маънавӣ ҳамчун категорияи ахлоқӣ натиҷаи амали зиддиҷамъиятӣ мебошад, ки ба муносибатҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ халал мерасонад ва ҳуқуқ ва манфиатҳои ғайримоддии шахсро, ки дар азобҳои ахлоқӣ ифода ёфтааст, вайрон мекунад[3].

Дар айни замон, дар назария ва амалияи татбиқи институти ҷуброни зарари маънавӣ мушкилоти зиёде боқӣ мондаанд, ки аз нуқтаи назари техникаи ҳуқуқӣ ва дуруст истифода бурдани меъёрҳои қонунгузории маданӣ ҳангоми қабули қарорҳои мақомоти судӣ оид ба ҷуброни зарари маънавии ҷабрдида ба таври муфассал бояд такмил дода шаванд.

Ҳоло як қатор мушкилот, аз ҷумла; набудани ҳудуди қонунгузории ҷуброни пулии зарари маънавӣ; пурра набудани мушаххасот дар қонунгузории маданӣ оид ба дороии ғайримолумулкии шаҳрвандон; ба таври мушаххас мавҷуд набудани қонунгузорӣ, ки сохтори азобҳои ахлоқӣ ва ҷисмонӣ, ки асоси расонидани зарари маънавиро ба ҷабрдидагон ташкил медиҳанд; набудани меъерҳои қонунгузорӣ муқарраршуда барои муайян кардани андозаи ҷуброни зарари маънавӣ; норавшанӣ (норавшанӣ) дар таҳияи ҳолатҳои пешниҳоди ҷуброн зарари маънавӣ дар қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон ва ғайра вуҷуд доранд.

Аслан ҷуброни зарар маънавӣ предмети ҳуқуқи маданӣ аст. Аз ин рӯ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар моддаи 61 Кодекси ҷиноятӣ як ишора шудааст, ки ин аз бетаваҷҷуҳии соҳа ва қонунгузории ҷиноятӣ ба ин институт ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, мутобиқи моддаи 170 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаёт ва саломатӣ, эътибори шахсӣ, шаъну шараф, масунияти шахсӣ, номусу номи нек, эътибори корӣ, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, ҳуқуқи ҷойивазкунӣ ва интихоби озоди истиқомату маҳалли зист, ҳуқуқи доштани номдорӣ, ҳуқуқи муаллифӣ, дигар ҳуқуқҳои шахсии ғайримоддӣ ва неъматҳои дигари ғайримоддӣ, ки ба шаҳрванд аз рӯзи таваллуд ё бо ҳукми қонун тааллуқ доранд, бегона карда ё ба тариқи дигар гузашт карда намешаванд. Дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқи шахсии ғайримолу мулкӣ ва неъматҳои дигари ғайримоддии шахси фавтидаро шахси дигар, аз ҷумла ворисони соҳибҳуқуқ татбиқ ва ҳифз карда метавонанд.

Бояд таъкид намуд, ки худи масъалаи ҷуброни маънавиро моддаи 171 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар кардааст: агар ба шаҳрванд дар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқи шахсии ғайримоддии ӯ ё ба неъматҳои дигари ғайримоддии шаҳрванд таҳдидкунанда зиёни маънавӣ (азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ё рӯҳӣ) расонида шуда бошад, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун суд метавонад шахси ҳуқуқвайронкардаро вазифадор созад, ки ин зиёнро ҷуброн намояд[10].

Илова барин, таърифи номукаммали ҳуқуқии зарари маънавӣ ва ҷузъҳои он дар қонунгузории мадании Тоҷикистон боиси баҳсҳои зиёди илмии назариявӣ ва ҳуқуқӣ гардид. Мавҷудияти ақидаҳои гуногуни асосноки илмӣ, ақидаҳои марбут ба таърифи зарари маънавӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷуброни зарари маънавӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ ва категорияи илмию ҳуқуқӣ ба ислоҳоти ҷиддие ниёз дорад, ки дар натиҷа таҳия ва татбиқи он имконпазир мегардад, ки ба воқеият ва шароити иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи Тоҷикистон.

**Адабиёт**


1.Алексеев С. С. Восхождение к праву. Поиски и решения. М., 2001. С. 204.

2.Абросимова О. К. Взаимодействие права и морали в современном российском обществе : автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Саратов, 2001. С. 23.

3.Боер А. А. Морально-правовой конфликт (теоретико-правовой аспект): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. СПб., 2002. С. 7, 13.

4.Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ.-Душанбе, 2022.-С 85-101.

5.Графский В.Г. Всеобщая история права и государства. М., 2000. С. 41.

6.Косвен М. Преступление и наказание в догосударственном обществе. М.: Л., 1925. С. 85 – 99.

7.Лукашева Е. А. Право, мораль, личность. М., 1986. С. 71

8.Матвеев П. Е. Моральные ценности. Владимир, 2004. С. 19.

23-24

9.Матвеев П. Е. Этика. Основы общей теории морали: курс лекций. Владимир, 2002. Ч. 1. С. 21

10.Маҷлиси милли: Реҷаи дастарсӣ: https://majmilli.tj/кодекси-маданиии-ҷумҳурии-тоҷикист-2/ (санаи мурочиат 10.02.2023)

11.Перетерский И.С. Всеобщая история государства и права: учебник. Ч. 1. Древний мир. Вып. 2. Древний Рим. М., 1945. С. 28.

12.Рулан Н. Юридическая антропология. М., 1999. С. 153.

13.Советский энциклопедический словарь / гл. ред. С. М. Ковалев. М., 1980. С. 840.

14.Ожегов С. И., Шведова Н. Ю. Толковый словарь русского языка. М., 2013. С. 339, 392

14.Черри К. Развитие карательной власти в древних общинах. СПб., 1907. С. 17, 27-28

15.Утевский Б.С. Возмещение неимущественного вреда как мера социальной защиты // Еженедельник советской юстиции. – 1927. – N 35. С. 1084.

16.Шляпочников А.С. Происхождение уголовного права. М., 1934. С.

17.Шершеневич Г. Ф. Общая теория права. М., 1910. Т. 1. С. 172.

**СИДИКОВ Д.А.**
**SIDIQOV D.A.**

Кандидат юридических наук, доцент кафедры гражданского права Российско-Таджикского (Славянского) университета

Candidate of legal sciences, assistant professor Department of Civil Law Russian-Tajik (Slavonic) university

Тел.: 918-97-1991,
e-mail: sidiqov.dilshod@mail.ru

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ О ПРИЗНАКАХ ОБЪЕКТОВ ПРАВА ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ СОБСТВЕННОСТИ

## SOME QUESTIONS ABOUT THE CONCEPT OF "INTELLECTUAL PROPERTY"

***Аннотация***. *В данной статье рассматриваются вопросы, связанные с объектами права интеллектуальной собственности, а также выявляются их особенности и признаки.*

***Annotation.*** *This article discusses issues related to the objects of intellectual property rights, and also identifies their features and characteristics.*

***Ключевые слова***: *права интеллектуальной собственности, результаты интеллектуальной деятельности, средства индивидуализации, гражданское право, объекты.*

***Keywords:*** *intellectual property rights, results of intellectual activity, means of individualization, civil law, objects.*

Одной из важнейших частей жизни человека есть творческая деятельность. Она позволяет личности реализовать свои способности, раскрыть и донести до людей свой талант. В условиях рыночных отношений результаты творческой деятельности способны стать товаром, приносящим доход его создателю. Вместе с тем, развитие любой сферы творчества имеет особое значение для всего общества. Накопленные достижения человеческого разума составляют культурное наследие нации, определяют научно-технический потенциал общества, обуславливают его прогрессивное развитие. Именно поэтому в сохранении творческих результатов и защите интересов их создателей заинтересованы не только они сами, но общество в целом. Согласно Гражданскому кодексу Республики Таджикистан (ГК РТ) права на результаты интеллектуальной деятельности и приравненные к ним средства индивидуализации юридических лиц, товаров, работ, услуг и предприятий входят в понятие «интеллектуальная собственность» (ст. 1125 ГК РТ).

Таким образом одним из объектов гражданских прав являются объекты права интеллектуальной собственности, то есть результаты интеллектуальной деятельности и приравненные к ним средства индивидуализации юридических лиц, товаров, работ, услуг и предприятий. «Идеальная» природа последних отличает их от материальной группы объектов. Отсутствие такого характера, как материальность (не подающееся физической амортизации), сближает их с личными нематериальными благами. Тем самым, как и личные нематериальные блага, они, в соответствии с законом, являются неотчуждаемыми, необоротоспособными, т.е. нематериальный объект, как таковой не может быть в обороте.

Однако ч. 1 ст. 1133 ГК РТ содержит положение, в соответствии с которым права на эти объекты, а именно права на **нематериальные блага** (имеющие экономическую форму товара), могут передаваться иным лицам по договору или переходить к ним на основании закона. Исходя из такого положения ГК РТ, наш законодатель подчеркивает индивидуальность и выделяет такие объекты из общей группы объектов гражданских прав.

Таким образом, ГК РТ различает понятия объектов права интеллектуальной собственности, которые имеют идеальную природу, и объекты вещных прав[6] – материальных носителей, в которых они размещены. В соответствии с ГК РТ, переход права собственности на материальный носитель не означает переход права на объект права интеллектуальной собственности. Например, человек, покупая картину, становится собственником материального носителя, на котором нарисована картина, т.е. он не приобретает права на объект права интеллектуальной собственности.

В доктрине гражданского права можно обнаружить следующие характеристики объектов права интеллектуальной собственности: возможность неоднократной эксплуатации; неиссякаемость при потреблении; сохранение информации у передающего ее обладателя и т.д[5].

Помимо этого, В.А. Дозорцев в свое время четко и справедливо заметил и выделил свойства подобных объектов, такие как: «нематериальный характер объекта; коммерческая ценность; эстетическое или информационное содержание; обособленность от смежных объектов»[3].

Вышеотмеченные нами общие свойства объединяют все объекты права интеллектуальной собственности. Однако следует отметить, что, исходя из объективной выраженности, разнообразности и характерных черт этих объектов нельзя на них распространить общий правовой режим и объем правовых возможностей правообладателя.

Естественно, как правильно отметила Л.К. Терещенко, «любой правовой режим объекта права должен быть обоснованным и отражать его объективные свойства»[3]. Нельзя не отметить классификацию объектов права интеллектуальной собственности по критерию оснований их возникновения. В.А. Дозорцев выделил «созидательскую» систему (присущую авторскому праву и смежным правам), «регистрационную» систему (присущую патентному праву, товарным знакам и т.п.), систему конфиденциальности (ноу-хау) и систему общеизвестности (общеизвестные товарные знаки)[3].

Основным сходством объектов права интеллектуальной собственности с другими объектами гражданских прав, как правильно отмечает Е.А. Кондратьева, является то, что в основе закрепления их правовых режимов лежит интерес в их использовании [4].

Таким образом объекты прав интеллектуальной собственности обладают признаками, присущими только им. Они позволяют располагать интеллектуальную собственность в отдельную группу объектов гражданских прав. Следующие признаки относятся ко всем объектам права интеллектуальной собственности: а) нематериальный характер; б) коммерческая ценность; в) обязательное выражение в предусмотренной законом объективной форме; г) неотчуждаемость и непередаваемость; д) творческий характер или характер, тесно связанный с творческим; е) обязательное возникновение исключительного права на объект; ё) срочный характер исключительного права». Вдобавок к этому, в качестве признака для отдельных объектов права интеллектуальной собственности можно выделить допустимость возникновения личных неимущественных прав. Из вышесказанного вытекает, что объекты прав интеллектуальной собственности - это комплекс результатов интеллектуальной деятельности и средств индивидуализации, круг которых определен законодательством.

**Список литературы:**


1. Конституция РТ от 6.11.1994г., с посл. измен. и доп. //Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
2. Гражданский кодекс Республики Таджикистан. Ч. 3 от 1 марта 2005 года // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
3. Дозорцев В.А. Интеллектуальные права: Понятие. Система. Задачи кодификации: сборник статей. Исслед. центр частного права. - М.: Статут, 2005. – 416 с.
4. Кондратьева, Е.А. Объекты интеллектуальных прав: особенности правовой охраны [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.twirpx.com/file/1673094/ (дата обращения: 14.01.2023);

5. Смирнов Г.И. Тесно под одной крышей // Вопросы изобретательства. - 1991. - № 1. - С. 45 - 48.
6. Сулаймонов Ф.С. Вещное право: монография. - Душанбе, 2015. – 248 с. (на тадж. языке).
7. Терещенко Л.К. К вопросу о правовом режиме информации // Информационное право. - 2008. - № 1. -20-27.

**ТАБАРОВ Н.А.**
**TABAROV N.A.**

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Candidate of legal sciences, associate professor of the department of economic, financial and anti-corruption law of the State University of Finance and Economy of Tajikistan.

Кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Государственного университета финансов и экономики Таджикистана.

Тел.: 907-97-65-12,
E-mail: ne-mon.tabarov.65@mail.ru

# ҲУҚУҚИ МУРОФИАВИИ ИҚТИСОДӢ: АЗ КОМИССИЯҲОИ АРБИТРАЖӢ ТО СУДҲОИ ИҚТИСОДӢ

# ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО: ОТ АРБИТРАЖНЫХ КОМИССИЙ ДО ЭКОНОМИЧЕСКИХСУДОВ

# ECONOMIC PROCEDURAL LAW: FROM ARBITRATION COMMISSIONS TO ECONOMIC COURTS

*Мақола ба масъалаи ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар мақола қайд менамояд, ки дар ташаккули соҳаи мазкури ҳуқуқ нақши судҳои иқтисодӣ хеле калон буда, соҳаи мазкури ҳуқуқ маҳз ба фаъолияти судҳои мазкур бахшида шудааст. Судҳои иқтисодӣ дар аввали пайдоиши худ ба сифати комиссияҳои арбитражӣ баромад мекарданд, ки асосан баҳсҳои хоҷагиро баррасӣ мекарданд. Дар таърихи шастсолаи мавҷудияти арбитражи давлатӣ (аз моҳи майи соли 1931 то моҳи марти соли 1992) аз тарафи давлат чанд маротиба барои азнавсозии сохтор ва фаъолияти он, мувофиқ намудан ба шароитҳои иқтисодии тағйирёбанда, баланд бардоштани нақши он дар хоҷагии халқ, кӯшиши карда шуд.*

***Калидвожаҳо:*** *комиссияҳои арбитражӣ, арбитражи давлатӣ, судҳои иқтисодӣ, мурофиаи иқтисодӣ, ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ.*

*Статья посвящена проблеме экономического процессуального права. В статье автор отмечает, что роль экономических судов в становлении данной отрасли права очень велика, и деятельность этих судов посвящена данной отрасли права. В начале своего появления экономические суды выступали в качестве арбитражных комиссий, которые в основном рассматривали хозяйственные споры. За шестидесятилетнюю историю существования государственного арбитража (с мая 1931 г. по март 1992 г.) государством было предпринято несколько попыток реорганизовать его структуру и деятельность, приспособить к изменяющимся экономическим условиям, повысить роль в экономике.*

***Ключевые слова:*** *арбитражные комиссии, государственный арбитраж, экономические суды, экономический процесс, экономическое процессуальное право.*

*The article is devoted to the problem of economic procedural law. In the article, the author notes that the role of economic courts in the formation of this branch of law is very large, and the activities of these courts are dedicated to this branch of law. At the beginning of their appearance, eco-*

*nomic courts acted as arbitration commissions, which mainly considered economic disputes. Over the sixty-year history of the existence of state arbitration (from May 1931 to March 1992), the state made several attempts to reorganize its structure and activities, adapt it to changing economic conditions, and increase its role in the economy.*

***Keywords:*** *arbitration commissions, state arbitration, economic courts, economic process, economic procedural law.*

Миллати тоҷик марҳалаҳои гуногуни ташаккул ва рушди худро аз сар гузаронида, дар аз нав эҳё гаштани давлатдории қариб 1000 сол пеш аз байн рафтаи тоҷикон ғалабаи Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр бо роҳбари В.И.Ленин 7 ноябри соли 1917 (бо солшумории куҳна 25 октябри соли 1917) нақши бузург дорад. Маҳз ба шарофати ҳамин Инқилоби тақдирсоз дар соли 1924 дар натиҷаи аз ҷониби роҳбари хирадманди СССР И.В.Сталин гузаронидани тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Марказӣ миллати тоҷик бори аввал дар таърихи худ соҳиби давлати миллии худ дар шакли Республикаи Автономӣ гашт, ки баъдан соли 1929 ба Республикаи мустақили Советии Сотсиалистӣ табдил ёфт. Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки Асосгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон И.В.Сталин мебошад. Ҳамин тавр таъсисёбии Республикаи Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон боиси эҳёи давлатдории қариб 1000 сол пеш аз байн рафтаи тоҷикон гардид. Бо туфайли ҳамин республика, номи халқи тоҷик ҳам ба арсаи ҳастӣ даромада, дар харитаи ҷаҳон мақоми худро дарёфт. Ин бузургтарин комёбӣ, ибтидои ҳама пешрафтҳои минбаъдаи халқи тоҷик ва худшиносии он буд.

Миллати тоҷик маҳз дар даврони шӯравӣ соҳиби ҳудуди ҳозира, нишону парчам ва суруди миллӣ гашта, институтҳои муосири ҳокимияти давлатиаш низ маҳз дар ҳамон давра эҳё гардида буданд. Яке аз ин гуна институтҳо ҳокимияти судӣ буд.

То соли 1931 баҳси байни корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ аз тарафи комиссияҳои арбитражӣ ҳал карда мешуд, ки бо қарори Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Совети Комиссарони Халқии СССР (Иттифоқи Республикаҳои Советии Сотсиалистӣ) ташкил карда шуда фаъолияташон асосан бо Низомномаи Комиссияи арбитражии назди Совети меҳнат ва мудофиаи СССР аз 6 майи соли 1924»[1] ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешуд.

Комиссияҳои арбитражӣ парвандаҳоро дар ҳайати се аъзо бо иштироки ҳатмии ҳуқуқшинос ва корманди роҳбарикунандаи хоҷагидор баррасӣ мекарданд. Парвандаҳо аз рӯи қоидаҳои муқарраркардаи Кодекси мурофиавии гражданӣ ба истисноӣ баъзе қоидаҳое, ки аз хусусияти комиссияҳои арбитражӣ бармеомаданд, баррасӣ карда мешуданд.

Инкишофи арбитраж ба ҷорӣ намудани муносибатҳои хоҷагидорӣ алоқаманд аст. Бо қарорҳои КИМ ва СКХ-и СССР, ки моҳи марти соли 1931 қабул шуданд, ҳамаи мақомотҳои давлатӣ, хоҷагидорӣ ва кооперативӣ, корхонаҳо вазифадор буданд, ки муносибатҳои ҳамдигариашонро оид ба маҳсулотсупорӣ, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ бо бастани шартномаҳо ба расмият дароранд ва барои иҷро накардани онҳо бо тартиби муқарраркардаи қонун ҷавобгар бошанд.

Моҳи майи соли 1931 дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ арбитражи давлатӣ ташкил карда шуд, ки барои ҳал намудани баҳси молумулкии байни муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои хоҷагии сотсиалистӣ дар самти мустаҳкам намудани интизоми шартномавию нақшавӣ ва ҳисоби хоҷагӣ равона карда шуда буд. Низомномаи аввалин дар бораи арбитражи давлатӣ бо қарорҳои якҷояи КИМ-и СССР таҳти № 5 ва СКХ-и СССР таҳти № 298 аз 3 майи соли 1931 тасдиқ шуд, ки аз 14 банд иборат буд[2].

Тибқи Низомномаи мазкур арбитражи давлатӣ барои ҳал намудани баҳсҳои молумулкии байни муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои қисми ҷамъиятикардашуда дар самте, ки устувории интизоми шартномавӣ ва нақшавиро таъмин мекунад ва ҳисоби хоҷагидорӣ таъсис дода шуда буд.

Бо тартиби арбитражи давлатӣ ҳамаи баҳсҳо аз рӯи шартномаҳо ва аҳдҳои басташуда ва дигар баҳсҳои молумулкии байни муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои қисми ҷамъиятикардашуда ҳал карда мешуданд. То муроҷиат ба арбитражи давлатӣ тарафҳо вазифадор (уҳдадор) буданд, ки ҳамаи чораҳоро барои бевосита танзим намудани баҳс меандешиданд.

Бо тартиби арбитражи давлатӣ инҳо баррасӣ карда намешуданд:

а) баҳсҳои байни мақомоти ҳамон як идора, ки дар буҷети умумидавлатӣ ё маҳаллӣ меистоданд;

б) баҳсҳои байни муассисаҳо ва корхонаҳои ҳамон як идора, иттиҳодияи хоҷагидорӣ ё низоми кооперативӣ, бе иҷозати мақомоти болоии дахлдор;

в) баҳсҳо оид ба амалиётҳои Бонки давлатӣ, агар Бонки давлатӣ яке аз тарафҳо дар баҳс бошад;

г) баҳсҳое, ки аз шартномаҳои боркашонии роҳи оҳан бармеоянд;

д) баҳсҳо оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳое, ки бо тартиби бебаҳс ситонида мешаванд;

е) баҳсҳо аз рӯи шартномаҳо оид ба истифодабарии хизматрасониҳои коммуналӣ;

ж) баҳсҳо аз рӯи парвандаҳое, ки аз тарафи арбитражи давлатии назди Совети меҳнат ва мудофиа бояд баррасӣ карда шаванд - ба маблағи камтар аз 5 ҳазор рубл, аз тарафи арбитражи давлатии назди совети (машварати) иқтисодӣ баррасӣ карда мешаванд - ба маблағи 3 ҳазор рубл ва дар ҳолатҳои алоҳида – 1 ҳазор рубл.

Арбитражи давлатӣ дар ҳайати арбитрҳои давлатӣ, ки шахсан аз ҷониби Совети меҳнат ва мудофиа, совети (машварати) иқтисодии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, советҳои комиссарони халқи ҷумҳуриҳои мухтор, кумитаҳои иҷроияи кишварӣ ва вилоятӣ, аз рӯи тааллуқият таъин карда мешуданд, ташкил меёфт.

Барои амалӣ намудани роҳбарии умумии кори арбитражи давлатӣ сарарбитр ва муовинони он таъин карда мешуданд.

Парвандаҳоро арбитр, ки аз ҷониби сарарбитр барои парвандаи мазкур таъин карда мешуд ва намояндагони масъули тарафҳои баҳскунанда (роҳбарони муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо, муовинони онҳо, аъзоёни раёсат) як нафарӣ аз ҳар кадоми тарафҳо ҳал мекарданд.

Дар ҳолатҳои мухолифат масъаларо арбитр ҳал мекард.

Аз рӯи парвандаҳои мураккаб сарарбитр метавонист ба ҳайати арбитраж ба таври иловагӣ ду арбитрро дохил кунад.

Дар ҳолати ҳозир нашудани намояндагони як ё ҳарду тараф, парванда дар ғоибии онҳо баррасӣ карда мешуд.

Мақомоти арбитражи давлатӣ ҳуқуқ доштанд, ки аз ҳамаи муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ, маълумотҳо ва маводҳоро талаб намоянд, шахсони мансабдорро барои додани баёнот даъват намояд, экспертиза таъин кунад ва ғ.

Ҳангоми ҳал намудани баҳсҳо арбитражи давлатӣ қонунҳо ва амрҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимият, инчунин асосҳои умумии сиёсати иқтисодии Иттифоқи ҶШС-ро ба роҳбарӣ мегирифт.

Арбитражи давлатӣ зарурати риояи қатъии интизоми нақшавию шартномавӣ ва баланд бардоштани ҷавобгарии моддии мақомоти хоҷагидор ва ҷавобгарии шахсии коркунони хоҷагиро барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани шартномаҳо ва аҳдҳо ба асос мегирифт.

Дар бораи ҳамаи вайронкуниҳои ҷиддии ошкоршудаи интизоми шартномавию нақшавӣ ва дигар камбудиҳо дар фаъолияти муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо арбитражи давлатӣ ба мақомоти дар болои онҳо истода ё нозироти коргарӣ-деҳқонӣ ва дар ҳолатҳои дахлдор бошад ба прокуратура хабар медод.

Қарори (ҳалномаи) арбитражи давлатӣ қатъӣ буд ва мавриди шикоят қарор намегирифт.

Қарори (ҳалномаи) арбитражи давлатиро худи тарафҳо дар муҳлати зикркардаи арбитражи давлатӣ иҷро мекарданд. Қарореро (ҳалномаеро), ки худи тарафҳо дар муҳлати муқарраргардида иҷро накардаанд, бо тартиби маҷбурӣ ба иҷро расонида мешуд. Шахсони мансабдоре, ки қарор (ҳалнома)-ро иҷро намекарданд, ба ҷавобгарии интизомӣ ё ҷиноятӣ кашида мешуданд.

Назорати фаъолияти арбитражи давлатӣ ба зиммаи Совети меҳнат ва мудофиа, совети (машварати) иқтисодии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, советҳои комиссарони халқи ҷумҳуриҳои мухтор, кумитаҳои иҷроияи кишварӣ ва вилоятӣ, аз рӯи тааллуқият гузошта шуда буд. Совети меҳнат ва мудофиа, совети (машварати) иқтисодии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, советҳои комиссарони халқи ҷумҳуриҳои мухтор, кумитаҳои иҷроияи кишварӣ ё вилоятӣ ҳуқуқ доштанд, ки ба тариқи назоратӣ қарори (ҳалномаи) арбитражи давлатиро бекор ё тағйир диҳанд ё парвандаро барои баррасии нав диҳанд.

Ба сарарбитр ҳуқуқ дода шуда буд, ки дар давоми як моҳ аз лаҳзаи баровардани қарор (ҳалнома) иҷрои онро боздорад ва парвандаро барои баррасии нави арбитражи давлатӣ диҳад.

Аз лаҳзаи ташкилшавиаш арбитраж дар ду намуд - давлатӣ ва идоравӣ амал мекард. Дар арбитражи давлатӣ баҳси байни корхонаҳо ва ташкилотҳои тобеияти гуногуни маъмурӣ, дар арбит-

ражи идоравӣ бошад баҳси байни корхонаҳо ва ташкилотҳои тобеи як идора (вазорат, кумита ва ғ.) баррасӣ карда мешуданд.

Дар таърихи шастсолаи мавҷудияти арбитражи давлатӣ (аз моҳи майи соли 1931 то моҳи марти соли 1992) аз тарафи давлат чанд маротиба барои азнавсозии сохтор ва фаъолияти он, мувофиқ намудан ба шароитҳои иқтисодии тағйирёбанда, баланд бардоштани нақши он дар хоҷагии халқ, кӯшиши карда шуд. Ба зиммаи арбитраж вазифаҳои нав ба нав гузошта мешуданд. Совети Вазирони СССР бо қарораш аз 17 августи соли 1960 таҳти № 892 Низомнома дар бораи Арбитражи давлатӣ аз соли 1931-ро бекор кард ва Низомномаи навро дар бораи Арбитражи давлатии назди Совети Вазирони СССР тасдиқ кард[3]. Дар асоси қарори мазкур дар солҳои 1960-1961 Совети Вазирони ҳамаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҳамин гуна Низомномаро дар бораи арбитражҳои давлатӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тасдиқ намуданд. Совети Вазирони ҶШС Тоҷикистон низ Низомномаро дар бораи Арбитражи давлатии назди Совети Вазирони ҶШС Тоҷикистон тасдиқ кард.

Аз рӯи Низомнома арбитражҳо ҳуқуқи молумулкии корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳоро ҳимоя карда, манфиатҳои қонунии онҳоро ҳифз мекард, фаъолона ба фаъолияти шартномавӣ ва истеҳсолии корхонаҳо дахолат мекарданд, ба иҷро намудани нақшаҳои давлатӣ ва ӯҳдадориҳои шартномавӣ кушиш мекарданд. Нисбати вайронкунандагон арбитраж чораҳои ҷавобгарии молумулкӣ меандешид. Дар Низомнома бори аввал мафҳуми умумикардашудаи баҳсҳои хоҷагӣ (молумулкӣ ва пешазшартномавӣ) дода шуда, ки Арбитражи давлатӣ ҳал мекард.

Низомнома дар бораи Арбитражи давлатии соли 1960 баррасӣ намудани баҳсро аз ҷониби арбитри давлатӣ бо иштироки намояндагони тарафҳо пешбинӣ мекард. Тарафҳо метавонистанд ба созиш оянд, ки ба протокол ворид карда мешуд ва бо шарти мувофиқат кардани он ба қонун эътибори ҳалномаро мегирифт. Агар мухолифати тарафҳоро имконияти бартараф кардан намешуд, он гоҳ арбитри давлатӣ аз рӯи баҳс ҳалномаи қонунӣ ва асоснок қабул мекард.

Моҳи августи соли 1970 Совети Вазирони СССР қарор «Дар бораи баланд бардоштани нақши мақомоти Арбитражи давлатӣ ва арбитражи вазоратҳою идораҳо дар хоҷагии халқ»-ро қабул кард, ки мувофиқи он арбитраж бояд ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, такмили алоқаҳои хоҷагидорӣ, мустаҳкам намудани нақши шартномаҳо дар муносибатҳои хоҷагидорӣ кӯмак мекард.

То соли 1974 арбитражҳои поёнӣ ба арбитражҳои болоӣ итоат намекарданд, балки дар назди мақомоти иҷроия буданд, яъне низоми арбитраж тобеияти сохтории худро надошт.

Қадами муҳим дар роҳи марказонии сохтории арбитраж қарори Совети Вазирони СССР аз 17 январи соли 1974 № 60 «Дар бораи такмили минбаъдаи ташкил ва фаъолияти мақомоти арбитражи давлатӣ» гардид. Арбитражи давлатии назди Совети Вазирони СССР (мақомоти иттифоқӣ-ҷумҳуриявӣ), арбитражҳои давлатии назди Совети Вазирони ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мухтор (автономӣ), арбитражҳои давлатии назди кумитаҳои иҷроияи кишварӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ ба низоми ягонаи Арбитражи давлатии СССР ворид шуданд. Мақомоти идоракунии давлатӣ, ки дар назди онҳо арбитражҳои давлатӣ меистоданд, аз функсияи ба онҳо хос набудаи назорати қонунӣ будани қарорҳои арбитражҳои давлатӣ озод карда шуданд. Назорат акнун истисноан ба зиммаи арбитражҳои давлатии болоӣ гузошта шуда буд.

Бо қарор аз 17 январи соли 1974 № 60 Совети Вазирони СССР ҳамчунин «Низомнома дар бораи Арбитражи давлатии назди Совети Вазирони СССР»-ро дар таҳрири нав тасдиқ кард[4]. Дар худи ҳамон сол Советҳои Вазирони ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар мувофиқа бо Арбитражи давлатии СССР низомномаҳоро дар бораи арбитражҳои давлатӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тасдиқ карданд, ки акнун ӯҳдадор буданд назорати қарорҳои арбитражҳои маҳаллиро (ҳангоми маблағи шикоят на камтар аз 500 рубл будан) амалӣ намоянд. Арбитражи давлатии СССР бошад аз болои қарорҳои арбитражҳои давлатии ҷумҳуриявӣ назорат мекарданд.

Совети Вазирони ҶШС Тоҷикистон низ Низомномаро дар бораи Арбитражи давлатии назди Совети Вазирони ҶШС Тоҷикистон тасдиқ кард.

Марҳалаи муҳим дар инкишофи арбитражи давлатии советӣ соли 1977, соли қабули Конститутсия ва 60-солагии Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр гардид, вай бо ҳодисаҳои муҳими сиёсӣ дар ҳаёти мамлакат пур буд. Ба мазмуни муайян вай барои арбитраж низ марҳалаи дигаргунии қатъӣ гардид.

Воқеаи аз ҳама бештар муҳим дар моддаи 163 Конститутсияи СССР дарҷ шудани муқаррарот оиди он гардид, ки: «Ҳалли баҳсҳои хоҷагии байни корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо аз ҷониби мақомоти арбитражи давлатӣ дар доираи салоҳияти онҳо амалӣ карда мешавад». Ба Қонуни

асосӣ ворид намудани меъёрҳо дар бораи арбитраж аҳамияти муҳими мақомоти мазкурро дар хоҷагии халқи мамлакат баён намуда, онро конститутсионӣ гардонид, зеро моддаи мазкур муқаррар кард, ки «ташкил ва тартиби фаъолияти мақомоти арбитражи давлатӣ бояд бо Қонун дар бораи арбитражи давлатӣ дар СССР муайян карда шавад». Пештар ин масъалаҳо бо санадҳои меъёрии зерқонунӣ ҳал карда мешуданд. Барои иҷрои ин нишондоди Конститутсия дар сессияи дуюми Совети Олии СССР даъвати 10-ум 30 ноябри соли 1979 Қонуни СССР «Дар бораи арбитражи давлатӣ дар СССР» қабул карда шуд[5]. Дар асоси ин қонун Совети Вазирони СССР бо қарори худ аз 5 июни соли 1980 № 440 «Қоидаҳои баррасии баҳсҳои хоҷагӣ аз ҷониби арбитражҳои давлатӣ» ва «Низомнома дар бораи Арбитражи давлатии назди Совети Вазирони СССР»-ро тасдиқ кард[6]. Дар солҳои 1980-1981 Советҳои Вазирони ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар мувофиқа бо Арбитражи давлатии СССР низомномаҳои навро дар бораи арбитражҳои давлатӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тасдиқ карданд

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арбитражи давлатӣ дар фаъолияти худ Низомнома дар бораи мақомоти Арбитражи давлатиро, ки бо Қарори Совети Вазирони ҶШС Тоҷикистон тасдиқ шуда буд, ба роҳбарӣ мегирифт. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми он бо Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 муайян карда шуда буд.

Қоидаҳои баррасии баҳсҳои хоҷагӣ аз ҷониби арбитражҳои давлатӣ аз рӯи сохтор ва параметрҳои асосӣ ба кодекси мурофиавии арбитражӣ наздик шуданд. Дар айни замон бисёр ҳолатҳое, ки ба шакли судӣ хос буданд, ҳанӯз вуҷуд надоштанд.

Баъди соҳибихтиёр эълон шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 ислоҳоти асосии давлатию ҳуқуқӣ гузаронида шуд, ки аз ҷумла дар соҳаи иқтисодиёт шаклҳои гуногуни моликиятро ба вуҷуд овард. Ин сабаб гашт, ки муносибатҳои идоракунӣ шакли ба танзимдорориро гирифта, алоқаҳои мӯътадили соҳибкорӣ ва хоҷагидорӣ ва мубодилаи молию пулӣ табдил ёфтанд. Масалан, ҷои нақшаро шартнома ишғол намуд, идоракунии давлатии марказонидашудаи соҳаи иқтисодиёт ба танзими меъёри-ҳуқуқии ин соҳа иваз карда шуд. Бо баробари ин меъёрҳои ҳуқуқие, ки пеш фаъолияти арбитражӣ ва тартиби ҳал намудани баҳсҳои хоҷагидориро ба тартиб меандохтанд, ба таври пурра ба шароити нав номутобиқ шуда монданд.

Зарурияти баланд бардоштани нақши арбитраж, васеъкунии салоҳияти он, афзун гардонии нуфузи ин мақомоти судӣ ба миён омад. Зеро роҳи муносибатҳои бозориро интихоб намудани Тоҷикистон талаб менамуд, ки шакл ва тарзи нави фаъоляти мақомоти идоракунии давлатӣ, аз ҷумла, тартиботи нави ҳал намудани баҳсҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ пеши кор оварда шавад. Аз ин рӯ, 10 марти соли 1992 Қарори Совети Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси амалӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додгоҳҳои ҳакамии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонун «Дар бораи тартиби ҳалли баҳсҳои хоҷагӣ дар додгоҳҳои ҳакамии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул кард, ки онҳо ба ғайр аз тасдиқ намудани мақом, салоҳиятдорӣ, вазифаҳо ва фаъолияти додгоҳҳои ҳакамӣ, тартиби ҳалли баҳсҳои иқтисодиро низ ба танзим медароварданд.

Қонун мақомоти арбитражиро ба додгоҳҳои ҳакамӣ-мақомоти юрисдиксияи махсус ва мустақил, ки қобилияти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектони хоҷагидориро сарфи назар аз шакли моликият доранд, табдил дод. Якчанд вақт баъдтар додгоҳҳои ҳакамӣ ба судҳои иқтисодӣ табдил дода шуданд. Мақоми онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, баён ёфтааст.

Махсусан, моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кард, ки «Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад».

Бояд қайд кард, ки муқарраротӣ моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чизи нав набуд. Ҳанӯз банди 3 Эъломияи истиқлолияти Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон муқаррар карда буд, ки «Ҳокимияти давлатӣ дар РСС Тоҷикистон тавассути мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ба амал бароварда мешавад». Эъломияи мазкур 24 августи соли 1990 дар сессияи дуюми Совети Олии РСС Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум қабул шуда буд[7].

Боби 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзими ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни алоҳида ва мустақили ҳокимияти давлатӣ бахшида шуда, принсипҳои асосии фаъолияти он, низоми сохтори судӣ, вазифа, мақсадҳои амалӣ намудани адолати судӣ ва ваколатҳои судяҳоро муқаррар кард.

Бояд қайд, ки маҳз бори аввал дар ҳамин боби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори судҳои юрисдиксияи умумӣ аз ҷониби Суди конститутсионӣ ва судҳои иқтисодӣ амалӣ намудани адолати судӣ қайд гардид.

Ҳолати болои маънои онро дошт, ки дар ҷумҳурӣ ислоҳоти судӣ гузаронида шавад, зеро дар он вақт Суди конститутсионӣ вуҷуд надошт ва судҳои иқтисодӣ бошад бо чунин ном вуҷуд надоштанд.

Зарурияти такмили минбаъдаи қонунгузории мурофиавии судии иқтисодӣ дар соли 1995, масъалаи таҳия ва қабули ду санади нав: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда расонд, ки асоси ҳуқуқии низоми сохтори судӣ ва мурофиаи судии судҳои иқтисодӣ гаштанд. Онҳо табдил ёфтани собиқ арбитражҳои давлатиро ба мақомоти комили ҳокимияти судӣ ифода намуда бори аввал салоҳияти баамалбарории адолати судиро аз рӯи парвандаҳои судии иқтисодӣ ба зиммаи мақомоти судӣ гузоштан.

Мувофиқи моддаи 3 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низоми судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоятҳои Суғд ва Хатлон, суди иқтисодии ш.Душанбе ташкил медод.

Дар вақти ҳозира фаъолияти судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014[8] ва Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008[9] ба танзим даровარда мешавад.

Ташкили низоми судҳои иқтисодӣ ҳамчун мақомоти судии юрисдиксияи махсус, ки баҳсҳоеро, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ бармеоянд, баррасӣ менамоянд, таҷассумгари рушди ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таъсис ва инкишофи низоми судҳои иқтисодӣ аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз мегардад, зеро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи асосии фаъолияти соҳибкорӣ ва кафолати давлатии моликияти хусусӣ дарҷ карда шудаанд (моддаи 12).

Муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз фаъолияти судҳои иқтисодӣ бармеоянд, танзими ҳуқуқии худро талаб менамоянд ва дар илми ҳуқуқшиносии муосир ин муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ ба танзим дароварда мешаванд. Бояд дарҷ намуд, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ доир ба ҷой ва мақоми ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ баҳсу мунозираи олимон зиёд аст. Новобаста аз ин, имрӯз бештари олимон дар он нуқтаи назар мебошанд, ки ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи кишвар мақоми хоса дошта, дорои предмет ва методи танзимнамоии мустақил буда, принсипҳо, мақсад, вазифаҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдориҳои судяҳои суди иқтисодӣ, иштирокчиёни мурофиа, тобеияти идоравию судии парвандаҳоро муқаррар менамояд.

Қобили зикр аст, ки чун дигар соҳаҳои ҳуқуқ, ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ ҳамчун фанни таълимӣ эътироф гардида, хусусиятҳои мурофиавии судҳое, ки баҳри баррасии баҳсҳо байни соҳибкорон ва бо иштироки онҳоро меомӯзад.

Ин ҳолат, зарурати дарки илмии фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва омӯзиши амалигардонии қонунгузории мурофиавии иқтисодиро талаб менамояд. Зеро мурофиаи иқтисодӣ хусусиятҳои ба худ хосро доро буда, аз мурофиаи гражданӣ фарқ дорад.

Бо мақсади омӯзиши илми мазкур, дар макотиби олии ҳуқуқшиносии кишвар фанни таълимии «Мурофиаи иқтисодӣ» ҷорӣ карда шудааст, ки он ба омӯзиши асосҳои мурофиаи иқтисодӣ, ки пештар дар доираи курси таълимии ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ омӯхта мешуд, равона карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки то соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон таълимот дар бораи ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ дар мавзуъ вобаста ба хусусиятҳои баррасии парвандаҳо дар арбитражҳо омӯзонида мешуд. Курси мазкур дар доираи фанни таълимии «Мурофиаи гражданӣ» мавриди омӯзиш қарор мегирифт.

Ба фанни мустақил табдил ёфтани “Мурофиаи иқтисодӣ” инчунин заминаи худро аз дар низоми ҳокимияти судӣ ба ҳайси судҳои мустақил дарҷ карда шудани судҳои иқтисодӣ мегирад. Судҳои иқтисодӣ ба монанди судҳои юрисдиксияи умумӣ, шакли ба худ хоси мурофиавии татбиқи функсияҳои ҳуқуқтатбиққуниро доранд. Зеро, қонунӣ, сари вақт ва дуруст баррасӣ намудани баҳсҳо дар соҳаи иқтисодии ҳаёти ҷомеа, дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ барои ҳимояи ҳуқуқи иштирокчиёни он, ҳимояи моликияти хусусӣ ва рушди минбаъдаи фаъолияти иқтисодӣ равона карда хоҳад шуд.

## АДАБИЁТ


1. Постановление ЦИК СССР, СНК СССР от 06.05.1924 «Положение об Арбитражной комиссии при Совете труда и обороны Союза ССР» //https://www.libussr.ru/doc_ussr/ussr_2010.htm (санаи муроҷиат – 25.03.2023).

2. Постановление ЦИК СССР № 5, СНК СССР № 298 от 03.05.1931 «Положение о Государственном арбитраже» //http://zaki.ru/pagesnew.php?id=1936 (санаи муроҷиат – 25.03.2023).

3. Постановление Совета Министров СССР от 17 августа 1960 года № 892 «Об утверждении Положения о Государственном арбитраже при Совета Министров СССР // https://docs.cntd.ru/document/765712374/titles/1UK6CQ9 (санаи муроҷиат – 25.03.2023).

4. О дальнейшем совершенствовании организации и деятельности органов государственного арбитража: постановление Совета Министров СССР от 17.01.1974 № 60 [Захираи электронӣ]. – СПС «Консультант Плюс» (санаи муроҷиат – 25.03.2023).

5. О Государственном арбитраже в СССР: Закон СССР от 30.11.1979 № 1163-X [Захираи электронӣ]. – СПС «Консультант Плюс» (санаи муроҷиат – 25.03.2023).

6. Об утверждении Правил рассмотрения хозяйственных споров государственными арбитражами и Положения о Государственном арбитраже при Совете Министров СССР: Постановление Совмина СССР от 05.06.1980 № 440 [Захираи электронӣ]. – СПС «Консультант Плюс» (санаи муроҷиат – 25.03.2023).

7. Эъломияи истиқлолияти Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон. Душанбе, Ирфон, 1990, 20 саҳ. (Ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ).

8. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 1, мод. 380; с. 2015, №7-9, мод. 698; с. 2016, №7, мод. 603; с. 2018, №2, мод. 62; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2021, №1751.

9. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ.1, мод.4, мод.5; с. 2011, №12, мод.840; с. 2012, №7, мод.719; с. 2013, №3, мод.180; с. 2015, №11, мод.954; с. 2017, №5, қ.1, мод.277; с. 2018, №1, мод.7, №7-8, мод.523; с. 2019, №1, мод.7; с. 2020, №4-5, мод. 235; Қонуни ҶТ аз 17.12.2020 № 1731, аз 23.12.2021 № 1818, аз 18.03.2022 № 1857, аз 19.07.2022 № 1899.

**СОЛИХОВ М.А.**
**SOLIKHOV M.A.**

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикор-рупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Доцент кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции, кандидат юридических наук

Associate Professor of the Department of Commercial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Commerce, PhD in Law
Телефон: 930-10-09-59.
E-Mail: solehovmahmadullo59@mail.ru

## ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ КОНКУРЕНТНОЙ ДЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНА

## АСОСҲОИ ҲУҚИИ ТАЪИНИ ФАЪОЛИЯТИ РАҚОБАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.

## LEGAL BASIS FOR ENSURING COMPETITIVE ACTIVITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Анотатсия.*** *В статье реч идет об условии и правовые положения конкуренсиии свободное добросовестные конкуренсии в Республики Таджикистан.И пути свободнойи экономической предпринимательской деятельности.*
***Ключевчевые слова.*** *Антимонополия, конкуренция, хозяйствующие субъекты, рынок.*

***Фишурда.*** *Дар макола сухан дар бораи шароитҳои ба вуҷудои рақобат ҳолати ҳуқуқии рақобат, рақобати бовиҷдононаи озод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Ва ҳамчун роҳҳои фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкориро муайян мекунад.*
***Калидвожаҳо:****зиддиинҳисорӣ, рақобат, субъектҳои соҳибкорӣ, бозор.*

***Annotation.*** *The article talks on development of terms of competition, legal status of competition, and healthy competition in the Republic of Tajikistan, and defines the ways of free economic and entrepreneurship activities.*
***Keywords.*** *Antimonopoly, competition, business entities, market.*

Все сферы жизни общества пронизывает конкуренция. Это может быть и конкуренция, свойственная человеку как биологическому виду, выражающаяся в конкуренцию, происходящая в спортивных состояниях, и между политиками за власть, но особое место среди ее различных видов занимает экономическая конкуренция. Конкуренция является главным и решающим фактором развития экономики. Она выполняет функции создания действенных условиях для развития экономики, формирования механизма от бора наиболее эффективных решений, представления возможности свободного выбора для всех субъектов хозяйствования.

В юридической литературе отрасль законодательства, в которую входят рассматриваемые правовые нормы, обычно называется ’’конкурентное законодательство’’. Помимо правовых норм, непосредственно регулирующих конкурентные отношения, в конкурентной законодательство входят и иные нормы которые регулируют отношения, влияющие на конкуренцию. К конкурентному законодательство обычно относят также законодательство о естественных мо-

нополиях. Конституция и другие нормативно – правовые акты гарантируют свободу предпринимательской и экономической деятельности и поддержку конкуренции. Провозглашение же перечисленных гарантий в акте высшей юридической силы столкнулось с реальными условиями экономической деятельности. Оказалось, что их реализация не стала делом обычным и буднычним. На практике возникла масса проблем их поглощения в реальную действительность. Речь идет о целой совокупности факторов социального, экономического, организационного и правового характера. На первый взгляд, казалось бы, что и законодательная, и исполнительная ветви власти предпринимали и предпринимают определеннее меры, чтобы хозяйствующие субъекты вели активную и целена правленую производственную деятельность. [4]

Юридические условия существования конкуренции заключаются в наличии норм и институтов права, базирующихся на следующих основных принципах: в семерной охране частной собственности, свободном развитии предпринимательство в формальном равенстве участников имущественных отношений, свободе договора. На этих принципах основана система гражданского и предпринимательского права всех стран, ориентированных на рыночную экономику. В Республике Таджикистан, выстлавшей на путь рыночных приоритетов в регулировании экономики, данные принципы нашли свое законодательное закрепление в нормах Конституции РТ. В частности, ст. 12 Конституции устанавливает гарантированность свободы предпринимательской и экономической деятельности, неотделимой частью которой является свобода конкурентной деятельности. Для реализации права на конкуренцию признаются и защищаются равным образом государственная и иные формы собственности. На реализацию права конкуренции направлены и другие нормы Конституции РТ, в особенности, устанавливающие и закрепляющие защиты прав собственника, а также право на свободное использование своих способностей и имущество для предпринимательской деятельности. ''Конституционное закрепление многообразия форм собственности (ст. 12), отказ от экономической власти государство над хозяйствующими субъектами (при сохранении экономического, налогового, кредитного регулирования и др.) ослабление монополий производителей и развитие конкуренции с последующей либерализацией цен является необходимым условием, обеспечивающим рыночное функционирование множество самостоятельно действующих производителей товаров и услуг [2] ''.

В соответствии ст.10 ГК РТ не допускается экономическая деятельность, направленная на монополизацию и недобросовестную конкуренцию.

Основные принципы права конкуренции закреплены в других традиционных правилах и институтах гражданского законодательства. В частности, принцип свободы договора, установленный в ст.453 Гражданского кодекса находить свое развитие и реализацию в других нормах кодекса о сделках и договорах их исполнении и ответственности за нарушения их условий и др.). Действительно, чтобы соперничество было успешным, хозяйствующие субъекты, с одной стороны, должны быть свободный в соглашениях по вопросу о средствах борьбы и обеспеченный в исполнимости таких соглашений. С другой стороны, конкуренция между субъектами предпринимательства возможна лишь при условии, если государство обеспечивает за каждым из них произведенные ими продуктами и приобретенные товары. И хотя в настоявшее время частная собственность и свобода договора подвергаются некоторым ограничениям, необходимым для нормального функционирования экономики, они все же являются базовыми принципами, на которых основана конкуренция.

На законодательное закрепление и реализацию права конкуренции направлен также ряд специальных законов, регулирующих предпринимательскую деятельность. Основную роль среди них играет упомянутый закон РТ ''0 конкуренции и ограничении монополистической деятельности на товарных рынках'' от 28 июля 2006 г. определяющих понятие конкуренции и предали осуществления права на свободную конкуренцию. Согласно п.6 ст.3 этого закона, конкуренция-это свободная состязательность

Хозяйствующих субъектов, когда их самостоятельные действия эффективно ограничивают возможность каждого из них односторонне воздействовать на общие условия обращения товаров на соответствующем товарном рынке.

Основной особенностью Закона ''О конкуренции …'' является, прежде всего, то что в нем сосредоточений весьма разнообразные нормы, тем или иным образом связанные с конкуренцией. Во-первых, это нормы сугубо антимонопольного характера, устанавливающие запреты на злоупотребление доминирующим положением, антиконкурентное соглашения и анти-

конкурентную деятельность органов государственной власти. К этой группе обычно относят также нормы, касающейся государственного контроля за концентрации капитала. Предметом регулирования антимонопольных норм является отношения, связанные с реализацией хозяйствующим субъектом своей экономической власти (что может осуществляется как в рамках конкурентных отношений, так и нет) либо с использованием административной власти в хозяйственной деятельности.

Во-вторых, закон ''О конкуренции содержит нормы, касающейся недобросовестной конкуренции. Предметом их регулирования является конкурентные отношения, как отношения, возникающие между хозяйствующими субъектами в связи с осуществлением ими экономической деятельности в пределах одного товарного рынка.

Формируется, связанная определенным единством, разветвленная система законодательных актов, закрепляющих как общие положения, касающиеся осуществления права конкуренции, так и продаж использования этого права в отдельных сферах предпринимательства. К законодательным актам, направленным на реализацию общих принципов права на конкуренцию, относятся законным РТ '' О приватизации государственной собственности'' от 16 мая 1997г. ,''Об иностранных инвестициях в РТ'' от 10 марта 1992 г., ''О защите прав потребителей ' от 15 мая 1997 г., ''О рекламе'' от 1 августа 2003 г. ,''Об естественных монополиях'' от 13 декабря 1997 г. ''О государственной защите и поддержке предпринимательства в РТ'' от 10 мая 2002 г., ''О селекционных достижениях сельскохозяйственных культур'' от 4 ноября 1995 г. и др.

На реализацию принципов права конкуренции в конкретных областях предпринимательской деятельности направлены такие законы РТ, как «О банках и банковской деятельности» от 23 мая 1999 г., «О страховании» от 20 июля 2004 г., «о биржах и биржевой торговле РТ» от 24 декабря 1991 г. «О ценных бумагах и фондовых биржах» от 10 марта 1992 г. И др. [7]

Все вышеуказанные принципы, на которых основываются право конкуренции, является взаимосвязанными между собой; при отсутствии одного из них не могут полностью реализовать другие, а также сама конкуренция. В частности, это проявляются в том, что конкуренция между хозяйствующими субъектами по рождаются объективными условиями их Польный хозяйственной и юридической обособленности, их полной зависимостью от конъюнктуры рынка и в гарантированности права собственности. В свою очередь, имущественная независимость и обособленность хозяйствующих субъектов, как необходимое условия существования конкуренции, выражаются в свободе выбора, в свободе договора, т.е.в свободе о существенная предпринимательской деятельности одной из экономических пред поселок правого демократического общества является децентрализация принятия экономических решений. «Демократизация рынка и его поворот к удовлетворению потребности потребителей приводят к возрастанию культуры предпринимательства, многообразию хозяйственных связей» и т.д. [5]

При рыночном хозяйстве собственные интерес каждого отдельного членом общества, основанного на разделении труда, вдеть к получению максимально возможных благ всем обществом и целом. Предпосылки для государства свободная конкуренция свободы выбора, свободы предпринимательства, свободы выхода на рынок, что является неотъемлемой частью конституционно этого конкуренции.

Как было отмечено в послании Президента РТ Э.Ш. Рахмонова к Маджлиси Оли РТ от 20 апреля 2006 г., «Мы должны открыт дорого для всех форм здоровой конкуренции, направляя ее на интересы общества». Наше общество на пути строительства правого государство, а в правого закрепленных экономических свобод человека и гражданина. [1]

**Литература.**


1. Ахбори маджлиси Оли РТ. -2006. -№7. –Ст.361
2. Быков А.Г.Предпринимательское право проблемы формирования и развития \\ Вестник москвсгого ун-та. Серия 11. Право. -1993-№6-с.8
3. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. -Душанбе,1998. -с.79

4. Рахимов М.З Конкуренция как средство достижения конечных результатов предпринимательской деятельности \\ Известия Академии наук РТ. Серия философия и правоведение-1995. - №3(15). –с.35
5. Кулагин М.И. предпринимательство и право опыт Запада. М.,1992. -с.5
6. Лепив В.В. Хозяйственное право- право предпринимательской деятельности \\ Государство и право. -№ 1, -с.33-42
7. Суханов Е.А Правовые основы предпринимательства. –М.1993. -С.3.
8. Халфина Р.О. Современный рынок правила игры –М.1993. -С.65-78

**МАҲМАДХОНОВ Т.**
**MAHMADKHANOV T.**

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикор-рупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Доцент кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции, кандидат юридических наук

Associate Professor of the Department of Commercial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Commerce, PhD in Law

Телефон: 930-10-09-59.
E-Mail: solehovmahmadullo59@mail.ru

## БАЪЗЕ МАСОИЛИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ СИРРИ ТИҶОРАТӢ

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ОХРАНЫ КОММЕРЧЕСКОЙ ТАЙНЫ

## SOME ISSUES OF LEGAL REGULATION OF THE PROTECTION OF COMMERCIAL SECRET

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи пешниҳодшуда дар хусуси баъзе масоили танзими ҳуқуқии ҳифзи сирри тиҷоратӣ сухан меравад. Молики маълумоти сирри тиҷоратӣ дошта, чорабиниҳоро оид ба ҳифзи сирри тиҷоратӣ амадӣ мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *сирри тиҷоратӣ, иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ, объектҳои сирри тиҷоратӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, ҳифзи сирри тиҷоратӣ, шартномаи меҳнатӣ, шартномаи гражданӣ.*

***Аннотация***. *В указанной статье речь идёт о некоторых вопросов правового регулирования охраны коммерческой тайны. Обладатель информации, содержащей коммерческую тайну принимает меры по охране конфиденциальности.*

***Ключевые слова:*** *коммерческая тайна, информация содержащая коммерческую тайну, объекты коммерческой тайны, предпринимательская деятельность, охрана коммерческой тайны, трудовой контракт, гражданский договор.*

***Annotation.*** *In this article, we are talking about some issues of legal regulation of the protection of trade secrets. The owner of information containing commercial secrets takes measures to protect confidentiality.*

***Key words:*** *trade secret, information containing a trade secret, trade secret objects, entrepreneurial activity, protection of trade secrets, labor contract, civil contract.*

Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 8 июни соли 2008 [1] ба сирри тиҷоратӣ чунин таъриф дарҷ шудааст: Сирри тиҷоратӣ махфияти иттилооте аст, ки имконият медиҳад ба дорандаи он дар ҳолати мавҷуда ё имконпазир даромадашро зиёд гардонад, ба хароҷоти беҳуда роҳ надиҳад, мавқеашро дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ нигоҳ дорад ё худ фоидаи дигари тиҷоратӣ ба даст орад.

Сирри тиҷоратӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи соҳибкорӣ ва аз ҷумла тиҷоратӣ аҳамияти хеле калон дорад. Мутобиқи моддаи 153 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сирри хизматӣ

ва тиҷоратӣ маълумотҳое ҳастанд, ки ба сабаби ба ашхоси сеюм маълум набуданашон арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ дошта, дастраси умум нестанд ва молики онҳо ба мақсади махфӣ нигоҳ доштани ин маълумотҳо тадбирҳо меандешад.

Воқеан, сирри тиҷоратӣ иттилооти ба гуруҳи муайяни шахсон маълум аст, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ вобаста буда, қимати иқтисодӣ дорад ва барои ҳифзи манфиатҳои молумулкии дорандааш зарур аст.

Намудҳои объектҳои сирри тиҷоратӣ хеле зиёд буда, дар ҳар як корхонаи тиҷоратӣ вуҷуд доранд. Ба объектҳои сирри тиҷоратӣ чунин иттилоот мансуб дониста мешавад: иттилооти илмӣ-техникӣ, технологӣ, истеҳсолӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва дигар иттилооти дорои арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ дошта.

Мувофиқи қоида номгӯйи маълумотро, ки дорои сирри тиҷоратӣ ҳастанд, роҳбари корхона муайян менамояд [2,140]. Маълумоти сирри тиҷоратӣ дошта, аз тарафи маъмурияти корхона, хусусан, роҳбари он ҳифз карда мешавад.

Ҳифзи сирри тиҷоратӣ ин маҷмуи чорабиниҳое мебошанд, ки бо мақсади пешгирӣ намудани беиҷозат гирифтан, дуздӣ, гумкунӣ, нобудсозӣ, ғалат маънидодкунӣ, интишор додан, тағйирдиҳӣ, нусхабардории беиҷозат ва паҳн кардани сирри тиҷоратӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар асоси моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 8 июни соли 2008 чораҳои ҳифзи махфӣ нигоҳ доштани сирри тиҷоратӣ, ки молики он меандешад, аз инҳо иборат мебошанд:

а) муайян намудани номгӯи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ;

б) истифодаи сирри тиҷоратӣ дар воситаҳои сертификатсияшудаи ҳифзи иттилоот;

в) маҳдуд кардани дастрасии иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ бо роҳи муқаррар намудани тартиби истифодаи ин иттилоот ва назорати риояи чунин тартибот;

г) ба ҳисоб гирифтани шахсоне, ки ба иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ дастрасӣ доранд, ва ё шахсоне, ки ин гуна иттилоот ба онҳо дастрас карда шудааст;

д) ба танзим даровардани муносибатҳо оид ба истифодаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ аз тарафи кормандон дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ ва аз тарафи контрагентҳо дар асоси шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ;

е) гузоштани муҳри «Сирри тиҷоратӣ» дар рӯйи ҳуҷҷатҳои моддии дорои сирри тиҷоратӣ ва зикри дорандаи ин иттилоот (барои шахсони ҳуқуқӣ – номи пурра ва маҳалли будубош, барои шахсони воқеӣ – ному насаби шаҳрванде, ки соҳибкори инфиродӣ аст ва қайди ҷои истиқомати вай).

Ба моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 8 июни соли 2008 меъёри масусро оид ба масъулияти хизматчиёни давлатӣ, ки аз ваколатҳои дар асоси қонун доштаашон ҳуқуқ доранд, бо баъзе маълумотҳое, ки барои фаъолияташон зарур аст, шинос гарданд, илова кардан мувофиқи мақсад аст.

Бояд тазаккур дод, ки дорандаи сирри тиҷоратӣ ҳангоми ҳифзи иттилооти пинҳонӣ бо се гуруҳ хизматчиён муносибатҳои худро муқаррар менамояд.

Гуруҳи аввал хизматчиёне мебошанд, ки дар асоси қарордоди меҳнатӣ ва бо супориши соҳибкор, яъне молики сирри тиҷоратӣ адои хизмат менамоянд. Бо ин гуруҳ дорандаи сирри тиҷоратӣ мумкин аст, илова ба қарордоди меҳнатӣ шартномаи ҳифзи сирри тиҷоратӣ бандад, ё ин ки шартҳои махсусро оиди ҳифзи тиҷоратӣ дар қарордоди меҳнатӣ муайян намояд. Ба ин гуруҳи хизматчиён муҳандисон, муҳосибон, иқтисодчиён, ҳуқуқшиносон ва дигар мутахассисони ташкилоти тиҷоратӣ дохил мешаванд.

Муносибатҳои меҳнатие, ки дар байни молики маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ва хизматчиёни дар боло номбаршудаи ташкилоти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд, дар асоси қонунгузории меҳнатӣ ба тартиб дароварда мешавад [3,140].

Дар муносибатҳои меҳнатӣ бо хизматчиёни ташкилоти соҳибкорӣ барои ҳифзи иттилоот, аз ҷумла маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ корфармо уҳдадор аст:

а) аз корманде, ки воқифгардии ӯ аз иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатиаш зарур аст, забонхат гирифта, ӯро бо иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ, ки дорандаи он корфармо ва контрагентҳои ӯ мебошанд, шинос намояд;

б) кормандро бо низоми сирри тиҷоратии муқаррарнамудаи корфармо ва чораҳои ҷавобгарӣ барои риоя накардани ин низом ошно созад;

в) ба корманд барои риояи низоми сирри тиҷоратии муқаррарнамудаи корфармо шароити зарурӣ муҳайё кунад.

Бояд қайд кард, ки корманд бо иттилооти дорои сирри тиҷоратии ба иҷрои ухдадориҳои хизматии ӯ вобастагӣ надошта, танҳо бо розигии корфармо шинос карда мешавад.

Барои ҳифзи махфӣ нигоҳ доштани сирри тиҷоратӣ корманд уҳдадор аст:

а) низоми сирри тиҷоратиро, ки корфармо муқаррар намудааст, риоя кунад;

б) сирри тиҷоратиеро, ки дорандаи он корфармо ва контрагентҳояш мебошанд, фош накунад ва бе розигии онҳо ба мақсади худ истифода набарад;

в) иттилооти дорои сирри тиҷоратиро, ки молики он корфармо ва контрагентҳояш мебошанд, пас аз қатъ гардидани шартномаи меҳнатӣ дар муҳлати пешбининамудаи созишномаи байни корманд ва корфармо, ки дар давраи муҳлати эътибори шартномаи меҳнатӣ баста шудааст ё дар тӯли се соли баъди қатъ гардидани шартномаи меҳнатӣ, ба шарте ки созишномаи мазкур баста нашуда бошад, фош накунад;

г) агар корманд дар фош шудани иттилооти дорои сирри тиҷоратие, ки ба ӯ бинобар иҷрои уҳдадориҳои меҳнатиаш маълум гаштааст, гунаҳкор бошад, ба корфармо зиёни онро ҷуброн намояд.

Корфармо метавонад аз шахсе, ки муносибатҳои меҳнатиашро бо ӯ қатъ намудааст, товони зиёнро талаб намояд, дар ҳолате, ки ин шахс дар фош кардани иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ, ки ӯ бинобар иҷрои уҳдадориҳои меҳнатиаш ба он даст ёфтааст, гунаҳкор бошад.

Агар иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ дар натиҷаи қувваи рафънопазир, аз рӯйи зарурат ё аз ҷониби корфармо иҷро нагардидани уҳдадории таъмини ҳифзи сирри тиҷоратӣ фош шуда бошад, товони зиён ё осеби расидаро корманд ё шахси муносибатҳои меҳнатиро бо корфармо қатъкарда ҷуброн намекунад.

Дар шартномаи меҳнатӣ бояд уҳдадории роҳбари ташкилот оид ба таъмини ҳифзи махфияти иттилооте, ки дорандаи он ташкилот ва контрагентҳояш мебошанд ва масъулияти таъмини ҳифзи махфияти он пешбинӣ карда шавад.

Гуруҳи дуюм хизматчиёне мебошанд, ки дар асоси шартномаҳои гражданӣ ба молики сирри тиҷоратӣ робитаи шартномавӣ доранд ва мувофиқи уҳдадориҳои дар шартнома муайянгардида амали муайянеро ба анҷом мерасонанд. Муносибатхои байни ин гуруҳи хизматчиён ва молики сирри тиҷоратӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ ва адалхусус, шартномаи дар байни онҳо имзогардида ба танзим дароварда мешавад.

Дар шартномаи имзогардида бояд шартҳои ҳифзи махфӣ нигоҳ доштани иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ, аз ҷумла дар мавриди аз нав ташкил кардан ва барҳам хӯрдани яке аз тарафҳои шартнома тибқи қонунгузории гражданӣ ва ҳамчунин, уҳдадории контрагент оид ба ҷуброни зиён дар сурати иттилоотро бар хилофи шартнома фош кардани ӯ муайян карда шаванд.

Масалан, тибқи қисми 2 моддаи 792 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон агар дар шартнома оид ба корҳои илмию тадқиқотӣ ё барои корҳои таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, пудратчӣ (иҷрокунанда) вазифадор аст:

1) бидуни розигии фармоишгар аз нашри натиҷаҳои корҳои илмию техникие, ки ҳангоми иҷрои кор ба даст оварда шудаанд, худдорӣ намояд;

2) барои ҳифзи натиҷаҳое, ки ҳангоми иҷрои корҳо ба даст оварда шудаанд ва қобили ҳимояи ҳуқуқӣ мебошанд, тадбирҳо андешад ва фармоишгарро огоҳ созад.

Контрагент вазифадор аст фавран ба дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ оид ба фош кардани сир ё худ огоҳ гардидани ӯ аз фош шудани он ё таҳдиди хатари фош гардидани иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ, аз тарафи шахсони сеюм ғайриқонунӣ дастрас ё ки ғайриқонунӣ истифода кардани ин иттилоот хабар диҳад.

Дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ, ки ин иттилоотро ба контрагент додааст, набояд то гузаштани муҳлати эътибори шартнома иттилооти дорои сирри тиҷоратиро фош кунад, инчунин ҳифзи махфияти онро аз ҷониби худ қатъ гардонад, ба шарте, ки дар шартнома тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, тарафе, ки ҳифзи махфияти иттилооти мутобиқи шартнома расидаро аз рӯйи шартҳои шартнома таъмин накардааст, бояд ба тарафи дигар товони зиёнро диҳад.

Гуруҳи сеюм хизматчиёни давлатӣ мебошанд, ки бо молики сирри тиҷоратӣ алоқаи бевосита надоранд [3,251]. Онҳо аз ваколатҳои дар асоси қонун доштаашон ҳуқуқ доранд, бо

баъзе маълумотҳое, ки барои фаъолияташон зарур аст, шинос гарданд. Муносибатҳои молики сирри тиҷоратӣ ва ин гуруҳи хизматчиён мувофиқи қонунгузориҳои ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гумрукӣ ва ғайра танзим карда мешаванд.

Албатта, иттилооте, ки ба хизматчиёни мақомоти давлатӣ пешниҳод карда мешаванд, барои иҷрои вазифаҳои хизматии онҳо зарур аст. Шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, хизматчиёни давлатии мақомотҳои мазкур ҳақ надоранд бе розигии дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ чунин иттилоотро, ки аз он дар натиҷаи иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ воқиф шудаанд, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 8 июни соли 2008 фош кунанд ё ба шахсони дигар расонанд, инчунин ҳуқуқ надоранд ин иттилоотро ба мақсадҳои ғаразнок ё мақсадҳои дигари худ истифода баранд.

Молики сирри тиҷоратӣ кӯшиш менамояд, ки иттилооти пурқиматро сахт ҳифз намуда, дар ҳеҷ сурат ба хизматчиёни давлатӣ ошкор нанамояд. Дар ин маврид ҳаҷми иттилооти ба хизматчиёни мақомоти давлатӣ пешниҳод шуда нисбат ба сирри тиҷоратӣ маҳдуд буда, бо ҳамдигар ҳамарзиш ва ҳаммаъно шуда наметавонад [4,135].

Дорандаи иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ дар баробари чораҳои мазкур ҳуқуқ дорад ҳангоми зарурат усулу воситаҳои ҳифзи техникии махфияти ин иттилоот ва дигар чораҳоеро, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд, татбиқ намояд.

Дар охир, бояд қайд кард, ки муносибатҳои оиди ба ҳифзи сирри тиҷоратӣ ба вуҷуд омада, мувофиқи меъёрҳои қонунгузориҳои гражданӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, андоз, маъмурӣ, гумрукӣ ва инчунин дигар соҳаҳо танзим карда мешаванд.

**Сарчашмаҳои истифодашуда**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» аз 8 июни соли 2008//АМО Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008. № 6. М.461.
2.Раҳимов М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. -Душанбе: Деваштич, 2005. - 408с.
3. Маҳмадхонов Т. Ҳуқуқи тиҷорат.Маводи таълимӣ. -Душанбе: Нашриёти Озар, 2011.- 472 с.
4. Сергеев А.П. Право интеллектуальной собетвенности в Российский Федерации. Учебник. -М.: Пбоюл Гриженко Е.М., 2000. – 752с.

**ТАБАРОВ Н.А.**
**TABAROV N.A.**

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Candidate of legal sciences, associate professor of the department of economic, financial and anti-corruption law of the State University of Finance and Economy of Tajikistan.

Кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Государственного университета финансов и экономики Таджикистана.

Тел.: 907-97-65-12,
E-mail: ne-mon.tabarov.65@mail.ru

## НАҚШИ СУДҲОИ САЛОҲИЯТИ УМУМӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҲУҚУҚИ МУРОФИАВИИ ГРАЖДАНӢ

## РОЛЬ СУДОВ ОБЩИХ ЮРИСДИКЦИЙ В РАЗВИТИИ ГРАЖДАНСКОГО ПРОЦЕССУАЛЬНОГО ПРАВА

## THE ROLE OF COURTS OF GENERAL JURISDICTIONS IN DEVELOPMENT CIVIL PROCEDURAL LAW

Мақола ба масъалаи нақши судҳои салоҳияти умумӣ дар ташаккули ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар мақола қайд менамояд, ки дар ташаккули соҳаи мазкури ҳуқуқ нақши судҳои салоҳияти умумӣ хеле калон буда, соҳаи мазкури ҳуқуқ асосан ба фаъолияти судҳои мазкур бахшида шудааст. Судҳои салоҳияти умумӣ дар таърихи мавҷудияти худ аз тарафи давлат чанд маротиба барои азнавсозии сохтор ва фаъолияти он, мувофиқ намудан ба шароитҳои тағйирёбанда, кӯшиши карда шуд.

**Калидвожаҳо:** судҳои халқӣ, судҳои округӣ, судҳои салоҳияти умумӣ, мурофиаи гражданӣ, ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ.

Статья посвящена вопросу о роли судов общей юрисдикции в формировании гражданского процессуального права. В статье автор отмечает, что в становлении данной отрасли права очень велика роль судов общей юрисдикции, и деятельность этих судов в основном посвящена данной отрасли права. За всю историю своего существования суды общей юрисдикции несколько раз пытались государством реорганизовать свою структуру и деятельность, приспособиться к изменившимся условиям.

**Ключевые слова:** народные суды, окружные суды, суды общей юрисдикции, гражданский процесс, гражданское процессуальное право.

The article is devoted to the question of the role of courts of general jurisdiction in the formation of civil procedural law. In the article, the author notes that the role of courts of general jurisdiction in the formation of this branch of law is very large, and the activities of these courts are mainly devoted to this branch of law. Throughout the history of its existence, the courts of general jurisdiction have tried several times by the state to reorganize its structure and activities, to adapt to changing conditions.

**Keywords:** people's courts, district courts, courts of general jurisdiction, civil procedure, civil procedural law.

Фаъолияти мақомоти судии Тоҷикистон баъди ғалабаи Инқилоби Октябр, дар солҳои Ҳокимияти Советӣ оғоз гардидааст. Миллати тоҷик 14 октябри соли 1924 дар натиҷаи тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Марказӣ бори аввал дар таърихи худ соҳиби давлати миллии худ дар шакли Республикаи Автономӣ гашт, ки баъдан соли 1929 ба Республикаи мустақили Советии Сотсиалистӣ табдил ёфт. Албатта соҳиб шудан ба давлати миллии худ дар соли 1924 ба миллати тоҷик ба осонӣ ба даст наомадааст. Он натиҷаи муборизаҳои дуру дарози фарзандони фарзонаи миллати тоҷик мебошад. Ҳамин тавр таъсисёбии Республикаи Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон боиси эҳёи давлатдории қариб 1000 пеш аз байн рафтаи тоҷикон гардид. Бо туфайли ҳамин республика, номи халқи тоҷик ҳам ба арсаи ҳастӣ даромада, дар харитаи ҷаҳон мақоми худро дарёфт. Ин бузургтарин комёбӣ, ибтидои ҳама пешрафтҳои минбаъдаи халқи тоҷик ва худшиносии он буд. Баъди ташкилёбии Республикаи Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон бо қарори Кумитаи инқилобии РАСС Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1924 Комиссариати халқии адлия таъсис дода шуд, ки мақсад аз таъсиси он назорат ба қонунияти инқилобӣ, ташкил намудани муассисаҳои судӣ, прокурорӣ, мақомоти тафтишот, бо мақсади ба ин мақомот роҳбарӣ кардан ва ба онҳо дастур додан буд. Комиссариати мазкур мақоми олие буд, ки ба фаъолияти тамоми мақомоти адлия, суд ва прокуратура роҳбарӣ мекард. Тибқи фармони Комиссариати халқии РАСС Тоҷикистон аз 12 феврали соли 1925 таҳти № 8 ба зиммаи Комиссариати халқии адлия вазифаҳои зайл гузошта шуданд: роҳбарии умумӣ ба мақомоти адлия, ташкил кардан, дастур додан ва тафтиш намудани муассисаҳои судию тафтишотии РАСС Тоҷикистон, аз он ҷумла Суди асосӣ (Сарсуд); ҳуқуқи додани шарҳу эзоҳи қонунҳои республика ва хулоса оид ба масъалаҳои қонунгузории СССР ва РСС Ўзбекистон аз рӯи пурсишҳои мақомоти ҳокимият ва муассисаҳои республика; ҳуқуқи тафтиш намудани дастурдиҳӣ ба муассисаҳои судии Республика, назорат ба қонуният; анҷом додани назорати умумӣ ба шароити нигоҳ доштани маҳкумшудагон дар муассисаҳоиислоҳи меҳнатӣ; дида баромадани масъалаҳои баҳснок оид ба тафриқаи салоҳиятҳои мақомоти адлия ва мақомоти дигар; кори дар ҳаёт татбиқ намудани аз давлат ҷудо кардани калисо; иштирок дар тартиб додани барномаҳо оид ба тайёр кардани ҳуқуқшиносон дар мактабҳои ҳуқуқшиносӣ ва ташкил намудани курсҳои кўтоҳмуддат барои коркунони суд.

Дар натиҷаи фаъолияти Комиссариати халқии адлияи РАСС Тоҷикистон дар давоми солҳои 1925-1926 дар ҳудуди РАСС Тоҷикистон судҳои халқӣ, судҳои округӣ, шўъбаи Тоҷикистонии Суди Олии РСС Ўзбекистон таъсис дода шуданд.

Шўъбаи Тоҷикистонии Суди Олии РСС Ўзбекистон фаъолияти худро то соли 1927 давом дода, баъдан ба ҷои он Сарсуди РАСС Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки то соли 1929, яъне то ба ҳайати СССР ба сифати республикаи иттифоқӣ дохил гардидани Тоҷикистон фаъолият кард. Моҳи сентябри соли 1929 бо қарори Кумитаи Иҷроияи Марказии РСС Тоҷикистон «Дар бораи аз нав ташкилкунии муассисаҳои судӣ дар РСС Тоҷикистон» дар соли 1929 Сарсуди РАСС Тоҷикистон барҳам дода шуда, ба ҷойи он Суди Олии РСС Тоҷикистон ташкил карда шуд.

Хусусияти муҳими давраи аввали фаъолияти Суди Олии РСС Тоҷикистон ба вуҷуд омадан ва тараққӣ кардани вазифаи нозирии судии вай буд.

Бо мурури замон миқдори судҳо дар РСС Тоҷикистон меафзуд ва ба ҳолати 1 январи соли 1930 дар Республика 34 суди халқӣ фаъолият мекард.

Дар он вақт дар Тоҷикистон низоми дузинагии судӣ – суди халқӣ ва Суди Олии Тоҷикистон арзи ҳастӣ дошт ва Суди Олӣ нисбат ба суди халқӣ суди кассатсионӣ буд.

Бо қарори Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва Совети Комиссарони Халқии РСС Тоҷикистон прокуратура аз ҳайати Комиссариати халқии адлия ҷудо карда шуд ва бо ин вазифаи Комиссариати халқии адлия оид ба назорат аз боли қонуният аз байн рафт.

Бояд қайд кард, ки дар он давра сохтор, тартиби таъсис, салоҳият ва принсипҳои фаъолияти мақомоти судии республика дар заминаи сохти судии СССР ва республикаҳои иттифоқӣ ба тартиб андохта мешуд.

Инкишофи ҳаматарафа ва мустаҳкамшавии РСС Тоҷикистон чун давлати мустакили миллӣ барои таҳияи қонунгузории худӣ оид ба бисёр масъалаҳо шароит ба вуҷуд овард, ки пеш онҳо ба воситаи қонунгузории РСС Ўзбекистон танзим мегардиданд.

Президиуми КИМ РСС Тоҷикистон 15 августи соли 1935 Низомномаро дар бораи сохти судии РСС Тоҷикистон мавриди амал қарор дод, ки бо ин санад амали Низомнома дар бораи сохти судии РСС Ӯзбекистон дар қаламрави РСС Тоҷикистон бекор карда шуд. Тибқи Низомномаи мавриди амал қарордодашуда дар Республика тартиби ягонаи судӣ – суди халқӣ, суди вилоятии ВАБК, Суди Олии РСС Точикистон муқаррар гардид. Чунин тартиби судии РСС Тоҷикистон то қабул карда шудани Қонун дар бораи сохти судии СССР, республикаҳои иттифоқӣ ва автономӣ, яъне то соли 1938 арзи вуҷуд кард.

Баъди ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ Комиссариати халқии адлия соли 1946 бо қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон ба Вазорати адлияи РСС Тоҷикистон табдил дода шуд.

24 ноябри соли 1958 Совети Вазирони РСС Тоҷикистон дар асоси Фармони Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 17 ноябри соли 1958 дар бораи барҳам дода шудани Вазорати адлияи РСС Тоҷикистон ва барпо намудани Комиссияи юридикӣ дар назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон қарор қабул намуд.

Мувофиқи қарори мазкур Вазорати адлия барҳам дода шуда, вазифаи тафтиш кардани корҳои судҳои халқӣ ва назорат кардани тамоми фаъолияти онҳо ба Суди Олии РСС Тоҷикистон дода шуд. Дар асоси қарори мазкур, инчунин ба ҷо овардани корҳо оид ба омори судии республика ва назорат ба фаъолияти адвокатура ба зиммаи Суди Олӣ вогузор гардид.

Бо Указн Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1960 Низомнома «Дар бораи интихоботи судяҳои районии (шаҳрии) судҳои халқии РСС Тоҷикистон» тасдиқ карда шуд.

5 январи соли 1961 Совети Олии РСС Тоҷикистон Қонун «Дар бораи сохти судҳои РСС Тоҷикистон» - ро қабул намуд. Қонуни мазкур принсипҳои асосии конститутсионӣ ва муқарраротро оид ба тамоми масъалаҳои сохт ва фаъолияти судҳо, муносибатҳои тарафайни онҳоро бо дигар мақомоте, ки дар татбиқи адолати судӣ иштирок мекарданд, инкишоф дода, ин принсипҳоро мушаххас месохт. Қонуни мазкур аз 6 боб иборат буда, 54 моддаро дар бар мегирифт.

Дар боби I мақсадҳои адолати судӣ, вазифаҳои суд, принсипҳои демократии ба амал баровардани он муайян карда шуда буданд.

Бобҳои II ва III тартиби барпо, интихоб кардани судҳои районӣ, шаҳрӣ ва вилоятиро муайян намуда, ҳайат ва салоҳияти онҳоро муқаррар карда буд.

Боби IV ба Суди Олии РСС Тоҷикистон бахшида шудааст, ки он мақоми олии судӣ буда, ба фаъолияти судии тамоми мақомоти судии республика нозирӣ мекунад.

Боби V тартиби таъин кардани иҷрочиёни суд ва салоҳияти онҳоро муқаррар мекард.

Боби VI тартиби ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани судяҳо ва машваратчиёни халқиро муайян карда буд.

КМ КПСС ва Совети Вазирони СССР 30 июли соли 1970 таҳти № 634 қарорро «Дар бораи чораҳои беҳтар намудани кори органҳои судӣ ва прокурорӣ» қабул намуд, ки дар асоси он Комиссияи юридикии назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон барҳам дода шуда, ба ҷойи он Вазорати адлияи Тоҷикистон боз чун мақоми мустақили давлатӣ аз нав ба фаъолияти худ шурӯъ менамояд. Дар сохтори Вазорати адлияи Тоҷикистон Раёсати судҳо ташкил карда шуд, ки ҳамаи судҳои республика, ба истинои Суди Олӣ таҳти таъминоти ташкилии он қарор доштанд.

Соҳибихтиёр эълон шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 барои ислоҳотонии низоми судии кишвар қадами наверо гузошт.

Махсусан, моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кард, ки «Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад».

Бояд қайд кард, ки муқаррароти моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чизи нав набуд. Ҳанӯз банди 3 Эъломияи истиқлолияти Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон муқаррар карда буд, ки «Ҳокимияти давлатӣ дар РСС Тоҷикистон тавассути мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ба амал бароварда мешавад». Эъломияи мазкур 24 августи соли 1990 дар сессияи дуюми Совети Олии РСС Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум қабул шуда буд[1].

Боби 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзими ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни алоҳида ва мустақили ҳокимияти давлатӣ бахшида шуда, принсипҳои асосии фаъолияти он, низоми сохтори судӣ, вазифа, мақсадҳои амалӣ намудани адолати судӣ ва ваколатҳои судяҳоро муқаррар кард.

Бояд қайд, ки маҳз бори аввал дар ҳамин боби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори судҳои юрисдиксияи умумӣ аз ҷониби Суди конститутсионӣ ва судҳои иқтисодӣ амалӣ намудани адолати судӣ қайд гардид.

Ҳолати болои маънои онро дошт, ки дар ҷумҳурӣ ислоҳоти судӣ гузаронида шавад, зеро дар он вақт Суди конститутсионӣ вуҷуд надошт ва судҳои иқтисодӣ бошад бо чунин ном вуҷуд надоштанд.

Вобаста ба ин дар аввалҳои моҳи ноябри соли 1995 иҷлосияи дуюми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳоро қабул кард, ки ба ҳокимияти судӣ дахл доштанд. Инҳо қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи сохтори судӣ» буданд.

Қонунҳои конститутсионии дар боло зикргардида ба истисноӣ Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баъдан бо мақсади танзими яксони фаъолияти мақомоти судӣ такмил дода шуда, 6 августи соли 2001 ба як санади мукаммал – Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муттаҳид карда шуданд.

Дар вақти ҳозира фаъолияти судҳои салоҳияи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014[2] ва Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008[3] ба танзим даровaрда мешавад.

Ба фаъолияти судҳои салоҳияти умумӣ ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ бахшида шудааст. Ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ ё ин ки мухтасар – мурофиаи гражданӣ ба ҷумлаи соҳаҳои асосии донишҳои ҳуқуқӣ мансуб аст. Аҳамияти он бо нақши объективии ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ оиди парвандаҳои гражданӣ муайян карда мешавад.

Ба тариқи мурофиаи (истеҳсолоти) судии гражданӣ ҳамасола бисёр парвандаҳои гражданӣ баррасӣ ва ҳал карда мешаванд. Инҳо парвандаҳо дар бораи ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии шаҳрвандон ва ташкилотҳо – ҳуқуқҳои меҳнатӣ, гражданӣ, оилавӣ, манзилӣ ва дигар ҳуқуқҳое, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо сабт гардидаанд, мебошанд. Онҳо чун анъана гражданӣ номида мешаванд сарфи назар аз он, ки асосашонро муносибатҳои ҳуқуқии гуногун ташкил менамоянд.

Ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ – соҳаи ҳуқуқ буда, маҷмӯи меъёрҳоеро, ки муносибатҳои ҷамъиятии ба вуҷуд омадаи байни иштирокчиёни мурофиа ва суди салоҳияти умумии ҳамаи марҳилаҳоро ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ аз рӯи парвандаҳои гражданӣ ба танзим медароранд, дар бар мегирад.

## АДАБИЁТ


1. Эъломияи истиқлолияти Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон. Душанбе, Ирфон, 1990, 20 саҳ. (Ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ).

2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 1, мод. 380; с. 2015, №7-9, мод. 698; с. 2016, №7, мод. 603; с. 2018, №2, мод. 62; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2021, №1751.

3. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №1, қ.1, мод.б, мод.7; с.2010, №1, мод.6; с.2012, №7, мод.721; с.2014, №7, қ.1, мод.388, №12; мод.821; с.2015, №11, мод.953; с.2016, №5, мод.360; с.2018, №1, мод.6; с.2019, №1, мод.6, №6, мод.314; Қонуни ҶТ аз 20.06.2019 № 1612, аз 04.07.2020 № 1697, аз 23.12.2021 № 1817, аз 18.03.2022 № 1855, аз 18.03.2022 № 1856, аз 19.07.2022№ 1898.

**ПИРЗОДА С.С.**
**PIRZODA S.S.**

Сардори шуъбаи кардҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Начальник отдела кадров и специальных работ Таджикского государственного университета коммерции

Head of Human Resources and Special Works Department Tajik State University of Commerce

E-mail: pirzoda0707@mail.ru
Тел.: +9929904237282

# ОИД БА ПАЙДОШИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ МЕҲНАТИИ КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ ОЛИИ КАСБӢ

# К ВОПРОСУ О ФОРМИРОВАНИИ ТРУДОВЫХ ПРАВООТНОШЕНИЙ РАБОТНИКОВ ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

# TO THE QUESTION OF FORMATION OF LABOR RELATIONS OF EMPLOYEES OF HIGHER PROFESSIONAL INSTITUTIONS

*Дар мақолаи мазкур тартиби ташкили муносибатҳои меҳнатии корманди илмию педагогӣ бо муассисаи олии касбӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф хусусияти шартномаи меҳнатии омӯзгор бо донишгоҳро ошкор намуда, функсияҳои меҳнатии ӯро тавсиф медиҳад ва ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯро бошад, тасниф мекунад. Дар таҳияи мақолаи мазкур қонунгузории амалкунандаи меҳнатӣ ва соҳаи маориф истифода гардидааст. Ҳамчунин таносуби шартномаи меҳнатӣ ва шартномаи хизматрасонии пулакӣ оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *муассисаи олии касбӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, корманди илмию педагогӣ, функсияҳои меҳнатӣ, вақти корӣ, шартномаи меҳнатӣ, музди меҳнат.*

*В данной статье исследован порядок организации трудовых правоотношений научно-педагогического работника с высшим профессиональным учреждением. Автор раскрывает сущность трудового договора преподавателя с вузом, описывает его трудовые функции и классифицирует его права и обязанности. При подготовке статьи использовалось действующее законодательство о труде и образовании. Также дается соотношение между трудовым договором и договором возмездного оказания услуг.*

***Ключевые слова:*** *высшее профессиональное учреждение, трудовые отношения, научно-педагогический работник, трудовые функции, рабочее время, трудовой договор, заработная плата.*

*This article explores the procedure for organizing labor relations between a scientific and pedagogical worker and a higher professional institution. The author reveals the essence of the teacher's employment contract with the university, describes his labor functions and classifies his rights and obligations. In preparing the article, the current legislation on labor and education was used. The relationship between the employment contract and the contract for the provision of services is also given.*

***Key words:*** *higher professional institution, labor relations, scientific and pedagogical worker, labor functions, working time, labor contract, salary.*

Гузаронидани озмун ҷиҳати интихоби номзад ба вазифаи корманди илмию педагогӣ ва баъдан баромадани қарори Шӯрои олимон, ҳамчунин бо фармоиши ректор таъин намудани корманд ба чунин вазифа боиси ба вуҷуд омадани муносибатҳои меҳнатӣ дар байни омӯзгору донишгоҳ намегардад, зеро дар оянда ин гуна шахс метавонад ё хохиши бастани шартномаи мехнатиро баён накунад, ё умуман ба донишгох ҳозир нашаванд. Аз ин рӯ, дар сурати мавҷуд набудани шартномаи меҳнатӣ, ҳарчанд озмун сурат гирифта бошад ҳам, муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ба вуҷуд намеоянд.

Бо кормандони илмӣ ва педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳам шартномаи меҳнатии муҳлатнок ва ҳам шартномаи меҳнатӣ ба муҳлати номуайян баста мешавад. Агар шартномаи меҳнатии муҳлатнок баста шуда бошад, дар он бояд муҳлати амали он ва ҳолатҳое (сабабҳое), ки барои бастани шартномаи меҳнатии муҳлатнок асос шуда буданд, нишон дода шаванд [1, 60].

Шартномаи меҳнатӣ дар пайдоиши муносибатҳои меҳнатӣ нақши муҳими функсионалӣ мебозад. Танҳо шартномаи меҳнатӣ иродаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатиро (корманди илмию педагогӣ ва донишгоҳ) ташкил медиҳад. Ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ ба ғайр аз шартҳое, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳоро муайян мекунанд, ба он маълумоте дохил карда мешавад, ки шахсияти тарафҳоро мушаххас мекунад, аз ҷумла сана ва ҷои бастани шартномаи меҳнатӣ, суроғаи тарафҳо, рақами махсуси андозсупоранда ва ғайра.

Корманди илмӣ ва педагогӣ ҳамчун тарафи шартномаи меҳнатӣ дар шартнома насаб, ном ва номи падарро мувофиқи шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти ӯ нишон медиҳад. Номи ҳуҷҷат, мақоме, ки ин ҳуҷҷатро додааст, рақами ҳуҷҷат ва санаи додани он низ нишон дода мешавад. Ғайр аз ин, дар шартномаи меҳнатӣ суроғаи почтае, ки дар он корманди илмӣ-педагогӣ ба қайд гирифта шудааст, нишон дода мешавад. Агар ин суроға ба ҷои истиқомати воқеии корманд мувофиқат накунад, дар он сурат инчунин суроғаи почтаи маҳалли истиқомати воқеии ӯ нишон дода мешавад.

Маълумот дар бораи муассисаи таҳсилоти олӣ (корфармо) номи пурраи онро дар бар мегирад, ки аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ҷойгиршавӣ ва суроғаи почтавии донишгоҳ иборат аст. Мувофиқи қисми 2 моддаи 55 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, агар мутобиқи қонун дар ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ маҳалли дигаре муқаррар нашуда бошад, маҳалли бақайдгирии давлатии он муайян карда мешавад [2]. Дар байни маълумот дар бораи донишгоҳе, ки бояд ба шартномаи меҳнатӣ дохил карда шавад, қисми 2 моддаи 24 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА)-ро номбар мекунад.

Мувофиқи моддаи 24 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шартномаи меҳнатӣ инчунин бояд маълумот дар бораи намояндаи донишгоҳе, ки шартномаи меҳнатиро имзо кардааст, мавҷуд бошад. Дар шартномаи насаб, ном ва номи падари ректор (муовини ректор) ё шахси дигаре, ки барои намояндагии донишгоҳ дар муносибатҳои меҳнатӣ ваколатдор аст ва бар асоси он ба ӯ ваколатҳои дахлдор дода шудаанд, нишон дода мешавад [4].

Мазмуни шартномаи меҳнатӣ маҷмӯи шартҳоест, ки тибқи онҳо истифодаи кори корманди илмӣ ва педагогӣ пешниҳод карда мешавад ва дар ин бора тарафҳо ба мувофиқа меоянд. Ин мафҳум аҳамияти бузурги амалӣ дорад, зеро қонун як қатор мафҳумҳои дигари ҳуқуқӣ, масалан, тағйир додани шартномаи меҳнатӣ ва ба кори дигар гузаштанро бо он алоқаманд мекунад. Ҳамин тавр, мувофиқи моддаи 24 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартҳои ҳатмии шартномаи меҳнатӣ аз инҳо иборатанд: ҷои кор; функсияи меҳнатӣ; санаи оғози кор, дар мавриди шартномаи меҳнатии муҳлатнок, инчунин муҳлати амали он ва ҳолатҳои (сабабҳои) бастани он; шартҳои музди меҳнат; вақти кор ва вақти истироҳат; шароите, ки дар мавриди зарурат хусусияти корро муайян мекунанд; шарти суғуртаи хатмии иҷтимоии корманд ва ғайра [4].

Ҷои кори корманди илмӣ ва педагогӣ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки дар он кори ӯ бояд татбиқ карда шавад. Ҳамчун воҳиди сохторӣ бояд факултет ва кафедра (шуъбаи илмӣ), ки дар он омӯзгор ё корманди илмӣ вазифаи меҳнатии худро иҷро мекунад, нишон дода шавад.

Функсияи меҳнатӣ шарти марказии шартномаи меҳнатӣ мебошад. Хусусияти мақоми корманди илмӣ ва педагогӣ дар он аст, ки функсияи меҳнатии ӯ аз якчанд ҷузъҳо - фаъолияти таълимӣ, методӣ ва илмӣ иборат аст. Ҳангоми муайян кардани вазифаи меҳнатӣ тарафҳои

шартномаи меҳнатӣ бояд инҳоро ба назар гиранд: - ихтисоси (профили) кафедра ва хусусиятҳои он (миқдори пешбинишудаи фанҳои таълимӣ ва ғ.); – шеваҳои кори факултет (таълими рӯзона, шабона ва ғоибона ва ғ.); — ҷойгиршавии ҳудудии факултет (зарурияти гузаронидани дарсҳо дар дигар факултетҳои донишгоҳ, дар гӯшаҳои гуногуни шаҳр ва ғ.); – намудҳои корҳои таълимӣ, методӣ ва тадқиқотӣ; - характер ва самти тадқиқоти илмӣ дар кафедра (бахши илмӣ), ки ба он ҷалб намудани ходимони илмию педагогӣ пешбинӣ шудааст.

Функсияи меҳнатии корманди илмию педагогиро кор дар вазифаи дахлдори дар рӯйхати штатии донишгоҳ нишондодашуда муайян мекунад.

Вазифа маҷмӯи ухдадориҳо ва ҳуқуқҳои ба онҳо муқарраршуда мебошад, ки ҷой ва нақши корманди илмию педагогиро дар донишгоҳ муайян мекунад. Талаб карда мешавад, ки дар шартномаи меҳнатӣ номи вазифа мувофиқи ҷадвали штатии донишгоҳ нишон дода шавад. Ҷадвали штатӣ ҳуҷҷати ташкилию маъмурӣ мебошад, ки дар он ҳайати расмӣ ва рақамии кормандони илмӣ ва педагогӣ муқаррар карда шуда, ҷадвали музди меҳнат низ нишон дода шудааст. Рӯйхати штатӣ бо фармоиши ректор тасдиқ карда мешавад.

Санаи оғози кор бо рӯзи тақвимӣ муайян карда мешавад ва он рӯзи ба кор даромадани корманди илмӣ ва педагогӣ барои иҷрои вазифаи меҳнатии худро ифода мекунад. Агар шартномаи меҳнатӣ муҳлатнок баста шавад, донишгоҳ ва корманди илмию педагогӣ муҳлати амали онро муайян мекунанд.

Шартҳои додани музди меҳнат мумкин аст ба таври мутамарказ (барои кормандони илмию педагогие, ки дар донишгоҳҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ музди меҳнат мегиранд) ё бо созиши тарафҳо (дар муассисаҳои олии касбии ғайридавлатӣ) муайян карда шаванд. Дар ҳар сурат, ин шартҳо дар шартномаи меҳнатӣ муқаррар карда шудаанд.

Режими вақти кор ва вақти истироҳат он вақт шарти муҳими шартномаи меҳнатӣ мебошад, агар он аз режими муқаррарӣ, ки дар ин донишгоҳ ба таври умум қабул карда шудааст, фарқ кунад.

Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои корманди илмӣ-педагогӣ ва донишгоҳро шартан ба умумӣ ва махсус тақсим кардан мумкин аст. Шартҳои умумиро қонун барои ҳамаи субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ муқаррар кардааст. Шартҳои махсус бошад, нисбат ба муаллимон ва олимон таъсис дода шудааст. Ҳамин тариқ, моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 ҳуқуқи махсуси омӯзгоронро оид ба озодии баёни мазмуни таълим аз рӯи салоҳдиди худ дар доираи барномаҳои таълимӣ, интихоби мавзӯъ барои таҳқиқоти илмӣ ва ҳалли он бо методҳои худ, инчунин озодии омӯзандагон дар гирифтани дониш вобаста ба майли худ дар доираи барномаҳои таълимӣ муқаррар мекунад [5].

Шартҳои иловагии шартномаи меҳнатӣ бо созишномаи тарафҳо муқаррар карда мешаванд. Шартҳои иловагӣ метавонанд ба ҷанбаҳои гуногуни кори корманди илмӣ ва педагогӣ, масалан, дар бораи мушаххас кардани ҷои кор (бо нишон додани воҳиди сохторӣ ва ҷойгиршавии он) ва / ё ҷои кор дахл дошта бошанд.

Ба сифати шарти иловагии шартномаи меҳнатии кормандони илмӣ ва педагогӣ шарти махфӣ ва ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнии донишгоҳ пешбинӣ шуданаш мумкин аст.

Ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ метавонад мавзӯи махсуси муносибатҳои байни тарафҳои шартномаи меҳнатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бошад. Мутобиқи қонунгузории амалкунанда дастовардҳои илм, асарҳои адабиёт ва санъат, ихтироот, моделҳои судманд, намунаҳои саноатӣ, номи фирмавӣ, тамғаҳои молии хизматрасонӣ, топологияи микросхемаҳои интегралӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ эътироф карда мешаванд, ки метавонанд сирри хизматӣ ва ё тиҷоратиро дарбар гиранд. Объекти моликияти зеҳние, ки корманд ҳангоми иҷрои ухдадориҳои хизматӣ ё супориши мушаххаси корфармо офаридааст, ба корфармо тааллуқ дорад, агар дар созишномаи байни корманд ва корфармо тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад. Ҳамзамон, ба корманд тамоми ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии марбут ба объекти моликияти зеҳнии аз ҷониби ӯ офаридашуда (ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқ ба ном ва ғ.) нигоҳ дошта мешавад ва ба ӯ инчунин ҳуқуқи гирифтани мукофоти махсус кафолат дода мешавад. Ин қоида истисноҳои алоҳида дорад, ки онҳо ё ба хусусиятҳои объектҳои алоҳидаи моликияти зехнӣ ва ё ба муносибатҳои хизматии байни корманд ва корфармо вобастаанд.

Шартномаи меҳнатӣ бояд дар шакли хаттӣ баста шуда, дар ду нусха тартиб дода мешавад, ҳар яки он аз ҷониби тарафҳо имзо карда мешавад. Як нусхаи шартномаи меҳнатӣ ба корманди илмӣ ва педагогӣ дода мешавад, нусхаи дигар дар донишгоҳ нигоҳ дошта мешавад. Аз ҷониби корманд гирифтани нусхаи шартномаи меҳнатӣ бояд бо имзои корманди илмӣ ва педагогӣ дар нусхаи шартномаи меҳнатии дар донишгоҳ нигоҳ дошташуда тасдиқ карда шавад.

Шартномаҳои меҳнатӣ бо шартномаҳои ҳуқуқии граждании марбут ба фаъолияти меҳнатӣ, аз ҷумла шартномаи пешниҳоди хизматрасонии пулакӣ (моддаи 797 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) [3] алоқаманд аст.

Мумкин аст, ки дар мактабҳои олӣ баъзе омӯзгорон аз рӯи шартномаи хизматии пулакӣ фаъолият кунанд. Ин шакли созиш, махсусан, ҳангоми гузарондани машғулиятҳо аз рӯи шаклҳои пулакии (ғайразбуҷетии) таълим васеъ паҳн шудааст. Дар ин маврид омӯзгор аслан бо риояи қоидаҳои дохилии меҳнатии донишгоҳ кор карда, дарсҳоро мувофиқи ҷадвали машғулият мегузаронад.

Ҷадвали дарсҳо амали ҳамоҳангшудаи ҳамаи иштирокчиёни раванди таълимро, аз ҷумла онҳое, ки шартномаи ҳуқуқии маданӣ бастаанд, талаб мекунад. Ин фаъолияти ҳамоҳангшуда аз ҷониби роҳбарияти донишгоҳ (факултет) амалӣ карда мешавад ва ректор (декан) ҷадвали дарсҳоро тасдиқ мекунад.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**

1. Завгородный А.В. Возникновение трудовых правоотношений научно-педагогических работников в ВУЗе. Вестник Санкт-Петербургского университета. Сер. 14, вып. 1 – 2010. С. 60.
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум аз 30 июни соли 11999 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153.
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми дуюм аз 11 декабри соли 1999 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, м. 323.
4. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2015 // mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.04.2023).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 338.

**ТАБАРОВ Н.А.**
**TABAROV N.A.**

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Candidate of legal sciences, associate professor of the department of economic, financial and anti-corruption law of the State University of Finance and Economy of Tajikistan.

Кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Государственного университета финансов и экономики Таджикистана.

Тел.: 907-97-65-12,
E-mail: ne-mon.tabarov.65@mail.ru

## МАФҲУМИ МУРОФИАИ ҲУҚУҚӢ ДАР НАЗАРИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚ

## ПОНЯТИЕ ЮРИДИЧЕСКОГО ПРОЦЕССА В ОБЩЕЙ ТЕОРИИ ПРАВА

## THE CONCEPT OF THE LEGAL PROCESS IN THE GENERAL THEORY OF LAW

*Мақола ба масъалаи мафҳуми мурофиаи ҳуқуқӣ дар назарияи умумии ҳуқуқ бахшида шудааст. Муаллиф дар мақола қайд менамояд, ки дар доктринаи муосир низоми ҳуқуқ анъанавор ба чунин унсурҳо (зернизомҳо) ба монанди меъёрҳои ҳуқуқ, институтҳои ҳуқуқӣ, соҳаҳо ва зерсоҳаҳои, инчунин фаслҳо – ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ, моддӣ ва мурофиавӣ тақсим мешавад. Ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ вобаста аз таъиноти гуногуни онҳо дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқӣ тафриқа карда мешаванд. Нисбати фасли охирини низоми ҳуқуқ ҳам дар сатҳи умуминазариявӣ ва ҳам дар сатҳи соҳавӣ аз ҷониби олимон мафҳумҳои хеле гуногун пешниҳод карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *мурофиаи ҳуқуқӣ, назарияи умумии ҳуқуқ, доктринаи муосир, ҳуқуқи моддӣ, ҳуқуқи мурофиавӣ.*

*Статья посвящена проблеме понятии юридического процесса в общей теории права. В статье автор отмечает, что в современной доктрине система права традиционно подразделяется на такие элементы (подсистемы), как нормы права, правовые институты, отрасли и подотрасли права, а также разделы — частное и публичное, материальное и процессуальное право. Материальное и процессуальное право дифференцируются в зависимости от их различного предназначения в правовом регулировании общественных отношений. В отношении последнего раздела системы права как на общетеоретическом, так и на отраслевом уровнях учеными предлагаются самые различные определения.*

***Ключевые слова:*** *юридический процесс, общая теория права, современная доктрина, материальное право, процессуальное право.*

*The article is devoted to the problem of the concept of the legal process in the general theory of law. In the article, the author notes that in the modern doctrine, the system of law is traditionally divided into such elements (subsystems) as the rules of law, legal institutions, branches and sub-branches of law, as well as sections - private and public, substantive and procedural law. Substantive and procedural law are differentiated depending on their different purpose in the legal regulation of*

*social relations. With regard to the last section of the system of law, both at the general theoretical and sectoral levels, scientists offer a variety of definitions.*

***Keywords:*** *legal process, general theory of law, modern doctrine, substantive law, procedural law.*

Дар илми ҳуқуқшиносӣ мурофиа ҳамчун тартиби баррасии парвандаҳо дар суд ё мақомоти маъмурӣ, мурофиаи судӣ; парвандаи судӣ маънидод карда мешавад. Мурофиаи ҳуқуқӣ (юридикӣ)-ро бо фаъолияти ҳокимиятии мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор алоқаманд намуда, аввалинро ҳамчун бо меъёрҳои мурофиавӣ меъёран муқаррар намудани шакли банизомдаровардани фаъолияти ҳуқуқӣ мефаҳманд, ки аз омода, қабул ва сабти қарорҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок иборат буда, ба қонеъгардонии муносиб ва кафолатдиҳии манфиатҳои субъектҳои ҳуқуқ равона карда шудаанд.

Л.А. Морозова қайд мекунад, ки «ҳуқуқи мурофиавӣ соҳаи хизматрасониро ифода мекунад, зеро расмиёти ҳуқуқиро ба тартиб меандозад, ки барои таъмини фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар мақомот ва шахсони мансабдор, татбиқи суроғавии меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ пешбинӣ шудаанд»[11, с. 155], вале баъдан вай фикрашро тағйир дода баён мекунад, ки «ҳуқуқи мурофиавӣ тартиби татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқиро танзим мекунад»[12, с. 260]. Инчунин мавқеъе мавҷуд аст, ки мувофиқи он «ҳуқуқи мурофиавӣ нисбат ба ҳуқуқи моддӣ хусусияти ҳосилӣ, ёрирасон буда, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддиро таъмин менамояд»[18, с. 325].

Баъзе муаллифон ба он таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки«мурофиаи ҳуқуқӣ шакли татбиққунии тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ -қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ мебошад, ки дар давраҳои пайдарпайи гузариши намудҳои алоҳидаи инфаъолият ифода меёбад» ва «худи мурофиа бошад, сарфи назар аз хусусияти хизматиаш ба категорияҳои асосии ҳуқуқӣ мансуб дониста мешавад, зеро бе ин ҳуқуқ таъмини қонуният дар фаъолияти мақомот ва шахсони алоҳида, тартиби аз ҷониби онҳо амалӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ имконнопазир аст» [15, с. 247].

Бисёр назариячиён дар ин ё он шакл ҳуқуқи мурофиавиро танҳо бо ҳуқуқтатбиққунӣ алоқаманд мекунанд. Масалан, аз мавқеи Н.А. Власенко «ҳуқуқи мурофиавӣ расмиёти юридикиро ба тартиб андохта, тартиби татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддиро муқаррар менамояд ва ба ноил шудани натиҷаи мушаххаси ҳуқуқӣ равона карда шудааст» [6, с. 187]. Нуқтаи назари монандро Р.В. Енгибарян ва Ю.К. Краснов дастгирӣ менамоянд [8, с. 378]. М.И. Абдулаев қайд мекунад, ки «ҳар он чизе, ки бо татбиқи ҳуқуқи моддӣ алоқаманд аст, соҳаи ҳуқуқи мурофиавӣ мебошад»[2, с. 338].

Баъзе муаллифони дигар низ ҳуқуқи мурофиавиро бо танзими муносибатҳое, ки дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо, баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва парвандаҳое, ки бо тартиби мурофиаи судии конститутсионӣ баррасӣ мешаванд, ба вуҷуд меоянд алоқаманд менамоянд [16, с. 259–260]. Р.В. Шагиев ва Д.В. Ерофеева ба таври қатъӣ қайд мекунанд, ки «...ҳуқуқи мурофиавиро бояд танҳо бо ҳуқуқтатбиққунӣ алоқаманд кард, зимнан фақат бо шаклҳои аз ҳама бештар мураккабтарин ...» [23, с. 347].

Назариячии машҳури ҳуқуқ В.В. Лазарев гуфтааст, ки«ҳатмӣ барои ҳуқуқтатбиққунандагон ... риояи меъёрҳои мурофиавӣ мебошад» [9, с. 489]. Дар асари дигараш вай қайд кардааст, ки «фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ бо меъёрҳои мурофиавӣ танзим карда мешавад, ки тартиби дахолати субъектҳои... ваколатҳои ҳокимиятидодашударо оид ба ташкили муносибатҳои ҳуқуқии намуди муайян... дар ҷараёни татбиқи ҳуқуқ муайян мекунанд»[9, с. 33].

Чунин ба назар мерасад, ки баъзе мутахассисон ҳуқуқи мурофиавиро тавсиф намуда, ба андозаи муайян андешаҳои мухолиф баён менамоянд.

Масалан, Н.А. Пянов аввал қайд мекард, ки меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ – ин меъёрҳое мебошанд, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ хизмат карда, татбиқи онҳоро таъмин менамояд, баъдан бошад таъкид мекунад, ки онҳо тартиб ва расмиёти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддиро муайян мекунанд[14, с. 176].

Ба андозаи баробар бояд мавқеи М.И. Абдулаев ва С. Комаровро баҳо дод, ки дар аввал менависанд, ки меъёрҳои мурофиавии ҳуқуқ ҳамчун шакли татбиқ ва зуҳури меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ хизмат мекунанд» ва баъдтар бошад менависанд, ки «ҳуқуқи мурофиавӣ низоми

меъёрҳоеро ифода мекунад, ки расмиёти ҳуқуқиро ҳангоми ҳалли баҳсҳо ё ҳангоми муайян кардани ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо танзим мекунанд... »[1, с. 349]. Мавқеи монандро В В. Оксамитний ҷонибдор аст, ки тасдиқ мекунад, ки «барои татбиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳуқуқи моддӣ расмиётҳо заруранд, ки дар муқаррароти ҳуқуқи мурофиавӣ мавҷуданд»[13, с. 411].

Бояд тазаккур дод, ки дар доктрина вобаста ба мафҳуми «мурофиаи ҳуқуқӣ» якчанд равишҳо арзи вуҷуд доранд: юрисдиксионӣ ва дигар фаъолияти ҳифзии мақомоти адолати судӣ, ки ба ҳалли баҳсҳо дар бораи ҳуқуқ ва амалӣ намудани водоркунии (маҷбуркунии) ҳуқуқӣ дар доираи адолати судӣ ва вобаста ба он равона карда шудааст; ҷараёни татбиқи меъёрҳои моддӣ қатъи назар нисбати шаклҳои чунин татбиққунӣ; ҳама гуна фаъолияти мақомоти давлатӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, назоратӣ, таъсисӣ, амрдиҳӣ) ва диг. [10, с. 41-42].

Дар доктрина фаҳмиши мурофиаи ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо васеъ паҳн шудааст. Масалан, то баррасӣ намудани проблемаи таносуби байни мурофиаи ҳуқуқӣ ва расмиёти ҳуқуқӣ, қайд мекунем, ки М.И. Байтин ва О.В. Яковенко, охиринро чун «...тартиби махсуси меъёрӣ-муқарраршудаи амалӣ намудани фаъолияти ҳуқуқӣ, ки татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии моддии ба онҳо асосшударо аз вайронкуниҳо бо муҷозотҳои ҳуқуқӣ ҳифз мешаванд, таъмин мекунад» маънидод кардаанд[3, с. 95].

Д.Н. Бахрах ҳисоб мекард, ки мурофиаи маъмурӣ на танҳо фаъолияти юрисдиксионӣ оид ба баррасии баҳсҳо ва татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ, балки фаъолият оид ба татбиқи меъёрҳои танзимкунанда (фаъолияти хусусияти мусбидошта) низ мебошад[4, с. 278]. Н.Г. Салишева чунин мешуморид, ки мурофиаи маъмурӣ - ин фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба ҳалли баҳсҳое, ки ҳангоми ҳалли парвандаҳои инфиродӣ ва татбиқи чораҳои маҷбурӣ ба вуҷуд меоянд, мебошад[17, с. 8]. В.Д. Сорокин таъкид карда буд, ки «ҳар намуди мурофиаи ҳуқуқӣ фаъолияти давлатӣ-ҳокимиятиро ифода мекунад», ки «ҳамчун шакли ҳуқуқии шохаи мазкури ҳокимияти давлатӣ, мурофиа - қонунгузорӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ба андозаи пурра хусусияти шохаи «худӣ»-и ҳокимияти давлатиро инъикос мекунад.». Ба андешаи ӯ, «мурофиаи маъмурӣ... бешубҳа шакли мурофиавии ҳокимияти иҷроия мебошад»[20, с. 908]. Ҷолиб он аст, ки қаблан олим, гумон карда истода ки «алоқаи ногусастанӣ бо давлат – чунин аст яке аз хосиятҳои муҳимтарини мурофиа», дарҳол изҳор дошт, ки «...мурофиа иштироки ташкилотҳои ҷамъиятиро низ дар назар дорад, аммо асоси онро фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ташкил медиҳад»[19, с. 126].

Муносибат ба имконияти татбиқи ҳуқуқи моддии ҷиноятӣ танҳо дар шакли мурофиавӣ дар асарҳои олимони мурофиачӣ бартарият дорад. Масалан, В.П. Божъев қайд кардааст, ки «татбиқ намудани меъёрҳои ҷиноятӣ танҳо дар як вақт бо татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мумкин аст...» [5, с. 119], аммо дар байни иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ғайр аз суд, судя, муфаттишон, таҳқиқгарон ва ғ., инчунин шаҳрвадон — ҷабрдидагон, гумонбаршудагон, айбдоршавандагон, шоҳидон ва ғ., ки ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавӣ доранд, низ номбар мекунад[22, с. 83–118].

Аз мавқеи А.П. Гуляев, «татбиқи дурусти қонуни ҷиноятӣ вазифаи асосии мурофиаи ҷиноятӣ мебошад»[7, с. 5–8]. Ю.К. Якимович муайян мекард, ки «ва ҳамчун ҳуқуқ, ва ҳамчун қонунгузорӣ, ва ҳамчун фаъолият мурофиаи ҷиноятӣ ҳамагӣ танҳо барои дуруст татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ зарур аст»[24, с. 72]. И.В. Тиричев чунин мешуморад, ки мурофиаи ҷиноятӣ - ин «фаъолияти бо тартиби муқаррарнамудаи қонун амалишаванда оид ба тафтиш, баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби суд мебошад, ки мақсадаш таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии ҷамъиятӣ, сохтори конститутсионӣ аз таҷовузи ҷиноятӣ аст»[21, с. 13].

Дар маҷмӯъ бо назардошти муқаррароти зикршуда оид ба ҳуқуқи мурофиавӣ муаллиф ба хулоса меояд, ки ҳуқуқи мурофиавӣ бо танзими муносибатҳое, ки дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо, баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва парвандаҳое, ки бо тартиби мурофиаи судии конститутсионӣ баррасӣ мешаванд, ба вуҷуд меоянд алоқаманд мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Абдулаев М.И., Комаров С.А. Проблемы теории государства и права. СПБ: Питер, 2003. 576 с.

2. Абдулаев М.И. Теория государства и права. М.: Экономика, 2006. 632 с.

3. Байтин М.И., Яковенко О.В. Теоретические вопросы правовой процедуры // Журнал российского права. 2000. № 8. С.93–102.

4. Бахрах Д.Н. Советское законодательство об административной ответственности. Пермь: Пермский гос.ун-т, 1969. 344 с.

5. Божьев В.П. Уголовно-процессуальные правоотношения. М.: Юрид. литература, 1975. 176 с.

6. Власенко Н.А. Теория государства и права. М.: Проспект, 2015. 413 с.

7. Гуляев А.П. Цели, задачи и принципы как фундаментальные положения уголовно-процессуального права: по закону, теории и практике // Российский следователь. 2012. № 16. С. 5–8.

8. Енгибарян Р.В., Краснов Ю.К. Теория государства и права. М.: Норма, 2010. 576 с.

9. Лазарев В.В. Закон и его применение. Избранные труды. М.: Новая юстиция, 2010. Т.1.

10. Лукьянова Е.Г. Теория процессуального права. М.: Норма, 2003. 233 с.

11. Морозова Л.А. Теория государства и права. М.: Норма, 2003. 320 с.

12. Морозова Л.А. Теория государства и права. М.: Эксмо, 2007. 285 с.

13. Оксамытный В.В. Теория государства и права. М.: Импэ, 2004. 563 с.

14. Пьянов Н.А. Консультации по теории государства и права. Иркутск: Иркутский гос.ун-т, 2010. 583 с.

15. Радько Т.Н., Лазарев В.В., Морозова Л.А. Теория государства и права. М.: Проспект, 2012. 568 с.

16. Румянцев О.Г., Додонов В.Н.Э нциклопедический юридический словарь. М.: Норма, 1997. 377 с.

17. Салищева Н.Г. Административный процесс в СССР. М.: Юридическая литература, 1967. 158 с.

18. Смоленский М.Б. и др. Теория государства и права. Ростов: Феникс, 2011. 478 с.

19. Сорокин В.Д. Административно-процессуальное право. М.: Юридическая литература, 1972. 240 с.

20. Сорокин В.Д. Избранные труды. СПБ: Юрид. центр Пресс, 2005. 1084 с.

21. Уголовно-процессуальное право России/ под ред. П.А. Лупинской. М., 2009. С. 13.

22. Уголовный процесс/ под ред. В.П. Божьева. М., 2009. С. 83–118.

23. Шагиева Р.В., Ерофеева Д.В. Система права и система законодательства: понятия и проблемы их соотношения В кн.: Актуальные проблемы теории государства и права. М.: Норма, 2011. С. 338–367.

24. Якимович Ю.К. О возможности достижения объективной истины в уголовном судопроизводстве // Уголовная юстиция. 2014. № 1. С. 69–74.

**АБДУРАҲИМОВ С.Қ.**
**ABDURAHIMOV S.K.**
**АБДУРАХИМОВ С.К.**

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Candidate of legal sciences, associate professor, head of the department of law and state administration of the state educational institution "Bokhtar State University named after Nasir Khusrav"

Кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой права и государственного управления государственного учреждения образования «Бохтарский государственный университет имени Насыра Хусрава»

Тел.: (+992) 93-767-82-92;
E-mail: abdurakhimov1987@bk.ru

# ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНӢ ОИД БА ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ КУЛЬТУРНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА О НЕКОММЕРЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЯХ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# ON SOME ISSUES OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF CULTURAL LEGISLATION REGARDING NON-COMMERCIAL ORGANIZATIONS DURING THE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Аннотатсия:*** *Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба баъзе масъалаҳои ташаккул ва рушди қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар замони соҳибиистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори андеша намудааст. Муаллиф то қадри имкон номгӯи қонунҳои нисбати фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ қабулгардидаро дар замони соҳибистиқлолии кишварамон қайд намуда, бо зикри давраҳои қонунгузории марбут ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ақидаҳои худро ҷамъбаст намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; ташаккул ва рушд; танзими ҳуқуқӣ; қонунгузории маданӣ; ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ*

***Аннотация:*** *В данной статье автор высказал свое мнение по некоторым вопросам становления и развития культурного законодательства о некоммерческих организациях в период независимости Республики Таджикистан. Насколько это возможно, автор отметил перечень законов, касающихся деятельности некоммерческих организаций, принятых в период независимости нашей страны, и обобщил свои взгляды, упомянув периоды законодательства, касающиеся некоммерческих организаций.*

***Ключевые слова:*** *Конституция Республики Таджикистан; формирование и развитие; правовое регулирование; культурное законодательство; некоммерческая организация*

***Annotation:*** *In this article, the author expressed his opinion on some issues of formation and development of cultural legislation on non-commercial organizations during the independence of the*

*Republic of Tajikistan. As far as possible, the author noted the list of laws regarding the activities of non-commercial organizations adopted during the independence of our country, and summarized his views by mentioning the periods of legislation related to non-commercial organizations.*
***Keywords:*** *Constitution of the Republic of Tajikistan; formation and development; legal regulation; cultural legislation; non-profit organizations*

Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) дар назди он ҳалли як зумра вазифаҳоро ба миён гузошт, ки ки яке аз чунин вазифаҳои ниҳоят муҳим танзими ҳуқуқии муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ аз ҷумла, танзими ҳуқуқи мадании фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ буд. Лекин, дар чунин шароит қонунгузории мадании танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба таври дилхоҳ мавҷуд набуд. Аз ин рӯ, зарурат ба миён омад, ки на танҳо нисбати фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, балки нисбати тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа қонунгузории муосир қабул кард шавад. Муҳимтар аз ҳама, вазифаи қабули Конститутсияи ҶТ дар шароити соҳибистиқлолӣ ба миён омада буд. Чунки дар ҶТ Конститутсияи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1978 бо тағйироту иловаҳо амал дошт. Вале, бухрони сиёсии дар солҳои аввали 90-уми асри гузашта, ки дар ҶТ ба амал омад, барои таҳия ва қабули Конститутсияи ҶТ ва қонунгузории ҷавобгӯи талаботи замони соҳибистиқлолӣ имконият надод. Бо вуҷуди ин, то қабули Конститутсияи ҶТ доир ба танзими ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардид, ки ба онҳо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо», аз 12 марти соли 1992 [1], «Дар бораи кооперастияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 13 марти соли 1992 [2] ва ғайра мисол шуда метавонанд.

Ниҳоят 6 ноябри соли 1994 пас аз ба эътидол омадани вазъияти сиёсӣ дар ҶТ Конститутсия бо назардошти замони соҳибистиқлолӣ бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, ки он дар рушди низоми қонунгузории тамоми соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқ аз ҷумла қонунгузории маданӣ, ки фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро танзим менамоянд, саҳифаи нав ва дурахшонро оғоз бахшид. Чунонки, М. З. Раҳимзода қайд менамояд: «Қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 танзим ва такмили муносибатҳои нави ҷамъиятиро ба миён оварда, марҳилаи наврo дар таҳия, такмил ва қабули қонунҳо оғоз намуд»[3, с.23]. Конститутсия дар моддаи 8 Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон намуда, дар ин замина, таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои диниро дар доираи Конститутсия ва қонунҳо кафолат дод. Инчунин, дар моддаи 12 бошад, Конститутсия асоси низоми иқтисодиёти Тоҷикистонро аз шаклҳои гуногуни моликият иборат дониста, давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат дод[4, с.25-26].

Конститутсияи ҶТ инчунин дар дигар муқаррароти худ муносибатҳои муҳимми ҳуқуқи маданиро низ танзим намуд, ки онҳо ҳамчун заминаи қабули қонунҳои кодификатсионӣ ва ғайрикодификатсионии ҳуқуқи маданӣ баромад намуданд. Дар ибтидо қонунҳои ғайрикодификатсионӣ аз ҷумла, 4 ноябри соли 1995 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи адвокатура»[5], 21 майи соли 1998 Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»[6] ва 13 ноябри соли 1998 бошад, «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ»[7] дар таҳрири нав ва ғайраҳо қабул гардиданд. Баъдан, 30 июни соли 1999 бошад, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) [8] (минбаъд – КГ ҶТ) дар таҳрири нав қабул гардид, ки он аз 1 январи соли 2000 мавриди амал қарор гирифт. КГ ҶТ дар танзими муносибатҳои муҳимми ҳуқуқи мадании ҶТ, хусусан танзими ҳуқуқи мадании фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ нақши ниҳоят муҳим ва арзанда гузошт. Хусусан, КГ ҶТ боби 4-уми худро доир ба танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ҷудо намуда, номгӯи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии шахсони ҳуқуқиро дар моддаи 50 муқаррар кард. Танзими муфассали ҳуқуқи мадании фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бошад, дар зербоби 5-уми боби 4 амалӣ карда шуд. 11 декабри соли 1999 бошад, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми дуюм) дар таҳрири нав қабул гардид, ки он аз 1 июли соли 2000 мавриди амал қарор гирифт. Санади мазкур дар танзими муносибатҳои муҳимми марбут ба уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавии маданӣ саҳми калон гузошт. Маҳз, пас аз қабули КГ ҶТ (қисми дуюм) муносибатҳои номбурда

ба низоми муайян ворид гардиданд. 1 марти соли 2005 бошад, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми сеюм) дар таҳрири нав қабул гардид.

Пас аз қабули КГ ҶТ зарурат пеш омад, ки мувофиқи нишондодҳои он нисбати танзими ҳуқуқии фаъолияти шаклҳои алоҳидаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ низ қонунҳои дахлдор қабул ва мавриди амал қарор дода шаванд. Аз ин рӯ, 19 майи соли 2009 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» дар заминаи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ» аз 22 апрели соли 2003 қабул гардид. 12 майи соли 2007 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»[9] дар таҳрири нав қабул гардид. 26 марти соли 2009 маротибаи нахустин Қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»[10] қабул гардид. 2 августи соли 2011 дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо», аз 12 марти соли 1992 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба»[11] дар таҳрири нав қабул гардид.

Зимнан бояд қайд кард, ки масъалаи мувофиқ намудани муқаррароти КГ ҶТ ва умуман қонунгузории мадании ба талаботи инкишофи муносибатҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ низ муҳим гардид. Чунки қабули қисмҳои алоҳидаи КГ ҶТ, хусусан қисмҳои якум ва дуюми КГ ҶТ бинобар сабаби ба зудӣ қабул гардиданашон ба такмил ниёз пайдо намуданд. Аз ин рӯ, қонунгузории маданӣ ба консепсия ва барномаҳои дарозмуддати ҳуқуқэҷодкунӣ зарурат дошт[12, с.41]. Бо ин мақсад, 19 феврали соли 2011 бо фармони Президенти ҶТ Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории ҶТ барои солҳои 2012-2015 тасдиқ гардид. Инчунин бо мақсади татбиқи муқаррароти Консепсияи мазкур барномаҳои гуногун, аз ҷумла барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории ҶТ дар соҳаҳои қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ барои солҳои 2012 – 2015 бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 марти соли 2012 тасдиқ карда шуд, ки нақшаи чорабиниҳои он аз нуҳ банд иборат буд[13, с.43-46]. Татбиқи консепсияи ва барномаи давлатии мазкур то як андоза ба ҳалли масъалаи такмили қонунгузории маданӣ мусоидат намуд, вале он ҳанӯз ҳам интиҳои кор ба ҳисоб намерафт. 22 июли соли 2013 дар заминаи Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» (аз 2 декабри соли 2002) Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳо» қабул гардид, ки дар натиҷа таъсиси шаклҳои кооперативҳо ба ғайритиҷоратӣ ва тиҷоратӣ муқаррар карда шуд (м. 3). Инчунин, 18 марти соли 2015 дар заминаи Қонуни ҶТ «Дар адвокатура», аз 4 ноябри соли 1995 Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» дар таҳрири нав қабул гардид[14].

Дар ташаккул ва рушди қонунгузории маданӣ, хусусан КГ ҶТ нақши Консепсияи рушди қонунгузории граждании ҶТ, ки бо қарори Шурои олимони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, ки 30 апрели соли 2014 тасдиқ гардидааст[15, с.141], ниҳоят калон мебошад. Дар Консепсияи мазкур як зумра мушкилоти ҳалталаби марбут ба танзими ҳуқуқи мадании фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба он дохил аст, муайян гардиданд, ки онҳо 21 банд иборат буда, барои ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд. Соли 2015 муҳлати татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории ҶТ ва барномаҳои қонунгузории соҳавии он ба охир расиданд. Аз ин рӯ, бо мақсади минбаъд низ дар доираи санадҳои расмии барномавӣ, ки иҷроиши онҳо барои мақомоти масъул ҳатмист, идома додани ҷараёни такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории маданӣ ҳамчун шарти муҳиммиислоҳоти низоми иқтисодии мамлакат шарти муҳим дониста шуд. Аз ин рӯ, 6 феврали соли 2018 бо фармони Президенти ҶТ Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018 - 2028 тасдиқ карда шуд, ки он дурнамои рушди тамоми соҳаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян ва вазифаҳоро доир ба сиёсати ҳуқуқии кишварамон барои оянда мушаххас намуд.

24 декабри соли 2022 дар заминаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисмҳои якум, дуюм ва сеюм) Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) бо назардошти таҷрибаи зиёда аз сисолаи ҳосилкардаи замони соҳибистиқлолии кишварамон қабул гардид[16], ки он дар таърихи ташаккул ва рушди қонунгузории мадании Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳилаи нав мебошад. Дар назди давлат ва ҷомеа хусусан, мақомоти қонунгузор вазифаи ба талаботи КМ ҶТ мутобиқ сохтани қонунгузории маданӣ ба миён омад. Ҳамин тавр, ташаккул ва рушди қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар замони соҳибистиқлолии ҶТ дар заминаи сарчашмаҳои илмии ватанӣ[17] ба се давраи зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1.Давраи нахустини ташаккул ва рушди қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар замони соҳибистиқлолии ҶТ аз соли 1991 оғоз гардида, то соли 1994, аниқтараш то қабули Конститутсияи соҳибистиқлоли ҶТ рост меояд. Дар ин давра пеш аз ҳама ҷустҷӯи роҳу усулҳои танзими ҳуқуқи мадании самарабахш ва ҷавобгӯи талаботи давлат ва ҷомеа муайян карда шуд. Чунин давраро давраи барқароршавии қонунгузории маданӣ ҳисобидан мумкин аст;

2.Давраи дуюми ташаккул ва рушди қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар замони соҳибистиқлолии ҶТ аз соли 1994 аниқтараш пас аз қабули Конститутсияи ҶТ оғоз гардида, то соли 2005 рост меояд. Дар ин давра Конститутсия қабул гардида, дар асоси он КГ ҶТ дар таҳрири нав бо назардошти асосҳои низоми сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат қабул гардид, ки онҳо барои таҳия ва қабули дигар қонунҳо заминаи ҳуқуқии мусоид фароҳам оварданд. Чунин давраро давраи кодификатсиякунонии қонунгузории маданӣ номидан мумкин аст.

3.Давраи сеюми ташаккул ва рушди қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар замони соҳибистиқлолии ҶТ аз соли 2006 оғоз гардида, то соли 2022 идома ёфт. Дар ин давра ҷараёни такмили КГ ҶТ қабули қонунҳои алоҳида ва мутобиқгардонии қонунгузории маданӣ дар заминаи санадҳои расмии барномавӣ идома ёфт.

4.Давраи чоруми ташаккул ва рушди қонунгузории маданӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бинобар дар заминаи Кодекси граждании ҶТ дар таҳрири нав қабул гардидани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, дар назди давлат ва ҷомеа хусусан, мақомоти қонунгузор вазифаи ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ сохтани қонунгузории маданиро ба миён овард.

## АДАБИЁТ

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо», аз 12 марти соли 1992 (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1992, №7, мод. 101; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, № 9, мод.117)

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 13 марти соли 1992 (Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992, № 7, мод.105; Ахбори Махлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995, №22, мод. 268 фасли IX, соли 2002, №11, мод. 702; соли 2008, №1 қисми 2, мод. 13)

3.Раҳимов, М.З. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият: инкишоф ва проблемаҳо [Матн] / М.З. Раҳимов // Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият. Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20 – умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-29 августи соли 2011. / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М. З. – Душанбе: ЭР-граф, 2011 – С. 23.

4.Таҳаввулоти конститутсионии Тоҷикистони соҳибистиқлол - Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: КВДН «Қонуният» - и Вазорати адлияи ҶТ, 2019. – С.25-26.

5.Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура» аз 4 ноябри соли 1995 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1995, №21, мод. 249; с.2001, №7, мод. 487; с.2006, №3, мод. 144)

6.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 21 майи соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1998, №10, мод. 139)

7.Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» аз 13 ноябри соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 300; Қонуни ҶТ аз 8.08. 2015 с., №1209; аз 19.07.2019 с., №1643)

8. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, № 6, мод. 153, 154; соли 2001, № 7, мод. 508; соли 2002, № 4, қ-1, мод. 170; соли 2005, №3, мод. 125; соли 2006, №4, мод. 193; соли 2007, №5, мод.356; соли 2010, №3, мод.156, №12, қ-1, мод. 802; соли 2012, №7, мод.700; №12 қ1,мод.1021; соли 2013, №7, мод.504;соли 2015,№3,мод.200, соли 2016 №7, мод.612; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 январи соли 2019, №1557)

9.Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» 12 майи соли 2007 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №5, мод. 363; с. 2008, №3, мод. 202; с.2010, №7, мод. 554; с.2013, №3, мод.202;Қонунҳои ҶТ аз 8.08.с. 2015, № 1210; аз 23.11.2015 с., № 1242; аз 02.01.2019 с., № 1575; аз 25.06.2021 с., №1801)

10.Қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» 26 марти соли 2009

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №3, мод. 82; с. 2011, №6, мод. 450; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1497)

11.Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» 2 августи соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №6, мод. 611;) (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020 № 1673)

12.Раҳимзода М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои ташаккул ва рушди қонунгузории маданӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон. [Матн] / Раҳимзода М.З. // Рушди қонунгузории хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои мизи мудаввар бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул – Мудири шӯъбаи ҳуқуқи хусусии институти фалсафа, сиёсат ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Абдуҷалилов А. Душанбе: 2022. – С.41.

13.Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барномаҳои татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2015. Душанбе: 2012. – С.43-46.

14.Қонуни ҶТ «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»18 марти соли 2015. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, № 3, мод. 204; №11, мод. 958; с. 2016, №5, мод. 362; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1391; аз 04.07.2020 № 1704)

15.Консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ. – 2014. – № 2 (14). – С. 141.

16.Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022 // Садои Мардум 2 - январи соли 2023, №1-9 (4584 - 4592) С.1-36

17.Раҳимзода М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои ташаккул ва рушди қонунгузории маданӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон. [Матн] / Раҳимзода М.З. // Рушди қонунгузории хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои мизи мудаввар бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаррири масъул – Мудири шӯъбаи ҳуқуқи хусусии институти фалсафа, сиёсат ва ҳуқуқи ба номи А.М.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Абдуҷалилов А. Душанбе: 2022. – С.49 - 50.

**НАСРУЛЛОЕВ Х.Т.**
**NASRULLOEV K.T.**

Унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Соискатель Института философии, политологии и права Национальной академии наук Таджикистана

Applicant of Institute of philosophy, political science and law National Academy of Science of Tajikistan.

Tel: +992939292299
E-mail: khayriddin.nasrulloyev@mail.ru

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ ОИД БА ҒАЙРИҚОНУНӢ ГУЗАШТАН АЗ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ

# СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ГОСУДАРСТВАМИ-ЧЛЕНАМИ СОДРУЖЕСТВО НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ О НЕЗАКОННОМ ПЕРЕСЕЧЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ГРАНИЦЫ

# COMPARATIVE-LEGAL ANALYSIS OF THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE MEMBER STATES OF THE COMMONWEALTH OF INDEPENDENT STATES REGARDING ILLEGAL CROSSING OF THE STATE BORDER

***Фишурда:*** *Мақола ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ дар асоси қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар давлатҳои ИДМ бахшида шудааст. Тамоюлҳое, ки дар ин кишварҳо барои муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ истифода мешаванд, мавриди таҳлил қарор дода шуда, хусусиятҳо ва фарқиятҳои онҳо бо назардошти таҷрибаи мавҷудаи хориҷӣ муайян гардида, роҳҳои имконпазири такмили қонунгузории ҷиноятии феълии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷавобагарии ҷиноятӣ; сарҳади давлатӣ; ғайриқонунӣ гузаштан; қонунгузорӣ; таҳлили муқоисавӣ; ИДМ.*

***Аннотация:*** *Статья посвящена сравнительно-правовому анализу уголовной ответственности за незаконное пересечение государственной границы по уголовному законодательству Республики Таджикистан с другими странами СНГ. Анализируются используемые в этих странах тенденции установления уголовной ответственности за незаконное пересечение государственной границы, определяются их особенности и отличия с учетом имеющегося зарубежного опыта, описываются возможные пути совершенствования действующего уголовного законодательства Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *уголовная ответственность; государственная граница; незаконное пересечения; законодательство; сравнительный анализ; СНГ.*

***Annotation:*** *The article is devoted to the comparative-legal analysis of criminal responsibility for illegally crossing the state border based on the criminal legislation of the Republic of Tajikistan with other CIS countries. The trends used in these countries to establish criminal responsibility for*

*illegally crossing the state border are analyzed, their characteristics and differences are determined taking into account the existing foreign experience, and possible ways to improve the current criminal legislation of the Republic of Tajikistan are described.*

***Key words:*** *criminal responsibility; state border; illegal crossing; legislation; comparative analysis; CIS.*

Барои хубтару беҳтар ҳимоя намудани манфиатҳои миллӣ ва дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани амнияти миллӣ, зарурияти омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар бораи танзими ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои содир кардани ҷиноятҳо дар самти мубориза бар зидди ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ барои таҳкими қонунгузории амалкунандаи кишвар аҳамияти калон дорад.

Ин усул барои таҳлили муқоисавии низомҳои ҳуқуқии ҷаҳон, низомҳои қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқэҷодкунии давлатҳо ва ғайра хизмат мекунад. Низоми ҳуқуқии ҳар як давлат ин аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқ, институти ҳуқуқ ва соҳаи ҳуқуқ иборат мебошад, ки вобаста аз хусусиятҳои хоси худ аз дигар давлатҳо фарқ мекунад. Ҳеҷ як низоми ҳуқуқии миллӣ дар танҳоӣ инкишоф намеёбад, он дар натиҷаи омезиш бо дигар низомҳои ҳуқуқӣ инкишоф меёбад.

Дарки равишҳои асосие, ки дар кишварҳои хориҷӣ ба ҳифзи ҳуқуқӣ–ҷиноятии сарҳади давлатӣ аз гузаштани ғайриқонунӣ истифода мешаванд, ба мо имкон медиҳад, то истифодаи баъзе аз онҳоро дар Тоҷикистон арзёбӣ кунем.

Ҳамин тавр, истифодаи таҷрибаи ҳуқуқии пешрафтаи давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар заминаи анъанаҳои муқарраршудаи қонунгузории мамлакатҳои пешрафта такмил дода шавад.

Ҷиноятҳое, ки бо ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ дар иртиботанд дар бештари давлатҳо ба категорияи ҷиноятҳои вазнин шомиланд. Аксари кирдорҳое, ки дар диспозитсияҳои моддаҳои қонуни ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ инъикос намудаанд, якхела нестанд. Онҳо вобаста ба объект, хусусияти кирдор ва оқибатҳои ин ҷиноятҳо, тарзҳои содир гардидан ва аломатҳои субъективии ҷиноят аз якдигар фарқ доранд.

Пеш аз ҳама, ҷиҳати такмили қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои ҷиноятии кишварҳои ИДМ барои омӯзиш таваҷҷӯҳ доранд. Ин кишварҳо, мисли Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаблан дар ҳайати ИҶШС буданд ва аз ин рӯ, дорои як ҷомеаи муҳими таърихӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқи ҷиноятии масъалаҳои марбут ба гузаштани ғайриқонунии сарҳади давлатӣ мебошанд.

Таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои ИДМ нишон медиҳад, ки ҳамаи онҳо барои гузаштани ғайриқонунии сарҳади давлатӣ (м. 335 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [1], м. 322 КҶ Федератсияи Русия «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Федератсияи Русия» [2], м. 318 КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Озарбойҷон» [3], м. 329 КҶ Ҷумҳурии Арманистон «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ» [4], м. 371 КҶ Ҷумҳурии Беларус «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Беларус» [5], м. 392 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон «Қасдан ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Қазоқистон» [6], м. 378 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон» [7], м. 362 КҶ Ҷумҳурии Молдова «Гузариши ғайриқонунӣ аз сарҳади давлатӣ» [8], м. 344 КҶ Ҷумҳурии Гурҷистон «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Гурҷистон»[9], м. 235 КҶ Ҷумҳурии Туркманистон «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Туркманистон» [10], м. 223 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбакистон «Ғайриқонунӣ ба хориҷа рафтан ё ғайриқонунӣ ба қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбакистон ворид шудан» [11] ва м. $332^2$ КҶ Украина «Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Украина» [12]) ҷавобгарӣ муқаррар намудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои гузаштани ғайриқонунии сарҳад аз ҷониби қонунгузор дар боби 31 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби идоракунӣ», ки ба фасли XIII «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» марбут аст, ҷойгир карда шудааст [1].

Ҷиноятҳои баррасишаванда дар ҳама кишварҳои ИДМ, ба истиснои Молдова ва Украина (Русия, Беларус, Гурҷистон, Арманистон, Ӯзбакистон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон) ҳамчун ҷиноятҳои зидди тартиби идоракунӣ тасниф карда шудаанд.

Қонунгузории Молдова ҷинояти баррасишавандаро дар боби 17 «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва амнияти давлатӣ» ҷой дода, объектро васеъ намуда, тартиби идоракунӣ ва амнияти давлатиро ба ҳам мепайвандад. Аммо дар КҶ Украина бошад, ба бобҳо ҷудо намудани кодекс вуҷуд надорад.

Фаслҳое, ки дар онҳо ин меъёрҳо ҷойгир шудаанд, тақрибан номҳои якхела доранд. Ҳамин тариқ, дар Федератсияи Русия (минбаъд ФР) меъёри қонуни ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои убури ғайриқонунии сарҳад аз ҷониби қонунгузор дар фасли X «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ», дар КҶ Ҷумҳурии Ӯзбакистон (минбаъд ҶӮ) меъёри дахлдор — дар фасли V «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», дар КҶ  Ҷумҳурии Туркманистон — дар фасли X «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораи давлатӣ», дар КҶ Ҷумҳурии Беларус — дар фасли XIII «Ҷиноятҳо ба муқобили давлат ва тартиби ба амал баровардани ҳокимият ва назорат», дар КҶ Ҷумҳурии Гурҷистон — дар фасли XI «Ҷиноятҳо ба муқобили давлат», дар КҶ Арманистон — дар фасли XI «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва дар КҶ Украина — дар фасли XIV «Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ дар доираи ҳифзи сирри давлатӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ, таъмини даъват ва сафарбарӣ» ҷойгир карда шудааст. Дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Молдова ба фаслҳо тақсим кардани қисми махсуси кодексҳои ҷиноятӣ вуҷуд надорад.

Гуфтаҳои боло нишон медиҳанд, ки қонунгузории ҷиноятии давлатҳои ИДМ асосан мафҳуми шабеҳро (дар муқоиса бо КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар бораи объекти чунин таҷовузи ҷиноятӣ ба мисли гузаштани ғайриқонунии сарҳад инъикос намудаанд.

Объекти бевоситаи таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии ҶТ, ҳамчунин аксари таркибҳои баррасишудаи Кодекси ҷиноятии кишварҳои ИДМ муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки фаъолияти муътадили муносибатҳои идоракуниро дар соҳа таъмин мекунанд.

Қобили зикр аст, ки дар тамоми кишварҳои ИДМ (аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон) меъёрҳои ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои гузаштани ғайриқонунии сарҳад ба шакли бланкетӣ тарҳрезӣ шудаанд.

Таркиби ҳамаи ҷиноятҳои баррасишаванда расмӣ буда, тарафи объективии кирдорро ғайриқонунӣ будани он, яъне бидуни ҳуҷҷатҳои пешбинишудаи қонун ва иҷозати мақомоти дахлдор  ташкил медиҳад. Дар кишварҳои ИДМ, ба мисли Арманистон, Озарбойҷон ва Туркманистон ҳифзи сарҳад ҳамчун аломати ҳатмии тарафи объективии ҷиноят пешбинӣ шудааст. Вале ин маънои онро надорад, ки таркиби ҷинояти баррасишаванда дар ин кишварҳои номбаршуда як хеланд. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи асосӣ байни ин кишварҳо навъҳои санксия мебошад. Масалан, дар қ.1 м. 329 КҶ Ҷумҳурии Арманистон, ду навъи алтернативии ҷазо – ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ ва дар қ. 2 моддаи мазкур бошад, танҳо як навъи ҷазо – маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шудааст.  Дар санксияҳои қ. 1 м. 235 КҶ Ҷумҳурии Туркманистон ду навъи алтернативии ҷазо (корҳои ислоҳӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ бо гузоштани уҳдадории истиқомат дар маҳалли муайян) ва дар қ. 2–юми он бошад, танҳо як навъи ҷазо – маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар гардидааст. Санксияи қ. 1 м. 318 КҶ Озарбойҷон ду навъи алтернативии ҷазоро пешбинӣ кардааст (ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ) ва қ. 2–и он танҳо як навъи ҷазоро пешбинӣ кардааст – маҳрум сохтан аз озодӣ.

Субъекти ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ тибқи қонунгузории кишварҳои ИДМ умумӣ аст: шахси воқеии мукаллаф, ки ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ (16–солагӣ) расидааст.

Тарафи субъективӣ шакли қасди бевоситаро дар бар мегирад. Аз кодексҳои кишварҳои аъзои ИДМ шакли қасди бевосита танҳо дар диспозитсияҳои моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Беларус нишон дода шудааст. Гарчанде диспозитсияҳои моддаҳои дахлдор дар дигар кодексҳои кишварҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла дар м. 335 КҶ ҶТ аломати қасди бевоситаро нишон надодааст, вале сохти таркиби ҳуқуқии ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ танҳо дар бораи қасди бевосита шаҳодат медиҳад. Ангеза ва мақсад ба банду басти ҷиноят таъсир намерасонад. Аз қонунҳои ҷиноятии кишварҳои ИДМ мавҷудияти мақсади махсус танҳо дар м. $332^2$ Кодекси ҷиноятии Украина пешбинӣ шудааст. Сабаб, мақсад ва ҳолати рӯҳӣ ҳамчун аломатҳои ҳатмии тарафи субъективии гузаштани ғайриқонунии сарҳад ҷудо карда намешаванд. Ҳамин тариқ, онҳо ба сифати кирдор таъсир намерасонанд, балки танҳо ҳангоми таъйини ҷазо барои содир кардани он ба назар гирифта мешаванд. Ҷинояти

мазкур аз лаҳзае, ки шахс сарҳадро ғайриқонунӣ убур мекунад, хотимаёфта ҳисобида мешавад. Мутобиқи Кодексҳои амалкунандаи давлатҳои аъзои ИДМ ҷои содир намудани ҷинояти мазкур сарҳади давлатӣ мебошад. Лаҳзаи анҷоми ҷиноят бо гузаштани воқеии сарҳад дар рӯи замин танҳо дар сурате рост меояд, ки агар он берун аз гузаргоҳҳо гузарад. Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳад тавассути гузаргоҳҳо бояд аз лаҳзаи анҷом додани расмиёти назорати сарҳадӣ бо гузоштани муҳр дар ҳуҷҷатҳои дахлдор (қонунӣ гузаштан аз сарҳад) анҷомшуда ҳисоб карда мешавад.

Дар аксар мавридҳо, дар диспозитсияҳои меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ин кирдор бидуни ошкор намудани моҳияти он (аз ҷумла дар м. 335 КҶ ҶТ) бо истилоҳи «гузаштан» ифода карда мешавад. Истисно, меъёрҳои дахлдори кодексҳои ҷиноятии Молдова ва Ӯзбакистон мебошанд. Дар Молдова мафҳуми «гузариш» [8] барои ошкор намудани моҳияти кирдори ҷиноятӣ ва дар Ӯзбакистон истилоҳҳои «даромад», «баромадан» ва «гузариш» [11] истифода мешаванд. Бояд гуфт, ки ин истилоҳҳо пештар дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистони Шӯравӣ (КҶ ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 1935/1961) истифода мешуданд.

КҶ Ҷумҳурии Беларус [5] назар ба моддаи дахлдори КҶ ҶТ ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатиро нисбатан васеътар шарҳ додааст. Дар он моҳияти амали гузаштани ғайриқонунии сарҳад бо ишора ба воситаҳои (асбобҳои) содир кардани он шарҳ дода шудааст. Рӯйхати онҳо хеле васеъ аст: мошини автомобилӣ, киштии навигатсионӣ (худгард), киштии омехта (дарёву баҳр) (худгард), киштии хурди муҳаррикдор, бо муҳаррики берунӣ, гидросикл ё лижаи реактивӣ, ҳавопаймои дорои муҳаррик. Чунин бархӯрд аз нуқтаи назари интиқодӣ меъёри ҳуқуқиро аз ҳад зиёд пурбор карда, даркро душвор мегардонад, аз ин рӯ ворид намудани ин кирдор ба диспозитсияи м. 335 КҶ ҶТ мувофиқи мақсад нест. Бояд зикр намуд, ки дар дигар давлатҳои ИДМ, дар диспозитсияҳои меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор нишондодҳои воситаҳои (асбоби) содир кардани ҷиноят вуҷуд надоранд.

Дар меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Беларус, Гурҷистон, Қирғизистон ва Ӯзбакистон, гузаштани ғайриқонунии сарҳад мушаххас баён нашудааст. Дар Кодекси ҷиноятии Русия, Украина, Қазоқистон, Озарбойҷон, Арманистон ва Туркманистон, чуноне ки дар м. 335 КҶ ҶТ ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳад бо набудани ҳуҷҷати муайяншуда ё иҷозати зарурӣ зикр шудааст, алоқаманд мебошад.

Хусусияти ғайриқонунии гузаштан аз сарҳад тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои ИДМ гуногун аст. Он метавонад ба надоштани баъзе ҳуҷҷатҳо, иҷозатномаҳо, гузаштани сарҳад бидуни гузаштан аз назорати сарҳадӣ, содир намудани ҳамин гуна ҳуқуқвайронкунии маъмурии қаблӣ дар сурати мавҷуд будани зарари маъмурӣ ё ошкор накардан вобаста бошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар Русия, Арманистон, Қазоқистон ва Туркманистон ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳад, ки боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад, бо набудани ҳуҷҷатҳо ва ё иҷозатномаи пешбининамудаи қонун алоқаманд аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни ҳуҷҷат ё бидуни иҷозат гузаштан аз сарҳад ба маънои ҷиноятӣ, ғайриқонунӣ аст. Дар ин бахш қонунгузории Русия, Арманистон ва Туркманистон барои гузаштан аз сарҳад дар сурати надоштани аснод ва иҷозат ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мекунанд, вале онҳо дар тафовут аз қ. 1, м. 335 КҶ ҶТ истилоҳи «ғайриқонунӣ» –ро дар таркиби ҷинояти таҳлилшаванда истифода набурдаанд.

Дар диспозитсияҳои меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии баррасишаванда аломатҳои ҳуҷҷатҳо ва иҷозатномаҳое, ки мавҷуд набудани онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ алоқаманд аст, бо тарзҳои гуногун тавсиф карда мешаванд. Дар Тоҷикистон ҳуҷҷатҳоро – муайян, дар Озарбойҷон, Арманистон ва Туркманистон – муқарраршуда, дар Русия ҳуҷҷатҳоро ҳуҷҷатҳои эътибornок, дар Қазоқистон – бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё ҳуҷҷатҳои ба шахсони сеюм тааллуқдошта ва дар Украина – ҳуҷҷатҳои дахлдор ё дорои маълумоти бардурӯғ, меноманд.

Дар Тоҷикистон иҷозатнома - зарурӣ муқаррар шудааст. Дар Русия, Украина, Арманистон ва Туркманистон дар тасдиқи меъёрҳо иҷозатномаҳо - дахлдор зикр карда мешаванд. Дар Русия ба таври илова дар бораи тартиби гирифтани онҳо, ки қонун муқаррар кардааст, нишон дода мешавад.

Тавре зикр гардид, хусусияти ғайриқонунии гузаштан аз сарҳадро метавон бо гузаштан аз сарҳад бидуни гузаштан аз назорати сарҳадӣ рабт дод. Ҳамин тариқ, дар қонуни ҷиноятии Молдова гузаштан аз сарҳадро ба ҷуз аз назорати сарҳадӣ ё пинҳонӣ аз он, ғайриқонунӣ медонанд.

Хусусияти ғайриқонунии гузаштан аз сарҳад метавонад хусусияти омехта дошта бошад. Масалан, дар КҶ Озарбойҷон гузаштан аз сарҳад бидуни ҳуҷҷатҳои муқарраршуда ё берун аз гузаргоҳи сарҳади давлатӣ ғайриқонунӣ эътироф шудааст. Дар КҶ Қазоқистон бошад, қасдан гузаштан аз сарҳад, берун аз гузаргоҳи сарҳади давлатӣ бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё бо роҳи фиреб истифода бурдани ҳуҷҷатҳои таааллуқдоштаи шахсони сеюм, ғайриқонунӣ мебошад. Дар КҶ Ӯзбакистон хусусияти ғайриқонунӣ будани ин кирдор бо вайрон кардани тартиби муқарраршудаи гузаштан аз сарҳад ифода мешавад. Дар кодексҳои ҷиноятии Беларус, Гурҷистон ва Қирғизистон ин ҳолат тамоман ошкор нашудааст.

Дар КҶ Ҷумҳурии Беларус нисбат ба гузаштани ғайриқонунии сарҳад ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар шудааст: ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин кирдори зикршуда, агар он дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ барои ҳамин ҳуқуқвайронкунӣ содир шуда бошад.

Ҳамин тариқ, дар аксари мавридҳо фарқияти байни шаҳрвандони давлатҳои дахлдор, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд танҳо дар тартиби гузаштани сарҳади онҳо муқаррар карда мешавад. Дар ҳамин ҳол, дар Русия, Беларус ва Ӯзбакистон шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун субъектҳои махсуси ҷиноят мебошанд. Ҳамин тариқ, дар КҶ ФР [2] барои гузаштани сарҳад ҳангоми ворид шудан ба ФР аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки даромаданашон ба ФР дидаву дониста барои содиркунандаи ҷиноят бо асосҳои пешбининамудаи қонунгузории ФР иҷозат дода намешавад, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст. Барои содир намудани ин кирдор ҷазои ҳадди аксар аз озодӣ ба мӯҳлати то чор сол ва дар сурати мавҷуд будани аломатҳои баррасишаванда то шаш сол пешбинӣ шудааст.

Чунин муқарраротот дар КҶ Беларус [5] пешбинӣ шудааст. Мувофиқи он барои қасдан гузаштани ғайриқонунии сарҳади Беларус, ки аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, то ба охир расидани мӯҳлати манъи вуруд аз қаламрави Ҷумҳурии Беларус депорт шуда ё хориҷ карда шудааст, содир карда мешавад. Ба сифати сахттарин шакли ҷазо барои содир намудани чунин кирдорҳо маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шудааст, ки мӯҳлати ниҳоии он панҷ сол аст (агар аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад, то 7 сол).

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбакистон барои гузаштани ғайриқонунии сарҳад аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи вурудшавияш ба кишвар маҳдуд аст, ҷавобгарӣ пешбинӣ мекунад [11]. Барои ин амал аз панҷ то даҳ сол маҳрумият аз озодӣ пешбинӣ шудааст, ки ҳади санксияи он нисбат ба Русия ва Беларус сахттар аст. Ҳамин тавр, дар санксияи қ. 1 м. 223 КҶ Ӯзбакистон се навъи ҷазои алтернативӣ (ҷарима, маҳдуд кардан аз озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ) ва дар қ. 2-и он фақат як навъи ҷазо пешбинӣ шудааст – маҳрум сохтан аз озодӣ. Дар тафовут аз КҶ Ӯзбакистон, санксияҳои қ қ. 1 ва 2-и м. 371 КҶ Ҷумҳурии Беларус чор навъи алтернативии ҷазо (ҷарима, ҳабс, маҳдуд кардан аз озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ) ва дар қ. 3 бошад танҳо як навъи ҷазо – маҳрум сохтан аз озодӣ, муқаррар шудааст. Санксияҳои қ.қ. 1 ва 2-и м. 322–и Кодекси ҷиноятии Русия бошад, се намуди алтернативии ҷазо (ҷарима, меҳнати маҷбурӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ) ва дар қ. 3 моддаи баррасишаванда танҳо як навъи ҷазоро муқаррар кардааст – маҳрум сохтан аз озодӣ.

Дар қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои ИДМ ҳамчун субъекти махсуси ҷиноят шахсони мансабдор ҷудо карда мешаванд: шахсоне, ки бо истифода аз ваколатҳои хизматиашон ҷиноят содир кардаанд (Беларус); аз ҷониби шахси мансабдоре, ки сафараш ба хориҷа иҷозати махсусро талаб мекунад (Ӯзбакистон). Илова бар ин, шахсе, ки қаблан барои ҳамин гуна ҷиноят маҳкум шудааст (Беларус), ретсидивисти хавфнок (Ӯзбакистон) низ ба сифати субъекти махсус пешбинӣ шудааст.

Дар аксари кишварҳои ИДМ, аз ҷумла Тоҷикистон диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии баррасишаванда шакли гунаҳкориро мушаххас накардаанд. Истисноҳо Қазоқистон ва Беларус мебошанд, ки дар моддаҳои дахлдор нишонаи мустақими шакли қасдан гунаҳкорӣ доранд. Масалан, м. 392 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, истилоҳи «қасдан» –ро на танҳо дар таркиби ҷинояти мазкур, балки дар номгузории модда низ истифода намудааст.

Ҳамаи кишварҳои ИДМ ба сифати аломатҳои бандубастшавандаи ҷинояти баррасишаванда, чунин кирдорҳоро пешбинӣ намудаанд:

– аз ҷониби гурӯҳи шахсон (Гурҷистон ва Украина);

– аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ (Тоҷикистон, Русия, Арманистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Ӯзбакистон);

– гурӯҳи муташаккил (Тоҷикистон, Русия, Арманистон, Озарбойҷон, Беларус, Қирғизистон, Туркманистон);

– гурӯҳи ҷиноятпеша (Қазоқистон);

– бо истифодаи зӯроварӣ ё бо таҳдиди истифодаи он ё якҷоя бо зӯроварӣ (Тоҷикистон, Русия, Арманистон, Молдова, Озарбойҷон, Гурҷистон, Қазоқистон, Туркманистон);

– бо истифодаи зӯроварии ба ҳаёт ва саломатӣ хатарнок набуда ё бо таҳдиди истифодаи он нисбати шахси адои хизмати сарҳадӣ (Қирғизистон);

– такроран (Ӯзбакистон, Туркманистон, Украина);

– тавассути пешрафт (Ӯзбакистон);

– бо истифода аз силоҳ (Молдова);

– бо зӯроварӣ ё истифодаи силоҳ (Украина).

– аз ҷониби субъектҳои алоҳида: аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои ҳамин гуна ҷиноят маҳкум шудааст (Беларус); ретсидивисти хавфнок (Ӯзбакистон); шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд, ки аз кишвар депорт ё ихроҷ карда шудааст (Беларус); шахсе, ки вурудаш ба қаламрави Украина манъ аст (Украина); шахсе, ки ҳуқуқи ворид шуданаш ба кишвар маҳдуд шудааст (Ӯзбакистон), шахси мансабдоре, ки аз ваколатҳои расмӣ истифода мебарад (Беларус), шахси мансабдоре, ки сафараш ба хориҷа иҷозати махсусро талаб мекунад (Ӯзбакистон).

Дар мавриди ҷавобгарӣ барои содир кардани ин ҷиноят, дар ҳама кишварҳои ИДМ, ба истиснои Туркманистон, ҷарима ҳамчун шакли сабуктарин ва маҳрум кардан аз озодӣ ҳамчун сахттарин ҷазо пешбинӣ шудааст. Дар КҶ Туркманистон корҳои ислоҳӣ ҳамчун навъи сабуктарин ҷазо пешбинӣ шудааст. Ғайр аз ин навъҳои ҷазо, монанди меҳнати бемузд ба нафъи ҷамъият (Молдова), ҳабс кардан ва маҳдуд кардани озодӣ (Беларус).

Ҳамчун ҷазои сахттарин барои ин кирдор, маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати аз 3 то 5 сол (Ӯзбакистон ва Беларус) ва маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 10 то 15 сол (Ӯзбакистон ва Тоҷикистон) пешбинӣ шудааст. Ҷазои иловагӣ ба мӯҳлати муайян маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ва мусодираи молу мулк бо хориҷ намудани шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд аз қаламрави давлат ба мӯҳлати то 5 солро дар бар мегирад.

Асоси махсус барои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар моддаҳои дахлдори ҳамаи қонунҳои ҷиноятии кишварҳои ИДМ, ба истиснои Қазоқистон ва Украина пешбинӣ шудааст. Масалан, дар Тоҷикистон, инчунин дар Русия, Арманистон, Озарбойҷон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбакистон, ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки барои амалӣ намудани ҳуқуқи паноҳгоҳи сиёсӣ аз сарҳад убур мекунанд, дахл дорад. Дар Беларус ин асос васеътар аст: он инчунин ба шахсоне дахл дорад, ки барои мақоми гуреза ё ҳимояи иловагӣ ё паноҳгоҳ муроҷиат мекунанд. Дар Молдова гузаштани ғайриқонунии сарҳад ба шаҳрвандони хориҷие, ки бо мақсади амалӣ намудани ҳуқуқи паноҳандагӣ омадаанд, инчунин ба шахсоне, ки қурбонии хариду фурӯши одамон шудаанд, татбиқ намегардад. Дар Гурҷистон бошад, нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд, ки ба қаламрави он омадаанд ва тибқи Конститутсияи Гурҷистон ба мақомот дархости паноҳандагӣ мекунанд, дахл надорад, агар дар кирдори онҳо аломатҳои ҷинояти дигар мавҷуд набошад. Моддаи мазкур ба шахсоне низ дахл надорад, ки агар ин кирдорҳо аз ҷониби онҳо то гирифтани мақоми қурбонии хариду фурӯши одамон бо сабаби қурбонии хариду фурӯши одамон содир шуда бошанд.

Дар алоҳидагӣ, бояд дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои гузаштани ғайриқонунии сарҳад тибқи қонунгузории Украина таваққуф кард. Чунки диспозитсияи м. $332^2$ КҶ Украина [12] гузаштани ғайриқонунии сарҳади давлатиро ба чунин шакл пешбинӣ намудааст: «бо мақсади расонидани зарар ба манфиатҳои давлат ё шахсе, ки вурудаш ба қаламрави Украина манъ аст ё аз ҷониби намояндагони қувваҳои мусаллаҳ ё дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлати таҷовузкор бо ҳар роҳе берун аз ҳудуди қаламрави гузаргоҳҳои сарҳади давлатии Украина ё дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатии Украина бидуни ҳуҷҷатҳои дахлдор ё ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти бардурӯғ бо маҳрум сохтан то се сол ҷазо дода мешавад». Тафовути санксияи м. $332^2$ КҶ Украинаро дар муқоиса бо м. 335 КҶ ҶТ дида мебароем. Санксияҳои қ.қ. 1, 2 ва 3–и м. $332^2$ КҶ Украина фақат як навъи ҷазоро пешбинӣ намудааст – маҳрум сохтан аз озодӣ. Дар санксияҳои қ.қ. 1 ва 2–и м. 335 КҶ ҶТ қонунгузор ду намуди алтернативии ҷазоро (ҷарима, маҳрум сохтан аз озодӣ) ва дар қ. 3–и ҳамин модда бошад, се навъи алтернативии ҷазоро

муқаррар кардааст – маҳрум сохтан аз озодӣ, маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва машғул шудан ба фаъолияти муайян.

Ҳамин тариқ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии моддаҳои дахлдори Кодексҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, бо м. 335 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, кирдорҳоеро пешбинӣ намудаанд, ки аз аҳамияти қонуни ҷиноятии ҳифзи сарҳади давлатӣ аз гузаштани ғайриқонунӣ шаҳодат медиҳад. Зимни таҳлил ба мо равшан гардид, ки меъёрҳои баррасишавандаи дар қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ марбут ба ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ асосан ба ҳамдигар ва ба меъёрҳои якхелаи КҶ ҶТ ва инчунин ба қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1935/1961) шабоҳат доранд ва бевосита бо чунин тарз номгузорӣ карда шудаанд.

Дар ҳамин ҳол, дар қонунгузории бархе аз ин кишварҳо равишҳои муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои гузаштани ғайриқонунии сарҳади давлатӣ вуҷуд доранд, ки метавонанд барои такмили қонуни ҷиноятии амалкунандаи Тоҷикистон истифода шаванд:

1. Аз номгӯи аломатҳои бандубастшавандаи кодексҳои номбурда ба м. 335 КҶ ҶТ илова намудани чунин нишонаи бандубастшаванда, ба монанди меъёри КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон зарур аст: «дар асоси ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ё бо роҳи фиреб истифода бурдани ҳуҷҷатҳои ба шахсони сеюм тааллуқдошта».

2. Масъалаи ба мақсад мувофиқ будани дар қонунгузории дохилӣ инъикос намудани хавфи бештари ҷамъиятии кирдорҳои мавриди назар, аз ҷумла таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбакистон дар бораи «1) - аз ҷониби шахси мансабдоре, ки сафараш ба хориҷа иҷозати махсусро талаб мекунад; 2) - аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи воридшавияш ба Ҷумҳурии Ӯзбакистон бо тартиби муқарраргардида маҳдуд карда шудааст»–ро ба м. 335 КҶ ҶТ, ба манфиати кор аст.

3. Яке аз ҳолатҳои вазнинкунандаи ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ, ба монади шахси мансабдоре, ки аз ваколатҳои расмӣ истифода мебарад (Беларус) вобаста ба фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ асоснок мебуд, агар дар м. 335 КҶ ҶТ низ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ муқаррар карда мешуд.

4. Ба м. 335 КҶ ҶТ илова намудани меъёри м. $332^2$ КҶ Украина «бо мақсади расонидани зарар ба манфиатҳои давлат» ба андешаи мо мувофиқи мақсад аст. Пешбинӣ нагардидани аломати мазкур дар м. 335 КҶ ҶТ самаранокии мубориза бар зидди ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатиро коҳиш медиҳад.

5. Татбиқи таҷрибаи мусбати қонунгузорони Русия оид ба муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Гузаштан аз сарҳади давлатӣ ҳангоми ворид шудан ба Русия аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд, ки вуруди онҳо ба Русия барои баръало гунаҳгор будан, бо асосҳои пешбининамудаи қонунгузории ФР, иҷозат дода намешавад» баҳри пешгирӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди ин ҷиноят зарур мебошад.

6. Дар эзоҳи м. 335 КҶ ҶТ илова намудани таҷрибаи қонуни ҷиноятии ҷумҳуриҳои Молдова ва Гурҷистон дар таҳрири зерин мувофиқи мақсад мебошад: «Ба шахсоне, ки ҷабрдидаи (қурбонии) хариду фурӯши одамон шудаанд, татбиқ намегардад ё моддаи мазкур ба шахсоне низ дахл надорад, ки агар ин кирдорҳо аз ҷониби онҳо то гирифтани мақоми ҷабрдидаи (қурбонии) хариду фурӯши одамон бо сабаби ҷабрдидаи (қурбонии) хариду фурӯши одамон содир шуда бошанд».

**Адабиёт:**

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 №574. - Манбаи дастрасӣ: URL:http://mmk.tj/content/. (Санаи муроҷиат: 22.12.2022)

2. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996 №63 ФЗ. – Манбаи дастрасӣ: URL:http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/ (Санаи муроҷиат: 22.12.2022)

3. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года № 787-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 05.11.2022 г.) - Манбаи дастрасӣ: URL:https://continent-online.com/Document/?doc_id=30420353#pos=4;-213 (Санаи муроҷиат: 25.12.2022)

4. Уголовный кодекс Республики Армения от 18.04.2003 - Манбаи дастрасӣ: URL:http://www.parliament.am/legislation.php?ID=1349&lang=rus&sel=show (Санаи муроҷиат: 22.12.2022)

5. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 13.05.2022 г.) - Манбаи дастрасӣ: URL:https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30414984 (Санаи муроҷиат: 25.12.2022)

6. Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 № 226-V(с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.01.2023 г.) - Манбаи дастрасӣ: URL:https://online.zakon.kz/m/amp/document/NULL) .Санаи муроҷиат: 26.12.2022)

7. Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года № 127 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 09.08.2022 г.) - Манбаи дастрасӣ: URL:https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=36675065 (Санаи муроҷиат: 25.12.2022)

8. Уголовный кодекс Республики Молдова от 18 апреля 2002 года № 985-XV (с изменениями и дополнениями по состоянию на 29.07.2022 г.) - Манбаи дастрасӣ: URL:https://continent-online.com/Document/?doc_id=30394923#pos=4275;-97. (Санаи муроҷиат: 25.12.2022)

9. Уголовный кодекс Грузии от 22 июля 1999 года № 2287-вс. - Манбаи дастрасӣ: URL:http://www.matsne.gov.ge (Санаи муроҷиат: 22.12.2022)

10. Уголовный кодекс Туркменистана от 12 июня 1997 года № 222-I (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.04.2022 г.) - Манбаи дастрасӣ: URL:https://continent-online.com/Document/?doc_id=31295286 (Санаи муроҷиат: 25.12.2022)

11. Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года № 2012-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 19.10.2022 г.) - Манбаи дастрасӣ: URL:https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30421110 (Санаи муроҷиат: 25.12.2022)

12. Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 года № 2341-III (с изменениями и дополнениями по состоянию на 18.10.2022 г.) - Манбаи дастрасӣ: URL:https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30418109 (Санаи муроҷиат: 25.12.2022).

**АЛИЕВ Ф.Ш.**
**ALIYEV F. SH.**

мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

заведующий кафедрой коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции, кандидат юридических наук

head of the department of commercial law and anti-corruption of the Tajik State University of Commerce, candidate of legal sciences

Тел.: 917375555;
E-mail: falizoda2017@mail.ru

## НАҚШИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР САМТИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН

## РОЛЬ ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ В ПРАВОВОМ ВОСПИТАНИИ ГРАЖДАН

## THE ROLE OF LEGAL POLICY IN THE LEGAL EDUCATION OF CITIZENS

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи мазкур асосан сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон таҳлил гардидааст. Инчунин дар мақола масъалаи санадҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон баррасӣ гардидаанд.*
***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқ, қонун, давлат, сиёсати ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, қонуният, фарҳанги ҳуқуқӣ.*

***Аннотация.*** *В данной статье в основном анализируется правовая политика в сфере правового воспитания граждан. Также в статье рассматривается вопрос о правовых актах в сфере правового воспитания граждан.*

***Ключевые слова:*** *право, закон, государство, правовая политика, правовое воспитание, законность, правовая культура.*

***Annotatio.*** *This article mainly analyzes the legal policy in the field of legal education of citizens. The article also discusses the issue of legal acts in the field of legal education of citizens.*
***Keywords:*** *law, state, legal policy, legal education, legality, legal culture*

Сиёсати ҳуқуқӣ дар самти тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз роҳҳои самараноки болобурди донишҳо ва фаҳмишҳои ҳуқуқии онҳо маҳсуб меёбад. Дар адабиёти илмӣ сиёсати ҳуқуқӣ ба таври гуногун шарҳ дода мешавад, аз ҷумла он ҳамчун «фаъолияти мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятию сиёсӣ дар соҳаи таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо истифода аз чораҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, идеологӣ ва диг. ва бо мақсади инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад» [6, с. 727] баҳогузорӣ мегардад. Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода сиёсати ҳуқуқӣ «дар соҳаи тарбия ва таълими ҳуқуқӣ фаъолияти давлат, мақомоти он, муассисаҳои давлатӣ, институтҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва шаҳрвандонро оид ба ташаккул ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар доираи раванди танзимшавандаи тарбия ва таълим фаро мегирад, ки дар асоси донишҳои

мукаммали ҳуқуқӣ, чорабиниҳои ташкилӣ, иттилоотӣ, таълимӣ, методӣ ва қонунгузорӣ ба роҳ монда мешавад»[4, с. 40].

Сиёсати давлатии ҳуқуқӣ, инчунин ҳамчун «фаъолияти муназзам, илмӣ ва амалан асоснокёфтаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, инчунин намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва халқ мебошад, ки ба такмили унсурҳои танзимнамоии ҳуқуқии фаъолияти давлат ва ҷомеа нигаронида шуда, дорои хусусияти ояндабинӣ мебошанд»[1, с. 43].

Ба андешаи Ҷ. Саъдизода «сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон на танҳо «яке аз самтҳои» сиёсати ҳуқуқии давлат, балки яке аз намудҳои он аст. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон навъи мустақили сиёсати ҳуқуқӣ дар умум аст»[5, с.69].

Э.С. Насриддинзода мафҳуми сиёсати ҳуқуқиро дар самти фарҳанги ҳуқуқӣ чунин тавсиф менамояд: «Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи фарҳанги ҳуқуқӣ фаъолияти илман асоснок, муташаккил, мақсадноки давлат ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба муайян ва дар амал татбиқ намудани стратегия ва тактикаҳои инкишофи ҳуқуқӣ, таъсиси механизми самарабахши ҳуқуқӣ ва арзишӣ-иттилоотии танзим ва таъсири ҳуқуқӣ оид ба истифодаи арзишҳои фарҳангӣ-ҳуқуқӣ бо мақсади интиқол ва ташаккули онҳо тавассути василаҳои ҳуқуқии андеша, назария, барнома ва консепсияҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ мебошад»[3, с. 135]. «Дигар самти муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи инкишофи маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ин мукаммалгардонии низоми таҳсилоти ҳуқуқӣ ва тайёр намудани ҳуқуқшиносони босалоҳият ва кадрҳои педагогӣ дар соҳаи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад»[2, с. 45-55].

Дар замони истиқлолият асосҳои иҷтимоию сиёсии ташаккул ва рушди сиёсати ҳуқуқии шаҳрвандон дар соҳаи тарбияи ҳуқуқӣ дар асоси қонунҳо, қарорҳо, фармонҳо, фармоишҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии Президент, Ҳукумат ва дигар мақомоти идоракунии кишвар роҳандозӣ гардида ҷойгоҳ ва нақши шаҳрвандонро дар самти сиёсати давлатӣ-ҳуқуқии тарбияи ҳуқуқии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври қонунӣ асоснок менамоянд. Сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, таҳти № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, таҳти № 383 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, таҳти № 94 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти № 1005 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» амалӣ карда мешавад.

Ҳамзамон, шарти муҳимми ташаккули сиёсати ҳуқуқии давлат аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва самараноки давлатӣ дар соҳаи таълими ҳуқуқӣ ин амиқтар ошкор намудани ғояҳои илмӣ дар бораи моҳият, мундариҷа, робитаҳои табиии таълими ҳуқуқӣ бо қонун ва дигар унсурҳои низоми ҳуқуқии ҷомеаи муосир мебошад. Сарфи назар аз баҳои куллии мусбати санадҳо, дар маҷмуъ, бояд сатҳи пасти таҳияи мафҳумҳои категориявиро, ки барои муайян кардани самтҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи таълими ҳуқуқӣ истифода мешаванд, қайд намуд.

Дар амалисозии сиёсати ҳуқуқии шаҳрвандон фарҳанги ҳуқуқӣ ва иттилоотонии ҳуқуқии онҳо аҳамияти авалиндараҷа дорад. Дар ин самт аҳамияти асосӣ таълими ҳуқуқӣ дорад, ки он асосан ба таблиғ ва паҳн намудани донишҳои ҳуқуқӣ дар байни табақаҳои васеи аҳолӣ, иттилооти боэътимод дар бораи моҳият ва ҳудуди ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва дигар ҳуқуқҳо, инчунин вазифаҳои шаҳрвандон, роҳҳои татбиқ ва ҳимояи онҳо, салоҳият ва тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ равона гардидааст.

Ҳамчун ҷанбаҳои мусбати татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ афзоиши сифати таҳсилот, коҳиш ёфтани сатҳи бекорӣ байни шаҳрвандон, болоравии сатҳи ҷалби онҳо ба идоракунии давлатӣ, кам шудани синну соли шахсони мансабдор ва роҳбарони муассисаҳои гуногунро қайд намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили масъалаи нақши сиёсати ҳуқуқӣ дар ташаккули тарбияи ҳуқуқӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Сиёсати ҳуқуқӣ дар самти тарбияи ҳуқуқӣ дар асоси ҳамкории тамоми субъектҳое, ки ба низоми сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон дохил мешаванд, таҳия ва амалӣ карда шуда, дар

барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ, таълимот, консепсияҳои рушд, дар шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон, дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои расмии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ифода меёбад.

2. Сиёсати ҳуқуқӣ дар самти тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ буда, аз фаъолияти мақомоти давлатӣ, муасиссаҳои таълимӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони алоҳида дар асоси ғояҳо, ҳадафҳо, чораҳо ва усулҳо иборат мебошад, ки таҷдиди механизмҳои ҳуқуқиро таъмин менамояд ва ба татбиқи ҳуқуқ, манфиатҳо ва озодиҳои шаҳрвандон дар ҳамоҳангӣ бо вазифаҳои онҳо равона карда мешавад.

3. Сиёсати ҳуқуқиро дар самти ташаккули тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон субъектони зерин амалӣ месозанд: давлат, шахсони мансабдор, муасиссаҳои таълимӣ, ташкилотҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, шахсони алоҳида ва иттиҳодияҳои онҳо ва ғайра.

## АДАБИЁТ


1. Бухориева С.М. П**равовая политика Республики Таджикистан в сфере прав и свобод женщин** автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020.
2. Мечетин Ю.А. Проблемы правового воспитания в современной России // Профессиональное образование в современном мире. – № 3 (10). – 2013. – С. 45-55.
3. Насурдинов Э.С. Роль правовой политики в формировании правовой культуры в Республике Таджикистан. // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – № 1. – 2014. – С. 135.
4. Сативалдыев Р.Ш. Правовоспитательная политика: научные основы и проблемы модернизации // Вестник ТНУ. – 2014. – 3/4 (139). – С. 40.
5. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018.
6. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ . – Душанбе: Сино, 2018.

**ХОЛИНОВ Д.М.**
**KHOLINOV D.M.**

Докторант PHD Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистана

Докторанти PHD Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Doctoral student PHD Institute of Philosophy, Political Science and Law. A. Bahovaddinov National Academy of Sciences of Tajikistan
Тел.: 938530102

# К ВОПРОСУ О СУЩНОСТИ МЕЖДУНАРОДНОЙ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ФИЗИЧЕСКИХ ЛИЦ

# ОИД БА МОҲИЯТИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

# TO THE QUESTION OF THE ESSENCE OF INTERNATIONAL CRIMINAL LIABILITY OF INDIVIDUALS

***Аннотация.*** *В данной статье рассматривается сущность международной уголовной ответственности физических лиц и анализируются основные моменты развития индивидуальной ответственности в международном уголовном праве. Автор отмечает, что на международно-правовом уровне принцип личной ответственности впервые был включен в Устав Нюрнбергского процесса, а впоследствии использовался в деятельности международных уголовных судов и трибуналов.*

***Ключевые слова:*** *индивидуальная ответственность, международное уголовное право, международные суды и трибуналы, международные преступления, физические лица, возмещение ущерба.*

***Аннотатсия.*** *Мақолаи мазкур сухан дар бораи моҳияти ҷавобгарии ҷиноятии байналмилалии шахсони воқеӣ меравад ва нуктаҳои асосии рушди ҷавобгарии фардӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар сатҳи ҳуқуқии байналмилалӣ принсипи ҷавобгарии фардӣ аввалин маротиба дар Оинномаи Мурофиаи Нюрнберг дарҷ гардида, минбаъд дар фаъолияти судҳо ва трибуналҳои байналмилалии ҷиноятӣ истифода гардид.*

***Вожаҳои калидӣ****: ҷавобгарии фардӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ, судҳо ва трибуналҳои байналмилалӣ, ҷиноятҳои байналмилалӣ, шахсони воқеӣ, ҷуброни зарар.*

***Annotation.*** *The This article discusses the essence of the international criminal responsibility of individuals and analyzes the main points of the development of individual responsibility in international criminal law.*

*The author notes that at the international legal level, the principle of personal responsibility was first included in the Charter of the Nuremberg trials, and subsequently used in the activities of international criminal courts and tribunals.*

***Key words:*** *individual responsibility, international criminal law, international courts and tribunals, international crimes, individuals, compensation for damage.*

Под международной уголовной ответственностью физических лиц следует понимать ответственность за совершение преступлений, посягающих на нормы и основные принципы международного права. В этой связи уголовно-наказуемый характер таких преступлений предусматривается именно в международно-правовых нормах [5, С. 5].

Начиная говоря о принципа индивидуальной ответственности в международном уголовном праве, следует обратить внимание на идеи Гуго Гроция — общепризнанного основоположника принципа индивидуальной ответственности физических лиц. Он ставил перед собой задачу определить необходимых предпосылок для порождения международно-правовой ответственности государя или общества. В своем трактате «О праве войны и мира» Гроций, в частности, указывал: "В соответствии с тем, что нами вообще выяснено, зачинщики войны обязаны к возмещению за содеянное их силами или по их совету. Они ответственны за то, чем обычно сопровождается война, а также за все обычные действия, поскольку совершены они по их повелению или совету, и не встретили препятствий их стороны, когда для этого имелась возможность" [2, 186]. В целом идея Г. Гроция о том, что физические лица не должны оставаться без ответственными за совершаемые деяния во время войны заслуживает особого внимания и признания ее непосредственного влияния на развитие рассматриваемого института [3].

В современном международном праве основной формой осуществления международной ответственности признается охранительное правоотношение. То есть, ответственность в международном праве представляет собой правоотношение, с одной стороны, обязывающее субъекта-правонарушителя прекратить осуществление противоправных действий, ликвидировать или компенсировать последствия таких противоправных действий, а с другой - дающее пострадавшей стороне право требовать совершения указанных действий: прекратить совершение противоправных действий, ликвидировать или возместить ущерб. Следовательно правоотношение ответственности можно признать вторичным и охранительным по отношению первичного правоотношения. То есть правоотношение ответственности появляется автоматически и в независимости от воли сторон в случае нарушения одной из них своих обязанностей в первичном правоотношении. [5, С. 5]

По данному вопросу российский ученый-юрист, профессор международного права И. И. Лукашук очень точно определяет следующие основные цели ответственности:

1) сдерживание потенциального субъекта-правонарушителя;

2) побуждение такого субъекта выполнить принятые на себя международные обязательства надлежащим образом;

3) предоставление потерпевшему субъекту соответствующей компенсации за причиненный ему моральный или материальный ущерб;

4) превентивное влияние на будущее поведение субъектов в интересах добросовестного выполнения ими своих обязательств по международным договорам (pacta sunt servanda) [6, 179].

Ответственность является одним из древнейших институтов международного права. Ответственность возникает всякий раз, когда имеет место нарушение международного обязательства, независимо от его происхождения [7, 59].

Международное уголовное право, отрасль международного публичного права, представляет собой совокупность норм, предназначенных для запрещения определенной категории поведения, международных преступлений (геноцид, преступления против человечности, военные преступления, пытки и т. д.) и для наказания лиц, виновных в их совершении. Помимо того, что он разрешает или налагает на государства обязательство преследовать в судебном порядке и наказывать лиц, совершивших эти преступления, он регулирует ведение уголовных разбирательств в международных судах или трибуналах.

В современном международном праве все международные правонарушения принято делить собственно на международные преступления и деликты. Под последними понимаются совершаемые субъектом международного права действия (бездействие), представляющие нарушение международно-правовых норм и принципов или договорных обязательств [1, С. 57]. Ответственность за совершение международного деликта носит в основном характер двустороннего правоотношения, в силу которого делинквент ответственен только перед потерпевшим субъектом. Тогда как в случае международного

преступления возникают универсальные правоотношения ответственности, в силу которых правонарушитель несет ответственность не только перед одной потерпевшей стороной, но и перед всем международным сообществом.

Международные преступления – это деяния, наносящие серьезный ущерб ценностям, на которых основано международное сообщество, влекущие за собой уголовную ответственность лиц, их совершающих, по международному праву. Это определение включает военные преступления, преступления против человечности, преступление геноцида и преступление агрессии. В последние десятилетия уставы и судебная практика трибуналов по Югославии и Руанде, Международного уголовного суда и так называемых гибридные суды внесли значительный вклад в более точное определение составляющих их элементов.

Во многих случаях международные преступления совершаются отдельными лицами, выступающими в качестве органов государства. Однако это обстоятельство не освобождает указанных лиц от уголовной ответственности. В этих случаях деяния, представляющие собой международные преступления, действительно приписываются государству, органами которого являются данные лица, но «они остаются в некотором роде собственностью лиц, их совершивших, и международное право санкционирует их репрессии без учета качество государственных органов» [9, 354].

С другой стороны, когда деяние, составляющее международное преступление, присваивается государству, оно также представляет собой международное преступление соответствующего государства как нарушение императивного, обычного и/или договорного права и влечет за собой его международную ответственность, в соответствии с международным правом.

Международное уголовное право имеет дело с международными преступлениями отдельных лиц, то ест с теми нарушениями международного права, с которыми оно связывает международную уголовную ответственность личности и последующее применение уголовной санкции.

Таким образом, цель международного уголовного права состоит в защите тех интересов, которые являются общими для государств и которые они считают основополагающими для личности.

Основные черты современного общества – глобализация мирового экономического пространства и модернизация. Ход осуществления данных процессов напрямую зависит от образовательного сектора, в частности, высшего образования.

В соответствии с Конституцией Республики Таджикистан, одним из важнейших гарантированных социальных прав человека является право на образование. Длительное время образование было призвано обеспечивать в первую очередь потребности государства. Сегодня ситуация несколько изменилась. Образование, особенно высшее, начинает ориентироваться на удовлетворение личных потребностей человека, связанных с его духовным развитием и совершенствованием знаний. В корне изменилась ситуация с финансированием системы образования. Если ранее деятельность образовательных учреждений полностью финансировалась за счет средств бюджета, то сегодня в Таджикистане сложилась ситуация хронического бюджетного недофинансирования. Указанные обстоятельства обусловили динамичное включение образовательных учреждений в рыночные отношения.

Отношения между образовательным учреждением и гражданином, желающим получить образовательную услугу, облекаются в форму договора возмездного оказания образовательных услуг. Ни в одном из действующих нормативно-правовых актов не содержится понятия договора возмездного оказания образовательных услуг, как в сфере высшего профессионального образования, так и в сфере других вид образовании. В Законе РТ «Об образовании» 2000 г., Законе РТ «О высшем и послевузовском профессиональном образовании» 2009 г. и в гражданском Кодексе Республики Таджикистан (далее ГК РТ) упоминается только о договоре, которым должны оформляться отношения между образовательным учреждением и обучающи-

мися по поводу получения образования на платной основе[1]. Существующее законодательство в сфере возмездного оказания образовательных услуг явно отстает от потребностей гражданского оборота, несистематизировано, непоследовательно, носит фрагментарный характер. Последствиями правовой неопределенности в регулировании указанных общественных отношений являются проблемы как теоретического, так и правотворческого и правоприменительного характера. Требуют глубокого теоретического осмысления вопросы правовой природы отношений по возмездному оказанию образовательных услуг, анализа элементов правовой характеристики договора возмездного оказания образовательных услуг, выработки специального понятийного аппарата и закрепления его в законодательстве.

Как нам известно, основная цель деятельности вуза – оказание образовательных услуг. Данные услуги оказываются либо за счет средств государственного бюджета, либо за счет потребителей этих услуг (они могут оплачиваться и третьими лицами). Правовой формой оказания возмездных образовательных услуг является договор на оказание возмездных образовательных услуг. Право вуза на заключение данного договора закреплено в законодательство Республики Таджикистан.

Сегодня можно констатировать, что отношения, возникающие в сфере высшего профессионального образования, подвержены противоречивому разноотраслевому регулированию: гражданскому, финансовому, налоговому, административному, образовательному и т.д. Особая роль в регулировании образовательных отношений принадлежит гражданскому законодательству. По большому счету, от правильно выбранных гражданско-правовых конструкций зависит будущее не только высшего образования, но и общества в целом[2].

Правовой формой оказания возмездных образовательных услуг является договор на оказание образовательных услуг. Правовая природа данного договора вызывает много споров. Особенно остро вопрос об отраслевой принадлежности отношений между образовательным учреждением и обучающимся по поводу оказания возмездных образовательных услуг в рамках государственных образовательных стандартах встал после принятия второй части ГК РТ, которая отнесла к договору возмездных услуг и услуги по обучению[3]. Прежде всего, было обращено внимание на то, что в ст. 798 ГК РТ речь идет об обучении, а не об образовании, которая не являются тождественными понятиями. И в связи с этим был сделан вывод, что глава 37 ГК РТ применима только к договорам на обучение. Однако в литературе имеются иная точка зрения, что «обучение » и «образование», это взаимосвязанные понятия и одно вытекает из другого[4] .

К вопросу о правовой природе договора на оказание возмездных образовательных услуг среди ученых можно обнаружить далеко не однозначные подходы. Наиболее распространено мнение о том, что данный договор относится к гражданско-правовым договором.[5]

Отдельные ученые доказывают принадлежность правоотношений между обучающимся и образовательным учреждением, вытекающих из договора на оказание возмездных образовательных услуг, к педагогическому праву через отрицание их гражданско-правового характера. [6]

Другие авторы категорически отвергают гражданско-правовой характер отношений между студентом и вузом по оказанию образовательных услуг.[7] Е.А. Суханов, один из представителей данной позиции, следующим образом обосновывает отсутствие гражданско-правовой природы договора на оказание возмездных образовательных услуг. Если допустить существование договора на оказание возмездных образовательных услуг между студентом и вузом, то это означает, во первых, что на соответствующие отношения должен распространяться Закон о защите прав потребителей, согласно которого клиент может требовать, в том числе, возмещение морального вреда; во вторых, профессор, читающий лекцию с кафедры, - уже не профессор в первичном понимании этого слово, а всего лишь услугодатель; в-третьих, студента-двоечника уже нельзя отчислить административным актом-приказом ректора или декана, потому что это будет односторонним расторжением гражданско-правового договора, т.е. вузу придется в суде требовать расторжения договора, ссылаясь на его грубое нарушение другой стороной[8].

В юридической литературе можно обнаружить и другие подходы, которая отличается от всех предыдущей подходы. В.М. Сырых анализируя общие положения образовательного права как отрасль права приходит к убеждению, что образование за счет бюджета относится к социально-обеспечительным мерам государства[9].

Многие авторы считают, что договор об оказание образовательных услуг не относится к гражданско-правовым договором, а относится к административно-правовым договором [10]. На наш взгляд, договор на оказание возмездных образовательных услуг является сложным институтом, сочетающим элементы гражданско-правового и административно-правового регулирования, с преобладанием гражданско-правовых начал. Данный вывод подтверждается через анализ предмета договора и характера отношений, вытекающих из него. Специфика предмета договора на оказание возмездных образовательных услуг выражается в его неоднородном составе.

С учетом вышеизложенного можно предложить следующее определение договора на оказание возмездных образовательных услуг: по договору на оказанные возмездных образовательных услуг высший учебный заведения обязуется осуществлять образовательную деятельность в рамках государственного образовательного стандарта и по окончанию обучения выдать студенту диплом об образовании государственного образца, а студент обязуется выполнять учебный план специальности, посещать занятия и оплатить стоимость обучения. По мнению одних ученых, как Л.М. Волчанская договор возмездного оказания образовательных услуг в системе высшего профессионального образования - это допускаемое законом письменное соглашение образовательного учреждения высшего профессионального образования, физического и (или) юридического лица (лиц), а также студента (слушателя) об установлении правоотношения, в которое вступают они с целью получения последним высшего профессионального образования[11].

Из приведенного определения договора на оказанные возмездных образовательных услуг вытекает следующая его характеристика:

Существует мнение, что всякий договор по оказанию услуг является публичным договором[12]. Однако, на наш взгляд, договор возмездного оказания услуг в сфере высшего профессионального образования публичным не является по следующим основаниям. Статья 458 ГК РТ называет публичным договор, заключённый коммерческой организацией и устанавливающий ее обязанности по продаже товаров, выполнению работ или оказанию услуг, которые такая организация по характеру своей деятельности должна осуществлять в отношении каждого, кто к ней обратится. Договор об оказании образовательных услуг не содержит, по меньшей мере, двух признаков публичных договоров, а именно: он заключается некоммерческой организацией - образовательным учреждением и лишь с гражданами, успешно выдержавшими вступительные испытания и прошедшими по конкурсу среди претендентов на заключение договора.

Договор оказания возмездных образовательных услуг в сфере высшего профессионального образования является возмездным, так как заказчик выплачивает исполнителю вознаграждение за услуги, которые предоставляются обучающемуся. Возмездности договора, также подчеркивается в самом названии договора. В общем, платность высшего образования не является нарушением прав граждан на получение образования, так как у всех есть возможность на конкурсной основе с учетом своих способностей и знаний получить бесплатное высшее образование (п. 2 ст. 41 Конституция РТ). Однако это не отрицает финансирование образования за счет иных источников, в частности, за счет потребителей образовательной услуги (или их родителей, третьих лиц).

Необходимо отметит, что в зарубежных государствах отсутствует единообразие по вопросу возмездности высшего образования. Так, например, во Франции, Швеции, ФРГ (на первой ступени образования- бакалавриат - магистратура), Великобритании – высшее образование бесплатное; В США, Японии – платное. При этом оплата за образование осуществляется за счет средств обучающихся, но и за счет других источников, например, таких как грантов, кредитов, пожертвований[13].

Параллельно остановимся и на образовательных услугах, оказываемых за счет бюджетных средств. Вопрос о правовой природе данных отношений в юридической литературе является дискуссионным. Однако прежде чем определиться по данной проблеме, необходимо ответить на вопрос: возможна ли в принципе конструкция обязательств по безвозмездному оказанию «услуг в узком смысле слова», или безвозмездные услуги не облекаются в правовую форму. Большинство договоров предусмотренных ГК РТ могут быть как возмездными, так и безвозмездными. Однако только в одном названии договора - «договор на оказание возмездных услуг», - законодатель обозначил признак возмездности. Большинство авторов, затрагивающих

вопрос о праве на существование безвозмездного договора на оказание услуг, склоняется к тому, что данный договор может быть и безвозмездным [14]. Необходимо отметить, что образовательные услуги, осуществляемые вузом за счет бюджетных средств, являются безвозмездными для потребителей услуг, но для вуза они являются возмездными (затраты на обучение студентов финансирует государство).

Договор оказания возмездных образовательных услуг в сфере высшего профессионального образования является двухсторонним.

Сторонами договора возмездного оказания образовательных услуг являются: государственное либо негосударственное образовательное учреждение высшего профессионального образования - исполнитель, студент или слушатель - обучающийся, а также физическое или юридическое лицо - заказчик.

С учетом требований п. 1 ст. 187 ГК РТ договор возмездного оказания образовательных услуг заключается в простой письменной форме. Несоблюдение этой формы не влечет недействительности договора. В соответствии с п. 1 ст. 187 ГК РТ это обстоятельство лишает стороны права в случае спора ссылаться в подтверждение наличия договора и. его условий на свидетельские показания, но не лишает их права приводить письменные и другие доказательства. Такими доказательствами могут служить: заявление абитуриента о приеме в ВУЗ по договору, приказ ВУЗа о зачислении, ведомости о сдаче зачетов и экзаменов, бухгалтерские документы об оплате образовательных услуг и т.д.

Договор возмездного оказания образовательных услуг в системе высшего профессионального образования является срочным договором. Срочные договоры предполагают возникновение длящегося обязательства, исполнение которого протекает в определённом временном интервале. Для срочных договоров возможен такой способ прекращения обязательств, как отказ от договора, о чём будет рассказано в третьей главе.

Не вызывает сомнений, что договор возмездного оказания образовательных услуг относится к каузальным сделкам, то есть его действительность зависит от наличия основания сделки [15] – получения образования. Указанный юридический результат должен быть достигнут надлежащим исполнением договора.

Таким образом, договор возмездного оказания образовательных услуг в системе высшего профессионального образования является возмездным, двухсторонним, заключается в простой письменной форме, срочный и каузальный договором.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» от 17.05.2004; Закон Республики Таджикистан «О высшем и послевузовском профессиональном образовании» от 2009 // Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. ADLIA. Версия 6.00; Гражданский Кодекс Республики Таджикистан. Душанбе, 2010.
2. Кванина В.В. Гражданско-правовое регулирование отношений в сфере высшего профессионального образования: Монография. - Москва: Изд. «Готика», 2005. ----- С.307.
3. Гражданский Кодекс Республики Таджикистан. Душанбе, 2010.
4. Шкатулла В.И. Образовательное право: Учебник для вузов. -С. 39–40; Запесоцкий А. Платное образование – не услуга, студент – не клиент // Высшее образование в России. - 2002. - № 2. - С. 48–49.
5. Волчанская Л.М. Договор возмездного оказания образовательных услуг: правовое регулирование, понятие и содержание. Волгоград, 2002. С. 24; Мурзин Д.В. Моделирование безвозмездного обязательства по оказанию услуг // Цивилистические записки: межвузовский сборник научных трудов. Вып. 2. - Екатеринбург. 2002. - С.69.
6. Запесоцкий А. Платное образование – не услуга, студент – не клиент // Высшее образование в России. - 2002. - № 2. -С. 48–49; Шкатулла В.И. Образовательное право: учебник для вузов. - М. 2001. - С. 39-40.
7. Пасешникова Л. А. Образовательные правоотношения: соотношение ГК РФ и специального законодательства / Тезисы VI Международной научно-практической конференции «Проблемы и перспективы законодательства об образовании и его кодификации». - М.: Изд-во РУДН, 2001. -С. 47–48.

8. Суханов Е.А. Осторожно: гражданско-правовые конструкции / Законодательство. - 2003. - № 9. - С. 60-65.
9. Сырых В.М. Введение в теорию образовательного права. - М. 2002. 134
10. Барабанова С. В. Государственное регулирование высшего образования в Российской Федерации: административно-правовые вопросы. - Казань, 2004. - С. 74
11. Волчанская Л.М. Договор возмездного оказания образовательных услуг: правовое регулирование, понятие и содержание. - Волгоград, 2002. - С. 26.
12. Завидов Б.Д. Договорное право России. - М.: Издательство «Лига-Разум», 1998. - - С.216.
13. Кванина В.В. Гражданско-правовое регулирование отношений в сфере высшего профессионального образования: Монография. - Москва: Изд. «Готика», 2005. - С.317.
14. См., например, Шешенин Е.Д. О нормативном регулировании отношений по оказанию услуг / Актуальные проблемы гражданского права. Межвузовский сборник научных трудов. – Свердловск, 1986. - С. 93; Щуковская О.М. Правовое регулирование деятельности по оказанию правовых услуг. Диссертация на соискание ученой степени к.ю. н. – СПб., 2001. - С. 53 и др.
15. См.: Гражданское право: Учебник. Ч. 1 / Под ред. А.П. Сергеева и Ю.К. Толстого. - М., 1998. – С. 234.

**БОЛТУЕВА М.Ё.**
**BOLTUEVA M.E.**

унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон

соискатель отдела частного права Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова НАНТ

Applicant of the Department of Private Law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov NAST

E-mail: mboltueva89@mail.ru
Тел: (92)-768-00-36

## БАРНОМАИ КОМПЮТЕРӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ

## КОМПЬЮТЕРНАЯ ПРОГРАММА КАК ОБЪЕКТ ПРАВА ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ СОБСТВЕННОСТИ

## COMPUTER PROGRAM AS AN OBJECT OF INTELLECTUAL PROPERTY RIGHT

***Аннотатсия.*** *Дар мақолаи пешниҳодшуда масъалаи барномаи компютерӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ тибқи нишондоди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст. Муаллиф бо таҳлил намудани асарҳои олимони соҳа ба пажуҳиши масъалаи барномаи компютерӣ чун объекти ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ҳаракат намудааст. Дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, муаммои ҳифзи ҳуқуқии таъминоти барномавиро ҳоло бисёр муҳаққиқон дар дараҷаи қонунгузорӣ ҳалшуда меҳисобанд, масъалаи қабулпазирии ҳуқуқи муаллиф нисбат ба барномаҳои компютерӣ дар олами илм боиси шубҳа намегардад. Новобаста аз он, ки муаллифони ҷудогона ҳанӯз ба масъалаи имконпазирии қабули меъёри ҳифзи ҳуқуқи муаллиф оид ба барнома барои МЭҲ муроҷиат менамоянд, баҳси асосиро имрӯзҳо дар атрофи андоза ва таркиби салоҳияти муаллифон ба барномаҳои компютерӣ идома медиҳанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Барномаи компютерӣ, моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи муаллифӣ, патент, ҳуқуқи патентӣ, патентпазирӣ, маҳсулоти барномавӣ, объекти патентонӣ, алгоритмҳо, ихтироот, таъминоти барномавӣ, таъминоти компютерӣ*

***Аннотация.*** *В представленной статье рассматривается вопрос о компьютерной программе как объекта интеллектуальной собственности в соответствии с законодательством Республики Таджикистан. В связи с анализом работ ученых в данной области автором в качестве объекта права интеллектуальной собственности был выбран компьютерная программа. В результате анализа научных источников проблема правовой охраны программ в настоящее время рассматривается многими исследователями на законодательном уровне, и вопрос о приемлемости авторского права в отношении компьютерной программы в мире науки не вызывает сомнений. Хотя отдельные авторы до сих пор обращаются к вопросу о возможности принятия закона охраны авторских прав на программы для ЭВМ, основная дискуссия сегодня продолжается по поводу размера и состава авторских полномочий в отношении компьютерной программы.*

***Ключевые слова:*** *Компьютерная программа, интеллектуальная собственность, авторское право, патент, патентное право, патентоспособность, программные продукты,*

*объект патента, алгоритмы, изобретения, программное обеспечение, компьютерное обеспечение.*

***Annotation.*** *The presented article deals with the issue of a computer program as an object of intellectual property in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan. In connection with the analysis of the works of scientists in this field, the author chose a computer program as an object of intellectual property rights. As a result of the analysis of scientific sources, the problem of legal protection of programs is currently being considered by many researchers at the legislative level, and the issue of the acceptability of copyright in relation to a computer program in the world of science is beyond doubt. Although individual authors are still addressing the issue of the possibility of adopting a law for the protection of copyright for computer programs, the main discussion today continues about the size and composition of copyright in relation to a computer program.*

***Key words:*** *Computer program, intellectual property, copyright, patent, patent law, patentability, software products, patent object, algorithms, inventions, software, computer software.*

Ба таҳлили категорияи «барномаи компютерӣ» шуруъ карда, бояд қайд намуд, ки ҳоло қонунгузор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд, ки ба истифодаи истилоҳи «барнома барои МЭҲ» бартарият медиҳад, ба назари мо дуруст мебуд агар истилоҳи «барномаи компютерӣ» кор фармуда шавад.

Чунин муносибат ба он асос меёбад, ки ҳоло амалан маҳз истилоҳи «барномаи компютерӣ» нисбатан замонавию маъмултар аст, аз ҷумла дар асноди ҳуқуқи байналмилалӣ. Истилоҳи қонунан ҷорикардашудаи «барнома барои МЭҲ» маънаван кӯҳна шудааст ва ба анъанаву воқеияти замон мувофиқат надорад. Он ҳоло қариб тамоман аз истифода мондаасту асосан аз тарафи муҳандисони электроникаи рақамӣ истифода мегардад [8, с. 34]. Вай ҳамчун истилоҳи дар ҳуҷҷатҳои юридикӣ ва ба мафҳуми таърихӣ барои ифодаи техникаи компютерии солҳои 1940-1980 ва дастгоҳҳои ҳисоббарори калон истифода мешавад, то ки техникаи фардӣ фарқ карда шавад. Мошини ҳисоббарори электронӣ чун истифодаи қисмҳои электронӣ ба сифати ҷузъҳои функсионалӣ фаҳмида мешавад. Вале, компютер аз ҳисоби иваз шудани қисмҳои механикӣ, ҳаракати электронҳо, фотонҳо ё манфиати дигар рӯйдодҳои табиӣ кор карда, он метавонад бо принсипҳои дигар низ сохта шавад- вай механикӣ, биологӣ, оптикӣ, квантӣ ва ғайра буда метавонад. Ба ғайр аз ин, тибқи тарзи кораш мошини ҳисоббарорӣ мумкин аст, рақамӣ (МҲР) ва қиёсӣ (аналогӣ; МҲҚ) шуда метавонад [3, с. 26]. Зиёда аз ин тибқи муқаррароте, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (1998) «барнома дар бораи МЭҲ маҷмуи маълумоту супоришҳои дар шакли объективӣ манзуршудаест, ки барои кори МЭҲ ва дигар дастгоҳҳои компютерӣ ва ғайра муқаррар гардидааст». Дар ин маврид қонунгузор дар меъёри мазкур корбасти истилоҳи «барнома барои МЭҲ»-ро ба дастгоҳҳои компютерӣ низ интишор дода, бо ҳамин эътироф кардааст, ки истилоҳи «барномаи компютерӣ» моҳияти объектро амиқтар ифода менамояд. Анъанаи ивази истилоҳи «барномаҳо барои МЭҲ» ба «барномаи компютерӣ» дар адабиёти ҳуқуқшиносии муосир равшан ба назар мерасад.

Дар Директиваи Шӯрои Ҷамъияти Аврупо дар бораи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ аз 14-уми майи соли 1941 низ истилоҳи «барномаи компютерӣ» истифода шудааст [4, с. 68].

Қайд бояд кард, ки истилоҳот бо ҳисоби болоравии доимии моҳияти ифодагари объекти истилоҳ рушд меёбад. Масалан, моҳияти объект ба он истилоҳоте таъсир мерасонад, ки мо истифода мебарем. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки барои таҳкими боястаи системаи воситаҳо (низом) дастгоҳи махсуси дурусти истилоҳот чун яке аз усулҳои таҳкими унсурҳои ҳуқуқ зарур аст. Барномаҳо барои МЭҲ тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти зеҳниест, ки аз тарафи қонун ҳифз карда мешавад. Нуктаи мазкур дар моддаи 1236, қисми сеюми КМҶТ мустаҳкам карда шудааст. Маҳз бинобар он баррасии мундариҷа ва ҳаҷми чунин категорияи ҳуқуқӣ, чун моликияти зеҳнӣ барои таҳқиқоти мазкур аҳамияти муҳим дорад. Ҳамин тавр, истилоҳи «моликияти зеҳнӣ» бори аввал бо қонуни ИҶШС «Дар бораи моликият дар ИҶШС» аз 06-уми марти соли 1990 ворид карда шуда буд ва дар он гуфта шудааст, ки «муносибат оид ба бунёд ва истифодаи ихтироот, кашфиёт, осори илмӣ, адабӣ, санъат ва объектҳои дигари моликияти зеҳнӣ бо қонуни махсуси Иттиҳоди Шӯравӣ, ҷумҳуриҳои иттифоқию автономӣ (мухтор) танзим карда мешавад»(моддаи 2). Мазмуни мафҳуми «моликияти зеҳнӣ» дар навбати худ дар

асоси Конвентсияи Стогҳолм (1967), ки Ташкилоти Умумиҷаҳонии Моликияти Зеҳниро(ТУМЗ) таъсис дода буд, гирифта шудааст. Аз ҳамин сана мафҳуми зайл дар ҳуқуқи байналмилалӣ мустаҳкам ҷой гирифтааст.

Тибқи моддаи 2 Конвентсияи Стогҳолм зери мафҳуми моликияти зеҳнӣ ҳуқуқе фаҳмида мешавад, ки мансуби осори адабӣ, бадеӣ ва илмӣ бошанд: фаъолияти иҷроияи артистон, сабти овоз, барномаҳои радиову телевизион; ихтироъкорӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ; кашфиёти илмӣ; намунаҳои истеҳсолӣ; нишонаҳои молӣ, нишонаҳои хизматрасонӣ, номи фирмаҳо ва ифодаҳои тиҷоратӣ; ҳифзи зидди рақобати носолим, ҳамчунин тамоми ҳуқуқҳои дигари дахлдори фаъолияти зеҳнии соҳаҳои истеҳсолӣ, илмӣ, адабӣ ва бадеӣ ва ғайра Ҷумҳурии Тоҷикистон низ иштирокдори конвенсияи мазкур аст [1].

Ин ҷо бояд қайд кард, ки зимни ташаккули қонуни давлатҳои собиқ
Иттиҳоди Шӯравӣ дар бораи ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, дар доираҳои илмӣ оид ба худи истилоҳи «моликияти зеҳнӣ» мубоҳисаҳо ба миён омада буд. Масалан, профессор Дозортсев В. А. қайд мекунад, ки «истилоҳи мавриди баррасӣ- тимсоли адабист, он формулаи юридикӣ нест, истифодаи истилоҳи дигар-«ҳуқуқи мутлақ» беҳтар аст» [5, с. 104].

Таҷриба нишон дод, ки истилоҳи «моликияти зеҳнӣ» ҳоло чӣ миёни олимони ҳуқуқшиноси мамолики пасошӯравӣ ва чӣ дар қонунгузории дохили Тоҷикистон мавқеи устувор дорад.

Таъкидаш муҳим аст, ки то ҳоло муқаррароти умумии барномаҳои компютерӣ қабул нагардидааст, ҳамчунин истилоҳи ягонаи мафҳуми мазкур мавҷуд нест. Масалан, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳоти зерин роиҷанд: «барномаҳо барои МЭҲ», «барномаи компютерӣ», «комплекси барномавӣ», «таъминоти барномавӣ».

Қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «барномаҳо барои МЭҲ»-ро истифода бурда, онро чун маҷмуи маълумоту супоришоти дар шакли объективӣ пешниҳоднамудае манзур менамояд, ки бо мақсади ба даст овардани натиҷаи муайяне барои амалкарди МЭҲ ва дигар дастгоҳҳои компютерӣ муқаррар карда шудааст. Дар навбати худ, дар дастурамалҳои намунавии аз тарафи ТУМЗ коркадашуда барои бунёди низоми ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ соли 1978 зери мафҳуми барнома «шабакаи фармондиҳие ба шакли қироати мошинӣ мошинҳои имкони таҳлилгаридоштаро водор менамояд, ки вазифаҳои муайянеро иҷро кунад, масъалаҳоро ҳал намояд ё ба натиҷае расад».

Муқаррароти нишондодашуда аз он ҷиҳат ба ҳам монананд, ки ҷиҳати функсионалии (амалкардии) таъиноти барномаҳои компютериро қайд мекунад.

Агар ба адабиёти илмӣ муроҷиат намоем, метавон муқаррароти «Луғати калони энсиклопедӣ»-ро мисол овард: «барномаи компютерӣ- тафсири алгоритми ҳалли масоили ба забони барномасозӣ дода шуда, мансуби мошинаи ҳисоббарор аст».

Баробари истилоҳи «барномаи компютерӣ» дар амал мафҳуми «таъминоти компютерӣ» васеъ истифода мешавад. Таъминоти барномавӣ дар худ ба ҷуз барномаҳо инчунин маводи ёрирасони барои корҳои барномаҳои компютерӣ даркориро низ дарбар мегирад. Ба он маънидоди барномаҳо, дастурҳо, тавзеҳот ва ғайра шомиланд. Унсури марказии таъминоти барномавӣ ба ҳар ҳолат худи барнома мебошад, бинобар он муаммоҳои ҳифзи таъминоти барномавӣ аксаран бо ҳифзи худи барномаҳо алоқаманд аст.

Барои ҳарчӣ аниқтар фаҳмидани асосҳои ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ ва ҷузъҳои иловагии онҳо, ҳамчунин баҳри таҳлили муқоисавии минбаъда бо ҳифзи пешниҳодкардаи онҳо дар як қатор мамолики хориҷӣ, ба мафҳумҳои матни ибтидоӣ (аслӣ) ва рамзи объектӣ муроҷиат кардан зарур аст. Масалан, дар марҳилаи ҳозира барномаро чун маҷмуи маълумотҳову фармонҳои дар намуди рамз пешниҳоднамудае, ки дар шакли хондашавандаи барои барномасоз фаҳмо тасаввур кардан мумкин аст. Дар ин шакл барнома мисли матни ибтидоӣ манзур гашта, дар доираҳои илмӣ нуқтаи назаре арзи вуҷуд дорад, ки чун анъана барнома маҳз дар шакли мани ибтидоӣ ба вазифаи объекти ҳифзи ҳуқуқи муаллиф баромад мекунад, зеро асар, чун қоида дар шакли барои одам фаҳмову шууррас ифода мегардад [2].

Аз матни ибтидоӣ барномаро ба рамзи объекте бояд гузаронд, ки барои ба рақамҳо такя карда сарфаҳм рафтани таҳлил кардани компютер мувофиқ бошад. Раванди мазкури интиқол компилятсия ва баръакси онро декомпилятсия меноманд.

Азбаски, таъиноти барнома дар амалкарди он, яъне на дар таъсир ба тафаккур ва эҳсосоти хонанда, балки дар татбиқи компютерии баъзе равандҳо ифода мегардад, Л. Кравец қайд мекунад, ки он амали мустақими матни ибтидоии барнома дар табдили дастури барнома-

соз ба барномаи объектӣ таҷассум меёбад, ки дар шакли пайдарҳамии сифрҳо ва воҳидҳо ифода мегардад [10, с. 33].

Ба ҳамин минвол, муаммои ҳифзи ҳуқуқии таъминоти барномавиро ҳоло бисёр муҳаққиқон дар дараҷаи қонунгузорӣ ҳалшуда меҳисобанд, масъалаи қабулпазирии ҳуқуқи муаллиф нисбат ба барномаҳои компютерӣ дар олами илм боиси шубҳа намегардад [9, с. 12]. Новобаста аз он, ки муаллифони ҷудогона ҳанӯз ба масъалаи имконпазирии қабули меъёри ҳифзи ҳуқуқи муаллиф оид ба барнома барои МЭҲ муроҷиат менамоянд, баҳси асосиро имрӯзҳо дар атрофи андоза ва таркиби салоҳияти муаллифон ба барномаҳои компютерӣ идома медиҳанд [7, с. 269].

## Рӯйхати адабиёти истифодашуда:


1. Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи СБМЗ (Созмони байналмилалии моликияти зеҳнӣ) аз соли 1967 ро 14 феврали соли 1994. – www.wipo.int. (давраи муроҷиат: 20.02.2022 с.)

2. Бондарчук Ю.М. Особенности применения критериев охраноспособности к программе для ЭВМ как объекта авторского права: https://cyberleninka.ru/ (давраи муроҷат: 25.11.2021).

3. Быков С.Н. Система гражданско-правовых средств охраны компьютерных программ. Дис… к.ю.н. - М.: 2013. – 228 с.

4. Директива Совета ЕЭС от 14 мая 1991 года о правовой охране компьютерных программ (91/250/ЕЭС) // Журнал международного частного права. - 1994. - № 4. - С. 68-76.

5. Дозорцев В.А. Права на результаты интеллектуальной деятельности: Авторское право. Патентное право. Другие исключительные права. - М.: ДЕ-ЮРЕ, 1994. – 624 с.

6. Долаева А.Р., Чистова В.А. Актуальные вопросы правового регулирования авторских прав программ для ЭВМ / Молодой исследователь Дона (ДГТУ). – Ростов на Дону: № 5 (20). 2019. – С.117 – 120.

7. Исмоилов Ш.М. Правовые аспекты интеллектуальной собственности / Сборник избранных статьей. – Душанбе: 2021. – С.269-276.

8. Козубекно Ю.В. О понятии «программ для ЭВМ» и информации как родовом понятии по отношению к программам для ЭВМ // Электронная приложение к Российскому юридическому журналу. – М.: №2, 2015. – С.34 – 37.

9. Корнеев В.А. Программы для ЭВМ, базы данных и топологии интегральных микросхем как- объекты интеллектуальных прав. - М.: Статут, 2010.- 165 с.

10. Кравец Л. Трансформация авторских прав в современных информационных сетях.// Интеллектуальная собственность. - 1998. -№ 4. - С. 33-40.

**НАИМОВ А.Р.**
**NAIMOV A.R.**

Преподаватель кафедры физического воспитания и методики его преподавания государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.

Teacher of the deparment of physical education and methods of its teaching Abuabdulloh Rudaki State University.

Тел: (992)985-09-88-83

## ГУЗАРИШ БА ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ТАВАССУТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ДАВЛАТДОРИИ МУОСИР

## ПЕРЕХОД К ЭЛЕКТРОННОМУ ПРАВИТЕЛЬСТВУ ПРИ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЯХ В СОВРЕМЕННОЕ ВЛАСТВОВАНИЕ

## THE TRANSITION TO ELECTRONIC GOVERNMENT WITH INFORMATION TECHNOLOGIES IN MODERN IMPACT

*Дар ин мақола ҷанбаҳои мухталифи технологияҳои иттилотию коммуникатсионӣ баррасӣ гардида, гузариш ба ҳукумати электронӣ дар раванди давлатдории муосир тавассути ин технологияҳо мавриди таваҷуҳ қарор дода шудааст. Зеро шабакаи ҷаҳонии интернет тамоми сайёраро фаро гирифта, низоми ягонаи шабакавиро ба вуҷуд овардааст. Ва дар ин раванд таъсиси ҳукумати электронӣ яке аз роҳҳои асосии бурунрафт аз бунбастиҳои гуногун ба шумор меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳукумати электронӣ; технологияи иттилоотӣ; технологияи коммуникатсионӣ; интернет; компютер; ВАО.*

*В статье рассматривается различных своиства информационных и коммуникационных технологии, исследоваться переход к электронное правительство на процесс современное властвование при этих технологии. Потому что глобальная сеть интернета распространяться все планеты, существования единственная система сеть. И в этои процесс формировать электронное правительство считаться один из основного входного пути из различного безвыходного положения.*

***Ключевые слова:*** *электронное правительство; информационная технология; коммуникационная технология; интернет; компьютер; СМИ.*

*This article examines the different properties of information and communication technologies, explore the transition to e-government on the process of modern government with these technologies. Because the global Internet network spread all the planet, the existence of a single network system. And in this process to form an electronic government to be considered one of the main input routes from various hopeless positions.*

***Key words:*** *electronic government; information technology; communication technology; Internet; computer; the media.*

Дар замони муосир рушди босуръати техника ва технологияи имрӯза зиндагии башарро куллан тағйир дода, муносибатҳои ҷамъиятии сифатан навро ба вуҷуд овард. Ҳама рӯза даҳҳо техникаҳои ҷадиди замонавӣ кашф ва ба истифода дода шуда, равишҳои корӣ оҳиста-оҳиста аз шакли қоғазӣ ба шакли электронӣ мегузаранд. Дар ин раванд, кашфи компютер, ихтироъ ва роҳандозии шабакаи глобалии интернет аз нодиртарин дастовардҳои асри гузашта ба шумор

меравад. Вале дар асри XXI ин раванд, яъне электронигардонӣ якбора ба суръати баланд рушд намуда, фаъолият ва зиндагии инсонро ба маротиб осону дигаргун сохт. Он ба инкишофи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири мусби расонида, тараққи ёфтани соҳаро дар ҷаҳон хеле боло бурд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ ҳамқадам бо давлатҳои дигари олам паии тараққи ва рушдёбии соҳа басо тадбирҳои муҳим андешида истодааст. Аз ин рӯ, бо роҳандози гардидани барномаҳои мушаххаси давлати онҳо сол аз сол ба натиҷаи дилхоҳу назаррас ноил мегарданд. Имруз дар Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи мазкур кабул гардида, масъулин паии татбиқи онҳо ҳамеша ҷаҳду талош мекунанд ва камар мебанданд. [4,100-110с]

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, таҳти №1174 консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар ҷумҳури барои солҳои 2012-2020 бо мақсади амалисозии Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилооти ва коммуникатсиони барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, таҳти №468 Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсиони дар Тоҷикистон қабул гардид. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии кишвар бошад, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, таҳти №451 тасдиқ шуда, Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии мамлакат бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 таҳти №1713 қабул гардид.

Аз ин фармону қарорҳои ҳаётан муҳимми Президенти кишвар маълум мегардад, ки иҷроиши «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Точикистон» яке аз системаҳои муҳимтарини коргузории электронии ба хизматрасониҳои давлати маҳдуд нагардида, балки ба сохтани «ҷомеаи иттилоотӣ», системаи иттилоотӣ дар мамлакат ва ҳамин гуна шакл гирифтани дигар сохторҳои ҳукумати дар манотиҳи мухталифи ҷумҳури замина гузошта метавонанд. Дар баробари инкишофи технологияҳои иттилооти имконияти ташкили кори самараноктари сохторҳои давлати, хусусан дар соҳаи хизматрасони ба шаҳрвандон ба вуҷуд омад ва аз ин ҷо вожаи «ҳукумати электронӣ» мавқеи иҷтимои паидо кард. Ҳукумати электронӣ бартариҳои ниҳоят зиёд дошта, дар маҷмуъ коргузориҳои муосирро ба миён меорад, ки дар кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон ҳукумат гузаштан ба ин навъи замонавии хизматрасониро яке аз ҳадафҳои асоси қарор додааст. [2,200-201с]

Ҳукумати электронӣ низоми ягонаест, ки тамоми мақомоти давлатиро муттаҳид карда, ба онҳо шароит фароҳам меорад, то бо истифода аз шабакаи компютерӣ гардиши ҳуҷҷатҳои электронии байни идоравиро таъмин намоянд. Дар асоси он ба шахсони ҳуқуқию воқеи хизматрасониҳои давлатиро пешниҳод созанд ё арзу шикоятҳои мардумро барраси кунанд. Аз ин рӯ, дар меҳвари бунёдии консепсияи мазкур иттилоот қарор дошта, самти бахши тариқи иттилоот яке ҳадафҳои аслии он ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, системаи ҳукумати электронӣ яке аз унсурҳои асосии бунёди ҷомеаи муосир ва идоракунии давлати дар мамлакатҳои мутараққи маҳсуб ёфта, имконияти гирифтани посуххоро ба суолҳои муҳими иҷтимоӣ бидуни ташвишдиҳии хизматчиёни давлати пешкаш менамояд. Ҳукумати электрони кулли монеаҳои имконпазири хусусияти маъмуридоштаро ҳангоми бадаст ории хизматрасониҳои лозима бартараф сохта, ҳамзамон дастрасии мардумро ба иттилооти расми осон мегардонад.

Ҳукумати электрони як ҷузъи ҷомеаи иттилооти буда, дар айни замон дар арафаи шаклгирии умумиҷаҳони қарор дорад. Дар шароите, ки интернет ба воситаи муҳими алтернативии пахши иттилоот зуҳур кардааст, ки масъала аз ҳар ҷиҳат басо аҳамиятнок буда, дар ин ҳолат бояд муносибати нави иттилооти ба роҳ монда шавад. Маҳз аз ҳамин дидгоҳ, «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» як ҷузъи муҳими ахборрасониро ба миён оварда, метавонад дар пешрафти муносибатҳои ҷадиди иттилооти саҳм бигирад. Татбиқи ин гуна тарзи коргузори дар Тоҷикистон низ моҳирона роҳандози гардида, ниҳоят ташкили ҳуҷҷатгузории бекоғаз аст. Дастрасии мардум ба маълумоту иттилооти расми асосан тариқи интернет ва дигар воситаҳои телекоммуникатсиони сурат мегирад. Нишондиҳандаҳои сатҳи рӯшди технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро аз рӯии беша 50 хусусият баҳо медиҳанд, ки дар се гуруҳи асоси муттаҳид карда шудаанд:

1. Шароити мавҷуда барои инкишофи технологияҳои иттилооти ва коммуникатсиони;
2. Омодагии шаҳрвандон, соҳаҳои корӣ ва мақомоти давлати барои истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

3. Сатҳи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиони дар бахшҳои ҷамъиятӣ, тиҷоратӣ ва давлатӣ.

Дар замони имрӯза технологияҳои иттилоотӣ воситаи муҳимми баландбардории самаранокии фаъолияти дастгоҳи иҷроияи давлатӣ, пастгардонии хароҷоти ғайриистеҳсоли ва тақвияти арзиши ҳокимият дар ҳисоби таъмини шаффофият ба шумор меравaнд. Маҳз барои ҳамин аксарияти давлатҳои муосир модели нави идоракунии давлатиро ба роҳ мондаанд, ки ба принсипҳои натиҷаноки ва ҳисоботдиҳии ҷамъияти асос ёфтааст. Зеро таҷрибаи ҷаҳони нишон медиҳад, ки моделҳои гуногун аз рӯи коркард, татбиқи зинаҳо ва лоиҳасозии ҳукумати электронӣ - «e-government» - вуҷуд дорад. Дар таҷрибаиминтақа ва давлатҳои гуногуни ҷаҳон айни замон се модели асосии бунёдсозии ҳукумати электронӣ: Амрико, Аврупо ва Осиё мавҷуданд. Модели амрикои хусусияти махсуси бунёдшавиро дар ИМА инъикос менамояд; модели аврупои рушди сохторҳои электронии давлатиро дар қисми зиёди мамолики Аврупои Еарби, Маркази ва Шарки нишон медиҳад; модели осиёи дар Сингапур, Ҷопон ва Кореяи Ҷануби нисбатан бомуваффакият амали гардидааст. [1,20-28с]

Ҳадафи асосии барномаи модели амрикоии ҳукумати электронӣ дар алоқамандии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқи бо мақомоти давлати содагардони, дастраси ва арзони мебошад. Масалан, ҳукумати Кореяи Ҷануби ҳангоми ташкили модели «демократияи электронӣ» бештар ба қонеъгардонии талаботи иттилоотии шаҳрвандон ва воридкунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба системаи фарҳангу маориф диққат додааст.

Дар раванди бунёди ҳукумати электронӣ таҷрибаидавлатҳои аввал қадам монда, ба монанди ИМА ва Канадаро муваффақнок ҳисобидан мумкин аст. Омузиши таҷрибаи татбиқи лоиҳаҳо дар мамолики пешрафта, пеш аз ҳама, барои коркарди сохтори ягонаи ташкили ва ҳамчунин барои бартарафкунии хатогиҳои умуми ва максимумгардонии бозгашти маблағгузориҳои воридкардашуда муҳим аст. Аммо бояд якчанд омилҳоро ба эътибор гирифт: шумораи аҳолии мамлакат; хусусиятҳои фарҳанги, иқтисодӣ ва сиёсии кишвар; паҳнгардонии дастрасии интернет дар ҷамъият; сарчашма ва имконоти сармоягузории лоиҳаҳо ва ҳоказо.

Ҳамин тавр, ҳукумати электронӣ дар бисёр давлатҳои ҷаҳон аз рушди технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун омили таъминоти самараноки идоракунии давлат ва аҳамияти ба халқ пешкашкунии хизматрасониҳои самараноки иҷтимоии он шаҳодат медиҳад. Зеро ҳукумати электронӣ ба таъминкунии шаҳрвандон, ташкили босуръат ва дастрасии самараноки хизматрасониҳои давлатӣ, баландбардории самаранокии вазифагузории мақомоти давлатӣ тавассути истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсиони равона гардидааст.

Вале, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон агар талабот ва принсипҳои дар «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» зикргардида ва вазъи қонунии сомонаҳои расмиро ба эътибор гирем, чандон хушҳолкунанда ва ҷавобгуии меъёрҳо нест. Ҳарчанд ташкилшавии сомонаҳо дар назди мақомоти иҷроияи вазорату идораҳо ва шаҳру навоҳии кишвар ба назар мерасад, вале онҳо ба талаботи рӯз ҷавобгу набуда, беҳбудии зиёдро талаб мекунанд. Бояд қайд кард, ки дар таъсиси сомонаҳои расми талаботи муаиянкардаи консепсияи мазкур дуруст ба эътибор гирифта нашудааст. Зеро тибқи талаботи ин консепсия, то анҷоми марҳилаи аввали он, яъне санаи 1 январи соли 2014 мебоист 47 сохторҳои давлатӣ, тамоми шаҳру навоҳи ва вилоятҳо кишвар дорои саҳифаҳои интернетии махсус мегардиданд. То ҳол ягон омори расми дастрас нашудааст, ки фоизи мушаххаси таъсисшавии сомонаҳои ниҳодҳои ҳукуматиро дақиқ намоем. Вале аз рӯии ковишҳои интернети маълум гардид, ки то имрӯз ҳам на ҳамаи шаҳру ноҳияҳо дорои сомонаи худ ҳастанд. Мухтавои эҷодию техникии сомонаҳои ҳукумати низ ба таври бояду шояд ва то куҷо бо ниёзҳои ҷомеаи муосир ҷавобгу будани онҳо таҳқиқ нашудааст. Танҳо дар расонаҳо баъзе ишораҳо аз ҷониби журанлистон ба чигунагии онҳо дида мешавад, ки он ҳам бештари вақт хислати танқиди дорад.

Ҳамин тавр, ҳукумати электронӣ яке аз дастовардҳои муосири инсоният буда, баҳри пешрафт ва самаранок ба роҳ мондани муносибати шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ равона гардидааст. Дар баробари амалишавии ҳукумати электронӣ дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои мақомоти давлатӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, аз ҳисоби сарфаи вақт ва харҷи пул боиси боло равтани сатҳу сифати зиндагии мардум мегардад. Чун Тоҷикистон дар минтақаи кӯҳсор воқеъ гардидаасту шаҳру ноҳияҳоро қаторкуҳҳои осмонбус ва дараҳои тангу чуқур аз хамдигар чудо менамоянд, таъсиси ҳукумати электронӣ яке аз роххои асосии бурунрафт аз бунбасти коммуникатсионӣ ба шумор меравад.

**АДАБИЁТ**

1. Дьяконов В.П. Компьютерная математика. Теория и практика / В.П. Дьяконов/ М- Нолидж, 2000. - 1296 с.
2. Исханова Ф.А. Методика формирования творческои самостоятельности студентов технических вузов в обучении математике с использованием системы Mathematical Ф.А. Исханова. - Елабуга, 2015. - 252 с.
3. Матросов А.В. Решение задач высшеи математики и механики / Матросов А.В. - С.Пб.: БХВ - Петербург, 2001. - 528 с.
4. Рахимов А.А. Роль самостоятельнои работы студентов в образовательном процессе на примерные изучения высшеи математики в кредитнои технологии обучения/ А.А. Рахимов. // Вестник таджикского национального университета (научныи журнал) -Душанбе - 2012. -№3/8 (101)-с.228-231.

**“Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ”: маводҳои конфронси байналмилалӣ (25-26 апрели соли 2023)** / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доткори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов

**«Право и экономика: актуальные вопросы коммерческого права и информационной безопасности»: материалы международной научно-практической конференции (25-26 апреля 2023 г.)** / Под редакцией доктора технических наук Х.Х. Назарзода, доктора экономических наук Ф.Р. Шаропова, доктора юридических наук Н.А. Кудратова

Ба чопаш 30.04.2023 имзо шуд. Андозаи 60х84 1/8. Коғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Ҳуруфи Times New Roman TOJ. Ҷузъӣ чопӣ 13,43
Адади нашр 100 экз.

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734036, ш. Душанбе к. Деҳотӣ 1/2